С О Р Б О Н

# БАРЗГАР



# З У З А

Душанбе
«Ирфон»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-75

Муҳаррир *Одили Нозир*

С-75 **Сорбон. Барзгар. Зуза.** *(Ду роман).*
– Душанбе, “Ирфон”, 2017, 288 саҳ.

Романҳои «Барзгар» ва «Зуза» аз рӯзгори нобасомони пошхӯрии империяи бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъди он сухан мегӯянд. Муаллиф ҳамаро бо каломи бадеъ ва образҳои комил қаламдод карда, ки кас ин асарҳоро бо як нафас бояд бихонад.

ISBN 978-99975-0-809-6

© Сорбон, 2017

# БАРЗГАР

*Роман*

Барф об нашуда, борон борид. Барфҳои дашту даманро хӯрд, чунонки лесак[1] хурад мағзи донаро, ковоку резаву хока гардонда. Валек дар кӯҳҳои баланд барф рехта, кӯрпа мегашт.. Боди сарду серун тарбод меовард аз боло; бемориву хастагиро авҷ мегиронд. Сардбод кора бар устухон дошт. Айёми кишти баҳорӣ дермон шуд. Киштаи тирамоҳиро сармои сахт бардошта буд, зеро сардиву сармо зиёда аз ду ваҷаб фурӯ рафта буд ба хок. Пайвастаборон имкон ба кишти баҳорӣ намедод. Мардум ҳайрону парешон буданд; болои сӯхта намакоб – баъди ду соли хушкиву қаҳтӣ наборидаҳо бориданд аз осмон. «Худо ғазаб кард» мегуфтанд. Лойро нон рост карда ба танӯр бастанд, то ист бикунад борон... ва борон ист кард. Офтоб хандид аз таги абр ҳамчун оташбаси фиребо. Боз кӯрофтоб шуд. Бозӣ дошт ҳамчу рустшавакони кӯдакони шодмону беғам зери абри сиёҳ. Шохборон буд; офтобборон шуд; дилбазан гашта буд раъду барқ. Ларза ба дил, воҳима ба тан, андеша ба сар оварда буд: «Аз чӣ бошад ғазаби Худованд?» Худаш донад! Баъд чунон қатъ гашт борон, ки сабзаву майса неш заду зард гашт.

Барзгари навбаромад рӯзе ки борон ист кард, юғу омоҷи мерос мондаро ба хар бор баст ва барзагови сиёҳи шохчуккаро пешандоз ба лалми Давсан бурд, то ҷуфту кишт бикунад: «Сол сербориш омад, зоро ҳосили хуб диҳад». Ҷав пошид ба ангор, зеро тезпаз буд. Испор заминро ғозида, донаҳоро хокпӯш мекард. Як сари юғ ба гардани барзагови Сиёҳ ва сари дигараш ба гардани хари Бучча (нӯги гӯши росташ хамгашта) буд. Аз «иху иш» ва «боoo парч!» гуфтан даҳонаш хушк гашта, забон ба комаш часпид. Ҳарина омад ҷуфти ноҷӯр; гов бо гову хар бо хар ҷӯр меомадааст: «Бооо» гӯяд, хар намефаҳмад, «иху иш!» гӯяд, гов парво надорад. Лақу дақ монд хар, дигар накашид. Худаш ҳам беихтиёр ва бехабар аз бозистодан манаҳ ба думи омоҷ гузошта хаёлаш ба Русия рафт, ки ду рӯз пеш, вақти киштро гузаронида, аз

[1] лесак – мӯрча.

он ҷо омад. На барои дилхушӣ, балки аз зарурат – аз паи писар рафта буд. Инак ба хаёл равад, ки аз зиндон мурда мебаромада бошад ё зинда? Овозаҳо зиёд буд, ки писар дар Санкт-Петербург коре надорад; ёр бо ҷавонони авбош гаштааст. Полис дастгир карда ба зиндон андохтааст. Лек гуноҳи протоколиро худи падар овард: манша аз тақсимоти пули кор сар шудааст. Милисаи маҳалларо хабардор кардаанд... Бурдаст ба зиндон. Падар буду шудашро фурӯшад ҳам бори гуноҳро набардоштааст. «Кош ба Донишгоҳи миллӣ қабул мекарданд, ки чунин моҷаро ба сар намеомад». Писар «хонданӣ меравам» гуфта «дипломи сурх» гирифта, Душанбе рафт, ки ҳуқуқшинос мегардад. Баъди имтиҳони қабул «холатон мерасад, лекин дар навбати аввал касоне қабул шаванд, ки имтиёз доранд. Шумо ниёз доред, онҳо имтиёз. Имтиёз ҳамагуна ниёзро хурад...» Ва писар бо онҳо сарокалла шуда натавонист. Баргашту мардикорӣ рафт, то пул кор кардаояд; зеро барои ба он факулта дохил шудан пул лозим будааст, на дипломи сурху на калла. «Кош дохил мешуд...» Барзгар миҷгон ва пилки чашмон ба ҳам фишурд, гӯё алами дилро бурун овард. Говрона ба юғ зад, то ҷонварон ҳушёр гарданд: «Тухми тоҷик парешон шуд. Писар дар зиндон... Ман дар сари кишт... Очеш хештан оташ занад... Ҳамсоя ин ҳама дидаву шунида худро овезад... Ва чаҳор кӯчии беномус монад ва ононе, ки бо фарҳанг сару коре надоранд: «Пул – қонун...». Дареғ...»

Ҷиян – Мирсаид ӯро хабаргириву дилбардорӣ омад сари кишт ва куртаву эзори низомии инзамона овард, ки нақш ва ранги барги чинорро дошт: каллапӯшаш ҳам буд: «Инро пӯш тағо. Касе ҳадд надорад, ки ягон чиз гӯяд». Вале тағо маънии «ҳадд» доштану надоштани сухани ҷиянро нафаҳмид. Ҳамин қадар медонист, ки касони ноогоҳ аз чунин либос тарсанд. Зеро чунин либос дар тани зӯроварони олам часпидааст. Либос бо ботинкаҳои резинии дар сармои Русия харида мос афтод. Аммо зуд фаромӯш кард рангу зеби чунин либосро ва фикру хаёлаш ба писари аз паси панҷара дидааш банд буд: «Чунин либос ба ворастани писар ёрӣ мерасонда бошад?» «Даст ба кору дил ба ёр». Ҳама

фикру зикр бар он, то илоҷи раҳоии писар ёбад. Барзгариаш аз ночорӣ – барои рӯзи мабод. «Чиркбардор таға» гуфта либоси низомиёнро ба тани ӯ пӯшонду рафт ҷияни дилсӯз. Акнун ҳар бинандаи ҳолдон гӯшаи чашм бикунад ё зери абрӯ нигарад: «Бечора, асар кардааст асирии писар». Ростӣ, дарди андак набувад асари вабои асри навин. Як чашм ба испори нӯки омоҷ, ки чун ғозад замини тари обаш нагурехтаро ва донаҳоро канор андозад. Ҳоло позаҳои трактори тасмачарх ё трактори резинпои Т-80, 82 ё Т-150 нестанд, ки синаи заминро дарронда, хокро думбаосо ё ба сони рӯғани зарди яхбаста карт-карт якпаҳлӯ хобонанд, ҷуфти нокомили бобой замин рӯғозак кунад. Буду набуд... Имрӯзҳо дар рӯи замини бозорҳои кӯҳнафурӯшӣ қисм-қисм хобидаанд тракторҳо: «Тан ҷудо, сина ҷудо, пой ҷудо».

Аламовартар кирдори зоғони дар камарҳои шахи ду канори рӯди Зарафшон лонагузошта буд. Барзгар пиндорад, ки киштааш зери хок гардад, лек зоғони гурусна мисоли ёв аз паси ҷуфти ӯ заминро сиёҳ гардонида дона чинанд, ки ҷуфтгар надонад чӣ кор карданро. Пас гашта ду даст сӯи осмон бардошта «ҳоҳ!» гӯяд ва бол афшонад, то мурғони гурусна дур раванд, қисме аз замин боло гарданду боз нишинанд. Гушна ба шер зада. Онҳо низ батар аз шери гурусна мурғона хок тит кунанд; селаи кабутарон низ рез доранд. Говрона андозад сӯяшон ҷуфтро боздошта, кулӯх низ, санг ҳам. Аммо онҳо майли дур рафтан надоранд. Абросо бар ҳаво шуда, чу борон бар кишта резанд. Даруни барзгар гиряд. Вале ашк надорад; зеро андешааш зиёд: «Чӣ замоне шуд? Боди гурусна хурад ҳама чизро; чунон ки хок инсонро». Хар аз ин рӯ аз по монд, то соҳиб мубориза барад бо чунин душмани сиёҳпӯш, ки рангаш хурад мағзи сару дилу ҷигарро. Камондор ҳам нест, то киро бикунӣ, парронад душмани нохондаро. Зеро замона нобоб омад, тиру камонро чиданд. Сиёҳҷомаҳо авҷ гирифтанд. Айби онҳо ҳам нест. Нахуранд, муранд. «Кишк-э! Бесоҳиб монед! Буз дар ҷонканиву қассоб дар ғами чарбу! Гӯё ки гушнагиатонро дониста бароятон дон пошидам. Хоби бад дидам, донаи бешумор пошидаматон...» Сари по нишаст ва чашм пӯшида

сар ба сари зону гузошт, то набинад ҳарисона дон чидани онҳоро ва идона мағалу шодиву рақсу бозӣ карданашонро. «Хуред... намуред... Ман коре карда, ҷави аз Ҳакимбой қарз гирифтаамро баргардонам. Писар дар... писар дар... ғарибкорӣ. Доллар фиристад... (Чизе гулӯяшро гирифт, ба назар ғамбода дамид. Андешаашро хӯрд...Ҳеҷ чиз гуфта натавонист. Ба гирдогирди хеш нигарист; аз зери пардаи ашк чизҳоеро диду надид. Сар андохту нишаст, то касе ҳолаташ набинад. Лек писари паси панҷара ёдаш омад ва дар кӯчаҳо рӯмолча паҳн карда, садақа талабиданашро ёд овард, ки барои аз маҳбас бароварданаш пул лозим шуда буд; валек пардохт карда натавонист.) Вомдор: аз онҳое, ки ба рӯмолчаам танга партофтанд; аз Ҳакимбой, ки тухмӣ дод. Қарздор. Андози замин супоридагӣ... Лек тоқии саркор якшоха. Баробари СССР колхоз ҳам пош хӯрд. Ҷудо шудем худӣ ба худӣ. «Масъала ҳал» гуфта, Саркор аввал пули заминро гирад, сонӣ рухсати коридан диҳад. «Налоги колхозро месупорем» гӯяд. Лекин андози чандсола носупорида. Халтааш пуффаки беандоза барин бузургтар дам кунад. Говхона намонд, техника намонд, мол намонд... ҳама чизро фурӯхта вомро адо карданӣ, вале пуффак бузургтар гардад. Худашонро фурӯхта вом баргардонида натавонанд. Кай афтад тоқии якшоха гузоштааш? маълум не. Аммо рӯшан, ки ба заминфурӯшӣ пардохтаанд...»

– Кишк-э! Гап назадам, ёзидед! Ба эбаш-дия! Ман тӯй накардаам. Дойрахабарҳо! Дузд бошу баинсоф бош!

Лек, камази ҷонаш ба лаб омада, ки ғӣ-ғӣ карда фарози Қашқоиро барояд, ҳуши ӯро рабуд; зоғон фаромӯш шуданд. Тахтабетонҳои шашметраро, шояд роҳи шаҳр ҳамвор гуфта, як дона зиёд бор кардаанд, ки ҷон канад мошин; ронанда ҳам ҳар гоҳ бо остин ё кафи даст арақи пешонӣ фиреҷ кунад, ки ана-ана чизе метаркида бошад. Умри одамӣ бо таваккулу қонеъ гардонидани нафс поён пазирад. Як дони зиёд бор кардан ҳам нафси бад бувад. Ин тахтабитонҳои шашноями дарунхолии гӯсолахонаро ба даллоле ё ҷаллобе шаҳрӣ фурӯхтаанд, ки замоне месохту инак роҳи вайрон карда ба касе бо нархи болохонадор фурӯхтанро донад. Дунёи бизнес: гӯр сӯзаду дег

ҷӯшад. Касе ба ободӣ кор надорад. Гӯсолахона дар шафати говхона. Дарест миёни ҳар ду сарой. Гӯсоларо бурда макконанд ё эдир карда, шири говро фуроварда, дастгоҳи ширкаш ба пистон часпонанд. Он пурра макад ширро. Пасон ба гӯсола дар шишаҳои чочакдор шири сепараткарда диҳанд. Ин ҷо хонаест, ки ҳоло бисёр сокинони маҳаллӣ надонанду надида бошанд, ки чун бояд бигзаронанд умрро: Зери пои говон ду таҳ оҷур ва рӯкаши андудаи бетонӣ дорад ва ҷӯя сохта, то заҳ шорида ба ҷӯйбор бароянд. Ба ҳар гов обхӯра сохта, ки чун ташна гардад тунукаеро пахш кунад бо фӯк, тунука паст рафта об рӯ занад. Говкаш кунад ҳайвон. Чунин ободиро ягон хонаи аҳли ҷамоъа надорад. Аз чашмаи зери ҷар об кашанд тозаву шаффоф, вале мардум оби ифлосу гилолуди сой ё рӯди пуррегро хуранд. Бо мурури замон чашма пур шуд: чанд муҳаррики обкаш фурӯ рафт, ки имкони гирифтан надорад; гӯӣ чоҳи бетаҳ. Гумон ҳама бурду бало бо порӯву зак якҷоя бар он рехт. Ҳолиё саро чун даштҳои ду канори рӯди Зарафшон рӯи обро; он чӣ аз осмон резад, фурӯ барад, ҳатто балоро.

Камазҳои дигар бомпӯшҳои говхонаи муҳташамро бар бордон рахт зада гузаронанд. Ин бино 73 метр дарозӣ ва 21 метр бар дорад. Дару тирезаҳо рабуда, хишти деворҳо кандаву шикаста, сутуну равҳо барҷо, гӯӣ ба касе лозим нест; зеро хароҷоти крану мошин ва ташвишу азобаш гаронтар аз нархи биност. Лекин илоҷи ин корро низ пайдо кардаанд. Бо ҳазор машаққат, агар сутунро афкананд ва аз зерпоя ҷудо гардонанд, рӯзҳои дароз бар сари ин ҳайкали бегуноҳ сангфарсо бояд бизананд, ки пайкараи Одамсар ё Хушбурутро барафканда бошанд; нахуст савор гарданд, нафас рост кунанд, сонӣ боткону сангшикан кӯбанд. Ҳай кӯбанд, ки сангшикани берӯзӣ барои нони шикам ба сари шахи Сафед чунон путк занад, ки сари чандин дастаро хӯрда...

Як мурдаи лучро аз сар то по ва аз по то сар кӯбида зарра-зарра, реза-реза, пора-пора, лахт-лахт пӯсташро дарранд, то устухон намудан гӯшт кананд. Ва арматур намоянд, ки дар бозори масолеҳи сохтмон 15-20 сомонӣ як метри он. Он марди лоғарандоми путкзанро дидааст Барзгар. Сангфарсои

ӯ гаронвазнтар аст аз худаш. Онро як қади одам аз сар болотар бардошта, бо ҳама неру ва тамоми вазн ба танаи дарозкашидаи сутуни афканда занад, ки чангаш барояд; донаҳои рег аз он ҷудо гашта ба сару по, либосҳо ва рӯяш, ба чашм низ бархӯрда озораш диҳанд ва ӯ муддатҳо ҷои латхӯрдаро дошта ё молида рафъ гардонад дарди аламангезу ғашовари озорро ва хеле гирифтаҷигот ва норозӣ аз зиндагӣ боз олоти ношикастанӣ, вале лабу лунҷаш қату чапагардонро кӯбад бар тани он ҳама азобу ранҷу алам аз он ҷисми бофтаву сохтаи рӯин ситонида.

Аслан ин мард сангшикан набувад; аз зарурат ба чунин кор даст задааст: Ӯ шингист. Чун ҳар сол манзилашонро селоб гирад; бинову хонаҳои қадобаро валу вайрон ва хароб гардонад; нисфи мардумро муҳоҷир бикунанд ва ҳар баҳор дар деҳе, сарое ё мавзеъи навободе ҷо диҳанд ва тухми эшон дар ҳар деҳа рӯяд. Чанд сол пеш рустои Хингро сел хароб кард ва як гузар хингиёни хонахаробро ба хонасарои фермаи гов, ки аллакай говҳо гӯсолаи рихин гашта буданд, кӯчонданд; муваққатӣ гуфта, ба ин ҷо оварданд. Онҳо муқимӣ шуданд. Ҷондораш ғарибкорӣ рафт, нимҷонаш хидмати гирду гӯшаро кунад. Равшани нимҷон аз сабаби набудани мардикор чунин хидматро ба ӯҳда гирифтааст; аз зарурат сангфарсо ба сари сутун занад ва рӯзе ё дар се чаҳор рӯз як сутун шиканд ё на. Шарм дорад ва изо кашад, то занро хоҳиш бикунад, ки олоти рӯин ба сари афтида кӯбад. Арақ карда, ҷон канда, нафас рост карда, сохтаҳои сахту мазбуту мустаҳаками замони шӯравиро кам-кам, майда-майда аз ҳам резад. Вале корфармоҳо «Ҳадаҳа бикун!» гӯянд, зӯри худро зӯри Равшан дониста. Шалпару беҷону бефара гашта чун мурда дар тобут, бар қади сутуни бетонии як лабаш парида рӯ ба осмон дароз кашида, бар гунааш арақ ё оби дида рехтани коргарро дида буд Барзгар.

Пилкҳои чашм ба ҳам фишурда, гӯё надида аз сари девори сарой дур шуданро ёд дорад. Чунин дидор пеш аз писарбинӣ ба Санкт-Петербург сафар кардан буд. Чун аз сари девор ингуна рӯйдод бидид, сари пурмағали худро пас кашид: «Ман писари ин мардро дар мулки бегона дида, чӣ

гӯям?» ва баргашта омад ба хона ва раҳораҳ «Нағз мегӯям, хуб мегӯям» гуфта, дилаш гирифт. Аз он дилаш гирифт, ки пулдоре хингиро кор фармуд ва ӯ аз ночорӣ пазируфт, лек зӯри кор надорад. Ҳоло чунин рӯз ба сари Барзгар низ омада. Касе нафармуда бошад ҳам гирифтори ғами хештан чу мори ба сараш кӯфта ба худ печаду тоб хурад, аммо касеро чизе гуфта натавонад ва он чизҳое ки бинад, сарборист; ғаму андӯҳи ногуфтанӣ; аламе, ки ба гӯр барад. Чунки ҳамааш бо фармуди табиат, Худованд ва корфармоён. Лек шукр, ки ӯ аз рӯи орият ва хости хеш рафтор кунад. Зери осмони кушод, андар ҳавои софу беғубор, рӯи замини тар ҷуфт ронад, лек ҳаво нарасад; аз беҳавоӣ сари сина чун дами кӯраи оҳангар шину хез дорад ва шуш холист. Ӯ пай набарад, ки ин ҳама нобудӣ на дар шуш ва даруни сина ва ҳалқу даҳони ӯст, балки дар мағзи сар пайдо гашта; аз фишори пайвастаи андеша ва ғамҳои беҳуда, ки аз чунин фишор хӯрдану тазйиқ рӯзгор ва муҳити зист дигаргуна мегашта бошад; худотарсе ба дасти ӯ рисолаи «Муборак» мегазонда бошад, ки минбаъд ҳама корҳо муҳаммадӣ шавад; ё коммунисте фармояд: «Коммунизм дар пеш». Дигаре дар сари минбар аз рӯи коғазе хонад: «Ман шуморо ба Худо наздик хоҳам кард!».

Барзгар зиёдтар аз сангшикан зери обу арақ аст ва ин ҳамаро аз он либоси низомии бадранг донад, ки ҳар нокор, беҳунар, баҳонаҷӯ, нокасу номард, барои ҳифзи хеш ва рӯпӯш кардани кирдорҳои бад ва ҷиноятҳо, хунхориҳо ва рафтори зишту луқмаи ҳаром ин пардаи фиребо ба тан кашад. Вале Барзгар бо чолокие онро аз тан бадар овард, ки аз куҷо пайдо гашта чунин нерӯ. Кашиду ба сари хар андохт: «Ин туро зебад Хар. Ин либоси ононест, ки ҷуз бедодиву вайронкорӣ аз дасташон коре наояд; мӯдпарастҳо! Чунки ту ҳам ҷуз ҳанг задан кори дигаре надорӣ. Аз худат дониста коре накунӣ. Ба пуштат бор баста, дар думғозаат халачӯб зананд ё зери полон миёни ду шонаат хала кунанд, ҷиртос зада, тозӣ. Худкор нестӣ, Хар. Аз ин рӯ аз соҳибат бар фарқи сар халачӯб хӯрда, обсар шавӣ. Акнун соз гардӣ; чашми чапатро пӯшидам, шохи чуккаи барзаговро набинӣ,

бим ҳам надорӣ... Шимро дар шохи чуккаи гов меовезам. Байраќи онҳо ҳамин. Ранги сурхаш бошад, баъд ҷанги буққаву парчами сурхро бубин. Ҳоло шояд он берӯзӣ ин латтаро барги чинор пиндошта хурад. Ҳастанд ҳамин хел гӯсолаҳои латтахӯр. Шохи ту ҳам банд шуд гов. Дигар сӯи хар теғ накаш. Лагади хар ҳам ганда. Дӯст шавед. Аз душманӣ касе ба ҷое нарасидааст. Ин айби ман... айби ман ҳам не. Зиндагӣ чунин тақозо дорад. Кас надидааст, ки гову хар ҷуфт шавад. Дигар илоҷ надоштам. Худатон дидед, ки трактори тасмачархро бар траллер бор карда бурданд, то зудтар аз чашми мардум дур кунанд. Мардуми мо гӯсфанд: ба чашми сар бинанд, лекин чашми ақлашон кӯр аст, ки лаҷоми хиёнаткорон, дасти раису муҳосибашро надоранд. Гӯё барои онҳо харида буданд ин ҳама техникаро; баҳри онон сохта буданд он ҳама говхонаҳоро... Гову хар бошед ҳам ақлатонро кор фармоед! Одамро ғам надиҳед! Бе нағмаи шумо ҳам ҳаво заҳролуд». Зерпӯши тари Барзгар боди даштро ҷафида, серун гардонд тани ӯро. Дарёфт, ки беҳуда кард; ба шишаи тафсидаи чароғ об зад. Мабод, ки шиканад.

Чизе сахти сахт фишорид гулӯяшро. Ҳалқаш хушк, забонаш ҳам, лабонаш низ. Лаби карахшбастаро бо забон лесида, нам карданист, лек забон нам надорад; часпад ба лаб, сонӣ ба ком. Пиндорӣ дар зиндони урус нишаста ба ҷои писар: «Ман дидаамро дидам, вале ӯ чизе надида; ҳама орзуву армон дар дилаш. Донишҷӯ шуданӣ буд. Нашуд. Дилаш аз дунё сард гашт ва аз одам ихлосаш. Зеро ӯ бовар дошт, ки илму олимӣ ҳақиқист ва онро касе дарёбад, ки мисли ӯ ҷаҳд дорад, дил софу ният пок. Ҳолиё аз гуфташ ба падар: «Беҳтарин ва хубтарин ҷои дунё зиндон бувад; агар ину онаш набошад». Ину он дар ҳама ҷо буда, нагузорад нафаси озод бикашӣ. Дар мулки серборишии сардфасл низ наме набувад, то лаб тар бикунӣ... Дили ӯ, мағзи сари ӯ, пиндору андешаҳои ӯ, тани лоғару дағалу ноҳамвори ӯ ҳамин роҳи пурмағоку обкандро монад, ки чарххои мошинҳои боркаш зада-зада, дакка хӯрда, буда нобуд бикунанд; валангортар гардад роҳи сӣ сол муқаддам қирпӯш карда, шағалу рег по-

шида ва комаҳои хокпуркарда. Ба назар пои ӯ лат хурад, обила гирад, ба дард ояд; гӯшҳояш кар гардад; зеро ҳама садоҳо, мағалу гирифти мошин андаруни гӯши ӯст ва ҳама дуду ғубор андар димоғ ва пеши чашмаш. Як фазои тира, ки аз мағзаш оҳанги дилгиру дилхӯр ва гӯшхарош барояд, ки кас зуд хомӯш кардан хоҳад; ё навори сабти ҳамсояро бур-рад, то шаборӯз гирд гашта, ба танг наорад. Ин ҳамон пати-фони Кудур, ки зан девона карда, дар зиндон нишаста, дар бозгашт патифон овард, ки шабу рӯз дастааш тоб дода, бод пур кунад, монои фалакзадаҳо бо касе сухан нагӯяд ва якеро хеш надонад: «Куҷо будед он рӯз, ки дасту пои маро баста бурданд?» Ин одамон ва Он ҷаҳон чунин офаридаву сохта шуда; касе беҳ карда натавонад. Ҳолиё ба он патифони хир-хиру ҷонгир, ки дар гӯшҳояш боқӣ мондааст ва чун чизи нохуб давраи ҷавониашро ёд орад, санг заданист. Лекин зоғон хӯранд он садоҳоро аз гӯши Барзгар кашида.

Ба ҳар ҳол он замон чизаке дошт; болотар нигарӣ дар ба-ландии баланд ё кадом қулла, ки ҳама сол он қулла ном бурда мешуд, милмилаке рӯшноӣ дошт; мисли гавҳари шабчароғ. Кас умед мебасту роҳ мепаймуд, ки ба он расад, оташи фурӯзон бубинад. Ҳолиё сарои замоне фурӯзон дар рӯзи равшан равнақе надорад: нахуст симҳояшро буриданд, ки афғонҳои гуреза сим бихаранд; кабелҳоро ҳам; транс-форматорро низ. Сонӣ симчӯбҳоро канда бурданд, ки дор-бом шавад. Дорҳои баланди бетониро шикастанд, ки арма-тур дорад ва Саид Аҳмади Афғон майдони варзишро амбо-ри моли «мурда» кард, кор ба сомон нарасонида, ронандаи кироӣ кушт дар Тирмиз аз барои пул... Валангор гашт дунё. Бо вуҷуди ин ҳама ташвишу даву ғеҷ ва беқарории олам беинтиҳо. Барзгар дар ин биёбони тар танҳои танҳо. Агар ин барзагову хари қайсар ё нимҷон, ки харигариаш гаҳ-гоҳ рух мезанад, набошад, ӯ дар чунин олами пурташвиши бе-суд ва ҷонситон танҳотарин бувад чун хингии путкзан. Ӯ худро аз он танҳо донад, ки ҳеҷ кас ҳамгунааш фикру хаёл ва андешаи зиёду мухталиф надорад, ки на бо майлу хос-таш, балки аз куҷое ояд; аз миёни абрҳои тира, аз нешу теғи офтоб ва буғзу боди қабатҳои замин, ки рӯзе хок бардошта

ба сар замин ду дарад ва ҳама пошиданиҳо бар сари нобакорон бирезад; бар сари ононе, ки аз зарурат «ними нон – роҳати ҷон»-ро ба мағзрезаи боминнат, пуразоб, пуртаҳлука ва гулӯгир иваз карданд. «Ман насӯзам, кӣ сӯзад? Ман намирам, кӣ мирад? Натавонистам писарро ба донишгоҳ ҷой гиронам. Хаёл кардам чун пешин бо роҳхату шаҳодатномаи аъло равад ва бемарҳабо қабулаш бикунанд. Ғофил будаам, ки пул модари ҳама қабоҳат гаштааст ...» чӣ гуфтану чӣ карданро надониста кулӯхи тар аз замин бардошт ва алам аз зоғон ситонидан хост:

– Кишк-э, даҳансиёҳҳо! Майнаамро хӯрдед-ку! Дона намонданатон кам буд? Пагоҳ таъна мезананд, ки Барзгар дар замини президентӣ рег коридааст! Инсоф доред? Ё Шумо ҳам мисли муаллимони донишгоҳҳо ҳастед? Чунон рафтор доред, ки писар худро дор кашад ё падар. Дигар чӣ кор мондааст дар ин ҷаҳон, ҳаромҳо? Садои мағзхӯри шумо? Аз ҳисоби сағиру беваю бечора тӯй карданатон?! Порӯи дар киштзор рехтаи бевазанро ҳам тит кунед. Ғадуди ҳароммағзи дар кодоки хона ҳаво дода часпондаи қассобро ҳам дуздед, Бадбахтҳо! Ранги тираву торатон гум шавад! Пеши офтобро мепӯшанд-э, сияҳкорҳо! Муред! Муред! Муред! Як-то намонед! Намонед! Намонед! Намонед!!!

Дигар садояш набаромад. Даст ба рӯ кашид ва хеле ҳамон зайл истод. Чанд бор китфонаш шину хез карданд. Сонӣ кафҳо аз рӯ лағзиданд бар гунаи тару манаҳу занахдон ва гулӯву гардан соиданд. Чизе бозмонда дар гулӯ ба андозаи донаи нахӯд, ки дар маъракае чунин гирифта буд роҳи нафаси меҳмонро ва ҳамаро тарсонд, ки мурда бар мурда нагардад. Касе бар миёни ду шонааш чунон кӯфта буд, ки донаи нахуд аз ҳалқаш парида баромад ва ӯ ҳиқ гуфту афтид. Ҳолаташ чунин аст, аммо касе нест, ки бар тахтапушташ кӯбад. Танҳо. Аз дасти ҳамраҳони саҳроиаш чизе наояд. Ҷояш ояд барои ҳифзу ҳимояи хеш, аз баҳри нафс шоху лагад зананд, аммо ақлашон то ёриву мадад нарасад. Аз зарурат бор кашанд...

...Лекин камаз чанги роҳ ба осмон бардошта убур кунад. Пояҳои бетондор бар дӯшаш. Зарурате пеш омадааст, ки ин

пояҳоро бубаранд. Вагарна хингӣ дастон обила кунонда, пӯсташ ҳуллида, аз мадор рафта, ба сару пои паҳлавонони афтода бодкон зада, рӯдаву дилу ҷигарашро бароварда, ба пули ночиз «арматур» гӯён ба хӯҷаин месупурд? Замоне обод кардан осон менамуд, ин замон вайрон кардан саҳл тобад; зеро бекорон хӯҷаиндор шуданд; ғуломона кор фармоянд. Ҳеҷ кас аз харобкориву вайронгарӣ рӯ натобад; танҳо ӯ рӯ гардонад монои содадилон ва зудбоварон; хаёлашон ҳама чиз чунон бояд шавад, ки дар панди бузургон ҳаст; гӯшанишин, дунёбезор ва биҳишторзу гарданд, ки Худованд ҳама хубиҳоро ҳавола ба биҳишт кардааст. Барзгар низ андеша дорад ҳамчунон; сӯзаду чизе нагӯяд. «Мабод!» гӯяд дилаш; мағзи сараш пазирад ва чашми ақлаш бинад ва ҳамон лаҳза пӯшида гардад, то набинад. Чӣ «мабод?» Худашу Худо надонад, каси дигар маънии эътирози ӯро сарфаҳм наравад. Ҳо-ҳо! Худованд мабод, ки гӯяд: «Бисозеду хароб бикунед! Хароб бикунеду бисозед!» Мабод!!! Кофист, ки кас ба дунё ояду мирад. Охир чӣ андоза мушкил бувад сохтану обод кардан...

Пеш аз он ки саройро барандозанд, молро нобуд сохтанд. Ҳол он ки мол кардан сабуктар аз молхона сохтан аст.

* * *

Раис: – Чӣ гуфтӣ?

Мудир: – Мурғҳоро шағол хӯрд.

Раис: – Бихону бирақс: «Шағол мурғакро хӯрда буд...» Ту куҷо будӣ, ки...

Мудир: – Охир раисҷон, ҳама камонҳоро чида гирифтанд. Бе камон бо он шағолҳо рӯ ба рӯ гашта нашавад. Мурғро монда мудирро хуранд.

Раис: – Кош мехӯрданд. Ҳамин замон телефон ҷирингос занаду аз боло мурғ фармоянд, ту рӯбоҳро баста барам?

Мудир: – Охир раисҷон...

Раис: – Бас! Аввал нӯги бурутатро зан, ба даҳонат даромадааст. Аз мурғхӯрӣ, ранги шағол шудай. Зарди ҳаром!

– Чӣ ки гӯед, раис...

– Мо кай одам мешуда бошем. Ба номи Худо, озмуд кар-

дам, ки одам ҳайвон хӯрдан гирад, ба ҳайвон монанд мешудааст. Мудири говҳо як себи дукафон, ба гови ёлдор монанд шуда буд, фақат шох намерасид. Ҳоло ту тоҷ набаровардаиву бас.

– Рост раис.

– Лост лаис... Аз таъзиму хушомад задан қоматат хам гаштааст; тухми мурғ ҳам онро рост гардонида натавонад.

– Ҳамин хел раис.

– Мур, раис! Бар падарат лаънат, раис! Як бор одамвор гап зан!! Аз сар шонаву аз таг фона мезанӣ-а? Лақабам – девона! Худам – соқ. Ҳамту кунам, ки миллион тухму чӯҷа зойӣ...

– Тақсим мекунем, раис, нимашро шумо зоед, нимашро ман. Вагарна пушти ҳардумон даррад.

– Чӣ гуфтӣ?

– Он чӣ шунидед.

– Ту ҳам забон баровардӣ?!

– Ман забон доштам. То ин вақт газидам. Чун зиёд ба дард омад, сар додам. Шумо Аҳмадов шудеду маро Собиров хаёл кардед, ки ҳама камомаду норасоӣ ва хӯрдаҳоро ба сари ман занед. Не. Не, ман ба ҳамааш коғаз дорам. Танҳо дар тӯи писари раиси кумитаи замин саду панҷоҳ мурғ пора додед, то ӯ замини обиро лалмӣ гузаронаду шумо аз мардум пул гирифта манзил диҳед.

– Аблаҳ! Ахмақ! Хар! Мегуфтанд, ки аз ту одамгарӣ намебарояд, рост будааст.

– Барояд – набарояд, пилтаро аз гӯшатон кашед, ки ман ба ҷои дигар кас зиндон мешуда бошам!

– Зиндон шавӣ, кӣ туро халос кунад?

– Худо.

– Ба умеди Худо нашав! Тагтару чуқуртар фиристад. Ана ин буттаро, ана ин решаро сахттар дор. Ман хӯрдаамро ба зима гирам ва ҷавоб ҳам диҳам. Лекин ба яки ман даҳ хӯрдани туро кӣ ҷавоб гӯяд?

– Ман нахӯрдаам.

– Ахмақ, ҷувозкаш на танҳо худаш, либосаш ҳам рӯған

хурад. Янгам аз тухм кашондан остонаи магазинро охурча кард...

– Худатон фармуда будед, раис.

– Кай? Чӣ хел?

– Вақте ки баркро хомӯш карданд, ҳама тухмҳо палағда шуданд, чӯҷаҳо даруни тухм сарпечак гаштанд...

– Муттаҳами шаттоҳ, гуфта будам, ки муҳаррик бихар. Нахаридӣ. Ҳол он ки дар бозор чӣ бисёр, моли Чин. Таноби агрегаташро як бор кашӣ, ҳоҷат ба дубора кашидан намонад; ҳамин қадар нозук, устокорона сохта шудааст. Қандаша занад чинӣ. Чунон созад, ки ҳар сол хариву ба партобгоҳ андозӣ. Ҳама ҷоро партоби чинӣ пахш кардааст. Обчинакаш – бодбарак...

– Ба пои мурғон печад, мурғон мор пиндошта, ҷаҳанду тозанд ва оламро ба сар кашанд.

– Мурғ нест, мегӯиву?

– Вақтҳои чӯҷа буданаш.

– Чӯҷаҳо сарпечак шуданд, мегӯиву?

– Вақтҳое ки барқ набуд...

– Балоӣ, рӯбаҳ....

– Раисҷон!

– Ҷон!

– Шумо фақат маро бинед. Як бор ба раиси тафтишот ҳам нигоҳ кунед. Сараш рӯбаҳу танаш – буққа. Ҳама чиз бо санаду мӯҳри ӯ завол ёбад. Лекин худаш аз нови осиё хушк барояд.

– Вай – доғулӣ. Сар ба сар шудан мушкил. Порӯро накоб, ки бӯяш барояд.

– Ҳамин хел, раисҷон. Ҳар чиз бӯ дорад, ҳатто устухон... Ман шуморо ба нав нашиносам. Вақти сағираи берӯзӣ барин аз деҳа фискашол, таги тоқиатон пури шабуш, бо ашки шашқатор баромада рафтанатон ман дар ёнатон будам.

– Ҳамин хелу айбамон калон. Бесавод мондем... Баъди фисамро пок кардан туро дар мошинам шинонда хонданӣ бурда будам. Ёдат ҳаст?

– Ҳаст.

– Хону одам бишав, гуфта будам. Баъд хондӣ – нахондӣ,

намедонам. Вақти мудири мурғ таъин карданам диплом ҳам напурсидам. Ҳамаи ҳамин одамгарӣ. Занатро таги қанот кардам...

– Уммм.

– Ум-пум не. Ҳамин хел. На калонаш ақлу тамиз дорад, на хурдаш. Лекин чорқат шуданро аз кучо ёд гирифтаанд, намедонам. Ҳамон таги сада нишастагиҳо як навъ; шояд аз пешиниён омӯхта бошанд, одобу инсоф доранд. Шояд чун гови бешохбанд ба сарашон хӯрда-хӯрда, гарди охур лесида, то лаби гӯр расида, аз ҷазои фардои қиёмат худотарс гашта бошанд. Гӯш дор, Чирчиррак! Ин қадар як қош дар осмону қоши дигар, қантар карда ба кас манигар. Ҳамвор ист.

– Чӣ шудааст?

– Аз ин зиёд чӣ шавад? Дар сарой ҷуз бӯи поруи мурғ чизе нест. Ҳамин қадар гузашт кардам бас. Дар пеш иди калон, чорабиниҳои зиёд. Худат тухм мезоӣ, занат тухм мезояд, ба ман фарқ надорад. Зери пои худат мемонӣ, зери пои занат мегузорӣ, фарқ надорад. Тухмҳо бояд чӯҷа шаванд. Саршумори мурғ буд бошад!

– Ба шумо шамол расидаст, раис?

– Шамол ба ту расад!

– Ман ягон бор зани шуморо ба даҳон гирифтам?

– Ба даҳон гирифта ҳам бин! Лингат аз осмон орам!

– Пас ман ҳам линги раисро аз осмон орам?

– Айби занат. Як қоши ӯ хам дар замину қоши дигараш дар осмон. Ту аз ӯ ёд гирифта бошӣ, ё ӯ аз ту? Намедонам. Ҷилави занро то ҳол накашидаӣ. Ба ҳар ош чаккаву ба ҳар нон ҷазза. Зери сада мудом гапи қошқалами ту.

– Чӣ хел?

– Чӣ хееел?! Гумонат ба ман сахт намерасад? Ман сардор, калону гарон. Дар замони Шӯравӣ як зан худашро оташ занад, котиби райкомро аз кор мегирифтанд. Як толиба по бечо гузорад, мудири мактаб аз кор мерафт; ҳатто аз сафи партия дур мекарданд. Гӯё ҳеҷ чизро намедонӣ. Нағз медонӣ. Ана он ҷӯгии мӯяш мисли мӯи мазанги сиёҳ дудкарда хурӯсвор қанот кашол карда гирди сарой қӯрғон мегирад. Худам чанд бор дидам. Доим бо ҳамин роҳ мегузарам-ку. Сарамро хам

карда гардам, худамро ба девонагӣ занам, ки чизе нашунавам, чизе набинам. Лекин зани ту ҳама чизро бинад, шунавад, донад. Фақат ту ҳеҷ чиз надонӣ. Омада-омада бо ҳамон мазанг, ки пес аз ӯ ҳазар кунад, ҳамнишин шудааст. Чӣ ту ӯро нашиносӣ? Чӣ кас буданашро намедонӣ? Ин хел нокас дар рӯи замин нест. Аз ҷӯгӣ нон талабад. Гадои ҳама хоҷагиву корхонаҳо. Дар пояш мӯзаи латта, ки ҳама кору бору ноҳия бар дӯши ӯст. Дар ҳама ҷо ҳозир. Ба сари одамон дӯғ занад, ки ман соҳиби ноҳия: «Калон манам дар ин мулк!» Нодонхӯҷаҳои тагтар ларзида ҳама муҳимашро ба ҷо оваранд. Чунки нодон, нохонда, аз қарору қонун бехабар, ҳуқуқи худро надонанд; Кӯри бум аз кафтаршини айвонашон паррад, заҳраашон даррад: «Чӣ бало буд?» Заната эҳтиёт бикун.

– Дурӯғ, раис!

– Дурӯғ?! Ҷӯгӣ биёяд, ягон баҳона ёфта баромада меравӣ-ку!

– Дар хона ягон чиз нарасад, зан ишора бикунад, магазин биравам. Ҷӯгии гуфтаатон «чои сафед» мехурад.

– Заҳра хурад. Худат номард. Як бор дӯғ зан, эзорашро тар кунад. Ин ҳаромхиштак дилу гурдаи мардӣ надорад. Як бор дӯғ зан мокиён барин зери поят фас шавад.

– Дӯғ задам! Аз ғилофаки миёнаш таппонча баровард.

– Ҳоооо... Ин хел бошад, гап назан. Мон кораша карда гардад.

– Душмани ману шумо...

– Гиря накун.

– Ин дафъа биёд, кораша мекунам.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Дар тухмбирён ба ҷои намак заҳр мепошам.

– Занат нафаҳмад. Занат нағз бинад ҷӯгиро. Мард форад, зан аз ҳеҷ чиз рӯ нагардонад.

– Ин хел нагӯед, раис. Шумо мана ҳақорат кардед. Ман андак мандак не. Як феълам гирад, оламро чаппа гардонам.

– Накун ин корро! Худи ҳамон занат дар куҷо, ки натобад?

– Рӯи тухм шиштаст.

– Рӯи тухм шиштаст?

– Рӯи тухм шиштаст.

– Ҳаром кунад ҳамаро. Ҷеғ зан!

– Хурӯсона?

– Ҳар гоҳ чӣ хел ҷеғ мезадӣ?

– Пошохон!

– Лаббай!

– Раис ҷеғ мезанад!

– Раис?

– Ҳо!

– Ҳа келин, касби нав баровардед?

– Худатон гуфтед, ки раисҷон, занат тухм зояд! Ҷӯҷа барорад! Шунидам.

Оби чашми занро дида дами раис дарун зад. Муғамбирона хешро ғамхор вонамуда сар андохт ва хеле муддат хомӯш монд. Дар сар гуфтори зиёд давр мезад, аммо намедонист кадомеро ба забон орад

– Ду асрро аз сар мегузаронем-а, келин. Наход шумо ҳам мисли шӯтон шӯхиро нафаҳмед. Хайр ман девона, шумо ҳушёр-ку. Ман дигар ҳеҷ чизи тӯҳфа мекардагӣ надорам. Додситон ҳамаашро ситонида гирифт. Чунон дар домаш кашид, ки на пои гурез монду на ҷои гурез. Як зайл гапаш – даҳ сол мегирӣ, бист сол мегирӣ. Бадбахт «даҳ солу бист сол» гуфта шумори пулро ишора мекардааст. Намонд, ҳеҷ чиз намонд. Ҳеҷ не, ки аз ӯ халос шавам. Фаҳмидаст, ки тагам тар, гови ширдеҳ гӯён мемакад. Агар аҳволи фермаи мурғро фаҳмад... Барои ҳамин асабам вайрон, хаёлам парешон; ҳушу дилам дар ҷояш не. Неку бад баробар ба сарам ояд; чӣ гуфтанро намедонам. Номамро ба девонагӣ баровардаанд.

– Ме-ме... медонам...

– Гиря накунед, келин. Шумо ҳолдон.

– Дидед, раис, мо ҳолдон бошем ҳам, ин гапҳоро ягон бор ба рӯятон накашидем.

– Курк, ман ҳастаму ту дар ин ҷо мудир. Баъди сари ман аз пӯстат бодбарак месозанд.

– Худо нишон надиҳад! Шумо хап шинед мардак. Равед! Болои тухм нишастан навбати шумо.

Дандони шӯ ғичиррос зад. Рӯяш турш гашт. Мӯяш дуд кард. Вале чизе гуфта натавонист. Аз бозе ки раис «курк» гуфт, забон газад, то сухани ноҷое набарояд. «Дидед, раис» гуфта бӯи кадом поруро баровардани буд, ки зан ба мурғхона фиристод. Аз таънаву ҳушдори раис гуфта ба танг омада буд. Дам карда, монанди оташкоб сиёҳ гардад ҳам чизе нагӯяд. Зеро калиду мурбат дар дасти раис. Ҳама сирру савдоро донад; назди раис хомӯшӣ ихтиёр бикунад. Чунки раис девона, баъзан ҳарфи гуфтаро сарфаҳм наравад. Шӯхиаш – ҷиддиву ҷиддиаш – шӯхӣ. Ба таври худ шӯхӣ кунад; девонавор шӯхӣ кунад. Каси ноошно нафаҳмад, ки чӣ гӯяд. Аммо девонагиаш зуд ҳувайдо гардад. Аз ин рӯ шӯ забон газад, ангушт газад ва дур равад аз назди ӯ. Вагарна дар ягон маъракаву нишаст ба касе сухан надиҳад; пур гуфта, «Курк» ном бардошт. Ҷумъа, гӯӣ, «кадом Ҷумъа?» пурсанд. Лозим ояд, ки лақабашро гирӣ. Бо чунин лақаб зудтар шиносандаш. Ҳолиё дам кард; рангаш нахуст канд, сонӣ бӯру сиёҳ гашт. «Гуфтанӣ аз реги Зарафшон ҳам зиёд. Китфи борбардор нест. Кӯза то кай ба лаби об сиҳат рафта, солим ояд?» Баргашта нигарист ба онҳо. Дид ё надид, чизеро фарқ накард ва ба сарои мурғон даромада аз сӯрохии тикки сада, ки дониста равзана кушода буд, нигашт; аз он дидгоҳ нигарист ба кирдору рафтори зан. Ҳолиё зан нишаст ба сари зонуи раис ва ӯ арақи ростин ё дурӯғини гунаашро лесид бо нӯги забон.

Шӯро хун ҷӯшид. Дил тапид. Тан ларзид. Дандон фишурд. Забон газид ва ангуштон мушт гаштанд. «Килла!» Ин фарёди ботаҳқир дар дил ё дар сар вуҷуд дошт, аммо то забон наомад. Ҳар чӣ буд – набуд нафрате андарун ва мағзи сарро такорӯ кард ва нахустин бор одамро бад дид; нарру модаро. Зани нозои қисирчаи дилкашро ба ҳар ҷондори мода монанд кард. Бад расидаш. Бори аввал як ҳисси бадкориву бадкирдорӣ дар хуни тезаш гардиш кард ва бӯи хунро низ шамид.

Раисро як чашм сӯи саройи мурғ буд, чашми дигар ба чеҳраи зебои зан.

– Рав, гӯ, биёяд. Боз ягон фикри ноҷо накунад!

– Ӯ чунин одам не. Дунёро об барад, парво надорад. Шуморо сахт эҳтиром мекунад.

– Одам-дия, рав, ҷеғ зан.

«Мардак, биёед!»

«Ҳоло чӯҷа набаромадааст. Рав, раис хафа нашавад!»

– Мардак мегӯяд: «пеши раис рав, яке хафа нашавад».

– Дар ин дунё як мард ҳаст ва як одами ҳалол. Ҳар ду шӯи ту!

* * *

Мошини дигар оҷур барад. Ин хиштҳои пухтаи девори говхона набувад. Хиштҳои онро кайҳо бурдаанд. Бомпӯшҳоро нагирифта, сутунҳоро наканда, биноро вайрон накарда. Оҷурҳоро мисрону метину зоғнӯл карда, девор шикаставу афканда, чида ва рабудаанд. Кулӯхчаву хоки лойи хиштчаспҳо ва хиштрезаҳои аз зарби путку мисрон рехта боқӣ монда... Рӯзе подабони аблаҳ, ки ба ҷои говони зотӣ гӯсолаи рихин бонӣ мекард, дар сояи бомпӯшҳо роҳат дошт, ки замин ларзид. Бомпӯшҳо афтиданду шикастанд. Подабон зиндабагӯр шуд... Сонӣ ҳама камбудиву норасоиро ба сари ӯ заданд; гӯсолаҳои зиндаву говони мурдаву гумшударо бор ба ӯ бастанд.

Гӯё бо чунин тамошову андеша харро дам дод Барзгар. Гӯшаи чашм андохт ба ҷуфти номуносиб: «Чунин сохта шудааст оламу одам: ягон кас, ягон чиз дар ҷои худ нест. Ҳатто худи худам нобарҷо. Кай ҷуфт карда будам? Трактор ҳама корро мекард, ҳатто ҷӯя мекашид, зану кӯдакон тамоку мешинониданд; ман баринҳо сардори хоҷагӣ буданд; тоқӣ якшоха мегузоштанд. Худо гирифт ҳамаашро. То назди писари ранҷондарӯзгор рафта омадам, ки олам дигар шудааст: Т-150-ро ҳам аз даст додаанд. Ана-ана! Ҳамонро, ки ба пояш ғелонда барад; рангзарди девкорро. Ду плуги бисёрпоза паҳлӯи ҳам мебастам ва дар як рафт чунин заминро аз шудгор мебаровард. Дар набуданам ин корро карданд. Дар мошинсарой, ки ҳамонро ҳам фурӯхтаанд, гузошта рафта будам, қарор кардаанд, ки хубу нохуб кор карда бошад ҳам, баробари ҳокими шаҳр кор кард, ба раис тӯҳфа бикунед.

Тӯҳфа гирифт. Дар қарор имзои сармуҳосиб. Лек кори раиси собиқ ба додситон афтод. Зеро дар ин дунё мӯре бесоҳиб нест ва кам касоне ҳастанд, ки орзӯи раисиро надошта бошанд. Он замон оби чашми падарро медидед; ашки модарро медидед; манаҳ соидани раисро низ. Падар назди дӯсти бообрӯяш омад: «Пул надорем. Лекин раисро аз бало бираҳонеду ҳамон Т-150-ро гиред». Ошно хандид: «Насиб бикунад». Аммо «моли ҳаром ба ман лозим нест» гуфта натавонист. Ин замон бародари раис даррасид аз шаҳри дур ва хоҳиш кард, ки бо додситон шиносаш бикунад Ошно. «Ин кас бародари раис» шиносонд ӯ бародарро ва худ аз бозӣ баромад... Ё зӯр омад ё маслиҳати ҷиддии «дӯстон» буд, ки раисро дар «Девонахона»-и шаҳр бистарӣ карданд, бо умеде, ки аз он ҷо роҳхат ба «Девонахона»-и Кӯктош гиранд. Чунки дар асри гузашта чунин ҳодиса рух дода буд ва Морияи бегуноҳу солим, ки ба ҷои шавҳари гунаҳгор чун зани бесоҳибу бепушту паноҳ ба он ҷо афтида буд, муддате пеш хабари маргаш омад. Раис аз бемористон хуморию девонаавзоъ баргашт; аммо, кушу куртаамро гир, ба девонахонаҳои дигар нарафт; балки боз ҳаваси раисӣ кард, ки ба ин идора одат кардааст; зеро лаззати думбаро думбахӯр донад. Бо вуҷуди он, чун одат ӯ ҳар рӯз ба идораи одаткарда меомад; раиси нав – мудири мактаб дар курсии ӯ нишаста бошад, андаке рӯ ба рӯ истода «Ҳушёр бош!» гуфта баромада мерафт ва аз нимароҳ баргашта, аз дар давоми муроду мақсадро баён месохт: «Вазифа аз зан ҳам болаззаттар. Касро девона созад!» Раиси нав, ки ба мансаб баландтар рафта буд, маънии ин суханро сарфаҳм нарафт. Чун зуд аз раисӣ бардоштанд, андешид, ки аз мудирии мактаб баландтар ва беҳтар вазифае набувад...

Инак сартехник Туробро, ки худаш аз Қазоқистон ин девкорро оварда буд, киро карда тракторро аз миёни киштзори хоҷагӣ гузаронида, чун тӯҳфаи бародари озодгашта ба савдои ҷануб барад. Воқеъан девкор. Чӣ қомати баланд дорад. Ҳайбаташ, гашташ ва садояш заминро ларзонад. Замини хушку сахт худ аз худ нарм гардад. Бахри дили тракторчӣ кушода шавад. Зоғон фурсати доначинӣ наёбанд. (Барзгари

дилсӯз дартоз баромада пеши мошинро дошта чилавашро пас гардониданӣ шуд, ки ин ҳайвони безабон моли як раис нест, ин моли ҳама; моли онҳое, ки хуни дил хӯрда дашту даманро сабзу боровар кардаанд; колхозчӣ ном гирифтанд; давлат ҳама чизро таъмин мекарду аз эшон талаб дошт; шабу рӯз на трактор хоб дошту на тракторчӣ ва на тамокукору тамокукаш. Замоне буд, даврудавроне буд, ки шояд дар таърихи башар такрор нагардад. Ҳар қадар дилаш сӯзад; ҳар қадар ба қадру қимати хеш сӯзад, ҳар андоза торҳои асабаш мисли тори сахт кашида таранг гардад, парвоз карда ба пешвози улоғи гусасталигом тохтанӣ буд, ки инон боздорад, то арӯси зеборо набаранд. Мадори пояш суст. Садои баланду ҳайбати девкор, ки замин ларзонда равад, ӯро тарсонда натавонад. Натарсад аз он, ки бародари пулсарфкарда додситонро розӣ гардонида; дилаш сӯзад ба пул, нархи сабзиву пиёзро напурсида зери чарххои сиёҳи девсурат ва хеле гаронвазн гузошта пачақу мачақ карда, рӯдаву рӯбчак ва мағзи сарашро бароварда гузашта равад.) Хаёл чунин буд, аммо дар тан чон надошт; мисли Бучча на ҳанг дошту на фара, то пеш гузорад по. Поҳояш гирифта, карахт ё хобида зери бори гарон; сари неши мор ё каждум халад ва танашро фаро гирад заҳр: аз ҳамон чо, ки мехорад – аз нӯгу қабати панчаҳо сар шавад ва оҳиста то пушти пову зону барояд; то миён, то гулӯву гардан ва то фарқи сар; монои касе, ки паҳлӯи мабрази пуршуда чоҳ кофт, хлори зиёд рехта девори миёни обхонаву чоҳро сӯрох кард. Девори намкашида аз миёна гашту аз обхона ба чоҳ рехт ва кафки хлор боло гирифту аз сари ӯ гузашт. Чоҳи кофта гӯраш шуд. Вале барзгарро чизе боздошт, тохта натавонист. Фақад як бор даст бардошт базӯр. Аммо дасти болошудаи ӯро Туроб фотиҳа пиндошт ва видоъ. Низ даст бардошта хушнудона афшонд. Баъдтар на Туроб баргашту на Т-150. Хабари аз баландӣ ба Зарафшон парриданашон омад... «Кори Худову дигарон ҳам бояд чазояшонро бинанд». Носозиҳоро дар назар дошта хаёл мекунад Барзгар. Охир онҳо кам нестанд. Хаёлаш як кас кор кунаду дигар ҳама хуранд. Ба назари ӯ чунин: монанди пашша, ки ба гӯшт рез карда, хураду пошаду бигандонад; мисоли майнаи аз кучо пайдошуда, ки

ангурро баҳри ӯ парварида бошанд; монои рӯбоҳ, ки барои нафси ӯ аз тухм мурғ сохта бошанд; ҳамчунон, ки ҳама чизи дунё барои болонишинон. Ҳоло ҳам заминҳоро ба соҳибаш надиҳанд, то гови дӯшоӣ аз даст наравад. Дилхоҳашонро оварда, чун хӯса ба сари полез рост бикунанд, то ҷону ҷонварони дузд хӯсида пештар наоянд. Лекин «Девонаи Худо» аз ҳеҷ чиз натарсад: бемайлон молашро ба киштаву сабза ва ғаллазор чаронад ва касе арзу шикоят напурсад; зеро он ҳама, ки бояд арзу шикояти муздуронро шунаванду чора андешанд, моли хеш ба моли «Девонаи Худо» ҳамроҳ кардаанд; шубони беминнат касеро писанд накунад ва писаронаш низ батар аз падар, киштаи мардум барбод диҳанд. Якшоха, ки ҷияни «Девонаи Худо»-ст, такя бар таға кунад. «Налоги замин» гуфта пули зиёд гираду тақсим бикунад. Онҳо батар аз зоғонанд; зараргортар аз мӯрчагонанд, ки рав монда, нақши пояшон сабза хушк кунад, миёни сабзазор пайроҳа гузорад; онҳо бозёфти гаронтар аз вазни хешро ба хафол кашанд. Онҳо зиёдтаранд аз селаи зоғон, ки ана-ана дил ё торҳои асаби Барзгарро битарконанд.

– Хаёл мекунам, ки ҳамааш дар кино. Шумо одами калон; раиси обрӯманд. Бо мани мурғбон чунин муносибат мекунед. Ҳоҷӣ ҳам ҳастед...

– Ҳааа, ҳамакора. Як зан дар Фарғона, якеш дар Андиҷон, дигараш дар Урусия, дар Ҷидда...

– Нағз, ки замона дарҳам-барҳам. Меваащ чунин нордон: на дандонро занад, на шираащ гулӯ гирад. Ҳар кас ба мурдаи хеш гиряд. Қонуну қоида беқурб. Ҳама мушкилотро пул осон гардонад...

– Гуфтам-ку, агар пул набуд, ҳоло дар кадом зиндон, кирму кана карда хобида будам. Пул буд, ки маро озод кард: аз зиндон гурезонд. Кушт. Боз зинда гардонд. Раис кард. Ва ту кабки сари дастам.

Хаёл бурд ӯро ва як филми тамом аз пеши назараш гузашт. Баъд ба ӯ гуфтанд: «Модар сари хишт рафт, момо бо нони сари остин набераро ба по рост кард. Дар хона моиндар пайдо шуд. Ӯро сархӯр овоза карда, дар хона буданашро нахост. Момо ба банди дил дошта калон кард. Чун момо аз

олам даргузашт, бекас монд. Падар зани ҷавонро авлотар аз ҳама дониста, ба будану набудани писар эътибор надод... Писар девонаавзоъ аз деҳа бурун рафт ва чун дар афсона, кӯҳ ба қӯҳу дашт ба дашт то водии Фарғона расид. Ятими дарбадар шуд. Оқибат дар хонаи мудири заводи орди Андиҷон ист кард. Дастёр буд, хидматгор шуд; дар завод ба кор даромад. Лек маълумот надошт. Касе номи ӯро ба забон намегирифт; «Тоҷик» хондандаш. Лек «тажик» гуфтанд. Камсухан, ором, гирифтори хеш, вале коргар буд. Рост ё дурӯғ, карнамо буд. Хӯҷаинро хуш омад кирдору рафтораш, духтар ӯро дод; чунки беписар буд, ба ҷои писар донист. Дар завод мудири шӯъбаи тубра гузошт. Корди Тоҷик болои равған буд. Касе надошт; кас пайдо кард. Аз зодгоҳаш падари ҷангдида ва бародарандарҳо пайдо шуданд. Овозаи одам шудани Ҳасрат ба зодгоҳ аён гашта, обрӯмандони деҳа равуо карданд. Талабиданд ӯро ҳамчун фарзанди номдори диёр. Модарандар пешвоз гирифт: «Мурам ба ту; чунон бе ному нишон ғайб задӣ, ки гумон кардем гург хӯрд». «Ҳаа, моли бесоҳибро гург мехурад, хола...» фармуд Ҳасрат. Хола гилагузорӣ кард: «Чихел хола? Ман модарам туро!» Писар чизе нагуфт. Гирифтори хештан буд. Чунин ҳол дида, гуфтанд: «Пули зиёд, нодидаро девона мекунад». Аммо Ҳасрат худ ба худ оҳи дарун кашид: «Аламам зиёд аз ин дунё».

Ҳасрат ном баровард ҳамчун доро. Шӯҳратманд шуд ва ба мафия роҳ ёфт. Чашмаш кушода гашт. Мушкилоте пеш ояд «Тоҷик равад» гуфтанд. Тоҷик рафт; чунки гардан каҷ кардан ва пул бароварданро ёд гирифта буд. Бо тавсияи эшон ба Москов ҳам рафта, кор буд карда омад...

Бозсозӣ сар шуд. Гӯсола чаппа омад. Он чӣ то имрӯз кардем, таънабор шуд: ба қавле биноҳои баландро нодуруст сохта будаем, бояд хароб кард. Фаҳмидаву нафаҳмида ба вайронкорӣ даст задем; чунки кори осон; ҳарчӣ дар Марказ рух диҳад, дар ҷоҳои мо идома ёбад? Мисли инқилоби Уктобир, монои репрессия, бозсозӣ. Вале фармони заминларза дар дасти инсон нест, вагарна заминро яклухт меларзонд. Осмонро яксара фурӯ меовард. Бозсозии Марказ ба ҷумҳуриҳои бародарӣ таъсир кард; ҷунбуҷӯл шуд ва чангу

гарди осиёи Ҳасратро ба осмон пош дод. Барои он «Осиёи Ҳасрат», ки «парвандаи ҷиноӣ» ба номи ӯ оғоз ёфт. Чунин амал бемаслиҳат нашудааст. «Ҳама гуноҳро ба гардан бигир, мо туро озод бикунем» гуфтанд дилсӯзона ва Ҳасрат паси панҷара шуд; зеро ӯ ба қудрату тавони падарарӯс ва ёронаш бовар дошт.

Ӯро ба зиндони Бекобод оварданд; чунки ба Зафаробод наздик буд, мусоидат ба дидорбинӣ мекард. Зеро озору шиканҷае, ки зиндониёнро насиб гардад, чандон таҳдид надошт. Маҳбус гумон дошт ин ҳама аз марҳамати падарарӯс ва ҳалқаҳои заррини «Мафия». Озодиро дар он ҷо дарёфт: ба назар ҳеҷгуна таъқиб ва таҳдид нест; касе хабар ҳам нагирад, гӯё ҳамааш гузашт ё дунё даргузашт; ташвишу шиканҷаҳо низ даргузаштанд, минбаъд бояд истироҳат бикунад. Мазмун падарарӯси хаппаки камташвиш имрӯзҳо хеле пуркор шуда; аз паи раҳо кардани мурғи ромкарда аз банд аст; аз ин рӯ хабар гирифта натавонад. Ӯ Ҳасратро беҳуда чун домод напазируфта: гӯянд, ки домод чиҳил сол пеш ба падарарӯс равад. Чун Ҳасрат мисли худаш хаппаку хомӯшак буд, хушаш омада духтар ба ӯ дод; гӯё чунин, вале баъди ба маҳбас кашидани Ҳасрат миёни дӯсту душман миш-миш шуд: «Ин хел духтарро Ҳасрат нагирад, кӣ мегирифт? Як бало карда, ба бағалаш тиққонд». Аммо касе надонад, ки зери коса чӣ нимкосаест? Чун Ҳасрат аз ягон чиз дилгир гардад, ягон кори бетабъонаи занро баҳона карда, дашномҳои туркии аз онҳо ёд гирифтаро ба забон орад. Ба дашноми домод арӯс ҷавоб нагӯяд. Лек вақте ки иллате ё камбудие содир кард, арӯс алам ситонад бо таънаву лафзи сахту сақат, шӯ гардан шиканад. Дар чунин ҳолатҳо зодагони арӯс рӯ паноҳ кунанд... Ҳасрат дар танҳоӣ буғз кафонад: «Худовандо, касро бекас макун!» Аламҳо монд дар дилаш...

Ва рӯзе, ки Сунбула ба мулоқот омаду хабар овард, ки «дадом дар паи кори ту» Ҳасрат «ҳамаашро бахшидам» гуфт, зан гардани ӯро сахт оғӯш карда, фармуд: «Ӯлай сенга...»[1].

---

[1] Ӯлай сенга (узбекӣ). – Мурам ба ту.

Валек дер кашид озодӣ. Ҳама дами дарун буданд. Ҳасрат ҳам мисли дигарон ранҷу азоб мекашид. Кӣ буданашро дониста, «домодӣ фулонӣ» гуфта, куштор ташкил карданд. Одамони «мафия» огоҳ аз сӯиқасд гашта, гурезонданӣ шудандаш. Барои ин гурезномаи махсус мураттаб сохтан зарур набуд; чунки чунин корнома пеш ҳам рух дода буд: «Асирро бояд гурезонд ва аз пасаш парронд».

Гурезонданд ва парронданд. Асир афтиду мурд. Дар сағона ҷо карданд ва хабар доданд, ки хешон омада мурдаашонро бубаранд...

Чунон шуд. Тобутро оварданд. Сарпӯш кушоданд. Мурдаи Ҳасрат. Арӯс мотам гирифт ва ба падар сахт нигарист, ки ваъда дигар буд?! Падар китф дар ҳам кашид. Бори дигар сарпӯш бардошт, ниқоб аз рӯи мурда гирифт: «Худаш. Куштаанд, номардҳо! Паймон чунин набуд. Пул сӯхт. Наход, барои мурда ҳам пул гиранд?» Шӯрид. Аз дасташ чизе наомад.

«Мурдаи тажикро ба ватанаш бифиристед!»

Амр буд ва дар андоми падарарӯс ҳеҷгуна ғаму андӯҳ ҳувайдо нагашт.

Ин бор хабар ба падари маъюби ҷанг расид. Падар ҳамроҳи писари хурдӣ Армон – бародарандари Ҳасрат бо мошини ба падар тӯҳфакардаи писари бузург – ГАЗ-21 омад. Чун тобут дар бордони мошин нагунҷид, мурдаро дар нишастгоҳи пас хобонда, бурданд ба зодгоҳ. Армон дар сари фармон, падар дар курсии паҳлӯ хапу дам сӯи диёр бурданд мурдаро. Падар чашми ронандаро банд ба пеш дида нигарист ба мурдаи пӯшидарӯ ва сиришк дона кард марворидсон. Чӣ гузашт аз дили ӯ? Писар донад. Армон низ ашки падар дида об аз дида рехт. Ҳеҷ кадоме лом нагуфт. Мазмун ба ҳасрати писари берӯзӣ ашк мерехтанд: хориву зориҳояшро ёд оварданд ва пайдогару мададрасон буданашро аз зеҳн гузаронида. «Ҳайф шуд» пичиррос зад падар ва садо ба гӯши Армон расид. «Чӣ ҳайф шуд, домулло?»

«Ин роҳи каму ғам набошад...» фармуд падар ва зери гуфта чӣ хуфта, худ донад.

«Лозим набуд ба ин роҳи дуру дароз фиристодан» – ҳушаш ба чӣ андешаҳо банд фармуд Армон.

«Наход ман фиристода бошам! Худаш зими сиёҳ зад. То пайдо гашт, ки зану баччадор шудааст... «Тоҷик-тоҷик» гуфта истифода бурданд, чун корашон буд шуд, мурдаашро баровnapда партофтанд. Наход инсон чунин шавад? Зиндааш дар хонааш ғунҷид; мурдааш дар гӯристонашон нагунҷид»

«Шумо мехостед, ки онҳо мурдаашро гӯронанд, домулло?»

«Ман барои ту «домулло» нестам, падар!»

«Падар...»

«Ман нағз фаҳмам ин кирдорҳоро; аз қадимулайём монда: «гадо – душмани гадо». Писаракам Ҳасрат нағз сабзид. Ояндааш дурахшон буд. Худи падарарӯс ҳам гуфта буд, ки ояндаи завод дар дасти Ҳасратҷон... Таги гап ҳамин. Ҳасратро бардоштанд аз миён...»

* * *

– Шумо одами оддӣ не, раис. Аз ҳар қабилаву тоифа як зан.

– Ту нозғунҷ. Лекин гумон дорам, ки саҳл барвақттар тавофи Каъба карда будаам. Боз як бори дигар рафтан лозим меояд.

– Ин дафъа маро низ ҳамроҳ бубаред.

– Туро ҳам. Шӯи хубатро ҳам.

– Не...

– Бепул равад. Дар камаз шинему равем...

– Оҳ! Агар истиқлолият даҳ сол пештар рух мезад, мо ҳоло кӣ шуда будем. Мумкин шумо шаҳрдор будед. Ман мисли говҷӯшҳои замони пешин депутат будам. Шӯям раис буд. Шумо занг мезадед, худаш бо мошинаш бурда, меовард. Шумо маро дар хонаи дарун ҷо мекардеду командировка рафт, гуфта баъди як ҳафта ҷавоб медодед. Баъди мӯҳлати депутатиам тамом шудан соҳиби кадом завод ё фабрика мешудам. Ё фабрикаи мурғи Саразмро мехаридам.

– Хубаш фабрикаи консерваро. Ҳубоби маст бо кадом хориҷии пулдор панҷоҳ ба панҷоҳ карда гирифтааст, ҷуз

ҷангҷол суде надорад. Бори аввал бинам, ки коргоҳҳо низ чун одам муранд, дигар наҷунбанд. Завод, ки аз кор монд, токзору себзорҳоро низ барҳам заданд. Майкада низ аз кор монд. Оҳиста-оҳиста дасту поҳо ҳам аз кор монад.

– Ними нон – роҳати ҷон, раис. Аз ин хубтараш нашавад.

– Академикҳои даруни телевизор барин гап мезанӣ. Депутат ҳам мешудӣ, мо баринҳоро дар муштат маҷақ карда, обашро мебаровардӣ.

– Шуморо не, раисҷон. Ҳастанд ҳамин хел касони ифлоси номарди ҳаромхор. Аввал додситонро ҳабси якумра мекардам. Ҳамаи «солҳои» ба гардани шумо бор кардаро аз сараш мерехтам, ки мефаҳмид. Аз ҳама муҳиммаш масъала мегузоштам, ки ҳама қарорҳои саросемавор баровarda бекор: корхонаҳо, муассисаҳо, заводу фабрикаҳои ройгон фурӯхта ба давлат баргардонида шавад; ҳар кас вайрон карда бошад, сохта диҳад. Ин орзӯи ҳама бечораҳо.

– Ту дар куҷо хондаӣ?

– Дар мактаби шумо.

– Ҳааа, ҳар кас, ки надорад, орзу кунад. Ҳар кас, ки дорад, кам тобад.

«Мекушааам!!!» Садояш бо оҳанги бонги хурӯс буд дар пиндораш, лекин набаромад. Ё зӯр надорад; ё бонг заданиву тарсад. Зеро садояш ба гӯши фалак расад, ба олам парешон гардад, ҳама фаҳманду донанд: расвоӣ. Киро куштанист, худаш донад. Хуб, ки садояш набаромад. Вагарна ҳар шунида ба хашм меомад ва муқобилаш омода мегашт, то накушадаш. Ӯ аз ҳамон сӯрохии танг, ки махсус меху мисрон карда сохта буд, ҷониби раису занаш мушт кашида бонг зад хаёлан. Номашро нагирифта, аз якдигар ҷудо накарда, бо як чашм нигашта, такрор кард: «Мекушааам!» Ва ларзид. Баданаш сард шуд. Эзорашро тар ҳам кард. Онҳо хандиданд. Шӯ нафаҳмид, аз чӣ рӯ хандиданд. Чун девори намкаш хандаро ҳам ба худ гирифт; қабат-қабат дар дилу ҷон ҷо дод, ки он чун боди хуро дарунашро нобуд созад. «Аз ӯро куштан чӣ суд? Худатро бикуш, номард! Мард бошӣ, сари ҳардуро бигир! Бо ин дос найвор бурида парто! Як девонаи Худо.

Ҳамроҳаш ош нахӯранд, ки фисашро бо дасти таъомхӯрӣ виреч бикунад. Оби даҳонаш парида ба рӯи дастархон пош бихурад. Аз даҳонаш лафзи ҳарому дашном канда нест. Ман надонам занак дар ӯ чӣ дид? Ӯ тақлид кард ба дигарон; ба ҳунармандони кино; ба духтаракони сари роҳ; ба гуфтаҳои занони бефаровездаҳон; ба гуфти даллолу даллаҳо; ба завқу ҳаваси дилаш. Раиси девона кори худашро набинаду Мазангро «ҷӯгӣ» гуфта, таъна ба ман занад: «Чӣ хел дилат кашад баъди ӯ?» Дили худашро напурсад. Гуноҳи хешро набинад, ҳоҷии бетавфиқ. Мекушам, вассалом...» Неши досро монанди устои чӯбкор, ки теша ба чӯб зада андармон овезад, ба рави бом зад; аз тарси садо оҳиста зада будаст, ки канда шуда афтид ва ба пояш хӯрд: «Наход ки гумонам хато бошад?» Ҳеҷ чиз намефаҳмад: ё ноӯҳдабаро ё нобарор. «Номурод... Нозанин, гуфта гирифтам, ки дар биҳишт зиндагӣ кунам, ш-он ба дӯзах тела диҳанд... Шояд аз вачҳи нозой ба ин роҳ рафт. Аз ман нашуд, аз ӯ нашуд, аз ин нашавад; шавад ҳам девона рӯяд. Яқин маро гунаҳгор, айбдор донад...» Сахт ларзид дасту пояш, дилаш, вуҷудаш. Нишаст буни девор ва дигар надид, ки онҳо чӣ кор карданд.

Баъди арақаш сарду хушк шудан ба худ омад; нигашту дид, ки зан дастак зада гӯяд сӯи раис:

– Накунед ин корро раис. Бе шумо чӣ кор кунем мо? Пушту паноҳамон шумо. Давлату достонамон шумо...

– Мекушам! Гапи мард як-то. Ман аз он мардони ҳезалак не! Мекушам, гуфтам, мекушам!

Ҳарфи охирин расид ба гӯши шӯ ва оҳиста худро пас кашид: «Яқин шунидааст, қасос ситониданист. Пешдастӣ карданист. Болои ғарӣ – сарҳангӣ». Даст ба доси неш ба рави оғил зада бурд ва онро гирифта хаёлан ба шонаи чапи раис зад. Онҳо садоро шунида сӯи оғил нигаристанд. Худи ӯ низ аз садояш ба худ омада, боз ба чӯби рав халидани неши досро дид. Онҳо рӯи гилсуфаи зери садаи миёнсол, ки аз дарахтони сарой ягона монда, монанди ин манзил хеле кӯҳнаву дерсола тобад, нишастаанд. Танаи анкабут, баргҳои хазон ба торҳо андармон, магасу малаххҳои хушкида ва пари хурди мурғон фасли хазон намояд садаро дар тобистон. Дар

лаби суфа дастобаи мис ва сари шохи луч дастмоли осмониранг кашол. Ба ишораи чашм ё сар буд, онҳо нороҳат гаштанд: раис обдаставу дастмол бардошта сӯи оғил рафт; чунки дигар ҷои хубтари шустушӯ набуд. Зан ҷониби сарои мурғ омад. Шӯ бар ҷое нишаст, ки соате пеш зан боиси ҷӯҷабарорӣ нишаста буд. Баробари рӯ ба рӯ шудан зан завқ кард: «Бовар кардед-а, мардак? О вай – девона. Шумо ҳам девона?». Шӯ сар набардошта зӯр мезад, то тухм зояд. Нигаҳ ба рӯи зан накард. Зӯри беҳуда мезад. Зан боз хандиду гӯӣ суханаш шӯ нашунида буд, такрор кард:

– О вай – девона, шумо ҳам девона?!

– Вай девона не, девона ман! Ман девона набошам, ҳамин хел париро сари зонӯи ӯ мешинонам?

Табассум аз лабони зан гурехт. Гунаи лоларангаш каҳрабоӣ гашт. Ғунча гашт вуҷудаш, ки шӯи меҳрубон бори нахуст сахт гуфт ба рӯяш. Таҳқир, нафрин ва дашном дошт.

– Ин ҳама бозӣ буд мардакҷон. Бозиҳои олам. Саратонро баланд гиред, мардак. Ба рӯи ман нигаред. Ман гумон надоштам, ки аз хостаи Худованд, аз навиштаи пешонӣ, аз тақдир, аз қисмат, аз доди Худо шумо сар мепечед. Ҳавас карда будед худатон. Ҳавас карда будед, ки шумо раис шавед, ман депутат. Барои ин мо бояд ҳама чизро қурбон бикунем; пеши чашми якдигар бозиҳо созем; аз ин оғилу порӯхона бурун равем, болотар бароем. Ҳар рӯз аз даруни оинаи нилгун нигаҳ бикунем ба халоиқ; халқи олам низ моро бубинад, ки чӣ ранг оилаи хушбахт ва зиндагии бемислу монанд, ҷавонии зебо дорем ва онҳо ҳасад баранд ба мо, ки аз миёни чалчиқи мурғон, аз сарои валангор, аз як саҳрои бекас ба хонаи вакилони халқ кӯчидем, ки ҳукумат сохта, ройгон тӯҳфаамон кардааст. Ба олам бояд хабар расад, ки касони бебизоъат ва ниёзманд чигуна имтиёзҳо пайдо карданд. Саратонро баланд гиред мардак. Ман ҳама нақшаҳоямро ба раис гуфтам, ки агар депутат шавам, чӣ таклифҳое, чӣ дархостҳое ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод бикунам; чӣ масъалаҳо гузорам. Барои даштҳои сӯхтаи диёр чӣ корҳо бояд кард; чи навъ мисли пештара ин лалмро сарсабз бояд гардонд; ҳамаро чӣ хел бо кор таъмин кард; ҳамаи ам-

воли ройгон фурӯхтаро бо кадом роҳ баргардонд; ғарибкорони тоҷикро чигуна аз мусофират бояд овард, то дар мулки бегона зери шиканҷаи сартарошидаҳо нобуд нагарданд; аз сармову ломаконӣ мурда, танфурӯшӣ накунанд; фарзандашон бесоҳиб намонад; духтарони дувоздаҳсола назоянд... Бо як сухан «зиндагист» ҳамаи ҳамин. Шумо «шарм» медоред аз рафтори ман, мардакҷон, ҳарчанд медонед, ки рафтори мани бадбахт чӣ маънӣ дорад! Ман аз он ҳӯгурҳо насл гирифтанӣ нестам. Худо медод, аз оби ҳароми шумо медод. Ба рағми «зиндагӣ», барои намурдан мо чӣ пастиҳо кунем. Гӯё пастӣ накунӣ, боло наравӣ. Накушӣ, барҳам назанӣ, вайрон накунӣ, ҷои нишаст наёбӣ. Лекин одам Худо нашавад... Феъли ҳайвониашро дигар накунад.

– Ту гапи асосиро намегӯӣ, занак.

– Кадом гапро?

– Раис «мекушам!» мегӯяд?

– Ҳааа. «Худамро мекушам!» мегӯяд.

– «Худамро мекушам» мегӯяд? Хайр кушад!

– Дурӯғ... Медонад, ки кушанд ҳам намемурад, мегӯяд... Шуд-ку якбор.

– Чӣ намерасад ба ӯ?

– Надонам, одам-дия. Аз худи зан ҳафт тан будааст. Ҳар ҷое рафтаст, як хонаи умед сохтаст. Ҳатто Ҷидда; гоҳи тавофи каъба рафтанаш. Девона.

– Занҳо девонаҳоро хуш доранд. Чунки онҳо кори кардаашонро намедонанд; ҳама корашон беҳушона.

Зан карахт шуд. Гуфтаниҳои зиёде, ки дошт аз сар парид. Як қадам пас кашид худро. Шӯ бегона тофт ба назар. Сархам сухан гӯяд. Беҳуда зӯр занад. Шӯхиро нафаҳмад. Кинояи раисро рост пиндошта зӯр занад, то тухм зояд, сонӣ чӯҷа барорад; саршумори мурғон барҷо гардад... вагарна сараш равад ба ҷои мурғ. Дар бало ман монаму раис, ки барои маро ба дом овардан чунин тазвир кардаст. Дигарон шутур хуранд, бим надоранд, шӯи бечора аз хӯрдани тухм ба танг омадаст.

– Мардак, ба замин занад ҳам, ба осмон барорад ҳам, раис мебарорад. Беҳуда худатонро озор надиҳед. Шӯъбаи ша-

шум корро аз тухм сар намекардагист. Аз ҳайвонҳои калон сар мекардагист. Таги пои раисонро мекофтагист... Воқеъан, раис камаз харидаст. Мегӯяд, ки бо камазаш ҳаҷ меравад, моро низ барад...

– Ман ҳаҷ-паҷ намеравам! Боз бо туву раис! Ман чӣ гуноҳ дорам дар ин дунё? Як гуноҳ, ки Худо донаду худам.

– Ман медонам он гуноҳро?

– Не...

– Бигӯ.

– Пурсандаҳоро гӯям... Дар гӯр. Наздик.

Зан даст ба рӯ кашида, чашмонашро пӯшид. Баъд фарёд зад:

– Наход, ту мардаки... ту мардаки ширини беозор дар ин дунё он қадар алам кашида бошӣ!?

– Не… – Сар афшонд ӯ набардошта ва ба гунаи зан нанигарист. Гардан тофт ҷониби кӯҳҳо: «Ин ғам, ки марост, кӯҳи Қоф аст, на...»

– Гиря накун...

Ӯ гиря надошт; садояш намебаромад. Дилаш мегирист. Мазмун: зан пай бурд гиряи дили ӯро. Тасаллӣ доданӣ шуд:

– Худи раис гуфт. «Шӯт мошинро ронда меравад» гуфт...

– Гуфтам-ку! Ман бо шумо ба ҷаннат ҳамроҳ намеравам! Аз ҷаннати рӯи замин чӣ дидам, ки боз бо шумо ба ҷаннати зери замин равам?! Бас нест? А? Ҳамин қадар хориву зорӣ басанда нест? Магар дар ҷаннати зери замин ларзиши дасту поям, тапиши дилам, дарди сарам кам гардад? Хориҳои дар рӯи замин надидаамро дар зери замин бубинам?! А! бубинам?! Париҳо либоси маро шӯянд? Се вақт таъоми болаззат пазанд? Чун кӯдак оббозӣ доранд? «Хаста шудӣ, монда шудӣ, дар рӯи замин чизе надидӣ, наосудӣ, хоби бароҳат нарафтӣ... торҳои асабат кафиданӣ буд, гуноҳи дигаронро ба гардан гирифтӣ... оқибат ба чунин рӯз расидӣ; ба аҷали худ намурдӣ. Худкушӣ карда ба биҳишт афтодӣ» гӯянд? Китфу бозӯямро молида, «Мисли Умар як умр санг шикаста, рӯзӣ кардӣ» гӯянд?

– Забон баровардед-ку, мардак?

– Чӣ, безабон будам? Ман аз мардуми олам шарм кардам,

ки касе чизе нафаҳмад; сирру савдои хона ба бозор набарояд; касе нагӯяд, ки занаш сабук... астағфируллоҳ! Хотири ҳамин чиз, забон газидам. Лекин достон шуд, афсона шуд... Одамон маро, ки диданд як бор сурфанд, сонӣ баногӯшӣ кунанд. Ман нашунавам суханашонро, лекин донам, ки чӣ гӯянд.

– Раис дуруст мегуфтааст: «Девори намкаш».

– Раис ягон гапи нодуруст надорад. Фақат чӣ гуфтанашро намедонад. Духтарашро ҳам дашном медиҳад. Чӣ монад ба бегона.

Дастаи досро қабза кард шӯ. Зан оринҷ ба сари сина ва муштон ба лабу даҳон пахш кард, то садояш набарояд: «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам». Даст ба даҳон, ки лабони возашро мепӯшонд, пас-пас рафт беҳушона ва пушташ ба дарвозаи рӯин, ки ягона монда аз дарвозаҳои говхонаҳои зиёд, бархӯрд ва як қад парид, ки касе дошташ аз пушт ва дод зад муштҳо аз даҳон гирифта; пиндораш Ҳоҷӣ–раис кард чунин корро. Зеро девона бо шӯяш забон як карда иқдом ба кори бад кардаанд, то халос хуранд аз ӯ. Ба пиндораш ва баъди суханони шӯ ва дос қабза кардан ӯро нобуд сохтаниянд. Дар як сарои вайрона, ки ҳайвонро бандӣ, наистад, сӯиқасд оростаниянд, ки ба сад фарёд додрас надорад. Чунки пай бурд аз рафтори шӯ чунин оҳангро. Вале шӯ сӯяш нигоҳ накард. Қайроқи гӯё пешакӣ аз пайҷои дарёобод барои рӯзи мабод овардаро гирифта ба дами дос кашид: «Ғижжж» Садои ошнои доссангзанӣ. Вале ӯ барои чӣ чунин кор кунад, нафаҳмид. Зеро айёми дарав нест. Даст ба дарвозаи сиёҳи андудаҳояш рехтаи гаргиннамо соид ва рӯ тофта, тохт. Ягона ҳомӣ ва пушту паноҳаш – Девона сачоқ бар гардан ва дастоба овезон ба дасти чап ба вайронаҳо менигаристу завқ мебурд ва касеро шерак мекард: «Боз! Боз!» Ва сараш баробари ҳар бори садо баровардан такон мехӯрд. Мокиёни гурезон аз он сӯ тохт наздиктар ва хурӯси сурх ёли гардан хезонда пешандоз овард. Пасон нӯл зада аз пари тахтапушташ гирифт ва боздошт аз тоз. Чун мурғ фас шуд, хурӯс по бар пушташ гузошта, пахш кард ва савор гашта минқор ба тоҷаш зад; дум хамонда ҷон канд. Раис, ки зана-

кро надида буд, майлу ҳаракат дошт, то хурӯс бошад. Хурӯс аз пушти мокиён фуромада гирдаш ҳисор кашид. Мокиёни тарсу зайле ки пас шуда буд, аз ҷо наҷунбид. «Чӯҷа будааст» аз дил гузаронд раис ва хамёза кашид. Хурӯс аз нав парид ӯро. «Кори дунё ин хел шавад!» Баланд гуфт. Занак шунид, аммо эътибор надод. Раис шарфаи пои ӯро шунида нигарист ва завқ кард: «Ин хурӯси кӣ?» Занак ношунида гирифт. Раис ҳайрон ба чеҳраи ӯ нигарист. Қутканда дарёфта, аҷабаш омад.

– Мардак дос санг задан дорад. Ё шуморо куштанист ё маро...

– Шояд ҳардуямонро?

Бапарво гуфт ва ишораи абрӯ ба хурӯс кард. Чӯҷа будани мокиёнро гуфтанӣ буд, худдорӣ кард. Дигаргуна гуфт: «Озодӣ дар ҳаминҳост; ба касе ҳисобот надиҳанд». Зан гӯё чизе фаҳмид. Дар асл чизе нафаҳмид. Ҳушу ёди раис ба хурӯсу мокиёни аз тарс ноҷунбон буд:

– Хурӯси кӣ бошад?

– Хурӯси бегона, аз худи кӯчаи Зулфон меояд.

– Гуфтам, дар ферма чунин хурӯс набуд. Оши ҳамсоя ширин мешавад.

Ва обдастаро ҷониби Ороста дароз кард ба рӯяш нанигариста: «Чаро фаросот накард?» Ӯ гирифт обдастаи холиро ва дастмол дар гардани раис кашол буд, ки рӯзи мотам наздикон либоси мурда чунин кунанд. Бори нахуст вонамуд карданӣ шуд зан, ки муҳаббат надорад ба раис; ба хотири хотирҳо тани худро ба ӯ бахшидааст; раис неву дигар кас ҳам бошад; пушту паноҳ шавад, ӯ ба ин роҳ мерафт. Зеро баъзе мардон аз ришваи зан рӯ гардонанд; ор донанд, вале ком аз ӯ бардоштанро қаҳрамонӣ хонанд. Баъд хешро амиру занро канизак ангоранд. Вале муаллимаи доно ҳайф аст ба риси коно. Чун мушкилосон, росту дурӯғ, эҳтиром пеш орад: «Такка бошаду шир диҳад». Лекин Ҳоҷӣ–раис ба чунин ҳарфҳо эътибор надиҳад; муҳаббат ҳам надорад ба зан. Ҳоло хислату атворашро ба феъли хурӯс монанд донад: «Ана ҳамин хел пахш кардан лозим: девонавор ва ҳарис. Сонӣ худи зан оби чашм шаш қатор аз пас кашол шавад:

«Маро ноумед накунед».

* * *

«Ман ҷуфтгар шудам. Барзгар ном бардоштам. Нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор? Лекин дида будам, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ падар бо азобу андеша ҷуфт меронд. Надонам аз дили ӯ чӣ мегузашт, ба ҳар ҳол миёни абрӯш гиреҳ зад; чин дар пешонӣ гирифт ва ҷуссаи бузургаш ғунча гашта, на, фушурда гашта, монанди ҷомаи аз об кашида ва аз ду тарафаш дошта, тоб дода, таноби борик шуд... Баъди ҷанги навин такрор гардид қисмат. Лекин солҳои пеш чунин ҳарису пурхӯр набуданд мурғон. Қаноъат пеша мекарданд чун одамони пурбардошти Шӯравӣ. Мурғони инзамона ба гушнагӣ тоб надоранд. ..»

– Ихxx!!! Гӯшаш намеҷунбад-э... Зада нашавад, кӯфта нашавад.. Ҷуфти муносиб не, вассалом... Бош! Гӯш чур кунад, ҷонвар... «Барзагов бояд пайдо кард. Кӣ дорад? Буққачаҳои носара ҳастанд. Гарданашон юғ надида. То онҳо гардан медиҳанд, ки баҳор мегузарад. Мурод дорад як навбасти каллахам. Диҳад, надиҳад? Худо донад. Гардани навбасташ шах шуда бошад? Ба ӯ чӣ хел бояд фаҳмонд: «Лозим шавад, ту ҳам барзагови маро бигир, ҳамроҳи навбастат ҷуфт банд...» Ана ҳамин хел гӯям. Зеро ӯ ҳам серчӯҷа, дону нон бояд. То кай ба умеди даромади муфт мешавӣ?»

– Муродҷон, ниёзманд шудам...

– Чӣ ниёзе, ако?

– Офтоб хандиду ба ҷуфт баромадам... Хар тоб наовард бо барзагов...

– Ба ҷои хар маро бастаниед, ако.

– Худо нишон надиҳад! Чӣ шавад агар навбастатонро...

Мурод якбора посух надод. Чӣ мулоҳизаҳо буд, худаш донад. Пас ба сухан омад:

– Садқаи суханатон... Хомдарид шавад ҳам зиён надорад. Тарсам, ки азоб бидиҳад.

– Тарси манам аз ҳамин. Осудаву таъмин шудем, гуфта, бепарво гаштем. Барзагов парво накардем... Касе гумон надошт, ки масъала чунин ранг мегирад... Яку якбора кӯҳи

Қоф чаппа гардад ва ҳама кардаҳо зери он монанд. Побел ҳам аз ёдҳо рафтаст.

Юғ бар гардани навбасти каллахам андохт ва ресмони гӯшакҳо аз зери гарданаш гузаронд, то роҳи гурез наёбад. Як бор гардан боло бардошта сар афшонд ва як чизи гаронвазни асиркунандаро пай бурда, беқарор гашт ва ён дода аз бозӣ баромадан хост. Дум қарқара карда дастакҳои гардангирро шикаста, аз зери юғи асорат гурехтанӣ буд, аммо гардани ҷавонӣ ва шохи ношикаста ба банд омада буд. Боз танҳоӣ. Касе нест, ки шохбанди каллахамро бикашад; ҳарчанд ӯ гардан надода, шохи кӯтоҳ, вале хеле сахту нерумандашро тира ба тир кардааст. Дар миёни ангор, дар як пора замин, ки ҳаққи яксолаашро мудири каҷтоқӣ ситонидааст, каллахам аҷоибнома намоиш диҳад, лек ҷуз Барзгари гирифтаавзоъ касе онро набинад. Ӯ ба танг омада, ки ҳаво хӯ кардааст; ҷикоташ гирифта ва ҷо-ҷо абрҳо по ёзида, нишеб гаштаанд, бояд ашк бирезанд; ашки алам, ки чӣ рӯзгорест, ки инсон ҳам ситам бикунад, табиат ҳам; аз Худо донистан раво набувад, ки ӯ бадхоҳу бадкирдор нест. Каллахами носара гӯӣ теғ бар гулӯяш халида бошанд, хавфи ҷон гардан аз он дур гирифтанист; буду шуд аз ҳамон шохбанд, ки зери гарданашро хориш диҳад; зеро носара сарҳуй гаштааст ба дашту даман ва монанди қутос пашми гардан дароз карда дар шибару сари чашмаҳо гаштанист ва чунин юғ барои гардани ӯ нест. Беғам, сахт беғам. Ғаме, ки Барзгар дорад, бар дӯши ӯ бор банданд, шояд чаҳорпо ба замин ҳамвор гардад; ҳамсони сарбозе, ки рӯзи ҷанг парчи замин гашту танк беозор бар ӯ гузашт. Қисмат; вагарна одамони инзамона росто миранд.

«Ту нағзак-ку, ҷавонмард; сарат ҳам хам; феълу хӯи хуб дорӣ, касеро шох назадаӣ; касе ба сарат говрона нашикастааст; Садои «бооо парч!»-ро нав мешунавӣ. Огардро ёд мегирӣ... Ҷонвар! Худатро ҳам азоб надеҳу маро ҳам. Медонӣ, чӣ азобҳо дорад зиндагӣ, дар радифи мурдагӣ? Ҳар ду як чиз. Яке бартарие надорад аз дигаре. Зистан барои мурдан ва мурдан барои зистан; дар он дунё. Сутуни олам шавам, гӯӣ ҳам; ба касе сар нафароварда зиндагӣ бикунам,

гӯӣ ҳам, оқибаташ як чиз: ту дар ишками одам бидаройӣ, ман дар ишками Замин. Барои ҳамин ҳушатро дар ҷояш мон; каллаи хаматро кор фармо; ҷуз тан додан илоҷи дигаре нест. Нигар ман на корд дорам, на дос. Аз ман наҳарос; зиёне наорам. Туро одам карданӣ; ҳарчанд ин кори осон нест, то нонатро ҳалол карда бихурӣ. Ман бояд ба ҳамин роҳ равонат бикунам. Зеро ҳел-ҳел гаштан; сӯи моҳтоб нигариста, нон пиндошта, аз дарду гурснагӣ бонг задан аз дасти ҳар кас меояд. Аммо бо заҳмат нон ёфта хӯрдан на кори ҳар нодон аст... Ту доно, ту боҳуш; баду некро фарқ бикунӣ... қисса кӯтоҳ: бояд одам шавӣ ва худро бишиносӣ. Сари кор сар шиканад; хаёлат ҳама вазни замин бар гарданат бор шуд? Нeee, ту қутоси афсонавӣ нестӣ, ки Замин бар шохат бардорӣ. Буду шуд навбаст – нав бар гарданат вазни як тарафи юғ бор шуд; аз ин зиёд бар гарданат чизе бор нагардад. Гардан бидеҳ, сар фурор, олам гулистон гардад; он тарафаш чу оби равон шавад. Хӯ бигирӣ, дар зимистон ҳам орзу бикунӣ, ки юғ бори гарданат бошад. Зеро аз ҷабри пашшаву ғуз соя наҷӯӣ; гӯшаку думак назанӣ; зиндагиат мураттабу бореҷа шавад; баробари одам аз рӯи соат кор бикунӣ. Ээээ, чӣ қадар зебост зиндагӣ! Чӣ андоза гуворост зинда зистан! Мурда зистан зиндагӣ нест; мурдагист! Ақлатро кор фармо... Чу!»

Аз дастаки омоҷ дошта ва садо бароварда, говрона ба юғ зада буд, ки Каллахам аз тарс ё аз садои ногаҳониву нашунида ҷаҳиду лагад андохт. Майли бурун омадан аз зери юғро дошт, вале шохчаҳояш нагузошт ва ҳам чӯби гардангир боздошт. Ваҷоҳаташ говони теодории испониву техасиро мемонд, ки баъди аз дӯш афкандани савор шохи тез ба шиками ӯ зада, ҷусса ба сар бардоранд. Ғазаб карда буд Каллахам, ки чунин ҷондори бепарвою беозорро, ки ба касеву чизе кордор нест, ба банд овардаанд: «Ҳуммм...»

– Бадатро нахоҳам, ҷонвар. Ва нахоҳам, ки мисли мардони муфтхӯру ҳаромхор зери сояи шаху дарахт думак зада, пашша ронӣ ва фӯк ба охури пур занӣ ва ба дасти қассоби холдор афтӣ. Донӣ чӣ хел миёни ду шохат мӯҳраи табар зада, оташи чашматро барорад ва баъди ба сар рафтан калла-

атро чун сабча гирад? Надидаӣ. Надонӣ. Онҳое донанд, ки сари хунолудатро дари дӯкони гӯштфурӯшӣ гузошта, гӯшти тоза фурӯхтанашро собит гардонад; дар асл чӣ қадр гӯшти кӯҳнаву пашшапошидаро аз тагу миёни гӯшти нав ҷо карда, харидорро фиреб диҳад ва каллаи туро пӯст канда, ҳезумвор табар зада, реғаву реза карда, бо гӯшти моли пасон куштааш ҳамроҳ бифурӯшад. Тақозои замон. Мехоҳам, ки меҳнат бикунӣ одамвор; қадри азобу ранҷро донӣ; обу донат ба даҳон мазза диҳад, ки аз меҳнати ҳалоли хеш аст; на ки асал хӯриву заҳр пиндорӣ. Бош! «Бош!» мегӯм! Чашм ало мекунӣ? Теғ мекашӣ? Сад афсус, ки моли худам нестӣ вагарна ин говронаро дар танат мешикастам. Моли кас. Шохат шиканад ё обсар шавӣ, дар бало мемонам. Соҳибат «не» нагуфта, ту – носарароро ба ихтиёрам супурд, надонам бо ту чӣ кор кунам. Худамро ба ҷоят гузошта юғ ба гардан андозам, ту омоҷро дошта ҷуфт ронда натавонӣ. Фарқи ману ту чунин: Ту – гов, ман... надонам, ки ман кӣ? Як махлуқ. Чаро Худованд маро офаридаст? Надонам. Ту ҳам надонӣ. Ҳеҷ кас надонад. Монанди кирме, ки дар рӯи замин ризқу рӯзӣ тамаъ дорад... Сабил мон... Офтоб базӯр тобад, боз ин мурғони сиёҳ парда танида пеши онро гиранд. Гум шавед! Ҳамаашро чидед! Фардо чӣ рӯяд?

Садое омад. Парешон ба дуру наздик чашм андохт. Касеро надид. Фарқ накард, ки тундар болои кӯҳҳои Шаҳри Сабз ғуррид. Чун соиқа чароғак зад. Барзгар он сӯ нигашт: «Камбағалро дар тори шутур саг газад». Дилаш сард гашт аз ҳама чиз. Абр сар-сари кӯҳҳои Зарафшон кокул хамида, болои кӯҳи Чилмеҳробро гузашт ва дона-дона офтобборон шуд дар Лалми Давсан. Барбод рафт рӯз; муроде ҳосил нашуд. «Наҳсрӯз будааст».

Навбаст ҳанӯз шох мекашид. Ҷавони зуъмии нокордидаро мемонд. Барзгар шум метофт ба назараш, ки гардани озодашро зери юғ гузоштааст. Шохи наврасидаи сахту мустаҳакамро ба шиками фурӯрафтаи Барзгар зада, аз пушти камараш баровардanӣ буд; гардани баста боздошташ. Сахт озод будан хоҳад гардани ба юғ одат накарда: «Аз чунин гирифторӣ мурдан беҳ». Поҳо ба замин тира карда вазн

ба пушт андохта буд, то гӯшакҳо шиканад ва юғ аз сар андохта бигрезад;

– Мондаҳо, деҳқон!

Барзгар сар набардошт. Машғул буд, то гардани буққачаро аз зербанди гӯшакҳо раҳо гардонад.

«Кар?» сӯи Ороста нигариста пурсид Ҳоҷӣ–раис, ки марди кулфатзадаро ҳеҷ надида буд. Китфон дарҳам кашида, шона бардошт зан. Лек ҷуз худаш касе намедонист ғаши ӯро: «Дар чунин ҳолат ин зани берӯро бардошта сари кишт овардан зарурате надорад: муовин набошад, оқсақол набошад, муҳосиб набошад... Чӣ ин қадар зери кителат гирифта гардӣ?» Воқеъан, Ҳоҷӣ–раис кител мепӯшад; мӯди асри гузашта. Аз матоъи хокиранг, бӯрранг ё нимҳоли беранг шиму кител дӯзонд ва чиркбардор гуфта об ба об пӯшид. Баъди «мурда, зинда» гаштанаш зану писараш оварданд либосҳояшро аз Андигон. Кушоди остиндароз, ки гоҳи ба касе эҳдо дароз кардан ё аз дасти корафтодае чизе гирифтан чандон аён нагардад. Рафтор, попартоӣ, кирдор ва дашномаш ҳамон; ҳамон, ки аз мардуми Андигон омӯхта: аз падарарӯс ёд гирифта: «Онангни..., қизингни...» Аз ин рӯ бад мебинад ӯро. Чун сардор гузоштанд, аз зарурат салом медиҳад; чунки ба сари халқ хӯсаро сарвар эълон доранд, итоат бикунанд. Як халқи серкори сертарадуди заҳматкаш, ки ҷон канда, ба ҷое нарасад. «Ҷон» изофа бикунад ба номи ҳар роҳбар. Як ҷон дорад ба сад сарвари ба сараш бор карда бубахшад. Бузургсолон чунин рафтор бикунанд, кӯдакон биомӯзанд ва кинояомез саҳначаҳо сохта рафтору кирдору гуфторашонро тақлид бикунанд. Ҳоҷӣ–раис ҳам ба роҳбарони мамолики дунё ё корхонаҳои бузург, ё қотилони филмҳои навбаромади видеоӣ, ки дар хонааш ғарам шудаанд, тақлид карда муаллима Оростаро ҳамроҳ гирифта мегардад. Ҳар сухане, ки бигӯяд як бор сӯи муаллима бингарад, ки дуруст гуфт ё фачигарӣ кард. Муаллима ё хандаи дандоннамо мекунад ё сар меафшонад; баъзан фачгӯиашро ҳикмат шуморида каф мекӯбад. Ҳоҷӣ–раис курта-курта гӯшт мегирад, ки бузургтар аз ӯ касе нест. «Чунин занро эҳтиром бояд кард». Аҷаб одаме Барзгар: ҳатто нигоҳ наме-

кунад сӯи соҳиби овоз. Ба Ороста низ: «Ҳамин баччаҳои моро дарсу таълим медод-дия... Чӣ умед кардан мумкин. Баъд ҳамон ҳам гум шуд; худаш ҳам гум шуд аз мактаб; дарсу таълим ҳам соф шуд. Хоҳ бошад – хоҳ не, чунон дарс, хоҳ бошад хоҳ не чунин зиндагӣ...»

«Ин одам не-ку, муаллима?»

Муаллима ангушт ба лаб ниҳод: «Тишшш... Ӯ кар нест...»

– Барзаговат рӯ аз қибла гардонидааст? – даст бар дӯши Барзгар ниҳод Ҳоҷӣ–раис.

– Хӯ дорад. Феълаш бад.

– Ҳеҷ кас феъли нағз надорад. Вақте феълашон хуб шавад, ки корашон афтаду иҷро гардад.

– Ҳааа. Илоҳӣ ҳамон кор наафтад.

Барзгар дарёфт, ки сардори муваққатӣ ишора ба чӣ дорад. Ҳама баробари ӯро дидан «Раисҷон» гуфта шашқат шуда, дудаста вохӯрӣ мекунанд. Хизмат мепурсанд. Болобардор мекунанд ва як қиёмат...Чунин кору бор қариб дар рӯи замин боқист; аз кӣ мерос мондааст, касе намедонад. Вале ҳамин мерос ба Барзгар насиб накардааст: «Харе, ки бор надорад, «иш» магӯ». Ва ӯ ҳамин калимаро ба забон нагирад. Рӯзи дуввум аст, ки «их» бигӯяд, Бучча худро ба беномусӣ зада, сипоси ему хошокро ба ҷо наоварда, юғу омоҷро накашад.

– Медонам, доғи фарзанд сахт...

Як қад парид Барзгар. Боздошт дастони гиреҳкушоро. Лекин мағзи сараш сухан гуфт: «Сабил мон, чунон сахт шудааст, ки нохун ҷо нагирад». Маънии сухани ӯро нафаҳмид. Ба раис нигарист. Чини пешонӣ ва рӯи бодбардоштааш сарварро безобита кард.

– Мо омадем, ки қарзи инсониамонро адо бикунем.

– Қарз?

– Ако Бобо, Ҳоҷӣ–раис маро кашола карда оварданд, ки ба шумо ёрӣ диҳем.

– Шумо ба ман ёрӣ дода наметавонед. Ба ман барзагов ё хари ҷӯфтӣ лозим.

– Неее, ёрӣ ба кори писаратон.

– Ба писарам ҳам ёрӣ карда намешавад. Ӯ дар мулки бе-

гона...

– Ин одам гапа намефаҳмад... Ӯй, ман даҳ ҳазор доллар дода раис шудам. Пул бошад... Соҳиби мулки бегона ҳам нафс дорад. Дӯстҳои қадима дорам дар Русия. Кушандаро ёфтан лозим.

– Ҳамон кушанда Худост. Ба чунин рӯз расонд; лозим донад, аз зиндон ҳам озод мекунад.

– Ин беақли таппа таёр-ку, муаллима?

– Ин кас одами дурандеш, Ҳоҷӣ–раис. Мурад ҳамин пул...

Барзгар ба муколамаи дилозору гӯшхарош ва ҳадафгири онҳо гӯш надода сари вот рафт ва ҷомаро афшонда корду ғилофро ба замин афтонд ва бардошта сӯи онҳо омад. Ҳоҷӣ –раис чунин ҳол дида аз китфи Ороста кашида ба пеш тела дод: «Девонаи тапа-тайёр-ку ин. Ҷинӣ. Тез гард!» Сӯҳбат нотамом онҳо гурехтанд. Барзгар сар андохта, чашм ба хоки тари испор чапагардонда дӯхта, андешаманд корд кашид аз ғилоф ва рост назди навбасти гарданшах омад: «Ба қади ҳама бо оршини хеш ҷома бурранд онҳо».

Камази ӯ чанги канори роҳро ба осмон бардошта ҷониби шаҳр рафт. Ҳоҷӣ–раис роҳи вайронаи асри гузаштаро, ки дар ҳар даври чарх мошинро дакка дода меларзонд, бад дониста, бо канори роҳи пурхок равад, то Ороста озор наёбад:

– Ин хел одамҳои беақл бисёр: мисли шӯи ту, монанди ин деҳқон. Ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап не, якеш дос санг занад шабу рӯз; дигараш ба сари корд давад; Чӣ мо ҷинояткор ҳастем? То онҳо ба таги дунё мерасанд, ки олам чанд бор дигар мешавад. Одам бояд аз ин рӯзгори пурташвиш ҳаққашро ҷудо карда гирад; монанди заршӯ аз қабати реги зиёд зарраҳои тилоро ҷудо карда гирифтан лозим; на ки зуъм бояд кард. «Зуъми гадо – зарари гадо». Мо чӣ бадӣ кардем ба ӯ? Барои озод кардани писарат кори аз дастамон меомадаро кунем, гуфтем, ӯ чизе нагуфта кордкобӣ рафт. Ман ҳам корд дорам, шоф дорам... таппонча дорам. Лекин то ҳол ба тарафи касе рост накардаам. Беандеша. О ту аз ман пурс, роҳи халосӣ ҷӯй, на кӣ «пулам биравад» гуфта, корд гирӣ. Ба гумони хеш поктарин одами олам онҳо. Чӣ хеле ки аз ишками оча

баромада буданд, бояд ҳамон зайл ба ҷаннат бираванд. Неее... Кас чӣ навъе ки дар ин ҷаҳон умр ба сар мебарад, дар он дунё ҳам ҳолаш ҳамон. Зинда чӣ дидӣ, ки мурда, бинӣ?

Камаз ғайб зад аз назар, вале чангу бодаш бо тӯли роҳ буд.

«Як тан чанд ранг зиндагӣ карда тавонад? Коммунист, мусулмон, ваҳҳобӣ, суннӣ, шиъа; кинавару бадхоҳ батар аз ҳама. Чунинон барои нафси бадро қонеъ гардонидан ба ҳазор мазҳаб аъзо мегарданд. Мебофанд-ээ... Халқи оддиву нодону ноогоҳро сарсон мегардонанд».

* * *

Гӯйӣ навбаст солҳо ранҷи маҳкама кашида бошад, гарданак мезанад, лек шохҳо халалгор; шохҳои ӯ мисли шохҳои барзагови сиёҳ чуккаву тез нест, ки Барзгарро чу шоха ба сар бардорад. Балки ҷониби гӯшҳояш растаанд: агар сар ба Офтоббаро дорад, як шох ба қутби Шимолу шохи дигар ба қутби Ҷануб равад; агар дум ба қутбҳо дорад, як шох Ғарбу дигаре Шарқро ишора кунад. Аз ин рӯ натавонад аз миёни гӯшакҳои юғ сар бурун кашад. «Ҳуммм» гуфт навбаст, вале хеле паст буд садо; монанди садои гунаҳгоре, ки ба озодӣ бовар надошта бошад. «Ту ҳайвон, одам нашавӣ. Мисли раис танҳо ғами худатро хӯрӣ. Зани дигаронро зани хеш донӣ» шунид навбаст. Аммо ба маънии чунин ҳарфҳо сарфаҳм нарафт ё посух гуфта натавонист; зеро ӯ ҷуз баччаи гов касе нест. Барзгар чун илоҷе надошт, шавнии[1] гӯшакҳо шартӣ бо корд бурид. Корд ба ғилоф зада, канор андохт: «Хаёлашон корд баҳри куштан овардам. Дилу гурда ҳамин қадару писари маро аз зиндони Русия озод карданӣ. Хаёли зиндони «Учқудуқ» кунад. Гурезонданӣ... Тарсончакҳо». Юғро бардошт аз гардани навбаст ва шохбанд ба пояш баст, то нагурезад. Навбаст оне мулоҳиза дошт; андешаманд гардан андохта буд. Ба назар илоҷи воқеъа меҷуст. Барзгар зиёдтар аз ӯ дар андеша буд, то чӣ чора кунад? Гардани хеш зери юғ гузошта, ҳамроҳи барзагови сиёҳ ҷуфт кашиданист,

---

[1] шавнӣ – бандина.

вале касе набуд, то дастаи омоҷ дораду ҷуфт ронад. Ноилоҷ Буччаро баст. Бучча андаке кашид як ҷониби ҷуфтро ва дигар зӯр надошт. Монд миёни ангор.

Ин замон навбаст чӣ бӯ гирифт, ки сари хам бардошт ва гӯш чур кард. Аз Калтанова пода хамид. Навбаст майли пода кард; як нӯги шохбанд ба пояш баста буд. Бо вуҷуди он тохт. Ба сар рафт. Хесту майли тоз кард. Шохбанд кушода шуд аз пояш. Сӯи пода чашм дӯхту қарор истод. Ва бонг зад; бонги ҷавонона, ки ҳоло пардаҳои гулӯяш кушода нагашта буд; гардан ёзида, андаке сари хам боло гирифта, саҳл монда, ки зери гардан ба замин расад, бонг зад. Сонӣ дастак зада, хок канду пош дод размхоҳона ва бо шох замин чок кард. Барзгар, ки аз паси моли амонат меомад, ин ҳама мушоҳида дошт ва муродаш аз шохбанди он доштан буд. Вале якбора буққачаи маст бӯ гирифт ва дартоз шуд. Худро ба пода зад. Аз паси гушни модгову буққаҳо тохт. Ҳар буққачае, ки аз буққасоҳиб пеш гузашта ҳуҷумовар мегашт, ба зарби шохи ӯ гирифтор мешуд. Лек буқачаҳои масти рӯзи дуввум ба саҳро баромада кӯр буданд, ба зӯри ҷавонӣ бовар доштанд, бим аз шохи буққасоҳиб надоштанд. Каллахами ноогоҳ дар пойгаҳ аз дигарон қафо монданӣ набуд; пеш гузашт. Чун буққасоҳиб майл ба рост карда, ошиқеро шох задан хост, навбаст пушти модгов ҷаҳид. Ҳамон замон зарбае расид ба шикамаш, ки «бӯъ!» гуфт; чанд қадам савори думғозаи модгов рафту афтид. Говони дигар помол карда гузаштандаш. Подабон расид, Барзгар низ. Подабон корд аз ғилоф кашид. Барзгар дасти ӯ боздошт: «Накун ин корро... Шояд соҳибаш бовар накунад, ки гов зада кушт...Балки дили ман гӯшт кашид...»

– Соҳиб худат нестӣ?

– На. Соҳиб Мурод. Ба ивазаш гову хар диҳам ҳам шояд розӣ нашавад.

– Аз ин рӯ бояд ҳалол карду гӯшташро фурӯхт. Агар болой хоҳад, барзагову харатро медиҳӣ.

– Қабул намекунад...

– Ман гувоҳи ҳол мешавам, ки буққа зада кушт буққачаро.

– Ман чӣ кор кардам-а? Худамро ба ҷои ин буққачаи беадаб баста ҷуфт мекашидам, хуб набуд?

Подабон ҳайрон нигашт ба сару рӯи Барзгар, ба аҳволи буққачаи гӯли маст; сонӣ ба подаи дуррафта ва китфон дарҳам кашид. Баргашта корд ба наём зад ва асои ба замин гузоштаро бардошта равон шуд.

– Бибур каллаашро....

– Дер шуд...

Вале Барзгар нафаҳмид, ки чӣ дер шуд? Ҳоло пардаи сиёҳи шаб нафуромада; буққача ҷон надода, балки якпаҳлӯ хобида ҳар гоҳ сар ковок карда хестанист ва аз Барзгар гурехтанист; алоии чашмонаш фарохтар гашта, дилро воҳима ангезад. Аз пардаи даридаи паҳлӯ хуни зиёд шорида заминро тар карда ва баста, ҷигариранг гашта.

– Эй подабон, биё мағз бизан ё кордро ба ман деҳ...

Подабон нимрӯя гашта даст ба инкор афшонд ва аз паси пода тохт, ки аз роҳ баромада парешон гашта буд.

«Эй подабон! Муродро гӯй, ки омада ҳоли навбасташро бинад...»

Садояш то гӯши подабон нарасид. Дур рафта буд ӯ. Барзгар сари по нишаст рӯ ба рӯи навбаст ва ба чашмони алояш нигарист, ки ҳамин замон орому хомӯш гардад ва дигар нафаси аз бинӣ фағоназада хоки заминро бод надиҳад: «Ман беақлӣ кардам, лекин ту батар аз ман гӯлу гумроҳ будаӣ. Дар пӯстат нагунҷидӣ, сар нафуровардӣ, якравӣ кардӣ, гардан ба юғ надодӣ... оқибати кор ҳамин: болои сӯхта – намакоб. Чӣ гӯям ба соҳибат? Падарраҳмат кош «не» мегуфт; туро ба ихтиёрам намедод; болои сӯхта – намакоб. Худованд мушкили маро кӯргиреҳ кард. Инак осон нест чунин кӯргиреҳро кушодан...»

Мошине бозистод назди ӯ ва Мурод фуромаду подабон. Барзгар даҳон ба сухан накушода, Мурод даст бардошт, то ором бошад. Мазмун, нахост садояшро шунида, навбаст осема гардад. Гарчӣ Барзгар гунаҳгорона чашм ба ӯ дӯхту ба ҳоли навбаст. Мурод вонамуд кард, ки боке нест: «Як гӯсола будаст. Устухони ин хел моли қайсарро дандони саг ҳамвор бикунад... Сар бизан, подабон!»

Вале Барзгар аз оҳанги суханони Мурод фарқ накард, ки ҷавонмардӣ дорад ё киноя мезанад; як навбаст садқаи сар ё пушаймон аз ҳотамиву накӯкориаш.

– Муродҷон, барзаговро товон медиҳам...

– Ин хел нагӯед. Ин кори ману шумо нест. Фармудаи Худо. Одамон роҳравон афтода мемиранду...

«... Нeee... ин хел не. Ягон чизи дигар. Одамон барои як мурғ гӯри якдигарро мекананд. Ин одам мурдани навбастро аз Худо медонад. Худоро шафеъ овардан чӣ ҳоҷат, чун коре аз дастамон наояд, нақди ба даст афтодаро ба ҳаво бипошем. Мардак бе ягон дудилагиву андешаи таҳдор навбасташро дод, то корро сомон бикунам, аз дастам наомад. Нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор? Шояд сара кардану ба гардани гов юғ андохтан ҳам мактабе доштa бошад? Чунин чизҳоро, ки надонам, якбора ба гардани ӯ юғ бор кардам; ранҷид ё тарсид, рӯшан нест маро...»

* * *

Садои санг задани дос ояд аз мурғхона. Ороста дандон сояд. Сархам нишаста, бо гӯш шунавад, ки ӯ чӣ кор кунад. Оҳиста-оҳиста, сабук–сабук санг ба дос кашад; мазмун хаста гашта, дигар хуши санг кашидан надорад. Кӯдакеро бо - фиреб хобониданист. Чун ғалаёни дил боло гирад, тез дос кашад. Аз чунин парешонӣ ва номураттабу беҳушона санг кашиданҳо чанд бор ангуштон буридааст. Коғазпеч ё латтабанд гардонида боз дос кашад. Доси ҳилолшакл чу моҳи нав борику хароб гашта. Аммо зан нафаҳмад, ки ин ҳама чӣ маънӣ дорад. Алам аз оҳану санги сахт ситондан кам аст: «Ягон нияти дигар дорад». Дар сояи андаки садаи аз беобӣ танабаста ва хазони зиёд дар он андармон гашта нишаста; зону оғӯш карда; нохун хоида; ғамбода дар гулӯ гирифта, ба андеша равад... Дар байни ҳамагуна хаёлҳо ва парешониҳо ёд оварад, ки тори ҳамин шол ва болои кӯрпачаи махмали сурх бар зонӯи Ҳоҷӣ–раис нишаста буд. Чун ӯ нест, кӯрпача бардошта, нишаста бар шол, ёд орад кирдорро. «Гумонам, ки мардаки ман ҳеҷ гоҳ рашк набарад...» «Ин рашк не, нафрин...» Ва ғам хӯрд зан, ки чӣ андоза қадру қимат дошт, на-

зди шӯ; назди чунин шӯ, ки боре «чуну чаро?» нагуфта буд. Зан «муҳаббату эҳтиром» донист чунин муносибатро.

«Ин рашк не, нафрин». Пиндорам ӯ маро дӯст дорад. Ҳар коре бикунам, бубахшад. Зеро айби хешро донад. Ҳааа...»

– Дамат буромад-а?

– ...

– Албатта, ба ӯ гуфтӣ, ки шӯят ҳезалак...

– Бас! Худо гирад ҳамин зиндагиро!

– Зиндагӣ чӣ айб дорад? Худамон касони ноустувор. Аз рӯзе ки по пеш андохтанӣ будем, поямон ларзид. Ҳоло ҳам ларзад. Гӯё ҳама умр кори ноҷо бикунем, ҳамин лаҳза ба даст биафтем. Ошуфтаву парешон; як чашм пешу як чашм пас дар ҳаросем; танамонро ларза гирад ва дасту диламон ларзад; нокор гардем. Пас чигуна ба ҷое расем? Ба гуфти ҳакими эронӣ дар «нимароҳи биҳишт» бимирем. Чунки дар ин дунёву дар он дунё биҳишт ҷӯем. Касе ба дӯзах рафтан нахоҳад. Зеро азоби онро чун сурб дар гӯшамон рехтаанд. Вале ман нафаҳмам, ки ту бо чунин кас чун шинӣ дар як кӯрпача? Охир ӯ дирӯз коммунист буд ва дар ҳамон замон миёни дафтарчаи коммунистӣ ояҳои қуръонро ҷо мекард; Ҳоҷӣ шуд; аз ҳаромхорӣ ва duzдӣ чун муши амбор даст накашид; инро ҳама медонанд. Чун бозсозӣ сар шуд, овоза омад, ки Ҳоҷӣ билети партиявиашро сӯхтааст, имоми масҷиди гузар шудааст. Ҳозир агар партияи коммунистӣ барқарор гардад, ариза нависад, ки билетамро гум кардам; аз нав маро ба узвият қабул бикунед. Боре фикр кардӣ, ки бо кӣ сару кор дорӣ?

– Рашк?

– На. Нафрат!

– Ҳамон девона гуфт, ки шӯят рӯ надорад; як рӯз ҳамаашро ба рӯямон бикашад. Чашмдор набудам, ки ту чунин гӯӣ. Зуд ҳама чизро фаромӯш бикунӣ. Аём чунин буд: мактабу маъориф мисли дигар соҳаҳо фалаҷ гашта буд. Сағиронро мон, академикҳо бозорнишин шуда буданд. Модарони бесоҳиб духтарон ба савдо монданд чун солҳои ҷанги Бузург. Худи духтарон тан ба савдо монданд. Ба хориҷа сафар карданд. Ёд дорӣ, ки зани тоҷик савдогарӣ

карда бошад? Худи мо чӣ кор кардем? Мактабро аз рӯи орият давом доданӣ шудем. Хонандагон ба мактаб наомаданд: «Академикаш чунин бошад, хондан чӣ суд дорад?» гуфтанд. Илоҷ ҷустем. Чизи бозоргирамон як гов буд. Ҳамонро ҳам қассоб мехарид. Каси дигар пули харидорӣ надошт. Мол беқадру қимат шуд чун одам. Роҳамонро гум карда будем. Сангшиканӣ кардӣ. Талабгор надошт. Нав пулдор шуданд одамон. Хона созанд, мошин харанд. Чунки берӯзиҳо ба мурдану зистанашон нигоҳ накарда, ғарибкорӣ рафтанд; ба ивази саломатӣ пул фиристоданд. Қомати мардум рост шуд. Лекин ҳамон вақт Девона моро дастгир буд; умру ҷонамонро харид... Фаромӯш шуд-а?

– Ман як бор ҳам ба дари ӯ нарафтаам, занак. Надонам чӣ чизи ӯ туро форид, ки танатро бахшидӣ, канизак шудӣ. Шояд ягон чиз оварда нафси бади маро қонеъ гардонида бошӣ, аммо муҳаббатамро куштӣ. Ман чун ҳезуми тар дуд кардаму дар нагирифтам, ки шояд чашмат кушода гардад; кӯртар шудӣ. Гапу калочаи мардумро нашунидӣ.

– Думак зада, «раисҷон» гуфтан аз ёдат рафт, ҳол он ки ӯ раис набуд.

– Дар умрам назди касе думак назадаам. Донам, ки нони чунин касон ҳалол нест. Худаш ҳам ҳаром, дастархонаш ҳам. Ман одати ба рӯ кашидан надорам. Ҳамин қадар мегӯям, ки гушна мурдан беҳ аз сарқути чунинонро хӯрдан.

– Ношукр...

– Гуфтан гир. Як рӯз мефаҳмӣ. Ё...

– Шабҳо сари даҳанаи оби Рӯдак рафта ҳоли занонро бубин, ки барои навбати об чӣ моҷароҳо мекунанд. Аз бекорӣ не, аз ночорӣ. «Ниҳоли падар шинонда хушк нашавад» мегӯянд. Муаллими Нур дар паҳлӯи гӯристон хайма задааст, ки боғи меросиро сабз нигаҳ дорад. Аз боғ сари даҳана давад ва аз сари даҳана ба боғ, ки об расид ё на? Зиндагиамон – китоб, кино. Кинои бисёр маҳзун ва дилозор, ки солҳои Ҷанги Бузург ҳам чунин набуд. Ҷанги беяроқ, набарди фикрӣ вазнинтарин овард будааст. Ҷанги нафс батар аз он. «Гушна ба шер задааст». Меъда, ки ба хушк шудан сар кард, хуни соҳибашро мемакад.

– Профессор...

– Кош, адабиёт нахонда будам. Баду некро нафаҳмида мерафтам. Қадри Ҳоҷӣ–раисро намедонистам. Кӯрнамакӣ, носипосӣ мекардам... Ба сарат санги осиё гардон накардааст. Даст дароз кард...

* * *

Бар шоли сияҳсафеди рах-рах, зери садаи рангзард ва манзараи харобаҳои сарой Ороста наварӯс тобад: чашмони сабз, гунаи лоларанг ва чеҳраи баҳорӣ дорад. Аз он ки пайваста садои сангу дос ояд, шӯ банд аст; аз дидгоҳи сохтааш сӯи ӯ нанигарад. Машғули ҳунари омӯхтааш, такмил диҳад то гусастани торҳои асаб ё рух додани кору кирдоре. Ҳоҷӣ–раис ба сӯе нигарон, ки хурӯси кулангии сафед мокиёнеро пешандоз ин сӯ орад. «Дунё чунон сохта шудааст, ки дидаро моли худ бикунӣ ва дастат расидаро канда бигирӣ. Доноёнро даст ба оҳани тафсон часпад, илоҷ ҷӯянд, то қабати болоиашро канда гиранд; нодонҳо аз он ки зудтар аз бало раҳоӣ ёбанд, хоҳанд пӯсти дасташон дар оҳан часпида монаду даст ҷудо гардад. Ман аз ин рӯ бо ту ошноӣ дорам, ки феълат мисли феъли худам. Аз Олами равшан ҳама чизро гирифтан хоҳӣ, лекин роҳу равиш надонӣ. Ин дунёву он дунё чизе надорад. Лӯъбатакон дорад, дастихуш дорад, бозичаҳои кӯдакона дорад. Агар чизаке дорад бо ҳазор машаққат ба нӯги даст орему чун бод сар диҳем. Чунки бодоварда буд; бурд. Чунки ҳар чизи ба даст омада аз даст равад, аламаш зиёд: мисли вазифаву курсӣ ё сарват. То ба марг бирасонад; фалаҷу ниммурда гардониданаш бадтар аз марг; чунки дар ҳолатҳои баду нобоб ҳам кас умеди зистан дорад. Ҳамон хел, ки Худо ӯро дубора сиҳат гардонад ва ӯ корро аз сар гирад; кардаҳоро такрор нагардонад, таҷрибаро ба кор барад. Ҳол он ки ҳеҷ дард дармон надорад; ҳеҷ пир ҷавон нашуда ва ҳеҷ мурда зинда нагашта...

– Ҷуз Ҳоҷӣ–раис...

– Ҳамин хел: Исову Ҳоҷӣ–раис. Исо ҳуҷҷат надорад, лекин Ҳоҷӣ–раис ҳуҷҷат дорад: «Сабти вафот... шиносномаи

нав». Кору бор накунӣ, нашавад. Чунки ҷуз тамбалону безориҳо ва муфтхӯрон ҳама кор кунанд; хуб ё бад, кор мекунанд; мувофиқи тавон. Барои намурдан. Лекин миранд. Касе сутуни осмон нашудааст. Ба осмон сутун ҳам лозим нест. Ва азалӣ сохта шудааст. Накунӣ, нашавад. Зеро хар аз пои хар монад, думашро мебурранд. Ин айб. Думи хару мӯи духтарро буридан-айб; қасдситонист; баробари ба номус таҷовуз кардан. Лекин замона чунон гашта, ки занону духтарон мӯи хешро бурранд. Баракс, мардҳо мӯи дароз гузоранд. Чӣ монад ба дигар корҳо? Ҷаҳонгаштатар аз ман одаме набудагист: Тошканду Андигону Қӯқанду Марғилон, Самарқанду Бухоро гӯё шаҳрҳои худам; ин Маскову Бокуву Хоразмро ҳам дидам; Душанбе, Алмаато, Ишқобод то худи Маккаву Мадина... Бисёр дидам. Гӯё надидам. Гӯё нахӯрдам. Чунки чизи дина хӯрда фаромӯш мешавад... Ту ба ҳама чиз бовар дорӣ-а?

– Не.

– Не, нагӯ. Медонам, ки бовар мекунӣ. Ба чизе умед дорӣ. Мардро саг пиндорӣ. Хаёлат устухон партоиву ром бикунӣ, ба чашмат нигариста, думак занад.

– Ба шумо ягон чиз расида, Ҳоҷӣ-раис?

– Ба ман ҳеҷ бало намерасад. Бало метарсад аз ман. Феъли сардору суду прокурорро медонам; ба онҳо низ устухон партофтан лозим. Кори Худову айбро ба гардани мо бор бикунанд. Чунки ризқро мо тақсим накунем. Қисмату тақдирро мо ба пешонии касе нанависем... Пас мо набояд аз одам гиламанд шавем; набояд ӯро гуноҳу ҷазо муайян созем. Агар ҳукми носазо барорем, бар зидди хостаи Худованд рафтору кирдор мекунем. Фармудаҳои ӯро ботил бароварда, ҷурм ба гардани оне бор мекунем, ки кард ё накард. Додгару додситон ба сухани гунаҳгор ё бегуноҳ бовар накунад. Кореро сомон созад, ки фармудаанд ё хостаанд. Алами ман аз ҳамин. Аз пешонии шӯри худам мегӯям. Ман дар заводи орди Андигон танҳо тӯбрадор будам. Ҳамаро бо чашми сар дидам, дар ҷисми хеш санҷидам... Мурда, зинда шудам.

– Ҳааа...

– Ҳааа не, рост. Накушӣ, кушанд. Нахурӣ, хуранд... Ту китобӣ фикр мекунӣ, ман ҳаётӣ. Яке дар осмонҳо гардад, дигаре рӯи хок... Оқибат ҳама зери хок...

* * *

– Иш, иш! Бало занад, ту ҳам нағма барор! Поят шикаст, ки ба фӯк рафтӣ? Зор мон! Надонам, ки чӣ толеъ аст? Якеро дар хобаш диҳад, дигареро ройгон. Ризқаш аз осмон борад. Мани берӯзиро надиҳад; гирад. Як дон зери хок карданиам, ки даҳ дон шавад, мурғони гурусна тӯй бикунанд ризқамро. Моли амонат бимирад; моли худам қувват надорад. Инро бубин;. Ин тамошоро бубин. Худоро ҳам фораду бандаро низ, хари боркашу борбардор натавонад ин борро кашидан. чунон гарону сангин фармуда бори умри маро. Их, зор мон!

Буччa садоро нашунид, ки гӯши сиҳаташро ҳам начунбонд. Говрона хала кард. Аз думи хар дошта бардошт. Вай ҳавсалаи хестан надошт. Юғ бар гардан дасту по дароз карда буд ва нӯги юғ рӯи шудгор буд. «Хоктӯда пиндоштӣ-а? Ғел задӣ. Барои он номат хар, ки хокро ёбӣ, ғел занӣ, обро бинӣ, бишошӣ. Ҳайвон! Лек ҳоло мурдаи тапа-тайёр. Чун юғро аз гарданат бардорам, бӯи ягон мочахарро шунавӣ, буққача барин тозӣ. Ҳайвон! Хар!... Садқаи ему хошок шавӣ! Ними чав туро додам, ки одам шавӣ, нашудӣ. Ними дигар зоғон хӯрданд. Навбасти Мурод ройгон мурд. Суде нест. Ҳеч нафаҳмидам ин дунёро. Гӯӣ бар қасди инсон сохта шудааст; ҳамчун кирми замин, ки хуб чунбу чӯл карда, азоб кашад ва ба хок равад, ки кирмҳои дигар бихуранд. Ношукрӣ не, шаккокӣ не... аз ин зиёд ба назар нарасад... Их! Хез! Думатро канам, баъд мехезӣ? Ҳайвон! Наход нафаҳмӣ, ки азоб аз ин зиёд нашавад. Чӣ донӣ, ки дар дилу мағзи сари ман чӣ ҳаст? Ками дигар мондаст, ки ҳарду баробар битаркад ва оламро бисӯзонад; мурдаи туро ҳам, мурдаи маро ҳам. (Арақи пешонӣ пок кард ба остин, вале дасташ ба миёни ду шона нарасид, то нохун зада хориши он барҳам занад. Хориш танашро фаро гирифт; хаёлаш дар мағзи сар низ чо ёфт:) Бало

занад... Зиндагӣ чунин бошад, мурдагӣ чун шавад?... Балки аз ноӯҳдабарой бошад? Аз рӯзгори носомон, аз ҷуфти номуносиб бувад. Аз он ки дигаргуна ба воя расидему дар нимароҳи биҳишт бозмондем. Дар орзӯи биҳишт будем, онро тарконеданд. Ҳама чиз пош хӯрд. Инак ҳар пораро аз зери хоку кӯҳу камар ҷӯем; мушхонаҳоро кобем, ки ҷонвари эҳтиёткор шояд чизеро баҷо карда бошад... (Корди аз дарси рӯзи гузашта эҳтиётан гирифтаро аз соқи мӯза бароварда ресмони гӯшакбастаро бурид. Юғро бардошт аз гардани хар. Аз гӯшаш бардошта, хезондан хост. Дастонаш рост шуд. Чун ҳайвонҳо нахуст пои пас бардошта бархезанд, хеста натавонист. Аз дум дошта бардошт. Хар нимкора зӯр карду ба даҳон рафт ва Барзгар як гавронаи обдор ба думғозааш зад. Гӯӣ ҳама алам биситонд аз хар. Дар чунин ҳолат ҳам нахест ландаҳӯр. Барзгар дигар илоҷе надошт. Сахт ба танг омада буд. Боз бо остин пок кард араҷи пешониро. Сахт мондаву шалпар гашт. Ҷои нишаст набуд. Бар хар нишаст. Қасдан, аз алами зиёд. Ва пай бурд, ки хар низ чӣ қадар тар шуда аз арақ.) Аз занак ҳам дарак нест. «Нонро пазам, аз пас меравам» гуфта буд. Аз афти кор хамираш нарасид.

Гоҳи сари огард гаштан дид, ки як пайкари лоғар миёни дашти дароз бо канори роҳи мошингард мӯрона роҳ меравад; на ба канор нигараду на ба пас. Хаёлан дарёфт, ки мисли ӯ дар зери бори гарони андеша хаста ва шалпар гаштааст ва поҳояш мадори рафтан надоранд. Бори сангии ноаёни рӯзгор аз тори сар пахш кунад; дар дӯшаш низ савор аст ва боз дар дастонаш овезон; пояш низ завлонаи гаронвазн дорад, гоҳи гашт ба сони ноқусҳои калисоҳои ғарб садо дода гӯш ба қомат оранд ва мағзи сар гиҷ кунанд. Чунин хаёл, пиндор, ё андеша танҳо тавонад ба сари Барзгар ояд, ки ҳар ду як борро кашанд ва як ғам доранд. Ба назараш баъзан ларзад он пайкар, аз боди дашт ё аз бемадорӣ. Гоҳе ноаён гардад паси пардаи оби чашм ва оне руъёӣ тобад. Мижгон ба ҳам занад ӯ, то оби чашм ба гуна шорида, лаҳзае нур гирад ва аз нав бинад он пайкари наҳифро, сурати дури омӯзгори кӯдакони деҳро, ки аз амри тақдир ё носипосии

замон падруд гуфтааст дабистонро. Оқибат дами рӯд бод пешандоз орад. Бори сар доштанӣ шавад, лек дастон низ бори гарон доранд. Боз истад ӯ барои мувозинатро нигоҳ доштан; боз равад. Вале Барзгар бинаду надонад, ки кист ӯ ва чаро чунин ларзон мисоли ниҳоли сафедор; хаму рост ҳам шавад? Вале зан сада пеши назар дорад, ки одамони зери онро як назар дид гоҳи гузар. Нахуст хандаву завқмандӣ ва даҳонкалониашонро шунида, пиндошт ба ҳоли ӯ ханданд, вале чун диққат дод, дигар чиз мегуфтанд. Ёри Ашӯр даҳон то баногӯш ҳикоят дошт аз вилоят рафта омаданаш. Ӯро ваъда додаанд, ки ба даштҳои сӯхтаву лабташна об бароранд. Ноҳия ин корро ба гардан нагирифт: «Хобҳоро об бурд. Замоне омадааст, ки гуфтаҳои маъюби Ҷанги Ҷаҳонӣ Амони хирманкӯбро тасдиқ кунанд: «Худат кору худат дараву худат кӯбу худат хур!» Ҳамааш дуруст, лекин Амон «худат об деҳ»-ро фаромӯш кардааст. Ёри Ашӯр, ки ҳақиқату инсоф дар даҳонаш як рӯз мирад, хаёли замони шӯравӣ карда, идора ба идора тозад; дар бисоташ чиз намонда, фурӯхта пулашро роҳкиро бикунад, то халқи ташна лаб тар гардонад. Аммо ба додаш касе нарасид. Баъд ҳама алами дилашро ба сада гӯяд ва сабукруҳ гардад. Сарони ноҳия ба ободгарӣ наомадаанд, хӯрданӣ омадаанд. Қариб ҳар рӯз зери сада маҷлиси пирони деҳ гузарад, вале касе ба додашон нарасад.

Қиғу биғи мурғон баромад. Чангу ғубор ва парҳои сабуки ҳарранга аз бом боло шуда ба ҳаво рафтанд. Дар саройи мурғон ҷуз шӯ касе набуд, то садо барорад. Гумон: мурғонро қир кардан доранд рӯбоҳу шағол. Вале садое ояд, ки каси назъи ҷон аз касе мадад хоста бошад: «Ана ферма... ана тухм... ана чӯҷа...» ва бар ҳар садо мурғон қиғ-қиғ овоз бароварда, боло ҷаҳиданду гурехтанд ва ҳавои мурғонча такорӯ бишуд. Чангу ғубор бӯи пору биовард. Сонӣ садои тап-тап ба девор бархӯрда, шикаста ва пош хӯрдани як чизи беҷон омад. Ва садои гурези мурғон. «Девона, чӣ кор мекунӣ?!» Зан пурсид, сар аз болои дарича пеш оварда, кирдори ноҷои шӯ дида. Шӯ нашунида ангошта, тухм ба

девор зад, ки шикаста, зардиву сафедӣ якҷоя пош хӯрда, дар танаи девор шорид. Ё мурғ ба неши дос омад. «Ҳамаро куштӣ! Ман чӣ ҷавоб медиҳам?» «Ҷавобат додагӣ» фармуд шӯ дар худ, вале ба зан чизе нагуфт. Давраҳои аввали хонадориашон мебуд, зан тозон даромада ӯро оғӯш карда сару рӯ мемолид: «Накун». Ва ӯ хап мешуд, ором мегашт. Валек дар он замонҳо ҳеҷ нашудааст чунин кирдор. Зуъму озору ранҷиш буд, аммо ғазаб набуд, зӯриву ситам набуд; баъзан мард буданашро фаҳмонданӣ шуда зуъм мекард ва хӯрок намехӯрд; гӯё чанд муддат «гуруснагӣ» эълон мекард; сонӣ чун офтоби аз зери абр баромада механдид. Ҳолиё девона шудааст; алам аз мурғу тухм ситонад. Зан тарсад аз наздик шудан. «Баҳона ин ҳама, то ки ман пеш равам ва ҳамон теғи тезро ба ман занад. Гӯё ман нафаҳмам сабаби рӯзону шабон, ҳатто дар торикӣ санг задани досро».

– Ин чӣ кори кардаат?!

Раги дасту пои шӯ кашид, ки сурат шуд; сояаш дар девор наҷунбид. Сояи ҳайкал барин. Шояд аз рафти офтоб номаълум дароз ё кӯтоҳ шавад ё хам хурад, Ҳолиё накш бастааст. Чун ҳама садоҳо хомӯш гаштанд; мурғони тарсу канор рафта, гардан ёзида тоҷу ғаб-ғаб ларзониданд аз ҳаяҷон, шӯ нимрӯя гашта дос андохт сӯи зан. Дос ба дарича бархӯрд. Зан хам хӯрду гурехт, зеро ваҷоҳати ӯ аз андоми девонаҳо батар буд. Доду фарёд назада гурехт; чунки дар сарой касе набуд, то ба додаш расад. Аз дарвоза ҳам баромад. Ҷониби деҳа тохт.

* * *

Аз гушнагӣ шикамаш заъф зад, лекин парво надорад. Мурад ҳам бояд корро ба сомон расонад. На аз он ки қаҳтиву хушкии ду сол болои ҳам омадаро дод ситонад, балки зери таъна намонад. Сабз шавад, он тарафаш кори Худо; борон диҳад ё на? Ҳарфи он баднамо – намояндаи кумитаи заминро нашунавад: папкаи аз замони Доқёнус мондаро зери каш зада, ручкаи пешкиса рангкардаро кашида «ҷарима се ҳазору шашсад сомонӣ» гӯяд. Ва тани Барз-

гарро мурғак даваду ларзад, то говрона ба сараш нафарорад. «Кӯр нестӣ. Бубин, коридам. Бо чӣ азобҳо. Зоғ чид. Мондагиаш аз бенамӣ сарпечак шуд. Нешзадааш аз беобӣ хушк шуд. Ба сари ин насосчиҳо ҳам рафта дод зан! Аз кӣ ҷарима ситондӣ, ки ба сари ман дод бизанӣ? Гум шав! Зудтар гум шав!» Ва алам хурӯҷ кунад. Ин ҳарфҳои соли хушкӣ. Донад, ки бадранг қасдан омада сар вайрон кунад, то пешакӣ азоби гӯр кашад. Аҷаб сохту замона: пеш ҳама чизро талаб мекард; чунки ҳақ дошт: мекориду музди кор медоду ҳосил талаб мекард. Ҳозир ба ҳар нохонда як папка додааст, қасбашон дӯғу пӯписа ва санад сохтан. Лекин чун даст ба киса барӣ, ба рӯяшон ранг давад.

«Дигар набиё!»

– Ман намояндаи кумита. Омадану наомаданам аз ту вобаста не.

Барзгари зери обу арақ монда, хаёлан, даст аз дастаи омоҷ бардошт ва пеш омад:

«Чӣ гуфтӣ?!»

Намоянда гурехт. Барзгар говрона аз пасаш андохт чунон ки сӯи зоғон мепартофт. Ҳол бад шуд. Зери обу арақ монд. Сари по нишаст ва сар ба каф дошта, чашм пӯшид, то рафтани ӯро набинад. «Инҳо «Худо!» гуфта будаанд, то ба ин рӯз расем. Гӯё ман надонам, ки ӯ барои чӣ ояд? барои пул. Вагарна дунёро об барад, кор надорад. Напурсад ҳам; илоҷ наҷӯяд; рӯ панаҳ кунад. Дар сари ош – бакавул, деглесӣ ояд. Вақти хирман кавсанггирӣ ояд. Ай Худо! чаро ҳаминҳоро ҳам офаридӣ?! Донам, ки маро барои ранҷу кулфат офаридӣ. Инчунинонро ба чӣ хотир офаридӣ, ки даст ба оби хунук назананд; халалгор бошанд? Говро барои он хидмат гузоранд, ки шир диҳад; харро ем диҳанду хошок, зеро савор барад ва хизмати зиёд кунад. Ин дупоҳо на ба халқ хизмат кунанд, на ба давлат. Пули ситонидаро ба хазинаи давлат месупурд, коре буд; ба ҷайби хеш занад».

– Бооо... парч!

* * *

Тобути писари Боязидро овардаанд аз Русия. Дар Хуҷанд.

Роҳ нест, ки рафта биёранд. Дашти Амондара фурудгоҳ мешуд, ин қадар азоб набуд. Миёнараве бо котиби горком «Ота-бола» буд, нагузошт, дар ин ҷо фурудгоҳ созанд; чунки деҳаашро аз ин ҷо кӯчонидан лозим ояд, гуфтанд... ва дар Бӯз фурудгоҳ сохта нашуд. Акнун азоби алимро халқ кашад; дар миёни шаххову кӯҳҳо сангбанд. Телефон занӣ, зангатро нашунаванд; дод занӣ, Худо ҳам нашунавад. Дар миёни чорсанг мондаем. Мурдаи фарзандро оварда нашавад. Ба дафни наздикон расида натавонӣ; ин чӣ рӯз? Лаънат ба чунин ҳамсоягарӣ, ки роҳи касро бандад. Бисёраш гапи мардум. Лекин роҳ набуданаш рост: чӣ қадар одамони пиёдаву савора «аз ағба гузарем», гуфта зери тарма монданд: чӣ шумора касонро минаҳои таркидаи сарҳад лахт-лахт кард. Дар осмони водӣ таёраву чархбол пар назанад. Чунки дар ҷаҳон танҳо чанд фурудгоҳе вуҷуд дорад, ки аз самти Шимолӣ рӯ ба Ҷануб нишинад. Агар рӯи рудбор ғубор хезад ё боде вазад, ҳавопаймо наояд; чунки нишаста ё паррида натавонад. Аз ин рӯ дар Бӯз фурудгоҳ сохтан ё насохтан афсона. Валек ҳар раиси нави шаҳр нақша аз он сар кунад, ки дар Бӯз фурудгоҳ созем; аз Ургут ё аз тарафи Сарой Камар роҳи оҳан ояд. Бузак, намур, ки баҳор ояд! Кадоме аз рӯзноманигорон навишта буд: «Зарафшонӣ, дар зимистон намур!» Лекин як чархболи зардбол ҳар рӯзи чоршанбе бо садояш кӯҳҳоро ларзонда ояду равад ва ҳама донанд, ки он барои чӣ ояд: тилои Тарорро барад. Чанд бор вақтҳои вазнинӣ чархбол ташкил карданд; нархаш гарон буд. Зӯр рафту зор монд. Он ҳам вақтҳое буд, ки дар роҳи ағба нохушие рух диҳад; мардум шӯр набардоранд. Боз хомӯш шуда рафт.

Барзгар миёни хонаи сарду бебарқ рост аст, чунон ки дар сари кишт: «Дар деҳа Боязид ном касе нест. Чаро писари Боязид гӯянд?» пурсад аз худ, вале аз касе чизе пурсида натавонад: «Дар Майкада ҳам нест чунин ном; дар Ёрӣ ҳам. Дар дигар деҳаҳо ҳаст ё не, надонам. Шояд... Ё?... Худо нишон надиҳад. Шояд нахустпайке, ки оварда, руст карда бошад номи падарашро? Номи кушта ҳам рӯшан нест. Зада куштаанд ӯро. Мошинҳои кирокаш ва бурдану овардани ғарибкоронро одаткарда то Хушекат рафта дар мондаанд;

зеро дар ағбаи Хушекату тарафи соярӯ – Шаҳристон тарма фуромада роҳро банд кардааст. Булдозерҳо имкон ё хуши тоза кардан надоштаанд. Ҳар кас ба сари худ хӯҷаин: имрӯз тарма фурояд, ҳатман бояд баъди чанд рӯз тоза кунанд. Бечора рӯз бинад, рӯз дароз шавад. «Очеш! Боязид кӣ?» «Боязид? Боязид... Боязид ин вай... Ана ун кас.. Ба хаёлам Бозиё. Не вай писар надорад. Чор духтар дорад. Набераҳояш хурд; лоиқи ғарибкорӣ нашудаанд... Боязид... Боязиид... Бо-я-зид... Нашинохтам. Ин хел одам нест-а?» «Нест... Ин ҷо ягон сир ҳаст. Касе, ки хабарро овардааст, донад. Тилфонбадастҳо ба куҷое занг зада пурсиданд, касе надонад. Илоҳи дурӯғ бошад. Илоҳӣ касе намурда бошад. Бе ҳамин ҳам дар деҳа мард намонд: ё дар ғарибкорӣ ё дар гӯристон. Дар ҳамон дуриҳо ҳам бимиранд. Пули кор мурда оварда натавонад, бо вуҷуди он раванд. Пул чизи ширин...» «Пул чизи ширин не, ягона сармояи зиндагӣ. Сад рӯз дар кӯчаҳо ҳел-ҳел гардӣ, як сомонӣ нарӯяд. Дигар илоҷ нест, мардак! Дигар роҳ нест, дадеш!»

– Гиря накун! Чӣ гап? Магар... Магар... Очеш, очаҷонаш... магар?

– Надонам... Илоҳӣ дурӯғ бошад.

– Дурӯғ! Дурӯғ. Ман одам монда омадам; Сергей дар наздики ҳабсхона зиндагӣ дорад. Гуфтам-ку, чанд муддат дар хонаи ӯ будам. Қавл дод, ки аз ҳолу рӯзи писар хабар бигирад; ягон гап шавад, хабар диҳад... Дурӯғ, очеш. Вай одами хуб. Русҳо одамони ганда не... Ту ором шав. Ҳамсояҳо фаҳманд, зуд овоза бикунанд, касе бошад, Барзгар гуфта натавониста, Боязид гуфтааст... Гиря накун, гуфтам-ку! Худо бузург аст. Ҳабс кард, бас. Наход кушад ҳам?! Дар номаш ҷонам.

– Дар номи покаш мурам. Худаш нигаҳбон...

– Гуфтам: наравад, гуфтед, ки равад. «Дар ҳамин ҷо чӣ кор ҳаст? Об набошад, ки ниҳол сабз кунад». Ана ниҳол сабз кард. Азоби ҳамон ҷоро дар ҳамин ҷо кашида, дар даҳонаш аз дарё об кашонда ниҳол сабз мекард.

– Ба баччаҳои инзамона чунин кор мувофиқ нест. Бояд боло паранд. Беболу пар бошанд ҳам, бояд бипарранд. Ин

мошин аз сари ҳама монад. Бе мошин умрамон гузашт. Аз пои равонамон намонем. Ба баччаҳои инзамона пиёда гаштан хуш наояд.

– Гуфтам: «Нарав. Таҳкурсӣ партофтӣ, санг шикан, девори иморатро бардор; сафедорҳои пушти хонаро бурида, бомашро пӯшон... гӯш накард. «Пул кор карда биёрам, ҳамаашро камази Ҳоҷӣ меорад» гуфт. Ана камази Ҳоҷӣ. Дар зери барфи ағба. Ороста ҳам андарунаш, гӯянд.

– Дурӯғ! Нав ман дидам камази Ҳоҷиро. Ороста дарунаш, гузашта рафт.

– Илоҳӣ дурӯғ бошад...

– Рост, дурӯғ...

«Худоё, дурӯғ бошад... Оча мурад! Як бор пул оварда, хона месозам гуфт... Бори дигар доллар оварда, зан мегирам, гуфт... Оча мурад, ба зану бачадор!»

Барзгар назди Одина почтачӣ рафта ба Сергей занг зад: «Аз Боязид хабар дорӣ?» «Кадом Боязид?» «Оҳ, бубахш! Ҳушам ба куҷо рафт! Аз писарам!» «Хабар надорам! Ман дар сафар! Дар худи Челябинск!...» «Хабар надорам, гӯ...» «Хабар надорам»... «Хабар надорад. Ман ба умеди ӯ шудам. Қавл дода буд, ки ёрӣ бикунад; аз зиндон барорад. «Пул» гуфтам. «Лозим не» гуфт. Не, пул лозим дар ҳама ҷо. Модари зиндагӣ – пул...Шоҳ ҳам пул, вазир ҳам пул... Кори Ҳоҷӣ-раис дуруст. Лекин ҳамроҳи тирмизакаш омад, маро сахт расид... Не. Худи пул нест. Бошад, худам ҳам бурда, одамашро ёфта, як бало мекардам. Ба Худо мондагӣ рӯз. Илоҳӣ, зинда бошад. Дар зиндон бошад ҳам, зинда бошад...»

«Дигар ба умеди обкаши Дупула ё насоси пушти Сарой шудан лозим нест! Барои гапи ҳақро гуфтан ва киштаҳои хушкидаи Дашти Малларо сурат гирифтан Боаюбро девона бароварданд ва то девонахона бурданд. Сарпизишк ӯро шинохта, ба хоҳиши пизишку пизишкёрон гӯш надода, хулоса баровардааст: «Боаюб девона нест; додхоҳ!» Раҳояш кардааст. Боаюб аз баҳри киштаву дошта баромада, кӯҳ рафта,

дар ғори Уқобхона маскан гузидаст. Сарпизишкро дар бало печонда, ҳардуро миллатгаро эълон кардаанд; зеро Боаюб гуфтааст, ки насосчиҳо дар моҳи июн об бароранд, ки даштҳо сӯхта. Чун даштҳои Дур аз об барояд ва навбати Дашти Малла расад, об хушк гардад: ё обкаш шиканад ё барқ хомӯш шавад. Ёри Ашӯр чунин носозиҳоро бинаду шунавад, девона шавад. Аз ин рӯ вилоят рафтааст. Бо яке аз ҷогузинҳои волӣ во хӯрдааст ва ӯ қавл додааст, ки рӯзе ба дашти шумо об барояд... Даҳони Ёр то баногӯш зери сада ваъз гӯяд. Дигарон ханданд: «Хестӣ, ки хобат. Дар ду дунё об набарояд. Обкашҳои бударо кор фармуда наметавонанду...»

Сари гиреҳ чигил, ҳар тараф гардӣ, пешонӣ ба девор занад. Зеро... ҳамин хел.

«Ба умеди Баҳовиддини балогардон нашавед, буттаро маҳкам доред. Ин кор дар дасти худамон: аз баччаҳои Россия рафта пул талабед. Як одами боинсофро сардор бихонед! Лекин аз касони пуртуллак набошад. Як одами худотарси хонааш фақиронаи гулӯтанги шикам ба пушт часпидаро биёбед, ки ҳақи кас ба гулӯяш равад, дудаста дорад».

«Чунин касон дар гӯр!»

«Аз гӯр биёред!»

– Ҳамааш хубу бо Боғбон сарбасар шуданатон хуб нест.

– Бо ҳамон ҳам ягон гап дорӣ?

Оҳиста ва хеле нарм пурсид Ҳоҷӣ–раис, то мурғаки зебову хушгуфторро нахӯсонад; зеро ягона рақибе, ки бо ӯ сарбасар шуда тавонад Боғбон бувад. Ҳолиё нӯги риштаи сухан аз даҳони муаллимаи пурхонда баромад ва онро сардор сахт дошт ва бояд раҳо накунад:

«Боғбон, Боғбон... Кӣ ӯ?! Мисли ман чил сол боз дар «ғарибӣ» буд. Ман дар шимол будаму ӯ дар ҷануб. Хонааш рафта будам. Бисоташро дидам: даҳ – понздаҳ ҳазор рубл муамла дошт. Дар хонаи давлатӣ мешишт. Шумо ба гапҳои ҳамон хел булбулакон бовар мекунед: «Барои халқ месозам; роҳи дури мардумро наздик мекунам; Кор осон мешавад» дурӯғ ҳамааш. Беғарзи ғами худ дигар ғам надоранд онҳо;

хари ҷӯгиро об деҳу пулаша гир. Онҳо доғулӣ. Ману туро лаби об ташна бурда, ташна оранд...

– Оҳиста! Гов!... Бош-э, сарата хурӣ! Дар байни роҳ... Ҳа. Роҳро соз бикунем, гуфта шудгор карданд. Мошини Раҷаб дар чанг монда бо мошини меҳмонҳои хуҷандӣ бархӯрд.

– Муаллима, гапа дигар ҷо набар. Гӯр ҷудо, гӯрхона ҷудо. Ун одам бо мо соз намегирад. Ҳақҷӯ.

– Буд.

– Буд. Ҳозир ҳам ҳаст. Бовиҷдони аҳмақнамо, ки ҳаст, раги шахи гарданаш имкон надиҳад, ки ёрӣ пурсад.

Мошин тормоз хӯрд ва сари Ороста ба пешоина бархӯрд.

– Фуро! Агар ту депутат шавӣ, надонам чӣ корҳо кунӣ?

Боғбон ба маъракаи соли амак омад ва ҳама чизро мушоҳида кард: аз рӯзгори мардум огоҳ гардид: Саге дум меликконд канортар ва ду чашм ба дастархон дошт ва ба ҳар табоқи оши дасти хидматгузор. Боғбон як бурида нони сиёҳ аз хон бардошт ва сӯи саг андохт. Саг бӯй кашиду нахӯрд. Аҷаб омад Боғбонро. Ҳамтабақаш гуфт: «Намехурад». Боғбонро аҷаб афзуд, ки чунин саги лоғару гурусна нон нахурад? Андаке пучид аз лаби бурида ва ба даҳон андохту хоид. Талх буду сақичак ва аз гулӯ нагузашт. «Нони бӯрчоқ» боз фармуд ҳамтабақ ва афзуд: «Колхоз баҳри чорво бӯрчоқ корида буд. Сол безеб омад. Ғилофакҳо шукуфта, донҳо рехтанд. Имсол имкони коридан нашуд: тухмӣ нест, сӯзишворӣ нест, қувваи корӣ нест. Рехтаҳо сабзиданд дар баҳор. Бӯрчоқ пухт. Ин нони ҳамон бӯрчоқ». Боғбон сар ҷунбонд ба миннатдорӣ ва ба андеша фурӯ рафт. Надонист чӣ гӯяд ва чӣ кунад. «Ош гиред». Ҳушёр карданӣ шуд ҳамтабақ ӯро. Вале тиккаи оши палав дар гулӯяш руст монд ва талхтар аз луқмаи нон буд. Косаи об аз дастархон бардошта як қулт гирифт ва оши даҳонро якҷоя фурӯ бурд ва даст пок кард. Ош дар гулӯи ҳамтабақ низ бозмонд ва ӯ дасмол гирифта сар афшонд: «Тақдир».

«Ин камази нав аз они Ҳоҷӣ. Чӣ хел бикунанд, чӣ хел биёбанд? Тавонистан лозим. Чу ман зуъм карда, «Худо ризқро ҷудо кардааст» гуфта шиштан гирӣ, ё мӯсафедони таги сада

барин риш панҷа зада, баду неки дигаронро гӯӣ, якат ду нашавад; буда ҳам тамом гардад. Ба гапҳои аз телевизор гуфтаи касон ҳам кор доранд-э! Гӯё ҳама кор ва ҳама кирдор ба хости онҳо бояд шавад. Чун ақлашон ба чизе надавад, матал бикунанд. Барзгарии ман ҳам матал шудааст. Новақт коридаам ё вақтро гузаронидаам. Ҳамин ҳам мушкилоти онҳост. Надонӣ, ки чӣ ҳол доштам. Ба сари касе наояд. «Рӯзгор оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад». Ана ҳамон, ки миёни хобу хаёл шабаҳвор биёяд, очаи баччаҳо. Лекин пирони гӯё ҳамадону ҳамабин дар бораи занҳое сухан гӯянд, ки дар оинаи нилгун дидаанд: «Зан ӯ, зиндагӣ он. Андаруни ҳавзи мармар ба сони ширмоҳӣ гардад. Дар сари хони неъмат паривор даст ба таъом дароз бикунад, то нохунаш насӯзад. Занҳои мо дида орзу кунанд; баъзе йӯрға баровардаанд, баъзе лӯкка; порагиҳо чорнаъл раванд. Очаи баччаҳоро ғами писар пир кард. Ҳарчанд гӯям, ки як баччаи ману ту не. Бисёр касон гирифтор; маргсандуқи аз Руссия фиристодаашон рӯи қабристонро пӯшад, бовар надорад. Гумонаш танҳо писари мо дар чунин ҳол бошад. Боз кӣ? Ягон каси бегона не, худиҳо кардаанд ин корро; ғарриву пешхезӣ: каҳдонро оташ зада, ба милисаи гузар занг задаанд, ки авбошро бубар. Ба онҳо баҳона лозим. Бе занги ту ҳам сартарошидаҳои навбаромад қирони одамони гандумгунро оварданд. Духтаронаш мардони зану баччадорро шӯ гирифтанд. Мардони худашон ғарбтар рафтаанд ва занҳо шӯи зӯру хидматгори муфт ёфтаанд. Айб дар чӣ бошад? Дар ош ё дар мош? Агар-агар... Агари бисёр. Ҳар қадар ҷӯиву тагашро кобӣ, ба тагаш нарасӣ. Касе поёни чоҳи бетагро пайдо накардааст. Ва хок аз хӯрдан сер нагаштааст. «Очам чӣ хел, дада?» «Нағз...» Чӣ хел ба ӯ «зиндаи мурда барин» гӯям? Гуфтаи худам. Ҳардумон ҳамин хел: зиндаи мурда. Мехурем заҳрвор, хоб меравем мурдавор, мегардем мӯрвор... Ягон чиз каму зиёд нашавад. Танҳо роҳ дарозу умр кӯтоҳ гардад. Нафаҳмам, ки чун об аз гулӯ гузарад. «Мардак, ягон чиз хуред, пӯсту устухон гаштаед». Ва гулӯи ҳардуямон руст шавад. Агар дар тан ягон қатра об бошад, аз дидаҳои кӯр зада бароянд, ки дидаву дониста, барои қонеъ гардонидани нафси шум, баччаро ба ғарибкорӣ фири-

стодем. Не, волло, худаш рафт. «Мошин гирам, ин хонаҳои бобоиро чаппа карда, тарҳи нав андозам; дасти бачаҳоро ҳалол бикунам, боз...» Нагуфт давомашро. Лекин ман пай бурдам, ки хароҷоти гӯру чӯби моро дар назар дошт. Қарзҳои раҳпулиро дар назар дошт; зиндагии одамворро дар назар дошт, ки ҳаммом надорад хонаҳо. «Ҳамаашро омӯхта оям ва бо дастони худ созам» гуфта буд. Ҳол он ки бо ҳазор азобу машаққат пул пайдо карда, оранду усто андозанд ва усторо ба зану фарзандашон ҳавола карда раванд, то боз пул кор бикунанд. «Иморат – ғорат. Сар кардӣ, ба охир расон. Вагарна мисли Сарой вайрона монад... Биё занак, ман гиря накардаам. Ба чашмам гард даромад. Мошинҳо чанги роҳро бароранд, чашми касро кӯр кунад». Беихтиёр чашмонашро пок кард бо нӯги остин, то зан низ оби чашмашро дида гиря накунад. Ва нигарист ба миёндаштии он соҳили руд. Селаи сиёҳи зоғон парвоз карда гузаштанд ва пеши чашмонашро гирифтанд. Чун боз гаштанд зан нанамуд. Бо диққат нигарист; дасташро лапар карда зеҳн монд аз зераш, надид касеро. Рафти роҳро аз назар гузаронд, ки шояд ба мошине савор шуда бошад, мошине натофт. Дарёфт, ки ҳама чиз ба назар тофтааст: «Девона бикунад» пичиррос зад. Аммо нагуфт, ки чӣ девона кунад. Ҳамин қадар, ки дар сар танҳо андешаи писарро дорад ва чашмаш дар роҳ, ки зан бояд биёяд. Дигар каси хабаргир нест. Ҳар кас ба ҳоли худ; яке парвои дигаре надорад. Дар замони шӯравӣ дар меҳмонхонаҳо сӯҳбатҳо ё маъракаҳо гапи тамоку буд: кӣ чанд кило супурд, кадом навъ ва рӯзи ҳисоб чанд пул бояд гирад ё гирифт. Ҳолиё кӣ ба Руссия рафту чӣ хел рафт ва кӣ омаду чанд доллар овард. Баъд чӣ кор кард ва дар бозгашт боз аз кӣ пул қарз гирифта рафт. Ин хел чизҳо дар сӯҳбатҳои умумӣ ва чақ-чақи зери сада. Дар хапхонаҳо гап-гапи замингирии Боғбону гурӯҳи мухолифин, ки бозгашт заминро гирифтан хоҳанд ва кадом раис чӣ қадар хӯрд.»Ҳамаашон ваъда ба беҳиву ободон ва обшор кардани заминҳо диҳанд. Чун раис шуданд, ҳасибашон ях гардад».

Шаб зан гуфт, ки Ороста наздаш омадааст, то ёрӣ бикунад писарамонро. Ва хоби Барзгар набурд тамоми шаб. Гоҳи ба саҳро рафтан ҳам ба худ набуд. Давоми фикру хаё-

ли шабина дар сараш, ки бо кадом роҳ писари ӯро аз зиндони мулки бегона озод мекарда бошанд? «Албатта доллар ё пули русӣ». Чунки Барзгар дигар роҳи муомилаву мубодиларо надонад; гӯшаш бод бурда бошад ҳам, надорад, ё надидааст бобои мазангро, ки «шира» ё «сиёҳак» ном баранд. «Ҳааа – сар чунбонад худ ба худ – инҳо маро қурбон карданӣ, то паҳлӯи писарам рафта зиндонӣ гардам. Ҳоҷӣ пурдида. Бо нағмаву найрангсозони заводи орд бисёр бурду балоро дида. Одаме, ки худро миронда, аз нав зинда шудааст, магар кам кор аз дасташ ояд? Ман бо эшон ҳамтабоқ шуданӣ нестам. Худо писари маро дар обхона пуссонад ҳам бо инҳо сар ба сар нагардам. Худо аз фарқи сарам зад, лекин носипосиву гуноҳи хешро надонам. Шояд ногапӣ аз ин дунё рафтани модарам бошад? Ин гуноҳи кам нест дар назди модару Худованд. Лекин аз меҳру муҳаббате, ки ба падар доштам чунин борро ба дӯш гирифта натавонистам: Модар баъди марги падар ба марди дигар майл кард; ба болои зани ӯ рафтан хост. Нашуд. Ҳам худрову ҳам моро шарманда кард ва маро таънашунав. Ҳамин ҳамааш. Мурду бо ӯ ҳамсухан нашудам ва ноорштӣ рафт. Инак Худо азобам диҳад, ки ба қадри шири модар, ки нарасид, ин кас ба қадри дигаре нарасад. Албатта чунин ҳукм; баландтар аз ҳукми ҳамагуна довар...»

– Хар! Поҳои шикастаат йеми гург, азобам бидиҳӣ. Боркашиат бори нахуст нест-ку?! Як умр зери борӣ. Вазнинтар аз ин борҳоро ба пушти захмдорат андозанд, зери обу арақ монда, кашӣ; аз кӯҳи баланд, полонат пушт лағҷида, пордум то зону кашол шавад; «Уҳ!» гуфта бинии чок кушодтар гардонида нафаси зӯракӣ гирӣ ва худ аз худ пои рафт боздошта ба зарби халачӯб боз равон гардӣ, ки илоҷи дигар надорӣ... Аммо... вале чаро дар ин замини ҳамвор вазни як юғро набардорӣ? Хокро рӯғозак карда натавонӣ? А?! Ё ҷуфтат маъқул нест? Ба ҳар ҳол гов-дия, номаш бад. Дар сад сол як бор шох занад, дигар кавша кардагиаш – кавша кардагӣ; дар даҳонаш хошок ҳаст ё на, хояд; оруғ диҳаду хояд дар хобу бедорӣ: чашмонаш пӯшида, парвои зиндагӣ надорад, хояд ва қад-қад парида бедор гардад, ки юғ бар гарданаш бор. Гушна

ё ташна монад «Ҳуммм!» гӯяд ва гоҳи аз наздаш гузаштани соҳиб нигоҳ андозад, ки чӣ овард: Об ё дон? Сад модагов аз наздаш гузарад нигоҳ накунад. Чунки дар кӯдакӣ ахтааш кардаанд мисли хоҷасарой. Мисли буққача не. Хап, чашмонашро пӯшида ба муроқиба равад ва Худо ҳам нафаҳмад, ки чӣ хаёл дорад? Ҷуз обу алаф хаёле надорад. Чун ту ҳудаю беҳуда, ҳанг назанад, Хар. Дар оғил ҳанг зада деҳаро ба сар бардорӣ, зери юғ муши мурда... Нааа... Мо – одам шуда чунин фикр кунем, ки ҳайвонҳо ҳеҷ фикру хаёл надоранд; мисли мо дар орзӯи хонаву дар, зану фарзанд нестанд, ғами нафс ҳам надоранд. Раҳояшон бикунӣ, аз зери хок ҳам ризқашонро пайдо бикунанд; чизе наёбанд, хоклес кунанд. Одам дигар: оташро об занад, гилу обро лой кунад... рӯз гузаронад ва ҷамъ бикунад; пасандоз, ки рӯзи сафар ба кор ояд. Лекин Доро набурда бо худ ба гӯр чизе, ҷуз кафан...»

– Гум шавед-э бадзотҳо! Поятон хушк шавад! Аз пои мурғ ҳам батар! Бо нӯл ҳам шидгор кунед хокро! Ягон дона монд ё на? Ё ман рег пошидам ба ангор? Беномусҳо! Муфтхорҳо! Ҳаромхорҳо! Аз сарварҳои ҳаромхор ҳам батар омадед. Онҳо гапзанон карда, бо корафтода ё раисони хоҷагиҳо ба муомила оянд, шумо аз лашкари Чингизхон ҳам батар: Хеваро бо хок яксон карда ҷав корид. Шумо донаи коштаро чинед; напурсида ҳуҷум кунед! Соли дигар, Худо расонад, донро заҳролуд карда пошам. Болои сӯхта – намакоб, ба ҷароҳатам намак бипошед. Ҳоло ҳама донро пошидам. Соли дигар... Нигарон шавед!

«Занак дер кард».

* * *

– Баъзан мехоҳам худкушӣ кунам.

– Накунед ин корро Ҳоҷӣ–раис. Ман чӣ кор мекунам?

– Ту? Ба ту осон. Ба ҳар тори мӯят як мард овезон.

– Находҳамин хел гӯед. Бе шумо мазза надорад ин дунё.

– Ҳамин дунёи ҳаром, ки ба ободиаш он қадар ҷон кандаму маро кушту зинда кард?

– Ин дунё шуморо кушта, зинда накардааст. Худатон кушта, зинда кардед. Лоақал органҳои ду ҷумҳурӣ

нафаҳмиданд, ки шумо мурда, зинда шудед. Шумо ҳаққи аз дунёи рӯшан гила кардан надоред.

– Дорам. Ман бояд доди хеш биситонам аз ин дунёи одамкуш.

– Шумо, ки ҳамин хел гӯед, вой бар ҳоли дигарон!

– Дигарон ин чизҳоро нафаҳманд, ақлашон надавад. Мисли ман дунёгашта нестанд. Бо одамони машҳур шишта нахестаанд. Ҳамроҳи обкому горкому директори завод ба Маккаву Мадина нарафтаанд. Мо дар замони Советӣ ин корро карда будем. Дар даврони Бузург, ки хоки касро мебехтанд. Пояш ба он ҷо расад, мешикастанд. Лекин худашон ҳамчун сайёҳ баранд, гапе набуд. Баракс, боиси ифтихор ва шуҷоъатмандӣ, ки тоҷики андигонӣ ҳаҷ рафта омадааст. Воқеъан падари занам одами китоббоб буд: Аз Кумитаи Марказӣ меҳмон мешуданд. Фахриддин – ака ҳофизаш буд. Ман хизмат мекардам. Гоҳи даробаро суханашон ба гӯшам мерасид. Чунон падарзанамро «Содиқ-ака» гуфта, ситоиш мекарданд, ки хаёл доштам сутуни дунёст. Баъд зани маро назди онҳо хонда «Қизимка» гӯён шинос кард. Қизимка дар зарби рубоби Фахриддин – ҳофиз рақсид. Фахриддин чун фурсат ёфт ба ситоиши сагаш пардохт; ба назар ҳамаро пасттар аз саги хеш донист ва ба яки онҳо хушомад назад. Лекин гоҳи сурудан ду чашми ғараш андоми «қизимка»-ро сӯрох кард... Тасаввур карда тавонӣ, ки ба чунин қаср ҳам оташ афтод. Заволи умумишӯравӣ гӯям ё бадхоҳӣ ё худобехабарӣ гӯям, ки ҳар лаҳза ҷаҳон ларзид ва биноҳои азими сустбунёдро замин фурӯ кашид. Дар чунин аём – Бозсозӣ ё Завол Содиқ-ака дар каҳдуд монд. Тоҷикро қурбон карданд... Куштанду зинда шудам, ё мурдаму зинда шудам? Худо донад. Ба ҳар тақдир, ҷони одам дар куҷояш? Донам... Аламам зиёд, муаллима.

– Алам накунад. Ҳозир аз он зиёдтар: Ҳоҷӣ-раис, депутати маҳалла...

– Ҷӯгӣ гарангат накунад?

– Кадом ҷӯгӣ?

– Ҷӯгии...

– Девона!

Ҳоҷӣ-раисро бад нарасид ҳақорати Ороста. Балки табассум кард ва даст ёзида як каф об гирифт аз чашмаи зери Сарой. Чӣ хаёле дошт худаш донад, баргашта ба чашма пошид ва чеҳрааш турш гашт.

– Ҷои нағзу сада надорад. Баҳори дигар дар чор бурҷи ҳавз чаҳор сада мешинонем. Ба «ободонӣ» дарояд. Қарори ҳукумати шаҳр иҷро гардад...

«Воқеъан, ин одам солим нест. Чизе ба сараш ояд, бо забонаш барояд. Беҳуда худро бадном кардам. Ба назарам, мардакам сӯхта, ғинҷ мегардад; сахт азоб мекашад, бо чӣ андешаҳо чизе намегӯяд... Хоҳам, ки кашидаву кушода ба рӯяш занам: Ту мардӣ ё!...»

– Чӣ гуфтӣ?

– Ҳеҷ, Ҳоҷӣ-раис...

– Ту марду номард будани маро намедонӣ?

– Бубахшед. Ман хаёлан ба шӯям муроҷиат кардам.

– Мардию номардӣ оина нест, ки кас худро бинад ё канор истода касро тамошо кунад, муаллима! Агар ту дар оина пинҳонӣ маро бинӣ, ман ҳам туро мебинам, ки намефаҳмӣ.

– Ҳоҷӣ...

– Мардӣ чизи хӯрданӣ ё бурданӣ нест! Мехи оҳанӣ нест, ки баъзе занҳо пиндоранд! Мардӣ сарвату дорой нест, ки пеши пои зан нисор кунанд! Мардӣ худнамоӣ ё даҳонкалонӣ нест. Мардӣ, умуман, ҳеҷ чиз нест. Онро бо ягон ченак андоза карда нашавад; баркашида нашавад. Ва дар ягон зарф ё бистар нагунҷад. Он ҳиммату каромоти худовандист. Чизест, ки ҳар кас дарёбад ё на? Мисли осмон баланд, мисли замин зери по; ҳама чизро бардорад. Мисли ҳаво беранг, ки ба даст наояд. Мани девона ҳамин қадар мефаҳмам.

«Ин одам девона нест».

Бархесту доман афшонд ва дониста ба як бурҷи барои обкашӣ ба шакли ҳавзи чоргӯша сохта, рост истод.

– Дарахти ман дар ҳамин ҷо, Ҳоҷӣ –раис!

Ҳоҷӣ-раис гардан тофта ва як чашм аз теғи офтоб пӯшида, хандид.

Ороста ба ӯ эътиборе надода ба ҳавз нигарист ва андару-

ни оби тоза навниҳолакеро дид, ки оғушта ба гул чу арғувон. Вале Ҳоҷӣ–раис онро набинад, балки ҳаваси дидан ҳам надорад; бешаи дарёободро наззора кунад.

Ороста ба нозу карашма пеш омад: «Бешазорро наззора доред?»

– Ҳа, наззора дорам, ки миёни беша хилваттар. Он ҷо бояд буд. Кулбае бояд сохт.

– Қаср гӯед!

– Барои ту қаср кам...

– Орзу накунед, Ҳоҷӣ-раис, селоб мебарад.

– Аз даҳанат бод барад... Бо чархбол вагон хоҳам овард.

– Ва ҳар бор маро бо чархбол он ҷо хоҳед бурд...

– Аввал чархбол бояд харид.

– Ба касе, ки мурда, зинда гаштааст, чархбол харидан чӣ ҷон дорад?

– Таъна-а?

– Не, Ҳоҷӣ-раис... Худо тарафдори зӯр. Шуморо, ки миронда, аз нав зинда гардонидааст, дар ҳама кор дастгирӣ хоҳад кард.

– Хона-пона намесозам! Маргро фиреб кардан мумкин, аммо селро фиреб карда намешавад!

Ороста сари зонуи ӯ нишаста, ба гиря оғозид. Худаш нафаҳмад: чӣ алам аст, ки миёни хушрӯзӣ гиряд. Аз замона розӣ; худро озоду Ороста эҳсос бикунад. Ба ҳар кас андаке нозгунҷӣ кунад, ҳамон лаҳза подош гирад. Чӣ тақдири пешонӣ: «Одамизод ҳама корро ба рағми номуродиҳо созад. Ба дунё омада, орзуву умед бикунад; чун дид, ки ҳама ботил аст, зиндагиро аз сар гирифтан хоҳад. Шавҳарамро дӯст дошта расида будам; хаёлам дар олам танҳо ӯ буд; дигарон шакли одамӣ надоштанд, баъд фаҳмидам, ки сеҳру ҷоду карда маро ба дом оварда будааст. Шояд оташу гармӣ гузашт, фасли сармо расид. Ман дилсард гаштам, ӯ бепарво. Гуноҳашро духтурон маълум карданд: «Амрико рафта муолиҷа кунад ҳам суде надорад». Ба рӯяш нагуфта бошанд ҳам сонитар фаҳмид. Ноумед гашт. Оламу бозиҳояшро чизи беҳуда донист. Бахти маро сӯхт ва бепарво шуд. Ба назараш як чиз монд: хӯрдану рӯзро кӯр кардан ва умр ба сар бур-

дан. Лекин рӯзҳо дароз ва умр беохир тофтанд ба назараш. Хӯрдан ҳам чизе набудааст. Худро ба девонагӣ задааст. Ё баҳона бошад? Шояд нақшаҳо дорад ва бо чунин баҳона касеро коре карданист».

– Девона донистa, ҳар гапро гуфтан гир!

– Касе шуморо девона гӯяд, худаш девона. Дигар ин гапро нагӯед. Надонистаҳо гуфтан гиранд. Худо, ки кас ба даҳони мардум наафтад.

– Ту худро тасаллӣ надеҳ, ки бо одами дуруст муносибат дорӣ. Худам донам, ки девонаи ғирт ҳастам. Вагарна дар миёни обу оташ, ҳамроҳи наҳангу аждарҳо зистан кори осон нест. Ҳамин девонагӣ маро наҷот диҳад: гапамро гӯям, корамро кунам. Чӣ идораву ташкилотҳое созмон доданд ба муқобили доду гирифт ва муфтхӯриву ҳаромхорӣ? Суд надорад. Полиси андоз ва шӯъбаи шашум ҳам саришта карда натавонист. Чунки дасти асосиро нақапад. Дасти сағиру бекасу бечораро дорад. Ман ин чизро ҳама вақт мегӯям. Муфтхӯр ҳамонҳо. Дунёе сохтан лозим, ки ҳар кас дар назди худ ва виҷдону имони хеш ҷавобгӯ бошад. Азбаски виҷдону имон надоранд, ҳар кор рух мезанад. «Моҳонаамон мошинпулӣ намешавад». Баҳонаро бин. Нашавад, курсиро тарк бикун. Русия бирав. Оби ишкамро ҷунбону рӯзӣ биёб.

* * *

Ӯ аз болҳои хунранги хурӯси куштааш чун девонаи беёд ба ду тараф кашида, зайле дорад, ки парвоз мекунад. Чизе гуфт ба хурӯси мурда. На хурӯс шуниду на каси дигар. Бардошт, ки ҳамон гуна овезад дар болосинҷи мурғхона якҷоя бо доси аз пушт зада зери гулӯ баромада, ки мурғи дар сихкабоби кӯраи барқӣ гузоштаро монад. Фарқ дар он ки он мурғҳо паруболканда дар сихи гардон андаруни сандуқи пӯшида кабоб шаванд: «грил», вале хурӯс бо пару бол ба сихи дос омадааст. Онро шӯи гаранг барои чӣ овехтанист? Нофаҳмо. Чунин одат дорад ӯ: ба касе чизе нагуфтаву нафаҳмонда коре кунад, ки баъзан занро дар ҳайрат гузорад. Ороста ноогоҳ «Зодрӯз муборак!» гӯён бастаеро бахшад. Зан сурат гардад, ки гузашта буд зодрӯзаш. «Меҳрубонӣ» ҳайрати занро дида,

афзояд шӯ. Вале чанд муддат гирифтори ғами хеш; ҳатто ба рӯяш нигоҳ накунад. Аз сар болотар бардошт хурӯсро: поҳои шахшуда сару гардани кашол, чашмони пӯшида ва забони байни нӯл мондаро дида узрпурсӣ кард: «Бубахш, марди мардон... Хун рехтан лозим буд; аҷалат расида будааст, пештар омадӣ, ҷонвар. Ман қавл дода будам, ки касе пайдо шавад... Аҷал туро пешандоз карда овард. Кар набудӣ, ки чанд рӯз боз дос санг мезадам. Беақлтар аз ман будаӣ. Аммо он бефаросот ғазаб кунад: «Дар дунё беақлтар аз ту кас нест!» Донӣ-а, мо чӣ хел аҳл будем? Дидам, ки Ҳоҷӣ –раис хурӯсии туро чӣ хел тамошо кард; чӣгуна ба Ороста нишон дод? Ҳама нағмаҳо ишора ба ман буд. Ту сари сина дамонда , бол афшонда бонг задӣ ва ба хадуки ман расидӣ. Як навъ таъна ҳам буд. Инак туро ҳамин хел – дар неши дос кашол кунам, то бинанд. Хафа нашав аз ман. Туро куштанам беҳтар. Зеро дон нест. Ҳамаатон яксара қир шавед дар ин зиндон. Дар бало рӯбоҳ монад. Ман зиндонӣ шавам. Албатта зиндон хубтар аз чунин қафас. Агар дон набошад, дарди бахайр; ҳеҷ чиз нест. Ҳама чизро фурӯхтанд; заводу фабрикаҳоро, танро, номусро... Ҳатто заминро. Надонам чӣ подор аст дар ин диёр? Онҳо солиму ман девона. Онҳо барои ман хуранду ман ба ҷои онҳо шинам. Шояд аз рафтори беномусонаю номардонаи ман аз ақл бегона шуданд? «Худованд мардро ба чунин ранг ҳам меофаридааст: на мард, на зан...» Хуб ё бад; беномусӣ ё баномусӣ, то ҳол зинда. Кайҳо бояд мемурдам. Лекин ман паймон кардам, ки бикушам. Туро куштам; туйи қаҳрамонро. Зеро бар қасди ман, пеши Калон нишон додӣ қаҳрамониатро ва ӯ «офарин» хонд. Шод ҳам шуд. Бедор ҳам шуд; лек нафаҳмидӣ, ки чӣ андоза сахт расид маро... «Мекушааам!»

Аз садои хеш ба худ омад ва неши дос аз хурӯс кашид. Хурӯсро аз симтӯр бурун андохт. Баъд аз чашми тахта ба сояи сада нигарист. Рӯи суфаро хазони сада пахш карда буд. Ба теғи дос нигарист. Ба даҳон назик овард: «Як бор занаму хунашро ана ин хел лесам. Нав фаҳмидам, ки чаро баъзеҳо одамхор шаванд? Худи зиндагӣ маҷбур бикунад ба ҳама кирдор. Дунё – ҷинихона. Як одами солим наёбӣ. Сиҳҳати сиҳҳаташ «ҷигарам сӯзад» гӯяд. Вақте расидааст, ки маро

ишора кунанд: «Девонаву дардмандаш ана ҳамин. Кӯктош бояд бурд!» Гум шавад, номи безеб. Оқибат ҳама ҳамон ҷо мерафтагӣ барин. Чунки дар бемористонҳо ҷой нест. Ҳама ба ҷои нон дору хуранд. Гирифторҳо пул дода бистарӣ шаванд, то ба маҳкама накашанд. Ман – девона; ман – берӯзӣ; ман – рӯзгорро саришта карда натавонам; ду сару чаҳор гӯшро. Лекин занак ким-кӣ шуданӣ. Вакили халқ дар парлумон. Баъди он ҳоким, то мамлакатро ообод гардонад. Дар хобаш ҳам гӯяд ин ҳарфҳоро. Хестӣ, ки хобат. Ҳеҷ куҷо наравӣ. Ман худам ёбам ҷои хобатро. Ё ҳардутонро дар як кафан хобонам; Лайливу Маҷнунҳо. Гӯӣ, Ҳоҷӣ –раис дигар кор надорад; Ба маҷлису машварати ҳукумат наравад: «Ман донам онҳо чӣ гӯянд: «Биёр!» Исломро фиристад, ки ҳисобу китобро хуб донад; Чунки худаш миллиард гуфта натавонад: «Як миллиону як саду ҳафт миллион» гӯяд. Ханданд шунавандаҳо. Аммо Ҳоҷӣ–раис – ҷиддӣ. Донишманд вонамуд кунад худро, ки ба гуфташ каф кӯбанд. Баъди маҷлис ё ҳисобот корҳои дар заводи Орд ба субут расонда ё норасондаро ҳикоят кунад. Аз саховату дасткушодӣ, дарвозаи дар даромадгаҳи гӯристон сохта ва ду мошин тахтаву дусад шифери аз Андигон оварда ба масҷид тӯҳфа кардаашро хонад, то одамон донанд, ки ӯ кист? Фарқ надорад кист. Як ҳоҷитароши бехудо; аз сад навадро занад. Роҳҳои пулёбиро пайдо кунад, ки ҳеҷ тоҷир накарда бошад. Чанд вақт ронанда гирифту ба Дарвоз хӯрокворӣ кашонд. Аз лағзиши мошин тарсида ӯро сур кард аз кор, ки чашмаш роҳро набинад. Инак худ камаз ронаду муаллимаро дар ҳарами мошин хобонад. «Оқибаташро бахайр гардонад...»

– Ман ҳаҷ-паҷ намеравам, Ҳоҷӣ-раис!

– Боз ғуз газид?

– Найранг будааст. Пул дода, аз ҳамин дуриҳо то Арафот равӣ, ки шайтонро санг занӣ. Худи шайтон несту гӯё гузаргоҳаш ҳаст... Маро чӣ кор ба шайтон? Шайтонкӯбӣ бошад, ҳамин ҷо пури шайтон. Лекин ҳама пеши ин шайтонҳо саҷда оранду пул дода раванд, ки чашм пӯшида ба шайтон санг зананд. Санг андозанду дар дил воҳима, ки мабод шайтон сангро дошта ба худашон бозандозад. Бо

шайтон бозӣ карда шавад? Аз афти кор, касони ин бозиро баровварда медонанд, ки шайтон бофтаи худашон; аз ин рӯ нотарсида санг мезананд. Вагарна бисёр касонро донам, ки сари ҷаҳл шайтонро таҳқир кунанд, сонӣ ба худ омада, гӯши хеш дошта кашанд: «Тавба кардам...» Биёед, намеравем.

– Баъдтар.

– Не. Баъдтар ҳам намеравем. Нарафта дар дилам алоб афтод, ки бо шайтон шӯхӣ кардан раво набувад. Зеро ӯ дар ҳама ҷо ҳаст: дар сари китфамон, дар хунамон, дар... Хубаш, дар ҳамин ҷо ягон коре бикунем, то халқро ба кор ояд.

– Дар ин ҷо кор-пор нест. Ин халқ садқаи некӣ шавад. Некӣ бикунӣ, пагоҳ таъна зананд, ки ину он.

– Боғбон магар кори кам кард?

– Қариб хӯрда буданд-ку? Наход ягон кори савоб кардан имкон надошта бошад?

– Аввал рафта шайтонро санг зада, кушта... омада ин хел корҳоро кардан мумкин. Чунки то шайтон зинда, коре карда нашавад. Ба назар дар ҳар ҷо, аз банди дастат, аз поят, аз гӯшат дошта кашад: «Кори савоб макун! Хоҳ-нохоҳ ин кӯрнамакҳо рӯзе аз гиребонат гиранд». Чандон беақл наметобад Шайтон.

– Моро ҳам ранҷонанд. Хубаш хап шинем. Шайтон худашону аз як чизи набуда гиламанд.. Барои ҳамин намеравам ба ҳаҷ. Пул дошта бошам, аввал ба Барзгар ёрӣ медиҳам, ки писарашро аз зиндони урус барорад. Об мебарорам ба даштҳои сӯхта.

– Накун ин корро! «Мо ҳам метонистем...» гӯянд.

– Гӯянд. Лекин ин корро бояд кард. «Модар-Замин!» сароему аз ташнагӣ кушем. Ана мушкилот. Ин чизро бояд ҳал кард. Ҳукумат рӯирост як ҷавоби кӯтоҳ диҳад: «Малбағ нест!» Лоақал «маблағ» гӯяд!

– Мон бемағал гардем. Хонақоҳро васеътар кунем, гуфта, аз худи Андигон масолеҳи сохтмон овардам, хонақоҳ соҳибдор шуд: баъзеҳо даъво карданд, ки пули ин одам ҳаром. Худамон як бало карда месозем. Ман беҳуда гап назанам. Кори ҳамон шайтон дуруст: парвое надорад, ки шайтонзодаҳо ӯро санг зананд ё тир...

– Бо вуҷуди он кардан лозим. Амаки Абдунабӣ ҳаҷ нарафту пулак сохт болои селобаҳои сой. Акнун одамон вақтҳои селомад сарсон шуда саргаҳи деҳа нарафта, миёнбур аз пули «Абдунабӣ» гузаранд. Хуб нашуд?

– Хуб шуд. Лекин Нодонхӯҷаҳо фатво диҳанд, ки чунин кор ҷои ҳаҷро нагирад. Дигар ин ки пули худаш ёфта не, пули писаронаш аз ғарибкорӣ фиристода, ки «падар, ҳаҷ равед». Гӯё дигарон аз пули мероси падар ҳаҷ раванд. Ҳозир сари мардуми моро фикри сохтан не, фикри вайрон кардан замбӯрхона гардондааст.

– Бачаҳои Бибӣ доллар фиристодаанд, ки кампир ҳаҷ равад. Аввал ӯро ба ягон кас никоҳ карда, сонӣ фиристодан мумкин будааст.

– Шайтонҳо...

– Боз гуфтед-а, Ҳоҷӣ-раис. Гуфтем-ку: Шайтон нест. Одам сохт онро.

– Дар сурати одам ҳаст. Як шайтони дигар гуфт: «Дар кӯҳи Мино дар чашми шайтон санг задам. Оби дида кард, Дилам ганда шуд». Тавба!

– Не. Аз гуфти пирон: шайтон дар хуни одам. Барои ҳамин одам то намурад, аз шайтонӣ ҷудо нагардад... Ҳоҷӣ–раис, рост гӯед: рафта омадед, чӣ дидед?

– Маро бурда оварданд.

– Чашмонатонро баста?

– Кушода. Замони Шӯравӣ буд; режим сахт буд; ба як тан сад чашм дӯхта мешуд. – Албатта устухони мо дар замони Шӯравӣ шах шуд. Маломат кардан хуб нест. Лекин милёнер шудан дар он давр амри маҳол буд... Ман аз милёнер ҳам зиёд будам. Лекин озод набудам. Шабу рӯз хобам намебурд, ки шаб рӯз мешуда бошад? Чунки мумкин набуд ҳам хӯрдану ҳам бурдан; Ҳар кас чени даҳанаш мехӯрд. Ба бонкҳои хориҷӣ пул фиристодан камоли нодонӣ буд. Айни ҳол ҳама дарвозаҳо кушода; як кас напурсад «Аз куҷо ёфтӣ». Пул чизи хуб, муаллима. Ман дар завод дарёфта будам, ки падару модар, роҳбару роҳнамо пул аст. Вақте ки зиндон шудам, донистам, ки пул душмани зӯр; баъде ки «озод» шудам, дӯстии онро бештар ҳис кардам. Як чизи бе-

ранг ё бесифат; дар дунё як хел истифода шавад. Дар байрақҳо сурати ҳайвону чизҳои беҳударо кашидан лозим нест; сурати пулро бояд баланд бардошт. Чунки ҳар баду неке, ки миёни бани одам шавад, пул дар байн бувад. Лекин бофтаю ёфтаи инсон аст, ки зери пӯсти шайтон ҷой дорад. Агар пул дар миён набуд муфтии шаҳр бори нӯҳум ҳаҷ намерафт. Чӣ гум кардааст дар Арафот?

– Ҳоҷӣ... Шумо ҳамон Ҳасрати рӯйи модар надида нестед?

– Хап... Замона дигар: нӯги ресмонро сар додаанд, як рӯз хоҳанд кашид. Таноби шасти моҳидорӣ; рӯзе онро хоҳанд кашид. Ҳамон ки моҳӣ андармон шуда дакка дод, хоҳанд кашид. Онгоҳ аз лаби моҳӣ хун шорад ҳам моҳигир эътибор надиҳад, дилаш насӯзад. Баракс лаби моҳиро канда, шастро гирад ва аз ғалсамааш химча гузаронад; зинда ба зинда гузаронад. Ҳолиё зиндагӣ ноҷӯриҳо дорад: ҳоким амру фармон ба ҷо орад. Қозиву муфтӣ андешаи дигар доранд. Дар миёна халқ сарсон; надонанд ба кӣ бовар кунанд? Ҳоким фармояд: «Созед! Обод бикунед!» онҳо фармоянд: «Ин дунё бақо надорад! Охиратро биандеш!» Дуҳокимиятӣ барин. Гӯё тормози дастии мошини замон пахш карда; вале ронанда газ диҳад, то зудтар ба манзил бирасад. Дуде ки аз чарххои мошин барояд, ронанда набинад; зеро ӯ ба пеш нигарад. Пас аҳамият надорад; ӯ тай кардааст ин роҳро. Имрӯз бе дина вуҷуд надорад.

– Ҳоҷӣ-раис, монед бебало гардем. Ин гапро дигар нагӯед. Беҳтараш ягон андеша кунед, ки чӣ хел об буровардан мумкин ба дашт.

– Чархуфалак созем. Баландиаш аз Дашти Малла ҳам боло. Дар он баландӣ ҳавз канем. Обкаш аз рӯдбор обро тоннатонна бардошта ба дӯл резад. Пуршаст рафта ба ҳавз ҷамъ шавад. Ҳавзро пур карда, бо лӯлаҳо нишеб шуда, рост ба осиёи Чилламазор равад ва аз он ҷо ба гузарҳо, ба заминҳо тақсим шавад ва зиётиаш баргашта ба Зарафшон резад...

Хомӯшӣ ба миён омад, ки чанд вақт боз касе миёни сӯҳбати ононро нашикаста буд. Ба андеша водор накарда буд. Ин қадар пуркор, серташвиш ва осема нагаштаанд. Гӯё

барномаҳои дунявӣ сар шуд. Аз сари деҳа об шорид. Ҳама ҷо сабзу хуррам гашт. Дар сари даҳана на зане буду на ҷанги занона. Балки онҳо дар саҳро буданд. Миён бо рӯмоли хеш баста каланд мезаданд зери офтоби сӯзон, ки тақрибан бисту панҷ сол пеш аз ин чунин заҳмат кашида даштро тамокузор карда буданд; заҳр дошт ё ҳалоҳил, дашт сабз гашта буд; кӯдаку чӯдак сӯзан дар даст аз раги барги тамоку ришта гузаронда ҳамел мебаст ва то фабрикаи тамокуи шаҳр ҳама корҳо дастӣ ба ҷо оварда мешуд; барг мерафту пул меомад ва мардум дари идораи комиҷроияро бонӣ мекарданд, ки навбат расаду даромада аз раис мошин талаб кунанд. Лекин масъаларо миёнаравҳо ва ё даллаву даллолу дилобхӯрони сардор ҳаллу фасл мекарданд; чӯбро занбӯри сиёҳу мавизу ғӯлунгро кирму гандумро дева нокор мегардонд; охирҳои аср кормандони давлатиро шинохтан душвор гашт; кори «бешапка» кор ҳисоб намешуд; миёнарави пинҳонӣ ҳаққи хеш сарборӣ мекард ба нархи мошин. Ҳамон вақт ҳам зӯр мегирифту зор мемонд.

Дарави хӯшаҳои дона-дона. Чанде кан-кан кунад. Дилгир. Сӯи зоғон нигарад. Натобанд. «Тайёрхӯрҳо! Ба оши тайёр – бакавул. Нӯли зардакашон мешикаста бошад. Мисли дуздони варзида, сақич аз даҳони бевазан рабоянд. Дар хуни ин сиёҳрангҳо заррае нанг нест. Тухмиро нест карданӣ. Ҷиғилдонатон даррад. Соли дигар донро бояд заҳролуд карда корид... Не. Касе чу ман ҷафодида «кардам, нашуд» гуфта буд. Зеро ҷиғилдони бузугро позаҳр бузург. Суде надорад. Чунин сохта шудааст олам... Инаш ҳам еми шумо. Чин-чин кунам ҳам як ғирбол ҷав нашавад... дон пошида будам, ки ҳосил диҳад, роҳкиро карда назди бачча равам... Камбағалро дар тори шутур ҳам саг газад. Балои омада ба ҷав зад... Шукри Худо, бачча зинда будаст. Мурда писари Боязид не, писари Бозиё ном Косатарошӣ будаст... Оқибати корро Худо бахайр гардонад.

– Чӣ ин қадар ғурунгед, мардак?

– Ааа?

– Чӣ ёфтед?

– Ҳиччӣ!

– Чаро ғур-ғур доред?

– Пешгӯӣ дорам. Кошта нашуда, дарав дорам. Хӯша-хӯша. Онро чихел медаравида бошем?

* * *

«Худовандо, чаро бо девонаҳо рӯ ба рӯ орӣ маро? Онаш мурғончаро хона донад; инаш кабинаи камазро кулба хонад. Ман бехонумон. Халоиқ гумон доранд, ки аз хушӣ рафтору кирдор дорам. Касе ба даруни дили дигаре надарояд; ҳеҷ гоҳ ғаму андӯҳи бегонаро эҳсос карда натавонад. Ба ҷои ин мард каси дигар мебуд, ҳамин мурғхонаи бадбӯро ҳам намедод, то сарпаноҳ бошад; кайҳо ба савдо мезад. Плиташумор бомпӯшашро бо сад баҳона ба касе мефурӯхту нимашро нигаҳ медошт; ҳамроҳи хишташ кашонда дар шаҳр хона месохт... Сари ҷаҳл аз мошин фуровард. Барнагашт. Аз сарой ҳам маҳрум мегардам. Девонагиаш гирад, пурсу посух надорад. Оби даҳон пош дода пат-пат бикунад; амру фармонаш чунин. Аз девонаи худам бӯи умед нест. Ягон ҷоро обод накард, обод карда ҳам натавонад. Як умр китф ба китфам гашт, то касе сӯям чашм ало накунад. Оқибат худаш кӯчабоғӣ кушод, то ба ҳар тангкӯча дароям. Сабаб чӣ буд? То ҳол нафаҳмам. «Дӯстат дорам, ҷонамро дареғ надорам...» Инаш рост. Ҳоле ки дорад аз ҷонсупорӣ зиёдтар. Сӯзаду ғинҷ бишавад чун мӯи оташдида, аммо чизе гуфта натавонад. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуду ҳамин ҳам озодӣ шуду... Фиреби чашм, аз замона бинозам, ки озодӣ бахшид; андарунам каҳдуд аст. Гӯё рӯбоҳӣ зиёд кардам ва хеш ба оғили мурғон зада каҳдуд андохтам...»

Мошине пуршаст тормоз дода андешаҳои ӯро пароканд, пеши пояш бозистод. Ӯ чашмонашро бо кафон пӯшид, ки мошин ӯро зада аз роҳ канор андохтанӣ буд, натавонист.

«Марҳабо, бону!»

Ин садои Ҳоҷӣ–раис не, лаҳни шӯро низ намонад. Садои ношинос ва лаҳҷаи бегона дорад. Даст аз чашмон бардошт ва сахт нигарист: «Ба тухматон қирон биёд! – аз дил гузаронд – Ин қадар ин беномусҳо ба якдигар монанд? Аз чеҳраи ҳамашон касофат борад». Бознаистод ӯ. Илтифоти

ронандаро ба инобат нагирифт. Нашинохт ва ҳатто нигоҳ накард, ки ҷуз ронанда дар мошин каси дигар ҳаст ё на? Лекин донист, ки роҳҳо ба ҳар сӯ раванд: ӯ аз роҳи рафта бозгашта, офтобпарастҳои сӯхтаро нигариста, касони масъулу нобакорро дашном дода, биравад; ба офтобпарастҳои аз замин руста, мисли тангаи панҷтинаи шӯравӣ рангзарду хазонгаштаро дид, ки танҳо як бор ба пешвози офтоб хандида, хазон гаштаанд ва дигар оби укёнусро ба ҷӯяҳо равон бикунӣ, ранг нагардонанд, шакл дигар накунанд, ба дунболи офтоб нанигаранд. Пакана, норасидаву ношуд монанди тифли афгона. Ба рӯзгораш шабоҳат дорад ин замини хушк. «Накоранд, ҷарима ситонад кумитаи замин. Коранд, хоҷагии об лабашона тар накарда, андози об гирад».

Мошине будааст, ки садои пас-пас омада боз дар паҳлӯяш қарор гирифтанашро зан нашунид.

– Бону, ин заминҳо ба шумо тааллуқ доранд?

– Фарз кардем?

– Дар канори саҳрои хазонзада як гули шукуфта аҷиб тофт.

– Аз дасти номубораки шумо баринҳо чунин гул ҳам хазон бинад.

Ронанда, ки чунин посухро чашмдор набуд, аз мошин фуромад. Айнаки сиёҳ дар чашм, нигоҳаш ба кӯҳҳои сӯхтаи он сӯи руд, ҳалқаи калиди мошинро дар ангушти ишорат гирд гардонда мутакаббиру мағрур хештанро намояндаи вилоят ё ҷумҳурӣ вонамуд кардан хост. Пас ба зан на, ба «Волга»-аш нигарист, то зан ягон чиз пай барад. Зеро мурғаки монанд ба тазарв дар ин роҳи вайронаи қираш рафтаву мағоку хамиҳояш монда ва ду канор пурхок чӣ кор мекарда бошад?

Ӯ лаб ба посух кушода дар ситоиши зан паҳн-паҳн «черойлик» гуфтанӣ буд, ки камазе мисли шахи аз кӯҳ кандашуда пуршаст омада сахт садои тормуз баровард ва миёни чангу бод ба «Волга»-и сиёҳ расид. Чунон расид, садояш набаромад. Сиёҳайнак фарёд зад ҷониби камаз:

– Кӯрӣ? Қорӣ-мӣ ту?!

Аммо аз соҳиби камаз садое барнаомад. Гоҳе ки чангу

ғубор ҳар ду мошинро пӯшида ва пеши чашми онҳоро гирифта, бо рафти бод ба рӯи роҳ ҳамвор шуд, онҳо ҳамдигарро шинохтанд. Ҳоҷӣ-раис чизе нагуфт ба марди бокибр ва чунон сӯи зан нигарист, ки теғи нигоҳаш синаашро шикофта гузашт. Лекин боғуруртар ба ҳар ду мард чизе нагуфта, эътибор надода, зайле гом зада ба роҳ даромад, ки пештар мерафт. Оброн низ фаромӯш кард занро ва айнаки сиёҳ аз чашм гирифта, хубтар нигарист ба ронандаи камаз.

– Ту Эсо нестӣ?

Ҳоҷӣ–раис дарёфт, ки ошнои сероби беоб, ки дашту саҳроро хушк кардааст, ба чӣ ишора дорад? Қиссаи мурда аз нав зинда гаштани Исо пағамбарро пиру барно донанд; ба хусус дар ин замон, ки филми ӯро ҳама шабакаҳои телевизионии олам намоиш диҳанд. Фаҳмид ӯ кинояи барлосро. «Хайр, Эсо! Баъд чӣ?» Ӯ камазро қафо гирифт. Оброн пиндошт, ки ин одами саръӣ ва бадҷаҳл мошинашро бо камаз зада маҷақ кунад ва шояд тела дода, якбара карда, ё зӯран аз тораш гузашта равад. Чунки афсона шуда буд дар музофот Ҳоҷӣ –раис бо кору кирдору рафтораш. Ӯ оташи камазро хомӯш накарда, фуромад аз мошин ва хост ҳамон усули ҷангии хосро ба кор барад. Бо ду ангушт ба ду чашми ҳариф зада кӯр гардонад ё озор диҳад... Аммо фарёди ҷонбаромад ва сӯи онҳо тохтани зан ва садои ба «Волга» бархӯрдани камаз ӯро аз чунин кори ношоиста боздошт.

«Ҷа...!»

Ин садои Ҳоҷӣ–раис буд. Вале дигарон нафаҳмиданд, то киро равона шуда буд ин ғазаб. Ӯ баргашта ба камаз нигарист, ки бо вазнаш «Волга»ро тела диҳад. Дарёфт, ки онро хало мондааст, бо вазну майл ғелида бархӯрд ба «Волга». Кори ҷаҳолату осемасарӣ чунин бувад. Тозон баромад ба мошин пас ронду пеш ва аз паҳлӯи «Волга» гузашта, ба зан ҳам нигоҳ накарда, чангу ғубори роҳро бароварда рафт. Зери абрӯ нигарист зан, ки контенери сурх дар миёни чангу ғубор базӯр тобад.

«Девона...»

* * *

«Мерседес»-и сиёҳи дизелӣ тир-тиркунон омада паҳлӯи

камаз қарор гирифт ва як инсони монанд ба тулум[1] дари мошинро кушода, ҷунбида-ҷунбида шиками азим аз зери чанбари фармон ҷудо кард ва пои ба назар беҷонро берун кашол намуд ва боз дунбаҷунбон лағзида сар низ бурун овард ва пои чап ба замин расонида, пои рост кашида баровард, вале даст аз чанбару дастаи дар нагирифта, рӯ ба мардуми зери сада оварда бо ишораи сар салом дод ва пеши камазро давр гашта паҳлӯ гузаштанӣ буд, ки Ҳоҷӣ-раис омадани мошини шиносро дида, калиди чарх бар гайка андохт, ки нокор шудааст. Ҳоҷӣ-раис гӯё хабар аз омади ӯ надорад, зери обу арақ монда бо тану тӯши гаронвазн ва дастони ларзон зӯр зада, дастаи калид тоб дод. Ба хаёлаш эзор тар карда буд. «Уҳу!» дарак аз омадани хеш дод Қорӣ-Ишкамба (Ин номи гузоштаи Ҳоҷӣ-раис, ки худро наздиктарин шахс дониста ҳазлу шӯхӣ мекард. Бо чунин дилёбӣ ба таги пӯсти ӯ даромада буд ва аз ширкати ӯ соляркаву доруву поруи зиёд гирифта ба хоҷагӣ наоварда, ҳатто арзонтар аз нархаш ба дигарон фурӯхта, обу лой карда буд.) Ногаҳонӣ омадани ӯро Ҳоҷӣ қирони наҳс дониста, паси чарх пинҳон гашт: «Омад, ки маро шарманда бикунад. Беҳуда наояд. Ё ба касе занг зада, донист, ки ман ҳастам, омад; ё касе буданамро фаҳмонд, ки омад. Вагарна чанд вақт боз пояш нарасида буд ба ин ҷойҳо... Рӯ надорад, шарманда кунад». Лекин Қорӣ–Ишкамба – гурги борондидатар ва доғулитар аз Ҳоҷӣ-раиси маккор, гузашта нарафт. Паҳлӯи камаз мошин боздошта хеле ҷунбуҷӯл кард, Ҳоҷӣ-раис хеш ба нодонӣ зад. Гӯё надида меҳмони нохондаро кӯз гашта машғули чархкушоӣ буд. Вале дилаш ларзид, ки ана-ана дасти вомхоҳ ба танаш расад. Баъд халқро даъват карда, сирру савдо гуфта, шарманда гардонад... Аз паси гиребони вомдор гирифт вомхоҳ ва пас кашид. Як зонукунда зад ё бо шиками дамидааш зад, Ҳоҷӣ-раис фарқ накард. Вале фаросот кард, ки ӯ по ё зону бардошта натвонад. Сахт расид ӯро ва гардан тофта Қорӣ-Ишкамбаро дид. Аз кори беадабонааш ор карда ду ангушт ба айнаки ӯ зад. Ҳама кор гунгона буд, вале ҳамин лаҳза вомхоҳ «воҳ!» гуфта, касонро огоҳ гардонд ва ба замин ни-

[1] Тулум – фарбеҳ, тулен.

шаст, ки гӯё айнакаш кафида хун шорад ва беҳуда омаду беҳуда кард. «Пул сару каллаашро хурад. Бо девонагон сар ба сар шудан хубӣ наорад». Дастон пахш карда буд ба чашм, ки хун боздорад. Чун надид ва чашм кушода дида натавонист, хун донист моеъи ба каф омадаро. Ба гӯшаш «Духтур-духтур» гуфтани одамон даромад. Садои онҳое буд, ки аз рӯи одат зери садаи бебарг нишаста буданд ва ҳама чизро муқоисаву муайян мекарданд. Вале касе надид, ки чӣ шуд. Монанди довари майдони футбол, ки гоҳи боло ҷаҳида калла ба калла задан номардаш ба чашми ҳариф чанг занад. Чунон шуд; надиданд нишастагон. Пеши мошин давр гашта омадани меҳмонро дида буданд. Чобук пешу танбал пушт, назди онҳо омада ҳол диданд. Даст ба чашму рӯ пахш карда буд меҳмони нохонда. Ҳоҷӣ-раис ранг дар рӯ надошт. Мурғро «кишк!» гуфтанӣ барин даст ҳаво дод ва ононро ба хомӯшиву оромӣ хонд, то дур бошанд ва садо набароранд. «Духтур ҷеғ занед». Маслиҳати як одами хурдак буд, ки чанд сол боз ҷабри дасти шикаста мекашид. Ҳоҷӣ-раис сӯи ӯ чашм ало кард, ки гӯш ба гап надиҳад. Маҷбур шуд садо барорад: «Дур истед, коре нашудааст. Аз пасам дошт, баргашта бинам, гуфта тоб хӯрдам, ки калид расид». Вале ҷабрдида сухани ӯро тасдиқ накард: андаке сар ҷунбонд ба рад, ки дурӯғ гӯяд. Ҳоҷӣ-раис пай бурд ин маъниро. Дод зада кори кардаи ӯрову хешро гуфтанӣ шуд; худдорӣ кард.

«Дар ин замон на духтур ҳасту на мошини духтур... Бардоред, бор кунед ба мошин».

«Бардошта нашавад...» – вазни гарони ӯро дар назар дошта гуфт яке, дигарон хандиданд бесадо.

«Беҳтараш ба мошини худаш бор кунед, то камаз бардошта нашавад». – Маслиҳат чунин. Вале Ҳоҷӣ-раис сар ҷунбонд, ки мошини ӯро ронда наметавонад. «Ягон ронандаи хуб пайдо кунед!» Ба сараш чӣ нияте омад, ки аз фикр гашт: «Худам барам... Ё хона барам, раис?» Тулуми беустухон овози Ҳоҷӣ-раисро шунид, аммо посух нагуфт. Аз дил гузаронд, ки мушти гарон низ ба даҳону бинии рақиб зада хуншор гардонад, то донад, ки зиёд шоридани равон чун беҳолу лакот гардонад касро; зеро ӯ гумон дошт, ки чашми чапаш кафида ҳанӯз ҳам хун шорад, аз ин рӯ мадоре надо-

рад, то мушт бар ӯ занад. «Гоҳи бардоштан дудаста аз гулӯяш дошта то ҷонаш баромадан пахш кунам».

Чун ӯро ба камаз бардошта нашуд, ба мерседеси худаш нишонданд ва Ҳоҷӣ –раис сари фармон нишаст. «Не, танҳо бубарам...Фуро!» Онеро фармуд, ки дар курсии пеш ҷой гирифта буд. Вале Тулум нахост, ки ӯ фурояд. Зеро аз рафтори Ҳоҷӣ-раис хавф дошт. «Бо мошинам обакӣ кунад». Садо баровaрда натавонад ҳам, даст ёзида он касро доштанӣ шуд, лек даст аз чашм гирифта натавонист. Аммо Ҳоҷӣ-раис дароз ёзида, ҳамроҳро тела дода, аз мошин фуровард.

Ва мошини безабон чунон ки оҳиставу суст роҳи миёни даштро паймуда омада буд, ҳамон гуна сӯи Зарафшон рафт. Дили Тулум ба тапиш даромад, ки балое пеш ояд. Суст шуд ҳаракати мошин; қариб бозистад. Дили асир сахт ба тапидан даромад. Зеро садои рӯди Зарафшон ва ба ҳам бархӯрдани тахтаҳои пул ба гӯш расид ва андешаи ӯро ҷондортар гардонд. Оҳиста дасти чап ковок карда аз миёни ангуштон дид нурро, вале сих зад чашмаш; маълум накард, ки кӯр шуда ё биност. Ба назараш, як чашм дид нурро, чашми дигар надид.

«Ман аз ту пул нагирифта будам, ки омада аз гиребонам дорӣ. Медодам... Намурдаам-ку? Зиндон накардаанд-ку? Нахӯрдаам... Буду шуд чизҳои дуздиву тозиатро пул карда доданӣ шудам. Харвор ҷуфта андохтӣ. Берӯихотир будаӣ. Ин дунё кушод бошад ҳам, моро танг. Хаёл кардӣ, ки шер ҳастӣ ва пешсина занӣ. Айбро надонистӣ, ки рӯбарӯи ҳамдиёриҳо маро бо ишкамат задӣ. Чок накунам чунин ишкамбаро, аз камари Мулло Нор набошам. Бо собуни ман ҷомашӯӣ накардаӣ. Лингатро аз осмон орам...»

Тулум банди андешаҳои хеш буд. Чизе нагуфт. Ё бо ӯ ҳамгап шудан нахост. Чунки борҳо гуфта, ваъда гирифта буд, ки пулро орад. «Чун хоҷагиҳои соляркаву супер гирифта пулро оранд, қарзро адо кунам» гуфта буд. Моҳ хӯрд, сол хӯрд; агар пинӣ хурад, дар ду дунё адо карда натавонад қарзро. Як навъ тиҷорати муттаҳамона; ҳатто кӯдакона ҳам не. Чунки кӯдакон муомилаву савдо кунанд, дилсофона кунанд; ҳама чизро росту дуруст фаҳманд. Чу аз калонсолон ёд гиранд, ба найранг гузаранд; макру фиреб кунанд; касб

шавад. Ин ду тан, ки чун муттаҳам аз якдигар раванд, худро фиребгар, найрангбоз, маккор нашуморанд, балки дар дил якдигарро таъна зананд, нафрин кунанд. Дуздро роҳзан задааст. Ҳарду дузд, ҳарду роҳзан. Ҳар ду ба тарзи фаҳмишу дониши хеш андеша доранд; ҳар ду якдигарро нокасу номард донанд. Вомхоҳ гӯё бартарӣ ба даъво дорад, вале чизе нагӯяд. Андешаҳо гуногун. Иддаъо дораду нагӯяд. Тарсад, ки чанбари фармон дар дасти ӯст; тавонад воруна ба рӯд созад, то на қарздор монаду на қарзхоҳ. Лекин Ҳоҷӣ-раис тарс аз мурда, зинда гаштани хеш дорад, ки фаҳманд, шармсораш кунанд. Ду пояш аз осмон ояд.

Ва вомхоҳ мисоли мори афъии захмист, ки сар бардошта, дар ду паҳлӯи гардан бол баровbooарда, сӯи душман дамад ва заҳр пошад ба чашмаш. Онгоҳ фаҳмад, ки чашм чисту озораш чигуна? Лек аз дарди чашм, зиёдтар аз тарс, даст аз чашм бардошта натавонад, ки сӯзанакҳои офтоб дубора халида дардманд гардонанд. Оҳиставу уздона ангуштон ковок дорад ва аз роғи онҳо нигарад чашм нимкоф карда. Вале чашме, ки сӯзад, нимроғ карда натавонад. «Панҷаата набурам, номамро гардонам» дар дил ғуррад. Ҳол он ки номи ӯ фаромӯш кардаанд ва аз рӯи шаклу ҳайату хислат лақабҳо гузоштаанд. Бӯ кашад ҳаворо, ки бӯи хун ояд ё на. Оҳиста даст лағжонда ба бинӣ орад. На, дасташ низ бӯи хун накунад, балки як бӯи бад: лаб кушода, забон ба ангушт расонда буд, ки маззаи хун дорад ё на? Бӯи даҳон нишаста ба ангуштонаш. Ғиҷинаш омада туф кард; ҳар бор ваъда ба худ медод, ки дандоншӯ харида ҳар саҳар ва ё пеш аз хоб дандонҳояшро шӯяд, вале фурсате гузарад, фаромӯш кунад: «Ман ба кӣ лозим?» Хешро тасаллӣ диҳад, ки дар гетӣ ҷуз хӯрдану фирефтан коре нест. Дасти рост бар чашм ва дасти чап дар лаб. Бӯи хун нашунид. Вале озод чашм кушода натавонад; моргуна тани хеш кашаду ковок бикунад, то илоҷи бардоштани тану тӯши гаронро ёбад. Вале Ҳоҷӣ-раис гирифтори андешаҳои хеш, ки чӣ кунад бо душмане, ки зиёдтар аз ҷон чиз хоҳад. Бо мошинаш ба рӯдбор андозад, ё рост ба милисахона барад? Чун аз пули дароз гузашта сӯи шаҳр тоб хӯрд вомхоҳ низ аз андешаҳои мағшушу ҳарина даргу-

зашт, ки Ҳоҷӣ-раис нияти бад надорад, балки духтурхона бурданист. Вале қаноъат накунад бо таскин додани дили хеш, балки адаби бодии беадабро бояд дод. Оринҷ такя ба нишастгоҳ гузошта вазн андохту ковок гаштан хост. Нашуд. Дастгираке мебод, то дасти дигар аз чашм бардошта вазни хеш кашад, аммо хилофи андеша ва мурод бувад; зеро Ҳоҷӣ-раис коре кард, ки душман накунад. Ӯ низ бояд коре бикунад, ки ин беадаб аз ёд набарорад. Ҳоҷӣ-раис хаёл дорад, ки беодобӣ аз ӯ гузашт; рафторе кард, ки номард накунад. Чунин кирдор дар шаъни марду мардӣ нозебост: «Ҳамту намонам». Вомхоҳ низ ӯро ба ҳоли худ гузоштанӣ нест; коре карданист, ки вомдор болои муттаҳаму гаравгон буданаш он кирдорро ҳеҷ аз ёд набарорад: «Зонукунда задан кам ӯро. Эзорашро кашӣ ҳам таъсир накунад. Ӯ на ор дораду на нанг. Ранге, ки ба чашмони ман ангушт нишон дод, ба чашмонаш низ нишон бояд дод... Ё зардҷома бояд зад...» Ҳоҷӣ-раис ба оинаи паснамо нигарад, то ӯро бинад; зеро мошин чанд бор ларзид, ки аз роҳ набуд, балки чизе меларзонд онро. Чизеро надид; Ӯ зайле ки дароз гузоштаанд, ноҷунбон буд. Вале мағзаш миёни шиддати дард кор кард ва аз ин каси ноошнои номеҳрубон дод ситонидан хост; мағзи сараш дар ҳамин ришта кор кард ва гаҳу гоҳ канда гашта, дард шиддат гирифт; ӯ бовар надошт, ки айнакаш барҷо бошад: «Нашинохта будаам ӯро; бо чунон таҷрибаву рӯзгордонӣ фиреб хӯрдам. Шунида будам, ки Андигонро алоб монда омадааст, аммо то ин дараҷа буданашро надонистам. Хайр, гузарад; ҳоло дар дойираам рақс хоҳад кард». Ҷунбид ва аён набуд, ки чаро ҷунбад. Бо як даст чашмон дошта бо дасти дигар аз пешнофаш чизеро ҷӯяд; ба назар теғ ё олоте. Ҷуссааш нишастгоҳи пасро пур карда, шикам ба муттакои курсиҳои пеш часпида; ангушти худаш нагузарад. Ва гаҳу гоҳ ҷуссаи гарон ё шикам ковок карда коре ба ҷо оварданист. Дар чунин ҳолатҳо мошин андаке ларзад. Ҳоҷӣ-раис ба оина нигариста пасро диданист ва аз ҳоли Тулум огоҳ шуданист. Ва бинад, ки хуфта чун тулуми айрон ҷунбад аз силтави мошин: «Ҷӯра ман туро гуфтам, ки овора нашуда, хапак биёву раиси ширкат бишав;

қарз ҳам аз худату замину замон ҳам. Дар ин ҷо чизи дигар нест, ки хӯрӣ. Пилтаро аз гӯшат каш. Нафаҳмӣ-а?! Гапи нағзро нафаҳмӣ. Ганда гӯям, фаҳмӣ. Мурданӣ бошӣ ҳам парида, хезӣ... Маро очат назоидааст, ки зонукунда занӣ. Боз дар чашми ҳамдиёриён. Хуб ё бад, сарвари ҳамин диёр ҳастам, бояд хунатро даркашам... Барои чунин кор дар ҷои мо шикамро чок кунанд ё саратро бояд гиранд. Ман инсоф карда ба айнакат задам, ки кушода шавад чашмат. Кӯрона по нагузорӣ. Надонӣ, ки ин ҷо Кӯҳистон, дар пушти мард зонукунда задан баробари ба номус расидан. Ҳамаро шунавад Тулум ва ба маъниаш сарфаҳм равад, лекин нашунида ангорад; зеро нақшаву нияте дорад дар дил ва бояд то расидан ба дари милисахона ва ё бемористон чунин кор сомон гардонад. Ӯ илоҷе карда: шиками бузургу халтаро озор дода, нӯги тасмаро пайдо кард ва аз ҳалқаи сар ба сар баста баровард; кашида аз ишкелак ҷудо гардонд ва дам гирифт: мурдавор дам ба дарун дошт ва гӯш андохт, ки Ҳоҷӣ-раис аз ҳаракати номаълуми ӯ чизе пай буда ё на. Андаке сар бардошт. Ӯ гирифтори андешаҳои хеш ба роҳи ноҳамвор, ки як замон қирпӯши ҳамвор ва рӯзҳои боронӣ равғанӣ метофт, сахт дида дӯхта саҳлу суст мошин меронд, то бемор озор наёбад. Чунин ҳаракатро ронандаҳои мошинҳои ёрии таъҷилӣ, ки замоне хизматгор буданд, ба ҷо меоварданд; ҳолиё аз он мошинҳо нишоне намонда ва ибораи «ёрии таъҷилӣ» аз истифода рафта. Тарзи рондани Ҳоҷӣ-раиси пурдида ва аз таги сад дор гурехта вомхоҳро писанд бувад; зеро то ба манзил расидан бояд нақша ба сомон расонад. Нӯги кӯтоҳи тасмаро, ки бо дарафш сӯрох карда ба оҳанаки ҳалқа мегузаронд, раҳо кард. Инак аз зери вазни гарон кашида гирифтан чандон осон набуд; барои чунин корро ба ҷо овардан бояд рост бишавад. Агар ӯ мисли дигар мардон камбор буд, дар чунин тарзи хоб ҳам камарбанд аз миён бурун меомад; ҳолиё зери сад ман бор аст. Танҳо ҳамин лаҳза дарёфт, ки хӯрдани зиёду беҳуда чӣ халалгоре будааст. Нахуст нӯги тасма тела дода аз ҳалқаҳои шим буровард дастмурӯсак. Сонӣ дам гирифта, аз ҳалқаи оҳанӣ дошта кашид, то бурояд. Налағзид. Зеро вазни гарон пахш карда буд

бар курсӣ... Мошин дакка хӯрд ба роҳи ноҳамвор ва суст шуд. Ӯ хавф бурд, ки Ҳоҷӣ-раис аз нияташ огоҳ гашта мошинро дорад ва бо ӯ моҷарое созад. Чунки дасти дигар аз чашм бардошта ва кӯрона дудаста ба кашида гирифтани тасма аз зери бори гарон машғул шуда буд. Андаке ковок гашта номаълум тасмаро баровард ва мурдаашро аз нав ба нишастгоҳ пахш кард. Мошин тормоз хӯрд ва қарор гирифт, вале хомӯш нагашта буд: «Ин тараф худат бирав. Хаёлам зинда. Бад мурданӣ надорад. Ман аз он муттаҳамҳои гумон кардаат нестам. Қарзамро адо хоҳам кард. Боз гӯям, ки ин беҳтарин роҳи муомила: ҳамон ширкати бесоҳибро соҳиб шав, қарз ҳам аз худат, замину замон ҳам. Лекин об баровардан ба зимаат».

Ва дарро кушода баромаданӣ буд, ки ҳалқа аз болои сар омада ба сари синааш нишаст ва пас кашидаш... Ва то аз амали ӯ огоҳ гашт, ки ҳалқаи тасма сар ба сар омад ва забонакаш ба сӯрох ҷой шуд. Дастон низ даруни банд монданд. Муҳаррики мошин кор мекард. Ду тан дам ба дарун буданд. Зуъм доштанд ва ба якдигар сухан гуфтанро ҳайф медонистанд. Аммо дар дил, дар сар, андар даҳону забон ҳарфи зиёд доштанд; баъзан мисли занбӯр ғу-ғу мекарданд. Нафаси дарун задаи вомхоҳ баромад; чашмаш низ кушода шуд. То ин дам чашми чапи сахт лат хӯрдаро пӯшида ва чашми ростро гаҳ пӯшидаву гоҳ кушода амал ба ҷо оварду ва аз ҷои танги худаш сохта (нишастгоҳро барои шикам шуда пас ғеҷондаву хобонда) росттар гирифта ва пушт ба муттако дода нафаси дароз кашид. Ҳоҷӣ-раис озод гаштан хоста бозувон дам дод, то тасма канда шавад ё забонак аз сӯрох бароядъ:

– Чӣ мехоҳӣ?

– Қарз!

– Сад бор гуфтам: қарзат ба сари ширкати кишоварзӣ. Мӯҳру печат ҳам аз они ту; сарвар шав. Хур, гир, пулатро ҳам аз ҳамон ҷо рӯён. Рӯйхат ҳаст, бояд пулатро диҳанд. Медонӣ, ки чизи ба ман додаатро ё трактор хурад ё замин. Ҳаққатро аз замин бояд бигирӣ; тирамоҳ. То он вақт бикӯш, то раис бишавӣ. Роҳашро ҳам мегӯям: назди муовини раис меравӣ. Пулро дангал медиҳиву раис мешавӣ; чунки ман

ҳамин хел раис шуда будам. Муовинҳо ҳам шояд бо чунин роҳ раис шуда бошанд.

– Тушбераро хом шумурдаӣ, дузд.

Ҳоҷӣ-раис на ба гӯши хеш бовар дошт ва на ба забони ӯ; зеро чунин касон аз сар шонаву аз таг фона зананд: «Яқин маро ҷосус ё далла пиндошта чунин гӯяд, то суханашро ба ҷое расонам. Як каси суханшунав дорам – Ороста. Ин ҳарфҳоро ба ӯ гӯям, хандад. «Вазифа мехоҳад» гӯяд. Аблаҳ! Наход хушомад ба ман занӣ. Лоақал дасти кушоду пои равон дошта бошам як гапе. Асирам; асири як ландаҳӯри фӯла, ки аз нафаскашии хеш арақ кунад...»

– Шумоҳо ҳаромхӯр. Роҳзан. Медонӣ мо барои як мошин солярка овардан чӣ ҷонҳо канем? Не, надонӣ. Агар медонистӣ, аввал пулашро меовардӣ, баъд худашро мебурдӣ. Тамоку медиҳам гуфтӣ, тамоку накоштӣ. Тамокуи панҷсола дар зери шефири бомҳо хазон гаштааст, гуфта майнаамро хӯрдӣ. Як барг наовардӣ. Ҳоло ба касе лозим нест тамокуи ту. Пулро биёр!

– Бемаза одам будаӣ. Ҳама гапро гуфтам, боз чӣ ғоз диҳӣ? Кушо тасмаро!

– Тасмаро милиса мекушояд. Ман берун баромада телефон мекунам... Ё дар бехи гӯши худат телефон кунам?

– Ба куҷое хоҳӣ, телефон бикун. Ман аз ту пул-мул нагирифтаам. Роҳи пулатро гардонда гирифтанро гуфтам. Раис шав ба ҷои ман. Чизе дилат хоҳад, бихур. Замони савдогарон расида. Онҳо росткору заҳматкаш, мо – ҳаромхор. Аз сад навадро занӣ; дар болои мол вазни худатро монда фурӯшӣ. Ту ҳалолхӯру мо – ҳаромхӯр. Ҳар кас бо қадами хеш чен кунад масофаро. Ҳар кас дар сар чӣ андеша дорад, ба забон орад. Ман аз ту зиёд дидаам ошно. Дар асри гузашта, дар замони коммунизм ҳам чунин корҳо буд. Болои сар сурати доҳӣ буду паси он пора пинҳон мекарданд, ки касе ҳадди пушти онро кофтан надорад. Худам дидам, ба чашмам дидам. Шумо ҳам ҳамон хел касон. Ман низ аз ҳамонҳо. Агар ту нагирӣ, сохтан нест, обод кардан нест; трактору мошин нест, ки солярка хурад; об нест, ки заминро корӣ; замин фурӯшӣ. Дили заминсозро меёбӣ; меъморро ба

кор меандозӣ; маъшуқаи раисро зиёфат мекунӣ; кордат болои равған мешавад. Муфаттиш меояд, ки ҳама ҳуҷҷатҳо сохтаву қалбакӣ, вале ту бегуноҳ... Хобат бурд? Осон не-а, нон хӯрдан? Бо вуҷуди он мо – ҳаромхӯр.

– Ало! Мӯҳтарам... Ман дар Дашти Малла. Ҷинояткорро дошта дар мошин маҳкам кардаам.... Нее, бастагӣ... Худатон меоед?..

Ҳоҷӣ-раис баланд хандид: «Вай ошнои худам... Ба ҷои ман худатро баста барад. Камаш даҳ сол диҳад. Медонӣ ин даҳ сол чӣ маънӣ дорад? Бояд донӣ. Хубаш дастони маро кушо ва кори гуфтаамро бикун. Раис шав ба ҷои ман».

Ӯ низ хандид: «Ҳамаро мисли худат аблаҳ пиндорӣ, а? Ман аз аҳмақҳои ту мегуфтагӣ не. Раис шуданӣ бошам, бе гуфти ту мешавам. Лекин раис шудани ман ба қарз дахл надорад. Гӯсфандро ба пои худ овезанд, бузро ҳам. Раис шудани ин замона ба донишу диплом вобаста нест. Мани дипломдори донишгоҳи кишоварзиро хатмкарда монанди туи нохонда пул дода раис шавам, айб. Вале донам, ки талабот чунин; кадрҳо ҳамаро ҳал накунанд, пул ҳал бикунад. Бобом мегуфтанд: «Бе пул суханат асар надорад».

Ду доғулии ҳазор каҳдонро оташзада бо сухан якдигарро муттаҳам карданианд, лек бо табари кунд параха напаррад аз кунда. Яке бовар дорад, ки дигареро ба банд гирифта, дигаре рустӣ зӯр дорад, ки банд пора кунад. Чун бо дамидани бозуву сарсина ва ё пеш кашидани тасма онро пора карда натавонад, пас лағзида аз сар бароварданист, аммо ҷои танг имкон надиҳад. Дасти чап ёзонда, ангушт ба даркушо расонд ва кашида бо зону дарро тела дода кушод ва то фаҳӯл ҷунбид, ки поҳо берун кашол карда лағзид ва аз банди тасма раҳо шудан хост. Ҳариф аз пас кашид тасмаро; аз гардан дошт. Чашмонаш чун чашми ғук ҷаста баромад. Забонаш гирифт кард: «Ку-ку-ку...» Яқин, кушо мегуфт. Ва аз ҳол рафт; дастонаш суст гашта, бар қадаш афтид ва ӯ худро ба мурда зад. Ҳариф бовар кард. Дар чунон вазъу ҳолат чун Қорӣ-Ишкамба ба ҳисоб даромад, ки хароҷот аз қарзи носитонда гаронтар афтад. Аз ин рӯ сар дод тасмаи кашидаро ва Ҳоҷӣ-раис бо вазни хеш лағзида аз мошин бурун афтод. То

Тулум ҳашам-кашам карда аз мошин буромад, ки ин ҷасад бори дигар зинда гашта, ба роҳ даромад. Муқобили роҳи сафар пас рафт рӯ ба сӯи деҳа...

«Худамро аз тори пул ба ҳамон гирдоб андозаму зинда бароям, дигарбора намирам. Либосамро кашида монам, фаҳманд, ки ман худро ба Зарафшони хунталаб задаам, то дигар вайронкорӣ накунад. Хун хӯрдааст... Не! Либос-пибос намонам. Бигзор ҳар чӣ дар бағал дорам бо худам бошад. Пули қарзи ӯ ҳам бошад. Об барад хубтар пули ҳаромро... Мурдан ҳамин хел шавад; ҳалол мурӣ. Ҳоҷат ба мурдашӯ намонад, ки баъди вафот болои мурда сад чӯб, ки ин хел буду он хел буд: Ороста-муаллима чӣ дидааст дар ин дабба, ки ин қадар часпид; шӯро ба чунон ҳол овард; дар ферма як мурғ намонд? Ҳазору як гапи дигар: Пулҳои баҷоии нифаи эзорро ҳам ёфта бароранд; як қиссаи дигар... Бачаҳо расида омада натавонанд. Дар зиндагиам омадан намонанду дар мурдаам монанд? Қиссаи нав «Аз ҷабри қарз». Вақти маро, гӯё раис интихоб кардан ваъда дода будам, ки ба дашт об барорам. Ба ваъда вафо накарда равам. Ин дурӯғи нав нест. Ҳар раис чунин ваъда диҳад, об бароварда натавонад. Сабабашро Худо надонад, банда надонист. Шояд аз он бошад, ки раиси нав нахуст пули сарфкардаро бояд рӯёнад; пайдо бикунад. То ин кор сомон шудан раиси навбатӣ биёяд: осиёи навбат. Насосҳо кор накунанд, ин аниқ. Лекин чаро кор накунанд? касе надонад. Тахминҳо зиёд... Тулум ҳам раис шуданӣ бошад, чунин ваъда диҳад. Иқлими Тоҷикистон аҷиб: 93 фоиз кӯҳ, 7 фоиз хок, боқӣ ҳама об. Ҳамин хел мегуфтанд. Лекин ҷангҷоли об аз азал то аҷал. Аҷаб кишваре, Аҷаб мардуме: ба ҳама чиз тоқат бикунад. Ҳама орзуву умед ба биҳишт. Лекин аз даҳанҷанг намонад. Ҷангаш худӣ ба худӣ. Ба ягон хок лашкар накашидааст; замин додаасту замин нагирифтааст; гӯяду ҳаққашро талаб карда гирифта натавонад. Обаш ҳам шорида дигар кишварҳоро шодоб гардонад, худаш лабташна. Заб кишваре: ба суханаш танҳо шаххо ҷавоб гардонанд. Аламангезаш таҳқири ҳамсояҳо: маро, ки диданд «омад» гӯянд. Ҳеҷ нафаҳмидам маъниашро. Албатта Зарафшон тани маро ба ҳамон кишвари ҳамсоя

барад. Дида, «Гадо мурдаст» гӯянд. Мурдаҳо чӣ шуданд, ки мо шавем. Ҳар одамҳо мурданд, ки даст дароз карда аз осмон ситора меканданд. Ҳеҷ шуда рафтанд. Як кас номашонро нагирад. Мо ҳам ҳамин хел шавем? Не. Ҳар кас, ки аз назди гӯристон гузашт: «Ин дарвозаро Ҳоҷӣ-раис созондагӣ» гӯяд. Ҷомаатро пӯш ҳоло вақти мурдан нест. Ягон кори хуб кардан лозим. Об буровардан лозим... Об...»

Чашм сиёҳ заду сар калавид. Аз тарс симтаноби неруманди пулро сахт дошт.

* * *

Ороста сияҳпӯш. Рӯ ба рӯи Ҳоҷӣ-раис ҳайрон: «Шуморо мурд гуфтанд. Мурдаатонро аз Дарбанд доштаанд».

– Хаёлам, ки шӯро гӯрондӣ.

Ҳарду хомӯш монданд. Ороста гӯшаки рӯмоли сиёҳро пеши бар дошта гирди ангушти ишорати дасти чап давр гардонд. Сар хам дошт, ба рӯи Ҳоҷӣ-раис нигоҳ накард. Аз кори кардаи худ ё аз он ки шӯяшро дар хаёл «гӯронд». Садои кӯтоҳаш озурдагие дошт. Ҳар қадар аз рӯзгор ранҷида, он қадр алам аз Ороста ситониданист. Вале андеша дорад, ки ҳар чӣ аз зиндагӣ сахташ расидааст, худаш айбдор. Ба ҷуз зиндон шуданаш. «Ин айб надорад» ба ӯ нигарист Ҳоҷӣ-раис, ки дар либоси сиёҳ ҳам хубчеҳр тобад. Ба сони кабк, ки рангорангиаш зеботар гардонад: парҳои ранга, минқори сурху чашму абрӯи сиёҳ, сари синаи сафед ва гарданфарозиаш ҳамҷӯranд. «Кабки тапа-тайёр-э». Лекин нагӯяд, то наёзад. Безебтарин занро ситоиш бикунӣ, бовар кунад, ки зеботарин зани дунёст ва ба нозу карашма дарояд. Ороста низ фаҳмид, ки Ҳоҷӣ-раис озурдадил гашта бошад ҳам, майле дорад. «Чаро чунин пӯшидӣ?» «Охир... охир, гуфтанд, ки шумо... вай...»

– Шуд-шуд. Ҳар кас гуфтаст, номаъқул кардаст. Душмани ман зиёд. Ба ҳар гап бовар накун. Ту ҳам душмани зиёд дорӣ.

– Медонам. Ҳама душманҳои шумо – душмани ман.

– Гиря накун-дия. Ин ҷаҳон, ин даштҳои сӯхтаи мо садқаи оби чашмат шавад. Ба наздикӣ раис нав мешавад; ин

даштҳоро сабз мегардонад. Олам гулистон мегардад. Ва...

– Кӣ вай?

– Баъд мефаҳмӣ. Як одам, ки хоҳад, оби Зарафшонро чаппа мегардонад.

– Хайр, кунад!

– Мекунад. Дар хоби шабаш. Ин як барномаи интихобӣ. Чун халқ хонандагони нодони синфи як барин ба саволи «Кӣ медонад?» фаҳмида – нафаҳмида даст бардоранд, баъди ҳасибашон ях гаштан «дастам шиканад!» гӯянд. Чунин барномаҳо барномаҳои раисони мо не; аз дуриҳо оянд онҳо. Номаш ба худаш – ваъдабозӣ. Худи зиндагӣ бозӣ. Ҳӯ мехонад-ку: «Ту сарвинозӣ, маҳрами розӣ, хӯрдӣ сарамро, бозӣ ба бозӣ! Эй занам!!!»

– Ман?

– Не. Вай. Ту набудӣ, ман рафта ӯро хабар гирифтам; ҳоле дорад, ки саг надорад. Доси сангзадаи алмосгаштаро дамбура навохта, хонад. Дар охираш «эй занам!» гӯяд. Чӣ бояд кард? Аз ту домангир. Маро дида гурехт ва паҳлӯи мурғҳои досдарав кардааш нишаста, мисли шағол тарафам дандон инҷ кард. Мӯяш як гап; нохунҳояш чун кафшакҳои гӯсфанди охурӣ дарози безеб гаштаанд. Гуноҳаш нагирад, мегӯм.

– Чаро ин хел шуд? нагуфт; нафаҳмидам.

– Мурғҳои мурда бӯ гирифтаанд. Ягон бор рафтӣ ҳамон тараф?

– Не. Аз рафтан метарсам. Як бор ба тарафам дос андохт. Мерасид, мемурдам. Бинад, абрӯ парронда ба чизе ё касе ишора кунад. Баъд ришак кашад. Медонед-ку, чанд шаб боз ҳамон тарафҳо намеравам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки достезкуниаш барои куштани ман. Фурсати боб меҷӯяд. Ба назарам, ҳардуямонро якҷоя куштанӣ. Шаб шумо набудед. Дар хонаи деҳа хоб кардам. Тарсидам. Хоб дидам, ки дар ҷогаҳам мор даромад...

– Душман.

– Душмани ману шумо ҳозир ҳамон девона.

– Неее... Ту нафаҳмӣ, душман дигар. Сари маро хӯрданӣ. Омад-ку! Тулум омад. Қарз талаб дорад. Ҳамон соляркаву

порухои додаашро талаб дорад. Ҳеҷ чиз нест. Надонам куҷо рафт. Ҳар чиро бод оварад, бодаш барад.

– Ман ҳам ҳайрон; куҷо рафт?

– Ту аз ҳама сирру савдо бохабар. Ягон ҷо мерафт, ҳардуямон медидему медонистем. Инак гирифт, унак гирифт. Нест шуд. Ман писарони Лангро ёр гирифта бовар кардам, ба сарам лой молиданд. Як авлоди нодида будаанд. Равғанӣ хуранду ба лабашон кулӯх молида шинанд. Ту дидиву ман надидам. Хоби дидаат ана ҳамон. Душман ҳамон. Аз шӯят бадгумон нашав. Аз дасти ӯ коре наояд. Биниашро дорӣ, ҷонаш бароядmissing. Дурусттар нигар: мадори сангу досро доштан надорад.

– Ба ин дидан набинед. Чандир – бало...

Ӯ аз паси харсанге, ки пинҳон гашта буд, баромад. Харсанге, ки гӯӣ аз Осмон афтида миёни саҳро. Тамоми масоҳати дашт ва соҳили рӯдро биҷӯӣ чунин санг пайдо нагардад. Гоҳи убур Ҳоҷӣ-раис чароғи мошинро ба харсанг рост кард, ки шояд Ороста маъво гирифта бошад, надид. Зеро Ороста парч гашта бехи санг, гоҳи пеш рафтани нур дар сояи он синамол пас рафт, то набинадаш. Гузашт камаз ва дар уқёнуси тира чун киштӣ равад. Обу ҳаво хурад нурро. Мошини ӯ оҳиста-оҳиста ду канори роҳро чашмандоз рафт; рафту паси дарвозаи мазор гум шуд. Шаб тира ва пурвоҳима буд. Ситораҳо равшанӣ надоштанд. Моҳ шомхӯрда буд. Ҳавои хушк танро меларзонд чун сармои зимистон. Шуъои нур дар тунукаи бомҳо ва шишаи тирезаҳои боло акс андохта, ғоз-ғоз рӯшанӣ медод, боз ноаён мегашт. Муродаш пайдо кардани зан набудааст, ки тез рафт. Аз деҳа баромада ҷониби Сарой нишеб шуд.

«Мекушад» аз дил гузаронд Ороста ва беихтиёр по тез кард; давид. Ба буттаҳои шибоғу хорҳои хушкида пешпо хӯрда ба даҳон рафт ва худро боздошт. «Мекушад...» Зери лаб баромад беихтиёр, вале рӯшан набуд, кӣ киро бикушад?

Ҳоло оламгир нашудааст Ҳоҷӣ–раис; танҳо пурдидаву корчаллон ва найрангбоз набуда, балки ягона аз миёни ҳоҷиён, баъди мурдан боз зинда гаштааст. Агар чунин қисса

аён гардад, чӣ қадар касон лаби домонаш намоз гузоранд; чунки чунин одату бовар доранд авом. Кам рух дода чунин мӯъҷиза. Як пирмардро манаҳ баста, гоҳи ба лаҳад ниҳодан манаҳбандро кушоданд, оҳ кашид. Он, ки пирмардро ба хок бояд супорад, ҷо ба ҷо мурд... Мурдаро бароварданд, зиндаро андар гӯр гузоштанд... Қиссаи дигар: мурдаи занаке, ки нирӯи барқ зада кушт. Бомдоди дуввум пайвандон сари хок шуданд, ки аз гӯр садо ояд. Кушоданд. Мурда зинда гаштааст, аммо девона... Аз миёни мурда зинда гаштаҳо камзораш Ҳоҷӣ-раис, ки гап диҳаду гап нахурад.

Оқибат ӯ низ мурд...

* * *

Нури чароғи камаз бозгашт. Омад дуру наздик, пастиву баландиҳои роҳро палмосида. Ва баробари тез омадани нури чароғ садои баланди камаз дар шаби ором аз дур шунида шуд. Фазои деҳаро ноором ва хоби дашту ҷонваронро ҳаром гардонида, хомӯшаку парвона ва гамбускҳои савриву саргинғелонро, ки пуршаст омада ба фӯки мошин бархӯрда қурбон мешуданд рӯи роҳ рехта ва ғукҳои аз буни деворҳои кӯчабоғӣ баромадаро ба хок парчин карда, тез омад. Ороста хавф бурд аз чунин тез рафта, тез омадани мошин. Нури нооромва ноҳамвор ба шохи дарахтону деворҳо, ба роҳу марзаҳо бархӯрда, канда гашта, аз паси хеш торикие боқӣ мегузошт ва гувоҳӣ медод, ки кадом бадмасти нав ба сари фармон нишаста мошин ронад ва аз ҷинояту хиёнати карда гурезад. Соҳиби мошин ҳам нест, балки каси мошинрабуда осема аз ин мулк бадар рафтанист. Нури чароғ лаппида, ба боми тунукапӯши бинои паси хонақо бархӯрда, як мавҷ мисли барқ оне даштро мунаввар гардонд ва дар дашти сӯхта сиёҳӣ боқӣ монд. Ин ҳама ташвишу нуру носомонӣ аз вуҷуди Ороста мегузашт, ки андар Сарой коре шуд барқосо, аммо садояш набаромад; раъд нағуррид, борон наборид, валек коре шуд, ки фалак чашмдор набуд: ба назари Ороста, Ҳоҷӣ раис бо шасте, ки рафт, дами дарвоза он берӯзии ҷонбезори бори вопасин аз дарвоза ба пешвози нур баромадаро чун ғук ё муши роҳгузар пахш кард ва оташи мошинро

хомӯш накарда, баргашта омад. Ин лаҳза зиёдтар аз симои хуфта ва хукмонанди Ҳоҷӣ-раис ва чашмони гурезони ӯ, ки гоҳи сухан гуфтан ба рӯи кас нигоҳ карда наметавонист, андоми наҳифу лоғари пӯсту устухон ва риши дарозгаштаву мӯи сари печидаву даққӣ ва пурчангу хок, либоси фарсудаву якпӯши қарқин, пои луч, дастони ларзону борики сангу досдошта, мурғони мурдаву бӯгирифтаву кирмзада ва тухмҳои дар танаи девор пошхӯрда пеши назар омад ва бӯи саргини мурғ димоғ хориш дод. Ва хаёлан муқоиса кард чунин чеҳраву андомро бо қаду қомат ва чеҳраи даврони ҷавонии шӯ. Гирди ӯ парвона гаштану чун пионер ҳамеша ҳозирбош буданашро ёд овард. Шояд чунин хешро ғулом нигоштани шӯ ҷавонзани зебои ба ҳар тори мӯй марде кашолро хуш наомад ва ё аз чунин мард бор нагирифтан ва нозо ном бардоштан буд, ки майли марде кард; вале мисли малах баланд ҷастану ба забони дарозёзи бӯқаламун часпиданро надонист. Хобу хаёл буд. Достони ҳақиқӣ шуд. Ҳолиё ӯро аз миёни бадбӯиҳо ва ғаждиву ифлосиҳо бароварда; навозишкорона аз банди бозӯяш гирифта ё даст ба гарданаш ҳалқа гардонда аз говхона (ҳоло мурғхонаи касифу ҳаром) берун кашида, сари чашма бурданист; зеро ӯро чун тифл дар тағора оббозӣ доронда нашавад. Балки лаби чашма бояд бурд. Бузтарош мӯи сарашро бояд дукорда зад, ки орзӯи якумраи ӯст, ки бояд мӯи сари писарро чунин тарошад, ки теғ пардаи хомаки сари бачаро озор диҳаду дарронад. Бояд тарошид мӯи сар ва риши ин тифли пирро, ки монанди танаи буз ҷӯяҳои ноҳамвор боқӣ монад, ки замоне дар кӯчаҳои деҳа тарошидасар мегашт ва зеб ҳам медод деҳаву хонаи падарро; ҳавливу ҳарами падар пур буд. Арӯси зебо ёфт ба писар; орзушикан шуд... Вале ҳоло нест, то бубинад ҳоли писарро. Ороста бурд ӯро сари чашма. Куртаи баргакдори муҷаллояшро кашида рӯи сабза густард ва тифли ҳазорорзуро нишонд бар он. Чун сартарош бо тагпӯши сафед гирди сари ӯ гашт ва нишаст сари зону, ки пеш аз ба мӯяш минқор задан оғӯш карда бӯ кашиданӣ буд. Аммо натавонист; зеро бӯи поруи мурғ дошт, ё нахост ҳама аъзои мурдаи ӯро барангезад. Лек дар дил, дар тану пӯст, бо ҳазор

эҳсосу меҳр ба оғӯш кашид ва исту бисти ваҳшиёнаи ӯро ба сари синааш пахш кард. Садои дукорда, ки ғарчӣ мӯро бурид, ӯро ба худ овард. Як дарза мӯи мошубиринҷ, ки дар ин муддат чунин ранг гирифта буд, ба гарданбанди рӯи дастони ӯ паҳн гардида, афтид. Шӯи девонагашта онро дид ва зери теғи дукорда ларзид. Ороста сари ӯро сила кард. Гӯё тифли адабандӯхтааш қарор истод. Ҳамон хел мӯи пероста ба гарданбанди рӯи дастон доштааш бисёр рехт ва қатра-қатра борон ҳам дона кард гарм. Аммо тани камхун, сардгашта ва қарқбастаи ӯ гармии андакро ҳис накард. Ороста пешгир аз дӯшу гардани ӯ бардошт, мӯй бехи дарахти бед таконд. Боз ба гардан баст, то ришаш кӯтоҳ кунад. Чашмаш ба дидаи фурӯрафтаи шӯ бархӯрд, ки рӯ ба рӯ нишаста буд. Чашмони шӯ чашмони тифли бегуноҳ ва маризи маъсумро мемонд. Зорӣ низ дошт, ки на ҳар кас чунон шунавад ба маъниаш сарфаҳм равад. Дар чашмони зан ашк давид ва дигар намедид симову риши ғуллии шӯро. Аммо қайчӣ меандохт ва садои ғарчӣ буридани онро мешунид. «Пӯсташро набурам». Қайчӣ миёни зонуи сарбазонуи шӯ ниҳод ва оби дида бо пушти даст пок кард. Нӯги панҷа медошт риш ва қайчӣ мезад. Бар суф меандохт. Чун риш пероста гардонд, ба сару рӯи ӯ нигарист аз чапу рост. Дар дил фараҳе омад, дар лаб табассум ва мӯйу суф бардошт; Сонӣ либоси чармбаставу қарқини ӯро бадар овард. Танаш чӯби хушк гашта, нишоне аз тифли хушгӯшти сафедпӯст набуд. Бар хушкидагиёҳе бор кард либос ва аз зераш гӯгирд зад. Бӯи латтамуд фаро гирифт дарёободро. Нохунҳои дарози чиркгирифтаро низ бо оби кафи даст тар карду гирифт. Гарчӣ сахт буду ба дард омад, тоқат кард шӯ. Бо вуҷуди ин ҳама бардошт рӯи даст шӯро, ки вазни як банд ҷувории Ҳоҷӣ-раис ташкил карда кошта ва ҳамаро ба бузбозӣ андохта ва фирефта, дон ба муш хурондаро надошт. Лаби ҳавз бурд. Сурати ҳарду дар оинаи об намуд. Онҳо ҳардуро якҷоя диданд. Гунгу хамӯш буданд; забони ба якдигар сухан гуфтан надоштанд. Ороста ӯро нишонд лаби об ва даст ба об зад. Об лаппид. Сурат гум шуд

чунон ки чанд муддат пеш. Ороста бар сари ӯ об рехт бо ҷуфткаф. Ларзид шӯ. «Бузургмеҳр...»[1]. Баъди муддати зиёд садои ошно ва маҳину ҷонбахш, хеле ҳалиму меҳрубон садо доду номи ӯро гирифт, ки солҳои пеш ба гӯши ӯ меомад; пур аз меҳру муҳаббат, самимият, орзуву ҳавас ва як қатра обе буд, ки ба ҳалқи ташна расад. Боз ларзид тани Бузургмеҳр. Сипас дастони нозуки Ороста ба сару тани ӯ лағзиду палмосид равғанӣ; Соиду молид. Собуншӯ кард... Куртаву эзори сафед пӯшонд. Бардошт рӯи даст.

Ва аз баландии ҷарии сарой ду чашми фурӯзони мошин пайдо гашт. Садои ҷонгудози тормузи мошин баромад. Бознаистод ва парида аз паҳлӯи онҳо гузашта ба ҳавз рафт...

Ба худ омад Ороста, ки рӯи роҳ нишаста буд. Аз паҳлӯяш камази гаронвазн расам-нарасам гузашта, дар канори роҳи баланд чапа шуда ғел хӯрд ва аз ҷӯйбори канори роҳ парида, чархонаш боло бозистод. Ороста тавонист даст ба даҳан пахш кунад...

* * *

«Боязид муғулонӣ будааст, дадеш» ба гӯши Барзгар пичиррос зад зан. Гӯши ӯ ҷаранг заду сонӣ қуфл. Баъди он як зилла ҷо гирифт ва ба мағзи сар гузашт, ки шабу рӯз «зиииии...» мегуфт. Оне ки Боязиди муғулонӣ буданашро донист, дарёфт, ки иллати кор аз телефону телеграм будааст. Номаълум ҳама шиддату вазъ паст шуд: нафаси дароз ва ҳаяҷони зиёду тапиши дили Барзгар. Баробари пичирроси зан сахт тафсида арақ баровард. Сонӣ арақ сард гашт. Чароғи барқ хомӯш шуд; боз бомдод фурӯзон гардад; танзими вақту сарфи нерӯи барқ чунин. Раги пояш кашид аз сармо ё ҳаяҷон. Чунон одами сахтҷон, ки ба зан нагӯяд. Дандон ба дандон монда, ором карданӣ шавад; ёрое надорад, ки даст ёзида молад ё гӯяд ба зан, то молида, ором гардонад. Ҳар қадар тоқат кард, сурфаро дошта натавонист. Сари синаро пур карда, андарунаш нагунҷида таркид; аз паси он садо баромад; мисли садои тир: «Вой!» Зан пиндошт,

---

[1] Бузургмеҳр – номи писари ба дунё наомадаи онҳо.

ки дили он қадар азият кашида ва пур аз дарду алам ва сабру тоқати зӯракӣ таркид чу пуффаки идонаи бозии дасти баччаҳо, ки аз иқтидораш зиёд дам карда бошанд.

– Дадеш?!

Ин садо зӯртар аз таркиш буд, ки хонаро пур кард; саги беруни дарро тарсонд. Саг сӯи осмон зуза кашид. «Бало дур... Бадбахтиҳо аз куҷо пайдо шуданд?» Дар сар буд андеша. Дастмурӯсак сари шӯро палмосид.

– Дадеш! Ҳушёр истед!

Ва хест; аз ҷогаҳ баланд шуд. Садои ларзондани гӯгирд баромад. Ва сафири ангушт зада, аз хонаи гӯгирд дона ҷудо карданаш омад ва андаке баъд сарири ба сир бархӯрдани дона баромад ва оташи вағғида хонаро рӯшан кард; шамъ афрӯхта шуд. Хонаро бӯи гӯгирд фаро гирифт ва бӯи шамъ омехт бар он. Шамъро дар токдони тиреза гузошт андаруни пиёла. Нафаси зан расид, лаппиду забона зад. Сояаш ҷуссаи дарози ӯро пӯшонда буд. Боз сурфид ӯ, вале оҳиста-оҳиста. Мисли маризи дерсолаи озордида, ки дилу ҷигараш тамом шуда бошад ва аз баланд сурфидан лахте аз даҳон ояд. Ва дар кадом узв чизе ба сони сӯзан ё устухон андармон шуд; нахуст нофору ғашовар хадук дод, сонӣ чун дарди бедаво озурда гардонд ва тану ҷонашро ларзонд. На аз сармо, балки аз озори дарди ноҳинҷор, ки дарку фаҳм накард дар куҷои танаш ҳаст, ларзид. Сахт ларзид. Як бор чунин шуда буд – тақрибан бист сол пеш, баъди зода шудани писар: ба кори ҳамсоя мадад кунам гуфта, аз девор гузашта буд; усторо халал нарасонам, гуфта пушти по надида пас-пас рафт ва ба сими миёни вотаи гул паси по хӯрда ба пушт афтид ва миёнаш лат ёфт. Баъди андаке фурсат пиндошт, ки мағзи миёнаш гусаста аз ҳам лату дард ёфт ва ларзонд; чунон ларзонд, ки ҳама кӯрпаи бударо зан ба болояш андохта худ сарборӣ гашта, вазн андохт; ларзи тану ҷон қарор нагирифт. Ларзида-ларзида мурдаосо орому хамӯш гашт. Зани ҷавон бигуморид мурд. Баъди хеле вақт «гир» гуфт базӯр мурда... Ва ҳоло он ҳолат такрор ёфт, лек «гир» нагӯяд. Аз ҷогаҳ бӯи арақи бадан ва сӯхта ояд. Ба назари зан ӯ ба ҷои мурдаи писари Боязид аз гӯр баромад. Гӯё гоҳи ба хок супоридани

одами зинда тарсида ба чунин ҳол гирифтор гашта буд. Бӯи дудаи шамъ омехта ба бӯи боқимондаи сири гӯгирд димоғ ба хориш овард ё баъди бардоштани кӯрпаҳо сармо расид, ки сахт атса дод. Риштае ё мӯе зери синаи чап аз ҳам бигусаст ва боз дам ба дарун дошт дер. Сипас, ки дамгардон шуд, тарсон, оҳиста-оҳиста мисли чархи меххӯрдаи мошин дам сар дод, то ҳар чӣ бошад, якбора надаррад. «Кушо!» Фармуд. Зан нафаҳмид, ки чиро кушояд. «Тирезаро?» пурсид зан. Вале посух нагирифт. Зан кушод тирезаро аз таваккал ва ҳавои сарду серун ҳуҷумовар шуд. Бӯи ғализи ҳавои хона тоза гашт.

– Киштро тамом кунам... уҳу! Пеши бачча меравам, занак...

Зан чизе нагуфт. Сар афшонд ба тасдиқ. Бо зарби сарафшонӣ оби дидааш шорид ба гуна.

* * *

Сари одамон хам. Худо хамтар нагардонад; худ надонанд аз чӣ рӯ ин қадар хам; шояд аз панди пирон бошад: «Сари хамро шамшер набуррад». Аз сари хами норозиёнаашон бар ояд, ки чунин наандешанд, балки фикр надоранд; андеша накунанд; зеро нагунҷад чунин чизҳо дар сарашон. Гирифтор; гирифтори ғами хеш ё чунин ҳавое пайдо шудааст, ранги сарпӯш ба сари зиндагӣ бор аст ва бори зиндагӣ гарданшикан пахш кардааст. Ёрои сар боло кардан нест; гӯё боло кунанд, шамшер гирад. Ва ё дарди дигар: ба рӯи якдигар нигоҳ карда натавонанд аз шарм. Чун нигоҳашон ба ҳам бархурад, тӯфон хезад; замину осмон такорӯ шавад ва қиёмат. Аз ин рӯ бояд хомӯш ва сархам гарданд.

Сарҳо хам. Зеро аз омадани баҳори нав ҳам суде нест. Ҷуз Ҳоҷӣ-раис – бад буд ё нек, чанд асобадаст ҳам натобанд зери сада; чандеро пеш аз Ҳоҷӣ-раис ба хок супориданд, чанде дигар дар бистар ҷон кананд. Одати ин гили сиёҳ чунин: зояду хурад. Ва онҳо сар ҷунбонанд; чунки нав аз сари манзил баргаштанд ва оқибати ҳолро диданд. Чизе нагӯянд, сар ҷунбонанд. «Ҳааа...» Мӯсафедро ё ҷон баромад ё ҳама андешаҳояшро бо ҳамин овози нимҷон ифода кард. Чунки аёмест, ки одамон росто, қадамзанон бимиранд...

* * *

Мерседеси сиёҳ, ки шишаҳояш низ сиёҳранг буд, аз канори сада гузашта, чап хӯрда, назди дари ба ном «идораи колхоз» бозистод, ғаши мӯсафедонро овард, ки салому алейкро дареғ донист. Фурсати зиёд нагузашта, аз паси бинои ба ном «чойхона», дар асл фурӯхташуда, садои хабарчӣ баромад: «Ҳӯӯӯ... колхозчие, ки бошӣ, ба маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботӣ биё, ҳӯӯӯ!!!» Ва хабарчии маъракаҳои деҳ Фузул бо кӯчаи миёнаи деҳа садо карда рафт ва овозашро бод бурд. «Кӣ ҳисобот диҳад?» пурсид яке ва дигаре иллат кард: «Шумо аз деҳа нестед? Ҳамааш чашмбандӣ».

Бинои идораи колхоз нахустин иморати дуошёна дар ин мавзеъ. Дар қабати аввал даромадгоҳ, долони дароз, ба дасти рост тоб хӯрда, боло равад; аз торикӣ равшании берун тобад, толори маҷлис, чанд ҳуҷраи хурд барои боздоштани ҷорӯбу латтаи фаррош ва як ҳуҷраи хурдаки чаҳор кас рост меистодагӣ, ки почтахона ном дорад. Як сандуқчаи оҳанӣ ва як гӯшаи телефон дорад. Шаборӯз дами дар занҳо рост истода навбати гуфтугӯ поянд, то овози шӯ ё писари дурафтодаро шунаванд. Пештар чунин корро падарон ҳамчун қарз иҷро мекарданд, лекин шаҳр рафта; чунки дар ин ҷо нуқтаи гуфтугӯ набуд, рӯзҳои якшанбе шаҳр рафта, дар почта фармоиш дода, навбат поида ва писар агар ба почтаи шаҳри хонданӣ рафтааш, омада бошад, гуфтугӯ мекарданд. Баъди пош хӯрдани империяи муқтадири Шӯравӣ Одинаи хаткашон, ки бо идораҳои почтаву телеграф ошноӣ дошт, азоби шаҳр омадани занҳоро фаҳмонида ҳамин сандуқчаи болои чаҳорпояро пайдо карда овард, дар ҳуҷрачаи танг гузошт ва шабурӯз аз он ҷо набаромада муҳими корафтодагон барорад. Ҳай қитир-қитир кобад, ба занакҳои телефонхонаи шаҳрӣ занг зада, илтимос бикунад; шаҳрҳои Тоҷикистонро худаш якрост гирад; занги ғарибкорҳоро аз шаҳрҳои Россия қабул кунад. Лекин гаронгӯш аст, то киву чӣ будани гӯяндаро донистану ӯро шинохтан сад бор «аах?» гӯяд ва чунин одатро ҳама занон омӯхтаанд, шунаванд-нашунаванд, байни ҳар сухан «аах?» пурсанд, ки гапзанон чунон мешудааст; гӯё ҳар чӣ баландтар садо бароранд, аз он гӯша хуб-

тар мешунида бошад. Зани Бузургмеҳр Ситора низ шаборӯз ба тасаллои дил меомад, то муаян кунад, ки «писари Боязид» кист? Чун Шодмон дар озодӣ набуд, хомӯш меомаду хомӯш мерафт. Баъдтар савдои Одина коста гашт; чунки ҳар зан телефони дастӣ гирифт: чун шавҳари ғарибкор дидорбинӣ меомад, телефони дастиашро ба ёдгор гузошта мерафт ва кори арӯсон телефонбозӣ шуд: «Э! Боз зани урус нагирӣ! Қаврата меканам!» Ва аз он сӯ садои гуд-гуд меомад. Аз ин рӯ кам касон меоянд; модарони пире, ки телефони дастӣ надоранд ё онро кор фармуда натавонанд.

Вале паси девор андаруни маҷлисгоҳ мағал: Толоре, ки соле як бор дараш кушода гардад ё на? Маҷлиси ҳисоботӣ – интихоботӣ ба назар бо доду фарёд шурӯъ шуд. Кори одат чанд шаттоҳи ба дилҳо зада пардаи гулӯ дарронда доду фарёд кунанд; маҷлиси оғоз нагаштаро вайрон созанд, ки зӯранд ва бе онҳо колхоз, район ва дунё вуҷуд дошта натавонад; сонӣ хаста гашта иддаъо пеш оранд: «Касе раис шавад, фарқ надорад, моро нон диҳад; об барорад; замини назди ҳавлӣ диҳад». Аз тарафи дигар даҳонкалонҳои хоса, тоқӣ дар даст, чун ливо ба ҳаво афшонда, фарёд зананд: «Дурӯғ! Фиреб! Найранг! Ягон кас ба каси дигар чизе дода натавонад! Ҳама дар ғами шиками хеш! Ҳар кӣ раис шуд, ваъдаи об дод. Баръакс даштҳоро сӯзонд! Гапе, ки касе шиками шуморо сер бикунад, даҳанкалонӣ! Дидем! Ҳамаашро дидем: худиро, бегонаро дидем! Хубаш, заминро ба соҳибаш – деҳқон тақсим арда диҳад! Ба мо раис лозим нест!»

– Рафиқон, рафиқон! Рафиқооон!!! Ин чӣ гап?! Шумо инсонед, ё ҳайвон?! Ҳоло ҳеҷ гапе нашудааст; касе раис шавам, гуфта ариза надодааст. Чаро аз пода пеш чанг мекунед?

– Мазбутбой Мазбутович, найрангатонро монед! Ҳар бор шумо ҳамон намоиши пешинаро нишон медиҳед. Шумо моро ба чунин рӯз расондед; ба чунин ҳол овардед! Мо тарбияи шӯравӣ гирифтагӣ... Моро ҳақорат накунед! Пеш ин хел рафтор кардан мумкин набуд., Очаи зори беадабро дар чашмаш нишон медоданд. Барои чунин беодобиву беҳурматиатон ба райком ариза мекарданд, напурсад ба об-

ком мерафтанд; напурсад, ба ҷумҳурӣ мерафтанд; напурсад ба кумитаи марказии СССР мерафтанд. Шумо курсии бесоҳибро мазбут дошта, ҳар бор ба сари мо бало меоред.

– Бача, ин қадар ъар нагӯ! Даҳонатро надаррон! Масъалаи рафтану нарафтани ман дар даҳони ту нест! Ҳукумат кадрҳои худро шиносад. Дар ин замон кӣ ба як пули пуччак, бемаошу моҳона кор кунад? Мо барин фидоиҳо! Ҷонбагаравҳо! Тавонӣ, биё ба ҷои ман кор бикун! Натавонӣ... ваята надаррон...

– Масҷид ҷои гӯз не, раис! – Шарафи бедандон вораҳои сурхи пешро намоиш дода хест ва тугмаҳои куртаро кушода сарсинаи пурпашмро бараҳна сохта, сухан оғоз кард: – Ман Шӯравиро чашми дидан надоштам... – сухан дар гулӯяш печид, бозистод ва як чизи дар гулӯ мондаро базӯр фурӯ дода иддаъо гуфт: – Па-падарамро бегуноҳ ҳабс карданд. Мо азоби гӯрро кашидем. Падар сафед шуда омада бошад ҳам, бо ҳамон дарду алами беҳуқуқии инсон мурд. Ман душмани поймолкунандагони ҳуқуқи инсон ҳастам. Шумо баринҳо ба мардум рӯзи хуш наоред. Аз ҷои нишастаатон амр диҳед, ки клуби колхоз ба фалон колхозчии пешқадам фурӯхта шавад.

– Тушбераро хом шумурдай, ошно!

– Ту хом шумурдай порахӯр! Заминҳои Суғду Хатлон ба мардум тақсим шуд. Шумо заминҳои моро гови дӯшоӣ кардаед барои худ. Вақти алафдарав телешкаҳо аввал сӯи шумо рӯ оранд. Ба калонпояҳои ширкат гап занӣ, «Кори худата кун!» гӯянд. Ба мо раис-паис лозим не!

– Аз барои Худо, ин чӣ гап аст? Дунё футур рафтааст, ки на гапи калон гап бошаду на гапи хурд?! Қиёмат нашудааст-ку!?

– Аз қиёмат ҳам зиёд, Ҳоҷӣ. Даври шумо дигар буд, гузашт.

– Медонам, гузашт, дигар барнагардад, лекин ман аз шумо як чиз пурсиданӣ. Мӯҳтарам намоянда, мо ҳақиқатан дар замони гузашта кору бор кардем. Ва медоду талаб мекард. Шумо чӣ додед, ки талаб мекунед?

– Чӣ медод?

– Шумо бача не-ку, худатон бо чашматон дида будед. Ба

ҷуз бисёрзанагӣ ҳама чизро медод: ҷуфт мекарду корида медод – тухмӣ медод, сӯзишворӣ медод, ҳақи меҳнат медод; поруҳои минералӣ дар сари ботҳо об шуда мерафт. Сонӣ талаб мекард, ки чӣ бардоштӣ? Ва кадри хондагии хоҷагидонро оварда дар курсии раисӣ менишонд. Акнун гӯед, шумо чӣ ҳақ доред, ки ба сари мо дарди сар оред? Шумо гумон мекунед, ки амрикоӣ сардори мо шавад, ғами ватану миллати моро хурад?

– Бисёр баланд наравед, Ҳоҷӣ. Мо нав озодиро дидем. Нав дасту поямон кушода шуд. Нав рӯи...

– Гӯед, гӯед! Ин ҷо будагон ҳама ҳайвон ба гап сарфаҳм намераванд. Шумо барин як чӯпон лозим, ки «чаю бош!» гӯяд.

– Ман муроди шуморо медонам: писари шумо зеби раисӣ надорад.

– Рост мегӯед, барои раис шудан ё девона бояд буд ё шумо барин ҳилагар. Баччаи ман чунин касбҳоро надорад. Шӯъбаи иқтисодиёти Донишгоҳи Миллиро тарк карда, омада сармуҳосиби колхоз шуд. Камақлӣ аз ин зиёдтар шавад? Ришва дода натавонад, ё надорад, ки диҳад, дар як ҷо по занад. Гӯр хабар набарад, раиси пешин, ки мурда, зинда гашта буд ва пул дошт, раис шуд... Бе ёрии шумо не, албатта. Ба шунидам, ӯ аз касе қарз гирифта будааст ва миш-миш, ки шумо ҳамон одамро оварда ба сари мо хӯҷаин карданӣ, то қарзашро аз халқ рӯёнад. Аз нӯги хамир – фатир; гулӯи шумо низ равғанӣ гардад. Охир бародар, дар даври мо, чунон ки гуфтам, давлату ҳукумат ҳама чизро муҳаё месохту талаб мекард. шумо ба бӯи кабоб меоед, баъд мебинед, ки харро доғ мекунанд...

– Шудед?

– Гап бисёр... Гапи бисёр – харро бор, гуфтаанд. Хулоса ҳамин ки аробаатонро кашед ва дигар ба ин тарафҳо сар нахалонед.

– Ман соҳиби мулк, ҳар ҷо хоҳам, рафтан мегирам.

– Не шумо соҳиби мулк не. Шумо як курсинишин. Ҳамин ки аз курсӣ афтидед, шарм мекунед, ки ба ин тарафҳо биёед! Чунки рӯчиркин!

– Ин Ҳоҷӣ гузаронд-ку... Биёед, писари ҳамин одамро раис таъин кунем.

– Не, шумо таъин намекунед. Халқ хоҳад, раис мешавад писари ман.

* * *

Ороста бар кате бепалос нишаст, ки тахтаҳояш ворафтаи ноҳамвор – пасту баланд буданд. Такя ба рави арматурии дағал дошт; аз сабаби фишори андешаву гирифторӣ озор ва рахи дар миён пайдо шударо эҳсос намекард; зону оғӯш карда ва манаҳ бар зону гузошта, чун ғизоли ранҷида ё осебдида ноҷунбон буд; танҳо чашмони ғизолиаш ҳаракат доштанд ва монанди чашмони кадом ҷонваре яклухт гирд мегаштанд ба назар, бо сарпӯшу мижгону дидаву гавҳарак якҷоя. Ба вайронаву харобаҳо, ба новаҳои гоҳи кандан шикаста, ба пораву хокаҳои оҷур, ба битонрезаҳо нигоҳ надошт, балки ба домони уфуқи назарфиреб, ба кӯҳи сурхи Чилдухтарон, ба бешазори рангаи миёни рудбор ва ба садаи хушк, ки аз беобӣ пештар аз дарахтони беша хазон гаштааст. Хазонҳои байни нарту шохҳо кашолу андармон шударо низ бод рабуда; ду лонаи хурди гунҷишк боқист. Хазони ба ҷои тухму ҷӯҷа маъвогирифта низ рехта, ҷӯбчаву хасҳои бофта барҷост. Шохҳои сиёҳи ҷӯякашида пӯсту танаи мори шахи Гаҳвораро ёд меоранд. Ҳолиё чунин тобад ба назари ӯ, миёни чашм пӯшидану кушоданҳо. Зеро ӯ гирифтор аст ба андешаву ёдҳо ва баъзан ҳеҷ чиз наояд ба сар, ки беёд гашта бошад; зиндагӣ бардор кард; аз паси пардаи ранга чизакҳоеро намуд; озодии мутлақ овард, ки мисли ӯ – надидаҳо шефтаву ҳайрон гаштанд, ҳеҷ чизу ҳеҷ касро писанд накарданд ва оқибат куллук гаштанд ҷӯпонӣ. Гӯё дасташ баста, зону оғӯш кунад ва аз хами зонуву болои соидҳо асои ҷӯпонӣ гузаронидаанд, то нагурезад ғизоли тезпо. Зиндагӣ чунин баста. Зеро ресмони ҳаёт дароз; партояду озмояд ва замоне кашад, ки пои гурезпо ба ҳалқаи он омада бошад. Худи Ороста чунин андеша дорад, ки бесариҳо кард; шӯ, ки баъди Худову падар наздиктарин кас бувад, беэътибор гашт наздаш. Боз балогардон – шайтон. Ӯ ба чунин роҳ андохт; ақлро рабуду васвос гардонд ва Ороста гӯл шуду гумроҳ. Ба ситоиши фиребои мардон бовар кард:

«Худованд чӣ қадар фикр карда сохтааст сурати туро...» Ва суханҳои болобардори зиёд, ки безебтарин занро бовар кунонад, ки аз назди оина дур нагашта шаборӯз сурати хеш тамошо кунад ва даст ба оби хунук назада, ҳама чиз пушти по занад, ки чӣ олиҳаи ҳусн аст. Лекин Ҳоҷӣ-раис сухандон набуд; сифатҳои хуби занро гуфта ҳам наметавонист. Корҳо ва рӯзгори аз саргузаронидаашро мегуфт, ранҷу озори аз рӯзгор дидаро мегуфт. Ороста, ки раҳмдил ва лодаву содагиҳо дорад, ба ӯ майл кард, ки марди пурдида дар соли вазнину хушк омада ба ӯ кӯмак хоҳад кард ва аз тухму чӯҷа бизнес хоҳад сохт... Вале ҳоло рафтораш дигар: худ аз худ ашк резад чизеро аз фикр нагузаронида ва зери пардаи ашк монад ҳама чиз. Нафаҳмад, ки ашки кадом алам аст: Марги Ҳоҷӣ-раис, ба ҳайвон монанд шудани шӯ ё пушаймонӣ? На. Ӯ аз ин чизҳо андеша надорад ё қобилияти андешидан надорад, балки бегона аз ақл шудааст. Лекин ҳоло касе пайдо нест, ки ба суди хеш ӯро ба ҷинихона барад ва аз хидматаш озод шуда, ба муроди дил зиндагӣ кунад. Ашки хомӯш домони сари зонуро тар кард

Шодмон – ин ҳамон Бузургмеҳр ҳама аз чашмаки тахта бинад, вале чизе нафаҳмад. Чанд рӯзест, ки Ҳоҷӣ-раис натобад ва Ороста гирифтори хеш. Шӯ пиндорад, ки гапашон гурехта. Инак зан пушаймонӣ дорад. Дар асл чизе набуд; Ороста ҳеҷ фикру андеша надошт; сараш кадуи холӣ гашта буд; монанди манқуртон на хаёл дошт, на ёд ва ҳатто Ҳоҷӣ-раис вуҷуд надошт; Аз рӯзи Азал ба ҳисоби мурда буд, вале бо сад ҳилаву найранг хешро зинда гардонид... Якбора дод зад Ороста ва дастон аз сари зонуҳо ҷудо гашта ба ҳаво рафт; мисле ки минаи андарунаш ҷо гирифта таркид ва ҳастии ӯро пош дод. Баланд шуду бар тахтаи кат зад ва садояш то гӯши фалак расид. Шодмон низ бо ҳама гирифторӣ шунид чунин садоро ва дид қурбонии замони навро миёни ҳама вайронаҳо. Тела дод беҳушона тахтаро, ки чашмак даричаест ба рӯи зиндагии дигар ва ӯ бояд бикшояд. Ҳоло фаромӯш кард будаву шударо, даричаро пайдо карда аз мурғончаи бадбӯй гурехт. Ба олами рӯшан расид. Вале чунин андешаро пай набарад ва кори хубу бадро фарқ карда

натавонад. Танҳо ҳолат ва худ ба худ таркида мурдани занро пай бурд. Зеро садои таркиш ва ба ҳаво парида бо зарб ба кат бархӯрдани Ороста пеши чашмаш гузашт.... Ва тохт то ӯро наҷот бахшад, аммо пойҳояш гирифта; гӯё зери бори гарон монда, хун бастааст ва ӯ тохта натавонад. Хаёлҳои кӯдакона ояд ба сар; чунки ақли расо надорад; рӯъёӣ ояд гоҳе; Оростаро рӯи даст бардошта бурда ба оби чашма андохтанист, то пок гардад; ғусл ҳамон бошаду гӯр низ. Зеро рӯзҳои нахусти «рашку нафрат», ки худаш мегуфт, ӯро то лаби чашма бурда, доси тез ба шикамаш зада ба чоҳ андохтанӣ буд, то мисли обкашҳо абадӣ хобад зери чоҳ. Аз ин рӯ дос санг мезаду тез мекард пайваста. Алами Исо аз Мӯсо ситониданӣ шуда, ҳама мурғонро нобуд сохт, вале ёд надорад. Чизакҳое пеши чашмонаш тобанд ба сони заррaҳои ранга ва даргузар. Шитоб дорад он сӯ, аммо раги гирифтаи поҳо имкон надиҳад; пару бол баровaрда павроз кунад ҳам, ба ин зудиҳои зуд нарасад ба ӯ.

Чашм нимкоф кард Ороста ва як сурати ҳайвони дар умраш надидаро дид, ки миёни шохони сада савор аст; ними рӯяш сӯхта ва риши рӯи дигараш кашол. Ба маймун монанд нест, ба одам низ. Чашмонашро пӯшида сӯи ӯ нигарад, то зан набинадаш: чун рустшавакони хару гург. (Хар гургро дар биёбон дида, чашм пӯшидааст, то гург набинадаш.) Зан низ чашм кушоду пӯшид, пӯшиду кушод ва дид, ки сурати Шодмон аст, ки росто истода рӯ ба рӯи чашм; тикки сада ва миёни хобу бедорӣ нишаста бар дарахт тобад. Дар асл заминӣ бувад. Ришаш на сӯзондаву на пироста, балки бо доси тез тарошида, ки ҳанӯз пӯсти рӯи чапаш кашол аст. Тарсид аз ҳайату ваҷоҳати шӯ. Чунон тобад, ки омада бо қасде. Вале чаро чашм пӯшад ва чаро рӯ ба чунин ранг дорад? Сари синаи чап, бозуву соид низ хунӣ. Чашм пӯшида доштани ӯро зан аломати худдорӣ шуморид, то ҳамлаву ҳуҷум бар ӯ накунад; қасду кина наситонад. Лек олоти кашоварзӣ, ки муҳайё кардаву ин қадар рӯз алмосӣ гардонда буд, дар даст надорад. Тасаллибахш. Аз миён болоро бардошт барои хубтар дидани ҳолу аҳволи ӯ. Вале чизе гуфта наметавонист, на аз он ки бо ӯ сухан гуфтан нахоҳад; ё аз он ки шарм кунад;

узр хоҳад, бал чӣ шуда бо ӯ? Магар асари доси тез дар гардану гулӯяш низ нест? Шӯ набинад тарзи нигоҳ ва ҳаяҷони ӯро; ду даст ёзиданашро, ки зортарин модар сӯи писари пайдогашта дароз кунад: «Биё!» Лек чунон ки ӯ абадӣ чашм пӯшида, набинад.

Шодмон баҳушу беҳуш кӯдакона андешад: «Чӣ шуда?» Сарпӯши чашмонаш чун сарпӯши зарфе, ки ҷуз пинҳон доштани чизе андар зарф вазифаи дигаре надошта бошад. «Дидан нахоҳад маро». Ин андешаи зан; ба ҷои мард низ фикр кунад рафторҳои ноҷо, васвосӣ ва нописандонаашро ёд оварда. Агар шӯ чунин кирдору рафтор карда буд, Ороста набахшида буд. Пиндорад, ки шӯ набахшиданӣ. Чунин чашм пӯшида, усули нобуд сохтани ӯро пайдо карданӣ. Агар то ин дам раҳм бар ӯ дошт, ҳоло тарсид. Пас лағзид думбамол. Шӯ пай бурд ларзиши катро. Як чашм нимкоф кард ва дид, ки Ороста чун кӯдаке тарсу ҳарос дорад аз даррандае, аз кушандае. Ғунча гашта, пурҳарос; чашмонаш чандин маротиба кушоду калон гашта, зулфонаш парешон; дар тан куртаи чиркину нимдошт, батар ва девонатар аз ӯ гурехтанист аз чунин кас, ки зинда ва заминӣ набувад; монанд ба инсон ҳам набошад, бигурезад. Вале миёнаш ба рави сахти кат бархӯрда қарор истод ва даст ба даҳон бурд, ки ба доми аҷал омад...

...аммо андешаи шӯ дигар: «Чаро ӯ танҳост? Чунин гирифторӣ аз чист? Чаро... чаро... чаро!?»

«Ман не...» ифода кард ва даст афшонд, ки чизеро рад мекард. Сонӣ барои он ки Ороста натарсад, қомат мисли пирон ё намозгузорон «сами аллоҳу малҳамида» гардонд ва рост накарда нишаст бар кат, то зан наҳаросад. Зеро бо хаёли гӯё оҷизонаи хеш аз танҳоии зан андешад, ки чӣ шуда ба ӯ ва чӣ шуда бо Ҳоҷӣ-раис; чунки ба ин вайронаҳо касе наояд ва хабаре наорад. Ҳамон девонаи ба кори хеш ҳушёр ба чизе нигоҳ накарда, бӯ гирифта, меомад. «Шояд баргашта бошад назди зану фарзандонаш...» Боз риштаи андешааш баргусаст ва нишаст рӯёрӯ. Чун бӯзинаи одамшакли ранҷур ва аз кадом қафас баромада ва лату зарбхӯрда гунаҳгорона нишаст ва чашмаш ба чашми зан афтод. Чунон ки хирс бо

сайёд бо нигоҳи чашм зӯр озмояд, дер нигаристанд; ҳеҷ мубориза, зӯрозмоӣ ва таҳдиде надошт, балки ҳасратолуд, тавбаву узрхоҳ буданд нигоҳҳо. Вале якеро ҷуръати пӯзиш набуд. Кӯдакони маъсумро монанд, ки аз нодонӣ назди якдигар гуноҳе содир карда бошанд. Рагҳои тарангу пурҳаяҷони аъзои бадани Ороста суст шуд ва ба мурғаки ром мубаддал гашт. Нигоҳаш ҳам дигар шуд. Мурғак ба назар обу дона мехост ё навозиш. Инак Шодмон вазни сабук ва тани лоғари хеш ба тахтаи кат андохта нишаст ва як дами нозук ва ноаён аз димоғаш баромад; монанд буд ба вопасин дами ҷонбаромади инсон, ки базӯр ҷунбонад лаб: «пфф». Дар дил чӣ доранд, чӣ хоҳанд, худ донанд. Аммо ба назар бегона тобанд, гӯё ду тани ноошно, ки забони ҳамдигар нафаҳманд, аз ду диёр омада, рӯ ба рӯ нишастанд ва тарсанд, ки бо ягон сухани ноҷо якдигарро ранҷонанд ва гум кунанд. Дар сари Шодмон «Чӣ шуда бошад?», дар дили Ороста ҳамон хаёле, ки дар дили шаб рӯи роҳи миёндаштӣ нишаста, андар лаби ҳавзи Кавсар ба ҷо оварда буд. Дигаргуна нигарист ба ӯ; на мисли он ки дуздида нигарад; балки ба сони нигоҳи рӯзҳои нахусти шиносоӣ: рӯёрӯ, ки маъниҳои зиёди зиндагӣ дошт; орзуву умеди беандоза, меҳру муҳаббат ва эҳтироми саршор дошт. Ин дам ба худ омад Ороста. Дурусттар нигоҳ кард ба сару рӯи ӯ. Тарҳе шинос монда, вале Шодмон нест. Як маҳбусе, ки солҳои зиёд дар зерхона буда, нону обро надидааст...

Ороста зону раҳо кард. Андаке пой ёзонд. Чунин ҷунбиш бедораш кард ва даст бар рави кат такя дода, оҳиста хест ва чизе нагуфта сусту беҳанг ва нимҷону ниммадор сӯи хона рафт. Хонаи деворҳояш ворафта ва ба тирезааш латта кашида, ки дар асри гузашта Сӯфӣ Носир ном саройбон умр ба сар мебурд. Дергоҳ набаромад. Шодмон зери садаи урён ду чашм ба дари кушодаи часпакаш ковок, нигарони баромадани ӯ буд. Дилу мағзу сарашро хаёлу шубҳа ва тахминҳои зиёд такорӯ мекарданд, вале ҷуръати хеста хабаргирӣ рафтан надошт. Андешаи «Шояд касе бошад» ҳам дошт. Худ аз худ зеҳнаш коҳид ва ранги рӯяш канд.

Ороста бӯхча оғӯш карда баромад. Дар ҷогаҳпӯши сафед

чиҳое печида овард монанд ба парпечи тифли навзод. Дар як клёнкаи сафед қайчӣ ва собун тофт дар партави хӯршед. Омаду рӯ ба рӯи шӯ истод. Нигоҳаш «хез» гуфт. Вале Шодмон сарфаҳм нарафт. Ӯ халтаи сабукро дароз кард сӯи шӯ. Гирифт ӯ. Ва Ороста гунгона бо пайроҳае равон гашт, ки сӯи чашма мебурд. Пиндораш як бор хаёлӣ бурда буд ва дар ёди шӯ ҳаст. Вале ӯ ҳайрон буд. Истод. Ороста то даричаи бастаи сарой рафту як ба пас нигарист ва шӯро истода дида, ишораи сар кард, то ояд. Ӯ по бардошт. Ороста занҷири даричаро аз зулфини паҳлӯдарӣ бароварда, даричаро кушод. Пушти девор гузашта омадани шӯро нигарон шуд. Омад. Пасу пеш лаби ҳавзи Кавсар рафтанд, ки замоне вақту новақт ба ғусл меомаданд. Ва Ороста ҳама он коре, ки хаёлан шаби танҳоии рӯи роҳ карда буд, ба ҷо овард... Шодмон як марди озодаи лоғар шуд, ки қабурғаҳояшро шуморидан осон буд. Ҳама хидматро ба ҷо овард: бузтарош кард, нохун гирифт, собун заду шуст... вале пӯсти кашоли рӯи чапро илоҷ наёфт ва тораҳои риши расидаро бо қайчӣ кӯтоҳ кард. Навпӯш кард, вале тиҳипо баргашт ба сарой.

… Шодмон фотиҳахонӣ нарафт хонаи Ҳоҷӣ-раис. Гӯё нашунид ва надонист, ки ӯ фавтида. Саройро ба раиси нав супурданд. Вале тухме ё мурғе набуд. Ҳама каму костие буд ба сари Шодмон заданд ҳамчун девона. Он қадар кору кирдор паси сар, мардак аз чунин рафтор сахт ранҷид: «Худозадаро банда низ занад. – Ҳамин қадар гуфт: Сонӣ кушода шуд: – Ферма ҳуҷҷате надорад. Худамон сохта будем. Ҳоҷӣ-раис аз куҷое чӯҷа оварда буд барои Ороста». Ин ҳарфҳо ишора ба безурётии худашу зан буд; киноя ба Ҳоҷӣ-раис. Ҷуз Ороста касе нафаҳмид. Бо фармони раиси нав, ки бо гапи зан кор намекард, ба баҳонаи «Сарой фурӯхта шудааст» «фермаи мурғ» пароканда гашт ва Ороста кӯч бардошт. Зиёдтар андешаманд шуд; дар бораи ба ном – Одам фикр кардан омӯхт: Одам кист? «Нахустин донаи шаҷара; бандаи нафс, ки биҳишт ҳаром карда ва аввалқотил ба дунё оварда... Чун хубиаш зиёду бадиаш кам буд, ҳама хешро бани Одам донистанд. Баъдҳо одамонро бадӣ зиёду хубӣ кам шуд. Ҳеҷ кас

сарҳисоби зиндагиро наёбад ҷуз ҳаромхорон. Ҳалолкору ҳалолхор ба хубӣ умр ба сар набарад; гӯё мор ба шумор равад бадонро, ки ба сараш кӯбанд; ин мерос аз Иблис ва баччаи Одам. Ороста аз хона набаромада чилла нишаст. Одамон миш-миш карданд, ки ба мотами Ҳоҷӣ-раис нишастааст; зеро чунин марди содаву сахӣ ва меҳрубонро дубора пайдо нахоҳад кард. Чун «милёни» фаро овардааш соф шуд, мисли хирси чиллахуфта аз хафол баромад; ҳамроҳи Шодмон баромад. Ва ҳар ду якбора ғайб заданд. Ҳавливу ҳарами бобоӣ, ки дар гӯшааш тарҳу бунёди бинои нав барандохта буданд, бекас монд. Саги зард посбоне буд, ки вақтҳои саройбониашон ин манзил бонӣ мекард ва аз бекасиву бесоҳибӣ вулгард шуда буд. Зуза мекашид саг аз бесоҳибӣ ё балоҳои осмониро медид, ки нӯла мекард; огаҳ мегардонид мардумро; зеро бало ба сари касони ҷудогона набуд, ба сари ҳамагон буд. Нохост ва ногаҳон ғайб задани зану шӯ андак шубҳаовар тофт, зеро аз диёр бурун шудан расму русум пайдо карда буд: Дар замони Шӯравӣ аскарбачаҳоро чун ид маросими гусел одат шуда буд; дар ин замон ғарибкорон худ зиёфат ороста наздиконро рӯи хона мекарданд ва фотиҳа гирифта, хайрбод мегуфтанд ва мошин фармуда то Хуҷанд ё Душанбе мерафтанд. Аммо Шодмону Ороста хапу хомӯш ғайб заданд ва он ҳам баъди зузаву нӯлаҳои саг маълум шуд. Касе хабаре надошт, ки бурданд ё рафтанд. Шояд Ороста шарм дошт, ки бо даҳони пур «Пул дар ҳамин ҷо, одамон аз рӯи ҳавову ҳавас ғарибкорӣ мераванд» мегуфт. Виҷдонаш бори гаронро набардошт, ки Ҳоҷӣ-раис ӯро накушам, гуфта фармон чап тоб доду ба ҷаҳаннам рафт, ки ҷуз Ороста чигуна рух додани марги ӯро надонанд; ва ё нав ҳисси нангу номусаш бедор гашт. Инак бепаю по...

* * *

– Дер омадӣ, занак?

– Лару саргини тар ба зудӣ дар нагирифт...

«Ин ғами дигар». Гӯё қофия баст ба гуфтори зан. Боз хомӯш монд. Зеро донад ва пай барад, ки ба чӣ ишора кунад? Ба ҳезуми хари аз кӯҳистон овардаи писар; ба қадру қимати хидматҳои ӯ. «Доллар пайдо карда меорам. Сари тоқамро

ҷуфт мекунам. Шумо наберабон мешавед, оча...» Ҳоло ҳама ҳасратҳо дар андом, ваҷоҳат, нигоҳ, нишасту хез, тарзи либоспӯшӣ; рафтору кирдору гуфтори ӯ ҳувайдо гардад. Мурғи дилаш мурда, табассум аз лабонаш гурехта. Дандонҳои модарзод симзадааш аз зери лабони пистаи хандон аён нагардад. Лек тарҳи дилбариаш боқӣ монда, ки гул аз миёни шӯразор ҳам тобад. Шӯ бинад ин чизро, лек ҷои сухан ва лутфу хушгӯӣ нест. Баъзан худро мард гирад ҳам авзоъ ва оби чашми пинҳонӣ ва чу мӯи оташрасида ғинҷу печ гаштани занро дида ҳаждаҳаш ба замин занад: «Саратона хурад кирдоратон, арабгаравидаҳо!» Зан низ дуздида нигарад ба шӯ, ки чизе намонда дар вуҷуди ӯ; аён аст аз пӯсти овезонгаштаи зери манаҳаш; аз халтаи оби зери дида; ба косахона фурӯ рафтани чашмонаш; аз яктарафа паридани сараш ва аз он ки ба хӯса пӯшонда бошанд либоси кӯҳнаро. Лек ҳар ду бехабар аз якдигар андеша доштанд: «баъд чӣ шавад?» Ҳеҷ чиз рӯшан нест. Ҳама бори амонат гӯё бар дӯши онҳост. Ҳама рухдодҳо ва шодиву мотам аз пеши назари ӯ гузарад; зеро ҳамин роҳи калони пурчанг ҳамаро ораду барад; бараду орад. Шодон бурда гирён орад; зинда бурда мурда орад. Сағонаву тобути русиро ба куҷо гузоштан ё сӯхтанро надонанд, бар сари гӯри нав гузоранд; гӯристон пур аз хоначаҳои чӯбии русӣ гаштааст. Ҳанӯз ҳам дили онҳо ҷиғғас занад, ки кадом мошин онро бор карда орад. Баъзеҳо маҳз барои ҳамин кор мошини хурди бордондори чинӣ хариданд...

Ҳоло сахт гушна шӯ, лекин гулӯяш баста; монанди резини даридаи мошин, ки зери ҳарорати баланд гузошта як қабати дигар дарбеҳи ширешмолида монда, аз тораш оҳаншибба фишурда бошанд. Зери чунин хаёлҳо обе, ки дар танаш буд, арақ шуда баромад. Ташна; оби Зарафшонро даркашиданист; ҳамон оби пургили серрегро, ки мисли абри ғуллӣ мавҷ задаву тӯфон карда ояд ва ҷо-ҷо бод дар андарунаш ҷӯш пайдо кунад; қубла-қубла, ҳубобча-ҳубобча гӯӣ пуффакчаҳо кафанд ва хоку рег аён гардад. Ҳанӯз аз тори хар нахеста буд. Чашмони ҷонвар аз чашмони гов ҳам калонтару аёнтар ва сафедиаш бузургу ало гашта буд.

– Харро куштед?

– Кош мекуштам. – ба дастархони тори сари зан нигарис-та аламбарорӣ кард мард. Зан зону қат карда чобаи об ва кӯзачаи ҷурғотро ба замин гузошт ва дастархонро аз сар озод гирифта бар замини ангор ниҳод.

– Монда шудед? Азоб кашидед? Чӣ лозим ба шумо ҳамин корҳо?

– Охир пул дода замини корам гирифтем; накорӣ, чанд гап шавад...

Зан ба роҳи дарозро тай карда, хаставу лакот омаданаш нигоҳ накарда, чоба бардошт, то ба дасти шӯ об андозад. Вале шӯ пеш аз даст шустан чоба аз дасти зан гирифта ба сар кашид.

– Ҷурғот хуред, мардак. Оби хунук шиками гушнаро кобад.

– Медонӣ-ку: ҷурғот маро ташнатар гардонад. Миҷози ман ба мисли миҷози дигарон нест. Худо навъе офаридааст, худам то ҳол нафаҳмидаам, кистам.

Зан ором истод. Зеро медонист, ки шӯ дӯст надорад ҳарфи зиёдро. Дастархон кушод. Бӯи нони гарми даруни дастархон дамкарда фазои даштро гирифт. Марди гурусна дароз-дароз ҳаворо шамид, то бӯи хуш ва ҷонбахшу руҳафзоро боздорад; ҷо диҳад андар шушу қафаси сина. Иштиҳоангез ҳам буд. Зан реза кард нонро ва аз кӯза ҷурғот рехт ба косаи тунукаи андаруни дастархон оварда. Мард нонро тар карду газид; сонӣ тарид кард. Зан чӣ андеша дошт, мард чӣ андеша дошт, надонистанд. Зан дуздида-дуздида нигарист ба шӯ, ки гӯӣ мусибате пеш омадаву чан-дон аён нест. Ҷанге, ки дар ҷанубу шарқии мамлакат рух дод ва басанда шуд; ба назар дунё дигар кард, инак нафасаш расида ба ин дуриҳо. Инро гӯё намояндагони ҳафтафаҳми имрӯза, ки ҳукумат карда натавонанд, ноӯҳдабароёна овар-данд; Ҳама чизро ба фурӯш монданд ба баҳонаи андози на-супоридаи колхозу корхонаҳо; зеро ҳама ҷо фалаҷ шуда буд; амвол мисли бузи кушта ба об таркардаи маросими бузкашӣ буд, ки киро ба даст ояд, зӯр зада, кашида ё канда мегирифт ва пурсиш надошт. Ҳар кӣ даст дошт, саҳм дошт; ҳар кӣ мехӯрд, ба болотар ҳам мехуронд. Техникаи хоҷагӣ, молу амвол, чорвою молхонаҳо, саройҳо; заводу фабрикаҳо,

биноҳо ва корхонаҳо, клубу бинои идораҳо ба ҳабс гирифта шуданд. Додситону додёрҳо, додрасу бозпурсҳо, милисаву кормандони андоз, полиси андоз, сарварону ҷойгузинҳои ҳукуматӣ, раисони хоҷагиҳову раисони ҷамоъаҳо ва бисёр корчаллонҳову миёнаравҳо побанду машғули руходдҳои навин буданд. То ҷое расид, ки коғаз бепул рӯи мӯҳру печату имзоро намедид. Дастро шӯяд даст.

Занак нигашт сӯи хар, ки бе юғу омоҷ ҳам ҳавсалаи хестан надошт. Сукут дошт ва гӯйӣ зиёдтар аз Барзгар андешаманд буд. Ғалмағали зоғон, ки дар ангор дона намонда буданд, ба гӯшаш намедаромад ва парвои ину онро надошт. Ҳамоно ки аз ин дунё ҷуз ранҷу азоб чизе надида; сахт хаставу шалпар гашта; дар баданаш ҷон намонда, инак бояд роҳат бикунад. Чанд сол пештар трактор ба ҷо меовард ин ҳама корҳоро. Хар барои кӯҳгардӣ ва ҳезум овардан лозим буд. Ҳоло ба гарданаш юғ бор кардаанд, то кори тракторро низ бикунад. Зуъм дорад хар, ки ҳар кас аробаи худро бояд бикашад. Касе ба ҷои дигаре ба гӯр надарояд. Шояд аз нигоҳи зан бошад, шояд мард чунон тахмин бикунад; дил сӯзад ба сохтаосорҳои дастранҷи мардум. Барзагов ҳанӯз зери юғ аст. Ҳазор азоб кашад ҳам чизе гуфта натавонад; нафорад як шох занад. Расад нарасад, фарқ надорад; ба ҳар тақдир як бор бояд шох рост бикунад сӯи бадкорон. Баъд чӣ миқдор говрона хӯраду гап шунавад, ки гов аст; ҷуз кавшаву ношхӯр кардан чизеро надонад. Вале ба чунин ҳарфҳо коре надорад. Лагади харро хар бардорад, зарби говронаро гов. Дар даҳонаш чизе нест, лек кавша дорад; чашмонашро пӯшида, ҳама кирдукорро дар навори чашмони оинамонанд гирд гардонад, вале чизе гуфта натавонад, ки забон надорад. Монанди одамони инзамона, ки ҳама дурӯғҳоро донанд, ҳама кирдорҳои нохуброро бинанд, вале чизе гуфта ё коре карда натавонанд. Баъди мазза аз қайла гузаштан зери сада, парчи пул ва маъракаҳо даҳанҷанг шавад: «Кулли явмин батар; Раиси нав балотар омад аз кӯҳна: саргинро ҳам фурӯхт». Барзагов сукут дорад, бори юғ бар гарданаш. Хар хоб.

Говрона зада хезонд харро ва ронд аз сари кишт: «Рав, нозатро ба ҷо овардӣ!» Нарафт. Ё гаранг буд ё гушна. Барз-

гар дер чашм дӯхт ба хар ва худ низ миёни ангор дер рост истод.Сонӣ омад назди юғ.

– Ин ҷо биё занак!... Ман юғро бар гардан мегирам. Ресмони гӯшакҳоро гузарон.

– Рӯмо сиёҳ, ин чӣ кор аст мардак?

– Корат набошад.

– Айб-э. Халоиқ чӣ мегӯд?

– Халоиқ медонад ҳама чизро. Даҳонаш мӯҳр задагӣ, чизе гуфта натавонад.

– Э не-е! Кӣ аз гушнагӣ мурдаст, ки мову шумо мурем!?

– Гап дар гушнагиву мурдан не! Нанг ҳаст, номус ҳаст.

– Монед, нангу номусро! Билло, халоиқ механдад. Ин халқа медонед-ку: Коре накунад, лекин хандад.

– Банд гуфтам, банд!

– Рӯмо сиёҳ, чӣ коре буд-э...

Зайле ки бар гардани барзагов банданд, гӯшакҳои юғро аз ду тарафи гардан гузаронд; андаке сар андохт, то юғ савор шаваду истад. Вале гардан аз он гарданҳои ғафси пурхӯрда набуд, ки юғро дораду бардорад; гардани борики ба назар нимҷон ва ҳаргиз рӯи сериву пуриро надида буд. Гардангир фарох ва гӯшакҳо хеле дур аз гардан буданд. Инро зан ҳам дидаву мушоҳида карда буд ва дилаш меларзид, ки мардак «Нанг» гӯён хешро ба балое гирифтор кунад. Дастонаш худ аз худ аз бастан монданд.

– Ҳа! Намешавад бастан?

– Сар ба сар намерасад.

– Сабил монад. Худам бурида будам.

Ӯ юғро аз гардан фуровард. Гиреҳи гӯшаи дарозтарро кушод. Сар ба сар кӯргиреҳ кард. То гӯшаки дигар кашида, сахт баст ва юғро боло бардошта аз миёни гӯшакҳо калла гузаронд ва андаке ба пеш майл кард. Юғ пас рафт ва ресмони баста ба гулӯ омад. Нашуд. Чӣ андешаҳое ба сар омад... Ба барзагов нигарист: гарданаш ҳамвор ва шонаҳояш юғрову гӯшакҳоро дорад. Чӯпонӣ гирифт юғро бар дӯшу гардан. Чӯпон сахт монда шавад ва дастони овезонаш ба дард оянд, асоро бар дӯш бор кунад ва дастон аз пушт тори асо андохта, роҳ равад; ба назар як навъ дамгирӣ. Барзгар на

ба дамгирӣ, балки ба кор бурданист чунин усулро. Вале рагу паяш таранг; сахт ба ваҷд омадааст; торҳои асаб низ кашида шудаанд. «Кош чизе нагӯяд зан, то ӯ нашӯрад».

– Занак! Аз дастаи омоҷ дор! Доштӣ?... Акнун барзаговро говрона зан... Ба ман корат набошад, худам мекашам!

«Бош! Бош!»

– Бош нагӯ, занак! «Чу! Бооо парч!» бигӯ!

– «Бооо парч!» Намекашад, мардак...

– Сахттар зан! Мекашад!

Кашид гови дамгирифта ва бо чашмони гаҳ кушодаву гоҳ пӯшида гӯё ҳама чизро дидаву мушоҳида карда, вале ба чизе сарфаҳм нарафта. Аммо зан ҳазору як андеша дорад ва аз дил гузаронад, ки як наворбардор нарасад, ки инро сабт карда, дар экранҳои Олам намоиш диҳад. Ин чӣ корест, ки ӯ сарфаҳм наравад: «Касе намурда аз гуруснагӣ. Касе зулм накунад ба касе. Касе нахӯрад моли касе. Мардак нангу номус гуфта, худро зери юғи ъор куштанист. Онгоҳ суратгирон, наворбардорон, мухбирони дурӯғгӯ, сарварони ҳаромкору ҳаромхор меомада бошанд? Меоянд. Барои рӯпӯш, басанда ва орому хомӯш кардани фоҷиъа биёянд. Гӯру чӯби мурдаро ба гардан бигиранд; ба зану фарзанди мурда «сабри ҷамил» орзу бикунанд, ки ба мурдаи панҷ тани дар садамаи роҳи ҳамвор бо айби чанги роҳи ноoбод дучоромада карданд; хариданд мурдаҳоро ба нархи гӯру чӯб; кӯдакони ноболиғу ширхораашонро сари даст бардошта бӯсиданд ва зархаридҳоро фармуданд, то оби чашм бароранд. Ба навор гирифтанд, ки чӣ андоза ғамхоранд. Лекин ба мурдаи Барзгар чунон нахоҳанд кард. Зеро марги маҷбурӣ; касе нафармуда, то чунин кунад: «Баднафс будааст, сарсахт...»

– Пеш рафтед, мардак! Ҷӯя каҷ шуд!

Барзгар истод. Барзагов ҳам истод. Ӯ пай бурд, ки дастон ва гарданаш ба дард омаданд. Зери обу арақ монд. Либосаш тар шуд. «Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ». Бояд тарзи дигар гирад юғро: ба сари сина ё ба рӯи даст. Рост наомад. Ҳайкали ҳайвону ҳайкали инсон якранг набуда. Аз чорпову дупо буданаш ҳам аён.

– Монда шудӣ занак?

– Не, монда нашудаам... лек мебинам, ки кори беҳуда. То зери ор мондан, зери бор бимон, гуфта, замини бедонро кишт накунед.

– Ман ҳам ба ин эътибор додам, занак. Ғайри ҷои истамон ҳама донро чида хӯрдаанд. Берӯзиҳо. Рӯзашон ба рӯзи мо мондааст. Дар хӯрҷин каме ҷав ҳаст. Оварда ба тоба бипош. Ман юғро дигаргуна бигирам.

Ин бор зан гапгардонӣ накарда, он чӣ шӯ фармуд, ба ҷо овард. Аммо дар дил ғуррид: «Кишти порсола дарс нашуд?» Ва аз ҳаво зоғ борид. Чунон ки моҳихурак худро ба об зада моҳӣ гирад, зоғон аз бими сангу кулӯхи Барзгар ҳамчунон аз ҳаво омада заминрӯб боз ба ҳаво мешуданд. Навъе тамрин буд магар, ки мурғони сиёҳ аз замин дон нагиранд ҳам рақсу бозии идона карда, гирду чарх гашта, фуруд меомаданд; яке шинад, чанде боло мешуд. Қа-қу, қағ-қағ ва чу-чуяшон дар мағзи сари барзгар ҷӯшид ва зан гӯш бо кафи даст пахш кард: «Афтатон дар гӯр, бадрангҳо!» Пеш аз ин оламро зоғу зоғча гирад ҳам парвое надоштанд онҳо; ин замон хаёлашон ҳама мағали мурғони дунё андар сару мағзи онҳост.

Зан донаро пошида шуд. Шӯ юғро дигаргуна гирифт:, аз сари сина гузаронд ва аз паст даст ҳалқа бардошт, то дошта, ҳар чӣ зӯр дорад – по бар замин тира карда, майл ба пеш андохта баробар бо барзагов юғу омоҷ кашад.

– Ҳалқаро аз пушт банд занак!

Инак рӯшан гашт, ки гардани барзагов чӣ андоза ғафс мешудааст: гӯшакҳо аз сари китф гузашта, ба дастонаш баста шуданд. «Ё хароб шудаам ё резапайкар ҳастам». Ҳамин хел ӯ: миёнақади камгӯшти шикам ба кавора часпида. Аз рӯзе ки худро шинохт чунин ҳайату ҳайкал дорад. Шӯхиву бозӣ, даҳонкалонӣ ва даҳмардагӯӣ надорад. Бисёр дида, зиёд шунида, пуркарда, вале хомӯш; қофия ё гуфтание сари забон ояд ҳам худдорӣ кунад; зеро донад баччаи Одамро, ки чӣ хӯву чӣ хислат дорад. Агар садаи даромадгоҳи деҳа мисли гапчинаки магнитафон, ё навори кино ҳама чизро сабт карда метавонист, таърихи русто, қаҳрамониҳои сарварони колхоз, кирдору гуфтори ҳокимони нав ба нав, корномаҳои

«доҳиён», рухдоди олам дар баргҳои ин садаи бузургу парешоншох, ки нури офтоб ҳам аз қабати онҳо гузашта натавонад, беҳтарин бойгонии гетӣ мегашт; чунки пирони бекор ё зӯри кор надошта, дардмандони базӯр то ин ҷо асозанон омада, ки рӯзро кӯр гардонанду ғамро дур, бар тахтаҳои усто Мустафо мурваттобӣ карда ва сангҳои бехи дарахт гузошта ва лаби ҷӯи хушк нишаста он қадар дарду ҳасрат, манша, таънаву маломат ва баъзан аз алами зиёд дашноми болохонадор кунанд, ки сӯҳбат ё сухани оддӣ ба даҳанҷанг ё дастогиребон мубаддал гардад. Як замон дар ин ҷо қарина, матал, афсона, ҳикоя, саргузашт ва дидаву шунида, тамокукорӣ ва суду зиёни он, бунёдкориву тараққиёт пулсозиҳои рӯи рӯди Зарафшон, бунёди обкашҳои нерӯманди барқӣ, сабз гаштани даштҳои лабташна, иҷрои нақшаҳои панҷсолаву даҳсола ва ба кайҳону моҳу миррих рафтани одам ва комёбиҳои беназир сухан мегуфтанд; ин замон аз харобиву вайронӣ, аз бедодиву бесоҳибӣ, аз чортоқу хомталош ва «хӯрд» ҳарф зананд; сахт дилгир ин сӯҳбатҳо ва сахт аламовар, ки одамонро дамдузд кардааст, саркӯб ва тарсу. Гӯё он ҳама ободиро раису ҳисобдораш карда буд, ки инак бо як имзои коғази дурӯғин крану булдозеру чанд гушназӯр омада биноҳоро аз беху бунаш бардошта, тори камазҳо гузошта, аз миёни деҳа ва назди садаи безабон гузаронида баранд ва касе чизе гуфта натавонад: «Бе амри он султони тахт, барге наафтад аз дарахт».

* * *

Онҳо як белу чаҳор ниҳоли сада оварданд. Рӯи оби чашмаро хасу хошоқ ва коғазҳои обчинакмонанди рангаи замонавӣ гирифта буд, ки ҳама ҷо бод пешандоз барад. Мазмун ҳама кор машварату маслиҳат шуда, ки шӯ чизе нагуфта, бел ба як бурчи ҳавз зада хок бардошт барои шинондани ниҳол. Ороста аз банди ниҳол рост дошт ва Шодмон хоки нав андохт ба канда. Ҳарду хомӯшона даст ба кор буданд, аммо кӣ донад дилу андеша ва ҳушу ёдашон куҷо буд. Ҳушу ёди зан аён ба худ, ки аз чӣ рӯ чунин кунад? Бо Ҳоҷӣраис чунин карданӣ буд: чаҳор бурчи ҳавзи Кавсар дарахт сабз карданӣ буд: албатта дарахти бед, ки сояаш сабук. Ам-

мо инҳо ниҳоли соясабзи дерсола нишонанд, ки умри дароз дорад. Ва як навъ меросу нишону ёдгорӣ низ ҳаст. «Чаро дастат ларзад занак?» «Дасти ман наларзад, дасти кӣ ларзад?» чунин гуфтугӯ шуд миёнашон; вагарна гирифтори андешаҳои хеш буданд ва бехабар аз он, ки чӣ бигзарад дар ин дунё? Ҳоло Ороста гирифтортар. Чунин ҳолатро шӯ пай барад, аммо сухан наёбад, то пурсад; зеро занги бисёр аламҳо нозудуда. Андар мағзи дил низ ҳаст он занг. Аз ин рӯ чизе гуфта натавонад. Ҳамин чизро Ороста низ донад магар, ки бо чӣ роҳ гуноҳ шустанро надониста, дарахт сабз карданист. Аммо бо шодиву шодмонӣ набошад, балки гирифтор ва пурандеша бувад чу пуффаки сахт дамида. Шӯ чизеро пай бурда, ки дуздида ба зан нигарад ва дарёбад, ки дида гурезонад ӯ. Хуб якдигарро дуздона тамошо доранд ва ё қисмату тақдир, навиштаи пешонӣ ё фармудаи Офаридгорро хонанд. Аз он, ки сахт бепавро шуданд ба якдигар, аз миён бодҳо гузашт, сардӣ овард ва дилхунукӣ; Ороста ҳастиву зистро сармоя пиндошт ва ҳавасу сармоя; Шодмон алам аз чӣ ситониданро надонист, барои хеш дунёи ҳайвонӣ сохт ва то ҳол бар ҷо наомада ҳуши ҳарду. Шояд Ороста шунида бошад, ки гуноҳи кабираро бо сабз гардонидани ҳашт дарахт шустан имкон дорад; аз ин рӯ ҳоло чаҳор ниҳоли онро биншонанд. Чаҳор ниҳоли пӯсташ ба пӯсти мор монандгаштаро шинониданд. Тамошо ҳам карданд; хаёлан сабзу баланд шуд; рӯи об кати оҳанӣ сохтанд, то напусад аз боду борон; қоливу кӯрпача ва хони неъмат оростанд; Ороста ба сар дурраи шоҳбону баст, Шодмон тоҷи шоҳона гузошт. «Ин аст зиндагӣ!» Ороста гуфт ё Шодмон, ё ҳарду баробар? Чунин пичиррос шунида шуд... ва онон ба худ омаданд. Нами чашми зан ва шоридани симоби гурезонро дида, дили шӯ лағзад ба эҳсоси худаш ва равад зери об чу муҳаррики барқӣ, ки замоне шаби сарои говон ва хонаи хидматгузорон рӯз мегардонд. Зан ҳам орзу дорад, ки гулмоҳӣ гардад ва андаруни оби поку тоза умр ба сар барад. Дар даст обдаставу дастмол ба дасти шӯ об андозад. «Ранҷ макаш, Ороста, даст дар об шӯям». «На. Ин обро тира гардондан лозим нест. Мо бояд он ҷо бошем?» «Чигуна?» «Чи-

гуна? Ана ин гуна». Бо либос даромад Ороста ба об чун дар хоб ва даст ёзид, то Шодмон низ дарояд. Шодмон, ки нигарони чунин меҳру муҳаббат буд, даст дод ва низ омад ба об. Ҳамдигарро гирифтанд ба оғӯш. Ё вазнашон гарон шуд ё чизе кашид аз таҳ, рафтанд зери об. Чанд ҳубобе боло шуду нобуд... Чаҳор ниҳол монду як бел.

* * *

«Чу-э!»

Ин садои зан буд. Гарчӣ сахту боиллат гуфт, барзагови хоболуд, ки ҷуз бӯи алафу беда чизи дигарро намешунид ва сӯи модгов ҳавасе надошт, гӯш ҳам начунбонд. Аммо шӯро сахт расид; бовуҷуди то ҳол дар миёни онҳо тую ман нашуданаш сахт расид, ки зан низ мисли шӯ ба хаёлу андешаҳо гирифтор ва дар ғами писар обу адо, шамъосо сӯхтаву об гашта ба пои хеш рехта, ба чунин ҳол омадааст. Агар Барзгар гардан зери юғ набуд, зан бо ҳазор нафрину дашном барзаговроговрона мезад, парвое надошт, балки завқ мебурд аз кори ӯ; ҳолиё чунин садо сахт расид. Чунки аъзои баданаш заҳр гирифта, чун devори намкаш ба худ гирад ҳар суханро. Ба назар модори гашт надорад ва гоҳи по бар замин тира гузошта омоҷро қатори барзагов пеш кашидан поҳояш ларзад.

Касе гирифт аз гиребони ӯ. Чунон гирифт чу вомхоҳ аз гиребони вомдор. Гиребон дар кафи даст ҷамъ оварда тангтар мекард. Гӯӣ воми зиёд гирифта ва мӯҳлатро гузаронида, аз қарзхоҳ рӯ панаҳ кард; инак ба даст афтод. Сахт гирифтааст. Талаби сахт не, талаби сахттару панҷаи осмонӣ. Гулӯяш фишурда ва нафас гирад. Монои ҳалқаи дор аст, ки оҳистаоҳаста таранг гашта дамгир кунад ва чашмонаш ранги чашмони ғук барҷаҳад ва ӯ нафас ва маҷоли сухан накунад; аз дил гузарад хаёле: «На, ман аз касе вом надорам, ҷуз аз Худо». Вале нафасаш, дамаш, умраш ба шарҳу эзоҳ нарасад; вогузорад, ки баъди сараш тафсир кунанд: одами бад набуд; моли касе нахӯрда, чизи касе набурда; дасти касе надошта, гиребони касе нагирифта. Вале чаро ӯ – ин каси ношинос, ки дар чунин ҳолат ҳам Барзгар рӯяшро, афташро, чеҳраву ваҷоҳаташро набинад ва нашиносад, аз гиребонаш гирифта,

ҷонбаромад хафа бикунад. Магар Мурод, ки буқачаашро талабиду мурдаашро бурд. Наход ӯ ҳам мисли дигарон дурӯяву маккору муғамбир бошад, ки гуноҳгузарӣ кард, товон нагирифту инак ҷон ситонад. Мабод чунин ошноӣ! Ё ин панҷаи писар аст, ки «чаро маро ба дунё овардӣ?!» гӯяд ва падар дарёбад, ки писар азоби гӯр кашад дар зиндон. Алам ситонанд аз ӯ; гӯё олами азиятбор дод ситонад; ҳама аз гӯлӯи ӯ гиранд – аз гулӯи кашоварз, ки «олам сер карда натавонӣ; дашту саҳро сабз нагардонӣ: ин чӣ дунёест? Ин чӣ рӯзу рӯшноӣ?!»

«Об!»

Зан низ гирифтори андешаҳои занонаву модаронаи хеш буд ва зиндагиро дигаргуна тасаввур мекард, базӯр шунид садои шӯро. «Бооо, бооо...» гӯён барзаговро боздошт аз гашт ва бӯтали навбаромади обдорро бардошта назди шӯ рафт ва об бар даҳонаш рехт. Гуворо буд як қулт об. Ва ҳазор қулт гашта аз сару гарданаш рехт. Чун хонаравшанкунӣ нерӯе ба танаш пайдо гашт. Ишораи даст кард, то ӯ баргашта дастаи омоҷро дорад. Зӯр зад ба пеш.

«Дадеш, лозим не. Дунё миннатдор намешавад...»

«Эээ... Ту чӣ медонӣ, занак...»

Зӯр заду пеш кашид омоҷ. Сӯхт. Арақи сӯзонтар аз оби ҷӯш шорид. Аз ҳолат равонд. Чанд бор по бар шудгор фурӯ рафт; лағзид. Пайи по боқӣ монд ва ӯ ба даҳан рафт...

– Мардак! Худатонро нигаҳ доред!

Зан раҳо кард дастаи омоҷ. Омоҷ яктарфа афтид. Вале барзагови ахта мекашид юғ. Гӯшаи дигари юғ бар гардани Барзгар, нӯки гӯшакҳо ба хок фурӯ рафта. Таноби гӯшакбанд бар гулӯи Барзгар, кашад барзагов. Фарёд занад зан.

– Рӯмо сиёҳ, чӣ рӯзе буд?! Ай Худои беайб, наход зиндагии носомонро мо сохта бошем?!

Ва юғ оғӯш карда зӯр зад то барзагов биистад, то ҷусаву ҷасади Барзгар вазза накунад. Ҷонвари безабон истод. Зан ҳалқа аз гулӯ ва юғ аз гардани шӯ бардошт. Кафклӯла тар кард дасташ. Сонӣ хуни даҳон рангин гардонд остинаш. Замин газида буд Барзгар.

*27 октябри 2008.*

# МУТОЛИАИ ЯК РОМАНИ СОРБОН

## 1. Таҳияи мавзӯот ва мақсади роман

Асоси мавзӯоти романи «Барзгар»-и Сорбон[1] ҳодисоти замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйироти азими сиёсӣ ва иҷтимоии марҳилаи нави таърихӣ мебошад. Ҳодисаҳои роман дар ҳудуди як деҳа ва кору рӯзгори мардумони он рӯй медиҳанд, вале барои рух намудани ҳаводиси деҳа ҷараёни аз ҳам рехтани низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муносибатҳои одамони саросари кишвари собиқ таъсир доранд. Аҳди шӯравӣ давраи обод кардан буд, фермае обод карданд, ки бо таъмини обу барқу низоми кору тозагӣ аз хонаҳои мардум беҳтар буд. Он замон ҳамин гуна яктарафагиҳо дошт. Муносибатҳои одамӣ, кишту кор бо трактор ва дигар ҷиҳатҳои хоҷагӣ ҳама низому тартибе дошт, одамон розӣ буданд. Замона дигар шуду ҳамаи он низому тартиб аз байн рафт.

Баробари фурӯ пошидани давлат колхоз ҳам барҳам хӯрд. Акнун саркор аввал пули заминро мегираду баъд ба коридан рухсат медиҳад. Гӯё барои андози чандсолаи колхозро додан, ҳама чизро фурӯхтанд: говхона, техника, мол. Ин кор кифоя набуд, ки ба заминфурӯшӣ даст заданд ва ҳоли мардум дигаргун шуд. Тахтаҳои бетонии боми молхонаро ба ҷаллобе фурӯхтанд. Вайрон кардану фурӯхтан, андешаи обод кардан нест. Ҳамин аст дунёи бизнес, ки «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» асоси қонуни ноодилонаи он аст (саҳ.10-11). Хишту бомпӯшҳои говхонаро ҳам ба камазҳо бор карда бурданд. Ҳамин шикастану вайрону хароб кардан ва таъсири он ба рӯҳия ва муносибатҳои одамист мавзӯи романи «Барзгар»-и Сорбон.

Мавзӯи дигари роман аз тарзи кори ҳозиразамон, бар асари харобкориҳо ба зиндагии деҳқонии урфӣ – ҷуфту омоҷ баргаштан аст, ки охири он бенатиҷа ва ҳосиле наёфтан мебошад. Дар муқобили кори аҷдодӣ муносибатҳои

---

[1] Маҷаллаи “Садои Шарқ”, №1, соли 2014.

тиҷоратии нав, фирефтану фурӯхтану марги якдигарро хостан аст, ки амали Ҳоҷӣ-раис ва муносибати ӯ бо раиси ширкати солярка ва химдору - Тулум бо лақаби Қорӣ-Ишкамба чунин аст. Раис ӯро фирефта, молашро ба дигарон фурӯхта пулашро барнагардондааст. Муносибати онҳо, шиддати дӯстии зоҳирию душмании беинтиҳо аз мавзӯъҳои замони нав аст, ки дар роман тасвир шудааст.

Ба Русия барои мардикорӣ рафтани ҷавонон, гирифтории онҳо, навмедию нотавонии падару модар аз мавзӯъҳои замонии роман шудаанд. Дар замони ҷанги ҷаҳонӣ мардумони рус ва дигар миллатҳои қисми аврупоии Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба Осиёи Миёна аз ҷумла Тоҷикистон оварданд. Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон қисме мардум аз хавфи ҷангу моҷаро ва иддаи дигар аз норасоию камию костагии рӯзгор рӯй ба Русия оварданд. Муҳоҷирони мавҷи аввал, касони дар замони шӯравӣ тарбиятёфта, русидон ва бо пояҳои ахлоқии он замон бо русҳо ҳамгун буданд. Бо вуҷуди ин, мардикорон дар кишвари бегона ба таъқибу нобаробариҳо гирифтор шудаанд ва баъзеҳо ба зиндонҳо афтодаю иддае кушта шуданд. Ғами фарзанди дур ва ба зиндонафтода, хабарҳои вахмангези овардани мурдае аз ҷумлаи ҷавонони мардикор мавзӯест, ки дар рӯҳия ва зиндагии падару модари дасткӯтоҳу номурод таъсири амиқ дорад.

Яке аз падидаҳои нохуши замони нобасомон вайронии ахлоқ аст. Замона худ тавлидгари хушию нохушӣ дар зиндагии одамон аст. Камию костии зиндагонӣ меҳру муҳаббат, пайванди мардумии миёни одамонро, аз як ҷониб пурқувват намуда, аз сӯйи дигар, камбудии ҷонӣ ва иҷтимоии онҳоро ба сӯйи рафтори нопоку вайронии ахлоқ мебарад. Ҳамин мавзӯи ахлоқ ва тазоди он бо намуна аз муносибати Барзгар ва занаш, инчунин, Ҳоҷӣ-раис ва Ороста тасвир шудаанд ва дар ин мавзӯъ мо дар мавриди сухан аз образҳои асар таваққуф мекунем. Дар тасвири нависанда ин замон танҳо нишонаҳои вайронии ахлоқии рафтори маҳрамонаи миёни марду занро надорад. Ахлоқи фардии шахс аз меъёрҳои бисёр дурушти муносибатҳои иҷтимоӣ гусаста нест. Ҳамин образи Ҳоҷӣ-раис намунаи барҷастаи костагии

муносибатҳои иҷтимоӣ ба маънои меъёрҳои ҳам расмию сиёсӣ ва ҳам иҷтимоию фардӣ мебошад. Хулоса, паҳнои зиндагии мардум, шикасту рехти низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ, таъсири табаддулоти ҷомеа ба зиндагӣ ва, бахусус, рӯҳияи одамон дар як марҳилаи муайян мавзӯи романи «Барзгар»-и Сорбон мебошад.

Мақсади нависанда нишон додани зиндагии фоҷиабори мардум, оқибати табаддулоти давлатӣ ва системаи сиёсию иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Бенизомии ҷомеа ҳатто дар як муҳити деҳот барои зиндагии мардум оқибатҳои марговар дорад. Ҳар кӣ ин асарро мехонад, бояд дар сари онҳо андеша кунад. Инсон дар рӯйи ҷаҳон фарди танҳост, вале ҳар як ҷунбиш дар ҳудуди деҳаи ӯ, дар кишвар, дар минтақа ва ҳатто дар саросари ҷаҳон ба тақдири вай ҳамчун узви ҷомеаи иҷтимоӣ ва кишвари сиёсӣ таъсир дорад. Бо намуна аз ин роман нависанда даъват медиҳад, ки бубинеду ибрат бигиред аз ҳоли мардум ва муносибатҳои инсонӣ.

## 2. Мазмуни роман

Романи нави нависандаи сермаҳсули Тоҷикистон Сорбон «Барзгар» унвон дорад ва дар шумораи якуми маҷаллаи «Садои Шарқ» (соли 2014) чоп шудааст. Роман ба монанди дигар асарҳои калонҳаҷми нависанда таркиби бисёр мураккаб дорад. Вай ба мисли достон ва қиссаҳои қадим ороста ва перостаи як фабула ё ҳикояти моҷарои қаҳрамонон нест, ки аз пайи сужети он биравем ва бо анҷоми моҷарои миёни қаҳрамонон ба поён бирасем. Аксари ҳодисаҳо, шахсияти қаҳрамонон ба андозаи маънои мармуз ва тамсилӣ гирифтан вусъат ёфта, назари хоси ҳунарӣ ва консепсияи эҷодиро ба вуҷуд овардаанд. Дар айни замон истифода аз устура ва боварҳои мардумин пайваста бо ҷараёни андешаи воқеъбинона ва оқилонаи нависанда ё аз сухани ӯ ва ё аз забони қаҳрамонон баёни ҷараёни ҳодисаҳоро басо мураккаб гардонида ва сабки хоси нависандаро ба вуҷуд овардааст.

Дар оғози роман сухан аз тасвири баҳор аст, ки гармию сардӣ ба ҳам дорад. Барои эътимоди он «Лойро рост карда,

ба танӯр бастанд... ва бориш истод». Тасвирҳое, ки дар паси ин аз вазъи офтоб, борон, неш задани сабзаву майса ва зард шудани он меояд, дарак аз фишор ба руҳияи гӯянда аз вазъи табиӣ аст, ки аз озод набудани гӯянда ва қаҳрамон дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дарак медиҳад. Шароити амали Барзгар – қаҳрамони марказии роман вазъи ба ин амал номуносиб, аламовар, камҳосил ва дар анҷом бенатиҷа дорад. Вай барзаговро бо хар ба зери юғ оварда ҷуфт меронад ва касе чунин тарзи ба ҳам овардани гову харро надидааст. Нависанда бо сухани «гов бо гову хар бо хар ҷӯр меомадааст», ишора ба таносуби ҳар чиз дар воқеъ ва зиндагӣ медиҳад.

Сари кишти номутаносиб ҷойи андешаҳои дуру дарози Барзгар аст. Овозаҳои зиёд дар бораи писараш ӯро маҷбур кард, ки ба Русия равад ва ду рӯз қабл аз он ҷо баргаштааст. Писари беадолатона ба донишгоҳ қабул нашудааш, ба мардикорӣ ба Санкт-Петербург рафт. Дар он ҷо зиндон шуд, падар барзгар, модар дар ғам, ҷойи қонунро пул гирифт. Зӯроварони олам, ҳама либоси ҳарбӣ пӯшиданд ва ба онҳо монанд бояд шуд. Дар андеша илоҷи раҳоии писарро меҷӯяд Барзгар, лекин замини бо трактор ҷуфтшударо акнун бо омоч бояд ронад. Тракторҳоро фурӯхтанд. Зоғони дони пошидаи Барзгарро чинандаро рамзи як навъ сиёҳии кор ва беҳосилии амал мебояд шинохт. Андешаи Барзгар дар сари ин аст, ки чӣ замоне шуд? Ғамбода гулӯи Барзгарро гирифтааст, барои раҳоии писар ҳатто дар кӯчаҳои Санкт-Петербург гадоӣ кард. Барои тухмии кишт қарздор, андози заминро додӣ, пас онро киштан мумкин.

Мардум оби сойро мехӯранд. Бомпӯшҳои говхонаи муҳташамро ҳам бурданд, битонҳоро шикаста арматура ҷудо мекунанд. Равшани нимҷони ихтисоси сангшиканро гирифта яке аз образҳои роман аст. Ба сари Равшани хингӣ коре омада, ки ӯ зӯри онро надорад. Ҳамин рӯз ба сари Барзгар ҳам омадааст. Дар ҳамин ҳавои кушоди рӯйи замин ба ӯ ҳаво намерасад. Лекин аз фишори пайвастаи андеша ва ғамҳои беҳуда, тазйиқи рӯзгор чунин ҳол пеш омадааст. Оянддаи номаълум, яке сангшикани зери обу арақ, дигаре ба коммунизм умед дорад, сеюмӣ мегӯяд, ки ман шуморо ба

Худо наздик мекунам. Лекин пардаи фиребро ҳар касе ба нафъи худ ба тан мепӯшад. Барзгар либоси ҳарбии ҷиянаш, (хоҳарзода, бародарзода) овардаро кашида ба сари хар андохт. Ба андешаи ӯ ин либоси бедодгарон аст, ки ба монанди хар аз пеши худ коре накунанд. Чашми чапи гов ва рости харро бо ин либос Барзгар пӯшонд, то якдигарро набинанд. Ин маънои кӯрии чашми ақлро дорад, ки мардум лаҷоми хиёнаткор ва раису мусоҳиброу нагирад.

Андешаи қаҳрамони мо – Барзгарро нависанда ба замони советӣ мебарад, ки кас ба умеди рӯзи нек раҳ мепаймуд. Ҳоло аз замоне фурӯзон дараке нест, симу барқ ҳам намонд ва дунё валангор гашт. Инсон, бо намуна аз ин Барзгар, дар ин биёбони тари зиндагӣ танҳои танҳо аст. Ӯ монанди хингии путкзан дар олами пурташвиши бесуд танҳотарин кас аст. Ин сухани нависанда ишора ба замони нави худхоҳӣ (эгоизм) медиҳад, ки инсонро ба ҳоли худ якаву танҳо мегузорад.

Барзгарро бо кору андешаҳои худ гузошта нависанда хати дуюми сужет ва мазмуни романро оғоз мекунад, ки ба риштаи аввала, ки баъдан идома хоҳад ёфт, фақат шаклан ва моҳиятан монанд аст. Қаҳрамонони ин бахш Ҳоҷӣ-раис, мурғбон Шодмон ва ҳамсари ӯ Ороста мебошанд. Оғози ин бахш бо моҷарои мурғбон сар мешавад, ки аввалу охири рӯзгори қаҳрамонон ба таври баёни амали онҳо ва бештар бо ҷараёни андешаҳои қаҳрамон дар равиши сужет равшан мегардад. Моҷарои раис бо мурғбон ба зоҳир воқеияти муносибати сардору итоаткор аст, вале дар ботин вазъи фоҷиаомези мурғбони нотавонро ифода мекунад. Мурғбон худро ба содагию лоуболӣ зада ба пурсишҳои раис посуххои кинояомез ва то ҷое аз ваҷҳи девонамизоҷӣ медиҳад. Бо ин сабаб нависанда дар ин бахши роман сабки аҷиби омехта аз рамзу киноя дар сухани мудири мурғхона ва сухани ҷиддии раис, ки оқибат ба тақдири фоҷиабори мудир мебарад, ба вуҷуд овардааст. Раис аз вазъи мурғҳо мепурсад, мудир мегӯяд, ки онҳоро шағол хӯрд. Ба ҷаҳли раис мудир камбудиҳою ҳаромкориҳои ӯро пеши рӯ меорад: сағираи нотавони аз қишлоқ берунрафта, номи зани мурғбонро беҷо гирифтан, дар бораи ӯ чизҳое донистаю на-

гуфтан, ҳамнишинии зан бо каси сиёҳи ҷӯгимонанд. Посуххои мудир нимбеҳушона аст.

Раис зани мудирро ба моҷаро ҳамроҳ мекунад. Сухани ҷиддию шӯхии раис аз ҳам фарқ надорад, девонавор шӯхӣ мекунад. Мудир равзанае ба монанди дидгоҳ кушода аст, ки рамзи ба ҷаҳон нигаристан аст ва аз он дидгоҳ рафтори занашро мушоҳида мекард. Зан ба сари зонуи раис нишаста бо нӯги забон араки чеҳраи ӯро лесид. Мудирро хун ба ҷӯш, дил ба тапиш, тана ба ларза омад ва дар ин ҳол ҷинси зану марди инсонро бад дид. Зан ба назараш ба ҳайвон монанд буд. Ҳисси бадбинӣ бӯйи хунро ба машомаш овард. Дар ин ҷо нависанда ба ҳолати неку бади инсон ишора дорад, ки мард хун мехӯраду ҳолати ӯ мояи шодии дигарон аст.

Дар ҳамин ҳоли дуии неку бад нависанда хонандаро ба ҳоли андешаҳои Барзгар мебарад, ки аз заминларза ба ҷойи говҳои зотӣ гӯсолаеро бонӣ мекард ва заминларза ӯро, ки дар зери бомҳои саройи нимавайронкарда хобида буд, зинда ба гӯр кард. Ҳамаи норасоиҳои говҳои зиндаю гумшударо ба сари ӯ заданд. Ба ин маънӣ ки камтарин далел барои рост баровардани ғорати ҷомеа кифоя аст. Аз ҷуфти номуносиби гову хар нависанда чунин андеша меронад, ки дар ин олам ягон чиз дар ҷойи худ нест. Барзгари тракторчӣ имрӯз ҷуфтрон, ҳама чиз аз байн рафт. Мошинсаройро бо мошинҳош фурӯхтанд, кори раис ба додситон афтод. Бо пули бародараш ӯро ба девонахона ҷой карданд. Аз он ҷо девонаавзо баргашт ва ҳаваси раисӣ аз сараш нарафт. Барзгар аз он замони гузашта ёд мекарду ҳасрат мебурд, ки шояд чунин замоне дар таърихи башар такрор нагардад. Ҳоло ҳама чизи дунё барои болонишинон ва барои ба замине соҳиб шудан бояд гови дӯшоиро бидиҳӣ. Касе шикояти муздуронро нашунавад.

Раис се зан дорад: яке дар Фарғона, якеш дар Андиҷон, дигараш дар Русия. Ҳар кас ба мурдаи хеш гиряд, қонуну қоида нест. Пул буд, ки раисро аз зиндон гурезонд, кушт, зинда гардонд, раис кард ва ин зан кабки сари дасташ (саҳ.20). Андешаи раис бар он рафт, ки модар вафот кард, момои тарбиятгар мурд, зани ҷавони падар ба ӯ эътибор надод. Писари ятим ба Фарғона рафт. Дар хонаи мудири

заводи орд ҷой ёфт. Соҳиби заводи орд духтарашро ба ӯ дод. Ҳасрат соҳиби ному овоза шуд. Аз он ҷо ӯро ронданд, ба Маскав рафт. Баъд ба корчалонону пинҳонкорон (мафия) пайваст. Замона дигар шуд ва ҳама ободиҳою корҳои гузашта нодуруст хонда шуданд. Дар натиҷа ба вайронкорӣ даст заданд. Ҳасрат ба зиндон афтод. Боре занаш Сумбула хабар овард, ки «дадом дар пайи кори ту аст». Аз қасди куштан ӯро раҳонданд ва гӯё гурезонда куштанд. Мурдаашро ба дасти падар ва бародараш доданд, ки ба ватан баранд.

Нависанда аз сари хотироти раис хонандаро ба суҳбати вай бо Ороста бармегардонад. Онҳо аз ҳавасҳои барбодрафта ва умедҳои оянда сухан мегӯянд. Мудири мурғхона дар сари андешаҳои худ аст. Бо ҷаҳл «мекушам» мегӯяд ва ин қаҳру ҷаҳли дарунии ӯст ва садо надорад, аз ҳамон сӯрохии рамзӣ менигараду андеша мекунад. Ҷаҳли ӯ аз номардии худ ва қаҳраш бар сари раис ва занаш аст. Рамзи ин қаҳру ҷаҳли ӯ досест, ки аз шиддати ҷаҳл онро ба ҳар ҷо бо нидои «мекушам» мезанад. Умеди биҳишти зиндагонӣ бо ин нозанин ӯро ба дӯзах бурд. Мудир кори ношоистаи раису занашро дида базан девона будани худашро изҳор кард. Зан бечоравиҳояшро бо раис як навъ бозӣ хонд. Ин бозӣ ба хотири оянда аст ва некию эътибори одамӣ, ба хотири депутат шудани зан аст, то ин ки рӯзгори гузаштаро ва тоҷикони ғарибу бенаворо баргардонад. Дар ин ҷо маълум мешавад, ки замони аз зиндон гурезондан раиси кушта дар воқеъ кушта нашудааст. Ӯ чанд зан дорад. Гуфтугӯйи зану шавҳар ҳасрати дили шавҳарро мекушояд, ки ғами ӯ Кӯҳи Қоф аст. Ӯро ба Ҳаҷ даъват мекунанд, ӯ намехоҳад ва хорию зории кашидаашро басанда медонад. Аламаш аз афсона ва достон шудани кори занаш аст, ки одамон ӯро дида гӯшакӣ мекунанд ва ӯ мефаҳмад, ки чӣ мегӯянд. Зани мудир аз оҳанги бади андешааш пай бурд. Ба ҳам расидани хурӯс ва мокиён дар дидаи раис ва занак рамзе аз корҳои дунё буд. Ҳамчунин, дос санг задани мудир дар дидаи онҳо рамзи нияти бад ба ҳар ду доштанашро дар дидаяшон дошт. Ба монанди ҳамин аксари лаҳзаҳои роман ба дидаи қаҳрамонаш ё худи нависанда маънои рамзӣ доранд. Муно-

сибати Ороста ба раис бо талаби вақту замон буд ва маънои ишқу муҳаббатро надошт. Вай озодии муносибати мурғонро надорад, маънӣ мебардорад, нависанда аз чунин муносибат.

Падар баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷуфтгар буд ва қаҳрамони мо имрӯз бо номи Барзгар шуҳрат дорад. Баъди ҷанги нав қисмат такрор ёфт. Хар аз ҳаракат монд. Барзагов пайдо кардан лозим. Мурод навбасти (ҷувонаи) худашро дод. Барзгар дар мушкили навбаст рамзи инсонии зиндагонӣ барои марг ва мурданро барои зистан мебинад. Ёфтану заҳмат кашидану зистан, ин аст маънии зиндагонӣ, зеро худи зиндагӣ гуворо ва ширин аст (саҳ.28). Ин маъниро нависанда дар муқоисаи одаму ҷонвар бо намунаи худ ва ҷувонаи навбаст хеле зиёд, бо руҳияи инсонӣ, гузориш медиҳад.

Ҳоҷӣ-раис бо ҳамроҳии Ороста ба сари кишт омад. Ин ҷо мавзӯи муносибати мардум бо роҳбар бо тафсил ва суханони рамзомез ифода шудааст, ки натиҷаи онҳо бо иловаи ҳарфи «ҷон» ба ҳар роҳбар муроҷиат кардан аст. Ҳоҷӣ-раис барои намоиши бузургӣ муаллима Оростаро бо худ мебарад. Бо посухи рафтори худ муаллима сухани фачу дурусти ӯро тасдиқ ва инкор менамояд. Барзгар ба раис эътиборе намедиҳад, вале сабаби омаданашонро аз сухани Ороста мефаҳмад. Онҳо бо баҳонаи аз зиндони Русия берун овардани писараш аз Барзгар пул ситондан мехоҳанд. Омадагон бошанд, рафтори ӯро як навъ девонагӣ дониста, аз корди дасташ ваҳм карда гурехтанд. Ба назари Барзгар раис барин одами бад бо чанд ранг зиндагӣ мекунад: коммунист, мусулмон, суннӣ ва бадтар аз ҳама кинавару бадхоҳ (саҳ.31). Буқачаи навбаст аз банд раҳо шуда ба сӯйи пода давид, ба дигар говҳо шох мезад. Ба шиками ӯ аз буқаҳои пода зарба расид. Мурод соҳиби буқача омад ва ҳалокати онро аз тақдир дид ва ба Барзгар камоли ҳиммату ҷавонмардӣ нишон дод. Ин лаҳзаи муносибат бо буқачаю соҳиби он ва Барзгар низ як рамзи муносибатҳои инсонист, ки одамгарию ноодамиро ба ҳам муқобил мегузорад.

Ороста садои дос санг заданро аз мурғхона мешунавад. Дар сари ният ва мақсади шавҳараш аз санг задани дос, ки монанди суҳони зиндагӣ бар сари инсон борик шудааст, ан-

деша мекунад. Рашки мардак рашк не, нафрат аст. Ороста бо раиси дурӯя чаро дар як кӯрпача менишинад? Бунёди ахлоқ шикаста, духтарон тан ба савдо доданд, дониш беарзиш шуд. Зани мудир муҳаббатро кушт. Муносибати зану шавҳар ба раис аз дарду тақозои замон аст, вале мард гушна мурданро аз сарқути чунин касонро хӯрдан бартар медонад. Фаҳму дарёфти неку бади зиндагӣ ҳосили дониш андӯхтан аст ва нахондану надонистан аз чунин огоҳӣ бадтар аст.

Оростаи сабзчашм, лоларанггуна, бо чеҳраи баҳорӣ садои сангу досро то гусастани торҳои асаб мешунавад. Ҳоҷӣ-раис ва Ороста як феъл доранд: аз олам ҳама чизро мехоҳанд, лекин роҳу равишро намедонанд. Ҳамчунон ки Худо зинда мегардонад, дар кори ҷаҳон таҷрибаро бояд ба кор бурд.

Бори умр барои Барзгар гарон аст, зеро берӯзӣ аст. Ҳатто дони зери хок кардаашро мурғон баранд ва даҳ дон нашавад, моли худаш қувват надорад, моли амонат бимирад. Низоми ин дунё бар қасди инсон сохта шудааст. Аз кори ҷаҳон ҳамсараш низ хаставу лоғар шуда, бори ноаёни рӯзгор бар сару дӯшаш ва дастонаш фишор овардааст. Раҳму шафқати Барзгар то ҷоест, ки аз оби чашми зиёд он гунаи наҳифро набинад. Дар муқобили ин меҳрубонӣ мурғбони рамидахотир тухмҳо ба девор мезанад, мурғро ба неши дос меорад. Як замон зан ба ӯ меҳрубон буд, ӯро бо меҳрубонӣ ором мекард. Озору ранҷиш буд, ғазаб, зӯрию ситам набуд. Ҳоло алам аз мурғу тухм меситонад, досро санг зада ба сӯйи зан ҳаво дод ва дос ба дарича бархӯрд (саҳ.37).

Дар ин ҷо муқоисаи ду зану шавҳар, ду ҷуфти дар зери бори зиндагӣ хаставу ғамгину асабонӣ, меҳрубону бадбиншударо мушоҳида мекунем. Барзгар номуси зиндагиро ба ҷой меорад, мурғбон шарафи мардии аз оғоз надоштаро дар коми ҳасрату ноумедӣ ва ҷаҳлу бадбинӣ меандозад, ки ӯро бо ҳоли инсониаш зан, раис ва дигарон эҳтиром намекунанд ва эътибори мардию инсониашро зери по мениҳанд. Барои ҳамин шарафи одамӣ Барзгар заминро кишт мекунад, то таъна аз кумитаи замин, аз зан ва дигарон нашунавад. Ҳама ҷабру ситам аз болонишинон аст, ки на ба халқ хидмат мекунанд ва на ба давлат (саҳ.38).

Овозаи овардани тобути писари Боязид аз Русия, набудани роҳ аз Хуҷанд намунаи проблемаи дигари озори мардум аст. Бо ҷурми кӯтоҳандешон дар Панҷакент фурудгоҳи муносиб насохтанд. Дар ин наздикиҳо Боязид номе нест, лекин нависанда ин хабарро намунаи олии чунин даҳшат ва ваҳм дар хонадони Барзгар ҳам тасвир кардааст. Вай дар суроғи ҳоли писараш мешавад, пул надорад ва чораю тадбире карда наметавонад. Ғами писар модарашро пир кард, падару модар таомро заҳрвор мехӯранд, монанди мӯрча мегарданд. Ороста назди модар омадааст, ки ба писар ёрӣ мекунад. Халосӣ ба воситаи доллар ва пули русӣ имкон дорад. Ин як найранги Ҳоҷӣ-раис аст, касе худро миронда аз нав зинда шудааст, ба ҳар кор қодир аст (саҳ.42).

Ҳоҷӣ-раис бо ин ҳама қудрату корҳо шикастадил аст ва орзуи худкушӣ мекунад. Ороста пушаймон аст, ки бо ин одами носолим худро беҳуда бадном кардааст. Дар посухи ӯ раис мегӯяд, ки мардӣ чизи хӯрданӣ, бурданӣ, сарвату дороӣ, худнамоӣ, умуман, ҳеҷ чиз нест ва ченак надорад. Вай ҳиммати худовандист. Назари нависанда ин аст, ки рафтору дороию тавоноӣ маҷмӯаи тасодуфҳо ва кирдорҳост. Амали одамӣ, ба андешаи Ороста ё назари ба забони ӯ гузоштаи нависанда бар рағми номуродиҳо барангехта мегардад. Дӯст дошта гирифтани шавҳар дар асл макру фиреби ӯ будааст, ки ӯро ба дом овард. Духтурон камбудиашро маълум карданд, Ороста дилсарду ӯ бепарво гашт. Бепарвоии ӯ аз бедармонии дардаш аст, ки танҳо хӯрдану рӯз кӯр кардану умр ба сар бурдан боқӣ гузошта, занро бадбахт мегардонад. Дарозии замони умр ӯро девона ё девонаавзо кард (саҳ.45). Девонарафтории раис бар рағми наҳангу аждаҳои муфтхӯру ҳаромкор ва ташкилотҳои созмондодаи онҳост. Полису шуъбаи шашум ҳам дасти дузди асосиро нақапанд. Ҳама корҳои бад аз бевиҷдонию беимонист.

Шавҳари гаранги Ороста хурӯсро ба сихи дос овехта буд, ки рафторе ба зоҳир бемаънӣ менамуд. Ин хурӯсро Ҳоҷӣ-раис сутуда ва ба Ороста нишон дода буд. Ба рағми онҳо хурӯсро кушта, дар дидаашон намоиш дода буд. Ҳама чизро фурӯхтанд, ҳатто тан ва номусро. Ман мурданро вақфи куштан кардаам. Пеши раис намоиш шудани шоистагии

хурӯс боиси марги ӯ гардид. Занак ким-чӣ шуданӣ, ҳардуро дар қафас хобонам, андеша мекунад, баъди аз нӯки дос андохтани хурӯс. Ҳоҷӣ-раис худро донишманд донад, вале донои надорад. Аммо ин ҳоҷитароши беҳуда роҳҳои ҳама фиребро дорад. Ба гуфти Ҳоҷӣ-раис ӯ дар завод фаҳмидааст, ки падару модару роҳбару роҳнамо пул аст. Дар ҳар баду неки миёни одамон пул аст.

Ба раванди воқеоте, ки аз амалу андешаи Барзгар, мудири мурғхона ва занаш, инчунин, Ҳоҷӣ-раис пайванд ёфтаанд, раиси ширкати соляркаву дору ва пору бо лақаби Қорӣ-Ишкамба ҳамроҳ мешавад. Ҳоҷӣ-раис аз ӯ қарзи зиёде гирифта ва аз биме қарзро набаргардондан ва дар миёни мардум шарманда шудан ба ҳарос афтода буд. Ба чашмони айнакдори вомхоҳ бо ду ангушт зад. Мардум духтур талаб карданд, гарчи чӣ шудани ҳодисаро надида буданд. Ӯро ба мошини Мерседеси худаш шинонданд ва раис ба сари фармон нишаста ҳамроҳи Қорӣ-Ишкамбаро аз мошин тела дода фуровард. Мошин ба сӯйи рӯди Зарафшон оҳиста ҳаракат кард. Раис ба ӯ таҳдидҳо кард, гарчи солҳо моли ӯро хӯрда буд. Ҳарду дар асл дузду роҳзан мебошанд. Тулум тарс аз он дорад, ки чанбари мошин дар дасти раис аст. Ҳоҷӣ-раис тарс аз мурдаю зинда гаштани хеш дорад, ки мефаҳманд ва шармсораш мекунанд. Чунин аст ба андешаи нависанда олами нави муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: инсон гурги хунхори инсони дигар бо молу чиз шудааст. Дар ин гетӣ ҷуз хӯрдану фирефтан кори дигар нест. Ҳарду гирифтори андешаҳои худ мебошанд ва мошини роҳрав рамзи зиндагии ноустувори онҳост. Ҳардуи онҳо дар пайи бадӣ ба якдигаранд. Ҳоҷӣ-раисро Тулум бо тасмаи миёнаш баста, то ба дами марг расидан хафа кард, аммо ба хотири қарз банди тасмаро сар дод. Раис дуюмбора моҷарои санаи мурдаю зинда шуданро бофт (саҳ.55-56).

Шавҳари Ороста ба сарҳади девонагии воқеӣ расидааст. Мурғҳоро досдарав карда мекушад, даҳонро монанди шағол инҷ мекунад, нохунҳош дароз шудаанд. Раис ва Ороста аз ӯ хавф мебаранд, ки онҳоро мекушад. Лекин душмани асосии раис ҳамон Тулум аст. Ҳоҷӣ-раис низ мурдаю зинда гашта буд, вале оқибат ӯ ҳам мурд. Андоми шавҳари

Ороста лоғару пӯсту устухон, риши дарозу мӯйи сари печидаи пурчангу хок, либоси фарсудаи қарқин, пойи луч, дастони ларзони бо сангу дос, мурғони мурда, ки ба хаёли ӯ чеҳраи ҷавониашро ба ёд меорад (саҳ.58). Ороста аз миёни ин ҳама касофат дар хаёл ба лаби чашма барои шустан ӯро бурд, ки як замон дар дидаи падар ҷавони зебое буд. Дар сари чашма Ороста исту бисти ваҳшиёнаи шавҳарро ба оғӯш ва шавҳарро сила кард, мӯйи сарашро тарошиду ришашро кӯтоҳ кард. «Чашмони шавҳар чашмони тифли бегуноҳ ва маризи маъсумро мемонд» (саҳ.59). Либоси қарқинашро оташ зад, нохунҳои дарозашро кӯтоҳ кард. Ӯро бардошта ба лаби ҳавз бурд, ҳарду якдигарро якҷоя диданд. Ороста номи ӯро, ки номи писари ба дунё наомадаашон Бузургмеҳр буд, гирифт. Ин садои ошно ҳалиму меҳрубон, пур аз меҳру муҳаббат, самимият ва орзуву ҳавас буд. Ӯро собуншӯ кард, куртаву эзори сафед пӯшонд, рӯйи даст бардошт. Олами андеша ва орзуҳои Оростаро садои мошини гузашта ва чапашуда ба худ овард (саҳ.59). Чӣ маънӣ дорад, ин ҳама олами афсонавии андешаҳо, ки нависанда бо тасвири онҳо хотири хонандаро ба хушиҳо мебарад, баъдтар мулоҳиза меронем.

Гиру дори раис шудан ва дигареро написандидан, ҳар кас ба мавқеи муносиби худ истодан, чизест, ки онро нависанда «озодии мутлақ»-и барои бисёр касон писандида мехонад (саҳ.61-63). Ороста ҳам фирефтаи роҳи зиндагӣ аст бо хислати раҳмдилию содагии худ. Фирефтаи марде шуд, ки ба ҳоли худ гирифтор аст. Шодмон аз даричаи кушодаи худ ӯро мебинад, ки қурбонии замини нав дар миёни вайронаҳост. «Рашки ҳасрат» ӯро ба хоҳиши куштану ба чоҳ андохтани Ороста мебарад ва бо ин алам ҳамаи мурғонро нобуд сохт. Ба дидаи Ороста чун руъё чеҳраи Шодмон бо ними рӯйи сӯхта ва ними дигаре бо риш овехта мешавад. Дар ин раду бадали андешаи зан ва шавҳар Ороста тарс аз кушта шудан дорад. Шодмон мехоҳад, ки ӯ натарсад (саҳ.65). Оростаи баҳушомада Шодмонро ба монанди маҳбуси солҳои зиёд дар таҳхона будаю нону обро надида, тарҳе шинос, вале на Шодмон дид. Ба хона рафт бо бӯхчае ва собуну қайчӣ берун омад, бо ишорати ӯ ҳарду ба

лаби ҳавзи Кавсар рафтанд. Ороста ончиро дар танҳоӣ аз андешааш гузашта буд, ба ҷо овард. Баъди марги Ҳоҷӣ-раис ва омадани раиси нав Шодмону Ороста ғайб заданд, касе надонист, ки онҳо куҷо рафтанд. Ҳавлию ҳарами бобоӣ бесоҳиб монд (саҳ.66).

Барзгар ва занаш ба якдигар нигариста, рӯзгори ҷавонӣ, ҳусни коста ва сурати калонсолӣ гирифта ва чӣ шудани ояндаро андеша мекунад. Ҳамин роҳи калон ҳамаро шодон бараду гирён орад. Барзгар нону ҷурғоти овардаи занашро тарид карду хӯрд. Зан дид, ки хар дигар қуввати ба пой хестан надорад. Мардак юғро ба гардан гирифта ҷуфт кардан мехоҳад, занро ор меояд аз ин. Кашидани юғу ҳамроҳи гов ҷуфт кардан як навъ рамзи юғи бори зиндагист, ки бар Барзгар бор шуда ва онро бояд бардошт. Ин мард ба зери бори юғ монда ва бо он худро куштанист. Ҳамаи ободиҳо бо як имзои дурӯғи раис барбод рафт, лекин касе чизе гуфтан натавонад. Чунин аст андешаи Барзгар (саҳ.70).

Дар анҷоми роман Ороста ва Шодмон ба майдони ҳодисаҳо оварда шудаанд. Онҳо дар сари чашма як белу чаҳор ниҳоли сада оварданд. Барои Ороста ҳавасу сармоя мояи ҳастиву зиндагӣ ва Шодмон аз нотавонӣ барои худ дунёи ҳайвонӣ сохт. Ороста бо меҳру муҳаббат дасти Шодмонро гирифт ва онҳо ба зери об рафтанд ва чаҳор ниҳоли сада он ҷо гузоштанд (саҳ.71).

Анҷоми роман поёни умри Барзгар ҳам ҳаст. Барзгар ва занаш дар ғами писар монанди шамъ сӯхтаву обу адо шуда буданд. Дунё дар назараш монанди кулфату азият аст ва ин олам аз ӯ дод меситонад. Ҳамсари меҳрубонаш ба ӯ ёрӣ додан натавонист, бо заминро газидан анҷоми рӯзгор ёфт ва бо замин пайваст.

### 3. Образи қаҳрамонон

Барзгар қаҳрамони марказии роман аст. Чун нависанда ба ӯ номи дигар намедиҳад, ин ном бо кору кирдор ва рафтори вай маънои рамзӣ мегирад. Барзгар тракторрони собиқ аст, ки бо тағйири сохти мамлакатдорӣ ба ӯ бо ивази модаговаш замин додаанд ва бояд дар ин замин ҷуфт ронаду

ҳосил бигирад. Дар акси ҳол вай бо беҳунарию беномусӣ ва орият надоштан таънасор ва маломатзада хоҳад шуд. Аммо ӯ дар ин зиндагии ноҳинҷор ҳеҷ омодагӣ ба ин амал надорад. Худи зиндагӣ чунин номутаносиб ва мутазоди ихтилофомез сохта шудааст. Инсон дар баробари он ноқобил аст ва қудрати бардошти ин тазоди зиндагиро надорад.

Харро бо гов бастаю ҷуфт кардан худ рамзи ҳамин номутаносибии ҷаҳон аст. Хар ҷонвари ҷуфт рондан нест ва оқибат беқуввату бемадор мегардад. Ҷувонаи навбатӣ низ қуввату бардошти ҷуфт надорад ва бо амри тасодуф ё сарнавишти нобасомони Барзгар кушта мегардад.

Барзгар тимсоли нангу номус ва орияти инсонист, ки дар муқобили ҷомеаи бесомон, кирдорҳои пасти одамӣ ва ранҷи ризқу рӯзӣ хокро чапа карданию ҳосил гирифтанист, вале бо иқтидори ками одамии худ ба хок фурӯ меравад. Вай фарзанд бузург кард, ки ҳосили асосии умри одамист. Ба сабаби беадолатии роҳбарияти донишгоҳ ва беқудратии падар донишҷӯ нашуд, ба мардикорӣ рафт, ба зиндон афтод. Падар гадоӣ кард, ки маънои рамзии гадои раҳоӣ ва беҳбуди фарзанд будани падарро дорад. Фарзанд писари Барзгар дар тасвири романи Сорбон рамзи ормон ва ҳосили умри падару модар аст. Аз ин ҷост, ки на фақат Барзгар, балки ҳамсари вай ҳам харобу нотавону заиф шуда ва ҳоли ба навмедӣ расиданро дорад.

Бо гирифтории писар ва баста шудани роҳи ояндаи беҳбуди зиндагии ӯ тамоми зиндагии Барзгар бенатиҷа шудааст. Ҳатто ҳамин дони ба замин пошидаи вайро зоғон мебаранд ва ҳосиле намедиҳад. Бо зӯри орият ва номус ӯ юғро бар гардану дӯши худ гирифта, дар баробари барзагов ҷуфт рондан мехоҳад. Дар ин ҷо қудрат ва нотавонии Барзгар ҳамчун рамзи нотавонии инсон дар пешгоҳи зиндагонӣ ва дар зери юғи ҳастӣ тасвир мегардад ва роман бо ҳамин фалсафаи беоқубатии кори инсон ва мубталои нотавонию марг буданаш анҷом меёбад.

Ҷуфти дуюми қаҳрамонон Шодмон ва Ороста низ рӯзгори фоҷиавӣ доранд. Саодати одамӣ аз пайванди зану шавҳари муносиб вобаста аст. Ороста ва Шодмон ҳамин гуна касон буданд, зебою дӯстдори якдигар. Аммо Шодмон бо ҳукми

табиати ҷисмонии одамӣ барои муносибати ҷисмонию оиладорӣ соҳиби қудрат ва имконият набуд. Муносибати наздики Ороста бо Ҳоҷӣ-раисро дида ҳисси рашку бадбинӣ дар тану равони ӯ ба ҷӯш омад. Ҳиссиёти рашку ҳасад дар равони вай ба андозаи пайдоиши хоҳишу майли хунхорӣ қувват гирифт. Образи Шодмон нақши рамзии инсони табиатан нотавон ва аз ин ҷиҳат бадбини дигар одамон аст. Нотавонии ҷисмонӣ ва заъфи руҳонию халои ормонӣ ӯро ба зиндагӣ шикастадил ва ба мардумон бадбин кардааст. Қасоси нотавонӣ ва бадбиниашро ба одамон ӯ аз мурғон меситонад. Санг задани дос ва куштани мурғон ифодаи ҳамин хунхорию бадбинӣ ва нотавонии пайваста бо ҳам аст. Дар чунин вазъият Шодмон ҳатто ба ҳоли худ андеша намекунад, мӯйи сару риши расидаашро наметарошад, чиркину ношуста мегардад. Назари нависанда ин аст, ки инсони табиатан бе ормону ҳавасмонда, аз лутфу меҳрубонӣ маҳрум гашта, дар камоли бадбинӣ ба сарҳади ҳайвонӣ мерасад.

Оростаи муаллимаи китобхонда бо ҷурми ҳамсараш бефарзанд мемонад. Саъй мекунад, ки аз ин ҳоли бунбастаи зиндагонии худ берун равад. Бо ин мақсад ва ҳам барои табиатан аз вазъи тангдилӣ баромадан бо Ҳоҷӣ-раис пайвастагӣ меҷӯяд. Аммо аз ӯ соҳиби фарзанд шудан намехоҳад, орзуи мақоми иҷтимоӣ ёфтан, ва, масалан, намоянда (депутат) шудан дорад. Аммо Ҳоҷӣ-раис на он касе будааст, ки ӯ гумон дошт. Вай худбину худхоҳ, шаҳватпарасту беинсоф аст. Ороста аз рафтори вай дилгиру дилтанг шуда, дар олами руъё ва хаёлоти худ ба сӯйи шавҳар бармегардад, ришу мӯйлабашро қайчӣ мезанад, танашро мешӯяд, либоси сафед мепӯшонад. Шодмон қиёфаи дигар мегирад. Дар охири роман, баъди огоҳӣ ёфтан аз марги Ҳоҷӣ-раис, Ороста Шодмонро ба сари чашма мебарад, ончиро дар олами руъё дида буд, ба амал меорад. Пас ба оби ҳавзи Кавсар фурӯ меравад, дасти Шодмонро мегираду ҳарду нопадид мегарданд. Хонаю дари авлодии онҳо бекасу бесоҳиб мемонад.

Образи ин қаҳрамонон, аз мавқеи тасвири анҷоми рӯзгорашон, боз ҳам, ба монанди ҷуфти аввали

қаҳрамонон, маънои оқубати умри инсонро дорад, ки ҳамоно ҳосили он нестӣ ва як навъ фоҷиаи поёни рӯзгор аст. Ин зиндагии нобасомон танҳо ҳамон вақт маънӣ мегирад, ки бо меҳру пайванд, бо якдигар пайваста бошад. Ҷуфти аввали қаҳрамонон зиндагиро бо ҳам паймуданд ва писару андешаи неку бади вай, орияти дар назди ҷомеа дошта маънии зиндагӣ ва поёни рӯзгораш аст. Шодмону Ороста низ бо ҳама сахтиҳо ва баду неки зиндагонӣ бо покию меҳрубонӣ беоқубатии рӯзгорро ҳусни анҷом бахшиданд. Чунин аст, ба назари мо, маънии ин образҳои романи Сорбон.

Образи Ҳоҷӣ-раис намунаи шахси худхоҳ, аёр, сарватҷӯ ва бераҳм аст. Бо вуҷуди ин ҷавҳари зиндагии ӯ аз умедҳои нек холӣ нест ва гоҳ-гоҳе дар муносибат бо Ороста зоҳир мегардад. Дар кӯдакӣ бо ситами модари угай, оворагӣ, кор дар корхонаи орд ва домодии директор бузург шуда, асоси зиндагӣ пулу сармоя, фиребу пулёбию зану бадахлоқиро медонад. Марги ӯ ҳам натиҷаи зиндагии бемаъниаш аст. Образи Ҳоҷӣ-раис нақши инсони нобакори ҳавасбоз ва набудани хоҳишу ормонҳои инсонист.

Образи қаҳрамонони романи «Барзгар»-и Сорбон бо ранҷкашию дар зери бори зиндагонӣ будан ба образи асарҳои нависандагони амрикоӣ Гарсиа Маркес ва Ҳеменгуэй шабоҳат доранд. Қаҳрамонон мудом азият мекашанд ва ҳосили кори онҳо ҳеҷ аст. Инсон дар зиндагӣ заҳмати беандоза мекашад, вале ҳосили ин ранҷу машақат чизе нест. Ҷараёни зистан ва заҳмат ба умеди ҳосилест, аммо ин ҳосилро боз ҳам ҳастии беоқубат ба коми худ мебарад.

## 4. Сабки романи «Барзгар»

Аз назари забон ва тарзи сухан сабки роман забони адабии тоҷикӣ дар заминаи гӯиши тоҷикии водии Зарафшон то Самарқанд аст. Калима ва ибораҳои гӯиши ин минтақа дар забони роман зиёданд, вале онҳо бо ҳамоҳангию ҳаммаъноӣ бо забони адабӣ сабки хосси асарро ба вуҷуд овардаанд, на сухани лаҳҷагии маҳдуд ба як минтақаро.

Сухани нависанда аз забони вай ва аз забони қаҳрамонон аст ва тарзи ҳикоят дорад. Қаҳрамон дар оғози сухан шахси якум аст, аммо ба зудӣ ба гӯяндаи ҳикояти рӯзгори худ табдил меёбад ва аз мавқеи шахси сеюм ҳарф мезанад. Бо ин сабаб таассуроте ҳосил мегардад, ки тамоми роман як ҳикояти пайваста ва тӯлонӣ аз зиндагии қаҳрамонон аст. Муколама ва гуфтугӯйи қаҳрамонон дар роман зиёд нестанд. Барои намуна ба ин калима ва таъбирот таваҷҷуҳ намоед: Ҳарина омад, лақу дақ монд, сарокалла шуд, эдир карда, доғулӣ, килла, девонаи ғирт, монанди тифли афгона, гиҷинаш омада, дастмурӯсак, ландаҳӯри фӯла ва ғайра. Дар роман тарзи андешаи мардум бо ишораю ифода ва, махсусан, зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ пайваста омада ва маънои воқеии ҳодисотро қувват додаанд. Мақоли машҳури сӯфиёни нақшбандия «даст ба кору дил ба ёр», таъбири омиёнаи сохтаи нависанда – «Тан ҷудо, сина ҷудо, по ҷудо», «гушна ба шер зада», ҳама чизро хӯрдани боди гурусна, ғамбода дамидан, дузд бошу боинсоф бош, чашми ақлашон кӯр, ман насӯзам, кӣ сӯзад?, аз сар шонаву аз таг фона, ҳар кас ба мурдаи хеш гиряд, домод чиҳил сол пеш ба падарарӯс равад, моли бесоҳибро гург мехӯрад, омад ба сарам аз он чӣ метарсидам, инсон ҳам ситам бикунад, табиат ҳам, сари кор сар шиканад, зуъми гадо зарари гадо, касе сутуни осмон нашудааст, дар сари ош бакавул, модари зиндагӣ пул, ҳаргиз рӯйи сериву пуриро надида буд ва монанди инҳо.

Аммо ин зарбулмасалу мақолу таъбирот чун намунаи тасдиқи ҳақиқате, ки маъмулан дар асарҳои адабӣ ба назар мерасанд, нестанд. Онҳо пайваста бо сатҳи воқеии асар мебошанд, зеро ҳосили андешаи худи нависанда ва ифодаи андешаҳои қаҳрамононанд. Аз ин рӯ, сабки ин романи Сорбон саросар ҳикмати зиндагонист. Вай аз як ҷиҳат ба сабки маъруф ба номи ҷараёни афкор (поток сознания) монанд аст. Тамоми ҳодисаҳо чун як навъ ҷараён аз андешаи нависанда ва қаҳрамон берун меоянд, ки дар ин маврид дар боло ҳам ишора рафт. Аммо ҷараёни афкор як навъ шакли нақли ҳодисаҳо аз ҷониби нависанда ё ҳикоят аз онҳо буда метавонад. Сабки насри Сорбон дар ин асар ва,

албатта, асарҳои дигараш низ, бахусус, аз романи «Актёр» ба баъд чизе дигар аст, ки онро ба назари мо, як навъ ҳикмати зиндагонӣ дар соҳоти адабӣ шинохтан дуруст менамояд. Тасвири табиат, рӯйдодҳо, кирдору гуфтори қаҳрамонон саросар маънии донишмандона доранд. Назари нависанда ба онҳо шинохти ақлонӣ, таҳлилӣ ва натиҷагирона дорад. Аммо ин назар ва гуфтори ҳакимона чизи таълимотии илмӣ нест. Барои он ки маънои ин сухан ва мақсади мо ба хонанда равшан бошад, ба насри замони шӯравӣ ишора карданамон мумкин аст. Дар бисёр намунаҳои насри он замон зиддияти қаҳрамонон бар таълимоти синфигароии мафкураи замон такя дорад. Дар романи Сорбон ҳамин гуна асоси идеологӣ ё мафкуравӣ мавҷуд нест. Бегумон асари адабӣ берун аз равиши муайяни фикрӣ буда наметавонад ва романи «Барзгар»-и Сорбон ҳам аз доираи чунин талабот берун нест.

Меъёри асосии фикрии нависанда, ба назари мо, тақдири инсон, беҳбудии зиндагонии мардум ва адолати иҷтимоӣ ва фардӣ мебошад. Дар замони шӯравӣ то ҷое ин меъёрҳо риоя мешуданд ва бо фурӯпошии он низом онҳо барҳам хӯрданд. Ба нобаробарӣ, вайронкорӣ, худбинию худхоҳӣ ба дараҷаи зиёде авҷ гирифт ва кас ин гуна муносибатҳои инсониро надидааст. Ин назари хоссу меъёри ахлоқию иҷтимоии нависанда аст, ки дар диди ҷаҳону муносибат ба инсон зоҳир мешавад. Дар ҳудуди ҳамин меъёрҳои ба таъбири маъруф умумибашарӣ нависанда ба ҳодисот назари андешамандона мекунад. Аз ин ҷиҳат, романи «Барзгар» – романи андеша ва назари ҳокимона ва нависандаи он адиби андешаманд ё интеллектуал мебошад. Чунин роман бори маънии фаровоне дар худ дорад, ки ҳосили андешаҳои нависандаи ҳақиқатан халқӣ мебошанд, зеро вай аз мавқеи ҳимояти мардум ва дар мақоми андешаи мардумӣ ҷойгоҳи муносибе барои фаъолияти адабии худ ёфтааст. Барои намуна ба ин андешаҳои Барзгар, назар афканед, ки чи гуна ҳоли инсон ба ҳайвон ва тамоми ҳастӣ ба ҳам пайваста ва сирату ҳолати ғамангези инсонро пеши хонанда барои дилсӯзию ҳамдардӣ ва андеша мегузорад.

« – Иш, иш! Бало занад, ту ҳам нағма барор! Поят шикаст, ки ба фӯк рафтӣ? Зор мон! Надонам ки чӣ толеъ аст? Якеро дар хобаш диҳад, дигареро ройгон. Ризқаш аз осмон борад. Мани берӯзиро надиҳад. Як дон зери хок карданиам, ки даҳ дон шавад, мурғони гурусна тӯй бикунанд ризқамро. Моли амонат бимирад, моли худам қувват надорад. Инро бубин, ин тамошоро бубин. Худоро ҳам фораду бандаро низ, хари боркашу борбардор натавонад ин борро кашидан, чунон гарону сангин фармуда бори умри маро. Их, зор мон!» (саҳ.35)

Ҷумлаҳои аввали ин хитоба ба каси суҳбати нависандаро дидаю шунида садои Сорбонро медиҳанд. Баъд ба тақдири бади одамӣ, андешаи вай аз вазъи зиндагонӣ мерасем, ки мояи ғаму душворию андеша мебошанд. Ғаму мушкилоти одамӣ бо муҳити зист, бо гову хари рӯзгор ва ҳатто бо зоғони сиёҳи ҳаво вобаста аст ва ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ бори умри одамӣ мебошанд. Ҳамаи ин чизҳо дар рӯзгори одамӣ омада ва аз даст раванда ва бебақою ноустувор буда, бадии кор ин аст, ки ҳамаи ин равандаҳо роҳи баргашт надоранд. Нависанда дар олами андешаҳои образи Ороста ва худаш хонандаро мечархонад, ки аз ин дунёи бебақою ноустувор огоҳ бошад.

«Аз олам ҳама чизро гирифтан хоҳӣ, лекин роҳу равиш надонӣ. Ин дунёву он дунё чизе надорад. Лӯъбатакон дорад, дасти хуш дорад, бозичаҳои кӯдакона дорад. Агар чизаке дорад бо ҳазор машаққат ба нӯги даст орему ба бод сар диҳем. Чунки бод оварда буд, бурд... Ҳол он ки ҳеҷ дард дармон надорад, ҳеҷ пир ҷавон нашуда ва ҳеҷ мурда зинда нагашта...» (саҳ.34)

Андешаи ноустувории ҷаҳон ва бори гарони мушкилоти зиндагонӣ ва худи ҳастии одамӣ дар романи «Барзгар» оҳанг ва мативи асосии зиндагии инсонӣ буда, нақши қаҳрамонони асарҳои адабии гузашта ва мафкураю назари иҷтимоии нависандагонро дар ҳамосаи «Шоҳнома», баъзе корномаҳо ва романҳои халқӣ ба ёд меоранд. Диди образи ҳамсари қаҳрамони марказӣ ҳамин гуна сифатҳои одамӣ дар зери бори зиндагӣ ва андешаи рӯзгор заифу нотавоншударо дорад. Барои намуна ба ин сатрҳо назар кунед:

«Гоҳи сари огард гаштан дид, ки як пайкари лоғар миёни дашти дароз бо канори роҳи мошингард мӯрона роҳ меравад, на ба канор нигараду на ба пас. Хаёлан дарёфт, ки мисли ӯ дар зери бори гарони андеша хаста ва шалпар гаштааст ва поҳояш мадори рафтан надоранд. Бори сангини ноаёни рӯзгор аз тори сар пахш кунад, дар дӯшаш низ савор аст ва боз дар дастонаш овезон, пояш низ завлонаи гаронвазн дорад, гоҳи гашт ба сони ноқусҳои калисоҳои Ғарб садо дода гӯш ба қомат оранд ва мағзи сар гиҷ кунанд... Ба назараш баъзан ларзад он пайкар, аз боди дашт ё аз бемадорӣ. Гоҳе ноаён гардад паси пардаи оби чашм, лаҳзае нур гирад ва аз нав бинад он пайкори наҳифро,...» (саҳ.36)

Дар ин лаҳза ва дар мавридҳои дигар низ, ки аз онҳо дар боло ишора рафт, ба ҳам пайвастани равиши андешаи нависанда, ё як қаҳрамон бо қаҳрамони дигар мушоҳида мешавад. Аксаран ин дарҳамбарҳамиҳо, албатта, ба маънои мусбати ба ҳам омехтани рӯҳия ва ҳолати қаҳрамонон ба мушоҳида гирифтани равиши тасвири як қаҳрамон ва ҷудо (тафкики) яке аз дигарро барои зеҳни хонанда мушкил мегардонад. Ин мушкилӣ аз ду ҷиҳат падид омадааст, ки яке аз онҳо асоси интеллектуалӣ, андеша ва ахлоқӣ будани диди ҳастӣ аз ҷониби нависанда аст. Ин ҳолат хонандаро маҷбур месозад, ки ҳам аз пайи андешаи меҳварӣ ва ҷавҳарии роман биравад ва боз фаҳму дарёфти назару гуфтори нависандаро дар ҳар лаҳза ба эътибор гирифта бошад. Дар мавриди мулоҳиза дар бораи образҳои асар мо гуфта будем, ки нависанда дар тасвир ва маънои образи қаҳрамонон ба равиши нависандагони Амрико рафта ва ё ба онҳо қаробат дорад. Аз сӯйи дигар, дар ҳамин табдили шахси гӯянда бо қаҳрамон ва як образ бо образи дигар падидаҳои равиши сурреалистӣ эҳсос мешаванд. Асоси ин равия ба ҳам омехтани образи як қаҳрамон бо дигаре ё худи нависанда, ки дар ин маврид вазифаи нақши марказиро дорад, бо қаҳрамони дигар ва ба вуҷуд овардани воқеияти бутун мебошад. Пайванди образи Барзгар бо ҳамсараш, ки дар боло порае аз он иқтибос шуд, нишонаи ҳамин гуна сурати услубии роман мебошад. Пайванду ҷудоии образҳои

Шодмон ва Ороста, Ҳоҷӣ-раис ва Тулум ба тақвияти маънии яке ва дар айни замон омилҳои бавуҷудорандаи ҷудоию тафовути онҳо буда метавонанд.

Роман аз ҷиҳати мавзӯъ на фақат паҳнои васеи макону замон дорад, балки дар ҳамин романи начандон бузург нависанда масъалаҳои зисти одамиро ба миён овардааст. Ин мавзӯъҳо иборат аз баҳси озодию гирифторӣ, замона ва мусоидату мухолифати он ба тақдири одамӣ, даъвои бузургӣ, куҳнапарастию қабоҳат, андеша ва кайфияти зиндагонӣ, ҳикмати ҳастӣ, инсон ва бори зиндагонӣ, беоқибатии кори ҷаҳон, тамсили ҷонварон ва рафтору кирдори одамон, бори умр ва ранҷу кулфат, пул ва муносибати миёни одамон, вазъи мардуми тоҷик дар Русия, муносибатҳои нави одамӣ, парвои якдигар надоштан (индивидуализми ҷомеаи буржуазӣ), муносибати хонаводагӣ, зану мард ва монанди онҳост. Сабки хос ва тоза, вусъат ва истиқлоли назар, доманаи васеи мавзӯъҳо, тарзи образ офаридан далолат бар он медиҳанд, ки нависанда диди мустақил ва тозаи ба воқеият ва таҷрибаи зиндагӣ асосёфта дорад. Ин романи Сорбон ва асарҳои дигар нависандагони баркамоли тоҷик далели ба роҳи мустақили шинохти таърих ва зиндагонии мардум даромадани адабиёт аст. Нависанда дар олами мустақили андешаҳо ба шинохти ҷаҳон ворид шуда, аз андеша ва назарҳои қолабӣ берун рафтааст.

**Худоӣ Шарифзода**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор**
**27.10.2014**

# З У З А

***Роман***

## 1.

Гурги гушна аз сари ағба илоҷе карда худро ба хирманҷоҳи паҳлӯи шахи Себак расонд. Чилла вақти гушни гургону сагон. Гург нимҷон. Лоша ё моли гаргин бояд пайдо кард, то хӯрда ҷон гирад. Дар камараке бузе шикастапо пайдо кард, аммо буз тӯрида сепоя гурехт. Гург мадор надошт то ба он расад, аммо синамолу кашол пеш омад ва дид, ки бузак дар барфтӯда ғӯтида ва илоҷи раҳоӣ надорад. Оби даҳони гург рехт ба гӯшти бузаки гӯшнақшин ва кашолу молон хешро ба сайд расонд ва ҳаври бинии гӯшнақшинро дид, ки базӯр дуд мекунад. Аммо чунин дуд дар ӯ нест. Гург аз шохи нӯктези бузак тарсида даҳон намеандохт, ки шохи тезаш ба ягон ҷои танаш расад, шикоф мекунад; ба чашм расад, кӯр мегардонад. Магар дам гирифт, ки майл кард ба пеш. Буз ба ҳаракат даромад. Гург бозистод. Хеле рамуз гирифт, ки буз ҳар қадар ҳаракат кунад, фурӯтар меравад ва кавшаки пойи шикаста боло хеста аз барф, ки ёрӣ расонда натавонад ба фирор. Гург дарёфт, ки бузак ноилоҷ монда, андаке мадор пайдо карда, пеш лағзад, луқмаи ҷонаш шавад. Дастон ба барф сахт ниҳода, шиками рӯйи барф нақши мола мондаро пеш кашид. Чун пойҳо фурӯ даруни барф рафта буданд, шиками холӣ пеш нарафт, балки чанголи дастонаш рӯйи барфи аз боди сарди бегоҳирӯзӣ рӯ гирифтаро ғозида, пас лағзид. Гург дар ҳарос афтод, ки ранги бузак хоҳад мурд. Андак истод. Садои чанд сойча дуртари сагро шунид. Ба дилаш оташ афтод. Талвоса кард. Буз ҳам «бааа!» гуфт, ки овози саги молро шунида ба ёрӣ даъват карда бошад. Гург он сӯ нигарист, ба шахи Гаҳвора, ки аз ҷойи истодааш метофт. Гурги бӯр, ки аранге рангаш миёни барф метофт муранда бошад ҳам диққат дод, саги мол мода ё сагбачча? Зеро садояш борики ҷиккон, аксаш аз шах намеояд. Тахмин аз харсагҳои гургхӯри хирскафон нест. Аммо бо ҳарос ва талвосаи ҷон «Баааъ!» задани бузи тарсӯ ҳушу ёди гургро аз бими саг раҳо кард. Ғел зад гург, ки барфмолак мекарда бошад гоҳи хушӣ, аммо пойҳои қариб миёни барф яхбастаашро иҷозат набуд, ки бурун аз барф оянд. Буз дар сари баланди шахи Гаҳвора зардии оф-

тоби бегоҳирӯзӣ дид, ба танаш гармӣ даромад. Зӯр зад, ки пойҳо раҳо ёбанд аз ишкели барф. Боз зӯраш нарасид. Як лошахӯри поёнтар аз зардии офтоб андар фазо гирдгардонро низ дид. Фоли нек надонист. Маъюс гашт. Гург ҳам дид ин ҳамаро. Ғусса нахӯрд. Шод шуд, ки шаби шикор фаро мерасад. Як зӯри сайёдона зад, ғел гашт. Ба назар, пойҳо ковок шуданд. Гӯшаш шунид, ки барфи яхбаста ғажжӣ шикаст. Буз шунид, ки хӯсид. Низ зӯр зад, ки моли аз рама мондаро гург хурад. Ҷуз дарди пойи аз зарби санги ғелон шикаста, чизеро пай набурд. Зардии офтоб табдил ба сиёҳӣ гашт. Лошахӯр наметофт. Пардаи сиёҳе монои меғи обхӯрда аз қаъри сойи Майкада боло шуд. Ҳамаро фаро гирифт. Барфро низ фаро гирифт. Харсангу буттаҳои мисхор, вағниҷу шибоғҳои яхбаста ва ҳар чизе ки сари роҳаш буд; гургу бузро низ. Пеши ситораҳои раҳдурро ҳам, ки шабҳои бебарфу борон ва бемеғу абр, ситоразор мекарданд осмонро. Моҳи шомхӯрда низ нопайдост. Танҳо қиғи шубон баромад аз камари зери шах, ки девлох ва бодпаноҳи рама буд. Саг ак зада, ҳамовоз шуд ба садои Калта. Буз ҷон гирифт, ки соҳибдор мешавад. Бӯри нимҷон ҳаросид, ки шубону саг меоянд аз пайи буз. Боди серун вазида омад аз ҷониби кӯҳтали Оҳангарон ва меғи рӯйи замин фарогирифтаро ронд. Аз паси кӯҳҳои Машриқ моҳи шомхӯрда сар кашид. Ситораҳо як-як тофтанд, пасон муҷалло гаштанд. Осмон ситоразор шуд. Ситорачаҳои паррон думи дарози оташин гузошта, сарнагун мегаштанд. Гург бузро дид, буз гургро. Чунки басо наздик буданд. Нафаси нимҷони гург мерасид ба буз. Нафаси буз барфро зуб карда буд. Буз дар ғами ҷон буду гург дар ғами чарбу. Гӯшнақшин[1] сиёҳӣ дошт миёни барфи сафед. Бӯр хаёле фарқ мекард. Моҳи мунир нақши харитаи Олам бар рӯяш сахт бепарво буд, ки дар замин чӣ мегузарад. Хаёле равшан мекард заминро, ки рухдодҳо аз чашм дур намонанд. Намедонист ё медиду медонист, ки ду ҷонвар дар чӣ ҳоланду аз дилашон чӣ мегузарад, лек ба кас намегуфт. Ду ҷонвар даруни барф ба сони

[1] Гӯшнақшин – гӯши холҳои сафеду сияҳдор.

шабушк ҷуму ҷӯл доштанд; барфро мегазиданд, ба фӯку манаҳ тит карда, роҳ кушоданӣ мешуданд, дареғ ки зӯри ҳарду намерасид. Буз пойи гурез надошт, гург маҷоли гашт; тулен гашта буд. Ниҳоят наздик шуда буд гург. Бӯй кашид. Бӯйи гӯшт омад. Даҳонаш об кушод. Шикамаш заъф зад. Ҳавас дучанд шуд. «Биё бӯсамат». Иринҷос зад. Буз ҳаросид: «Мехурад». Талвосаи ҷаҳидан кард, ки шӯхона сари сангу шах ҷаҳидаю парида мегашт оҳусон. Кӣ буд, ки аз боло санг ғелон кард. Ҷаҳида-ҷаҳида омаду ба пояш зад ва... Тахминан як ваҷаб дур Бӯр фӯк ёзида, гӯшнақшинро бӯй мекашид, то буз фаҳмад, ки дарранда қасди бад надорад, балки ошно шуданист, ӯро аз кӯртум[1] баровարданист. Вале бисёр ба гӯшаш хондаанд афсонаи «Бузаки Ҷингилапо»-ро. «Бӯрро бинӣ, гурез ё ранги Хиштаки сари танӯр пинҳон шав, ки набинадат». Дареғ, ки ин ҳолатро дарс надоданд. Ҳоло Бӯр бӯй мекашадаш гунгу хамӯш. Аз ғазаб дандон сояд ҳам буз намебинад, вале донад, ки дарранда чӣ хоҳад. Зеро афсонаҳо дар гӯшаш садо диҳанд. Фӯк ба барф пахшу тира карда, зӯри раҳойӣ занад ҳам, суде набахшад. «Пояш шиканад, ки пойи маро шикаст». Худ аз худ ба сар рафт. Ду пойи пас раҳо аз барф гашта, бар ҳаво рост шуд ва саропо рафт, дастон ғӯтида буданд. Гардан монд зери вазн. Гӯшнақшин чизе гуфт ё дод заданӣ буд, ки гулӯгир шуд; садояшро барф фурӯ бурд: «Уъу!» Бӯр ҳолату пой дар ҳаво ҷонбозии бузакро дида шодон гашт, ҷон гирифт. Майли аз барф баромадан кард, ки дар сериҳо чунин ҳамла оварад, барфро пош дода, бодпо мегашт; на саг дарёфт мекарду на сайёд. Ҳоло гирифтори гушнаю бемадорӣ, сайди нафасрас-ро чанг зада натавонад. Буз почак зад дар ҳаво ва бо вазни хеш ба пушт чаппа шуд ва пиндошт, ки дасти дигараш низ шикаст. Аз ҳуш рафт. Ва надонист, ки гург чӣ кор кард? Гург дандон сойид, ки буз ба дарозии танаш аз ӯ дур шуд. Ғамӣ гашт, ки аз ин хамӣ бод барфро гирдбод кунонда, кӯртум гардонида фаро омаданаш баробар бо марг аст. Боз бузаки «хондагӣ» одамсурат бозӣ кард, худро дур гирифт.

[1] кӯртум – барфтӯда.

Дандон зад шақ-шақ, то аз буз чӣ ояд, ки мурдаю зинда бу-данашро донад. Буз хӯсид, ки гург наздик омад.

«Чууу!» садои уқоб омад аз баландии шахи Гаҳвора.

«Пинг!» овоз дод рӯбоҳ аз Доғдораки паҳлӯйи шах.

Аккоси сагу ҳой-ҳойи шубон баромад.

Буз руҳ гирифт, ки ба ёрӣ меоянд.

Гург парво надошт, ки боз чӣ рух диҳад? Чӣ илова гардад ба duздию тозиҳояш? Чунин таҳдиду тоз-тозҳо, гиркишу таҳдидҳо қадаре буданд, ки ҳисобаш гум шудаст. Аммо чунин ки ҳаст, набуд. Он гоҳ ҷон дошт, неру дошт, пойи гурез дошт ва дандони тезу гиро, ки сагро медаррид, одамро мехӯрд; ғурур мекард, фӯк дар осмон зуза мекашид. Ҳолиё ба тӯшаи як ваҷаб дур аз дандон нарасад, мисли хари даргилмонда пой аз даруни барф накашад. Хунуктар шавад, барф ях бандад, рав ки баҳор. Саг бе ҳеҷ ҷангу пархош ба болояш савор шавад... Дил гум зад Бӯрро, ки чилла наздик буд, вақти гушн. Аммо кӯдаконаш дерӣ омаданд, шикорӣ нашуданд, сиҳҳат-саломат зимистонро паси сар кунанд, он тараф аз боди баҳорӣ ҳам сер мегарданд. Аз харгӯшшикор сар мекунанд. Сангпуштро ёбанд чӣ бозиҳо кунанд. Худи оча ёд диҳад шикорро: харгӯшак ё харгӯши нимҷонро пеши баччаҳо гузораду тамошо кунад, ки онҳо чӣ муомилаю муносибат кунанд: «Якбора дарафтода, улоғ накунед! Ба хадукаш расед, ки бозӣ пиндорад; шуморо ёр дониста ҳамроҳатон бозӣ кунад. Бозӣ ба бозӣ ҷонашро гиред!». Лек шубону саг пеш наомаданд, овозашон намебаромад. Яқин хавфе нест. Он садои пеш аз хоби рамаю огоҳие буд, ки сайду сайёдро огоҳ карданӣ буданд, ки шубон бедор ва саг ҳушёр. Хомӯши хомӯш буд ҳама ҷо. Уқобу рӯбоҳ низ хоб рафтанд. Буз бедор буд. Нафасу ҳаракатҳо ва ба Худо зорӣ карданаш ба гӯши Бӯр мерасид. Валек ӯ вонамуд мекард, ки ҷон надорад, нафас ҳам намегирад. Оҳиста пой аз барфи рӯгирифта кашиданӣ шуд ва аз дарди ҷонкоҳи дасти шикаста «маъа» овоз дод Гӯшнақшин. Ғайриихтиёр буд ин овоз ва гург фӯки даруни барф халонда аз нафаси нимгарми хеш ҷон гирифтаро бо азобе бардошт: «Чӣ дур аст буз? Чӣ ранҷу азобест ба он расидан?» Чашм тез кард ба буз. Ҳолаташро

тасаввур карда натавонист: на сар метофту на шох. Сипас хир-хири гулӯгир омад, ки гурги дигар харной газида бошад. Лек худи Бӯр гирад, хир-хир як сӯ, нафасаш набарояд. Аз нав чашм тез кард ва гӯш чур, ки нур фузуну гӯш шунаво мегашта бошад. Воқеан ҳолати ғарибе дорад буз: бесар. Лек Гӯшнақшин аранге шунид, ки барфи карахшбаста сойиш хӯрда, хиш-хиш садо баровард, ки чизе рӯғозакаш мекард. Яхаки тораҳои ёли гург ба ҳам бархӯрда, огоҳӣ ё хатари ҷон доданд. Пойҳои дар ҳаво муаллақи буз ба бозӣ даромаданд ва буз шохи даруни барф андармонро бо ёрии гардани каҷ тоб дода, аз барф баровард ва бо вазни тан паҳлӯ гашт. Нафаси дароз гирифт ва моҳ ба чашм омад, ки рӯсиёст. Аз тарс «маъ!» ё «уъу» набаровард, то гург нашнавад. Гург ҷон канда, пой аз барфи пойгир мекашид, ки зудтар тани хеш вазза карда, то буз расад ва дандон ба харной баста, қуфлу калид гардонад, ки то қиёмат кушода нашавад ва зоро аз канори дандон хун заҳида ба даҳону гулӯяш равад ва ӯ ҷон гирад; ҷони дубора. Гарна каргаси пайк[1] пайғом ба табор расонад, ки «фардо оши Наҳор». Дандон ба дандон монда, дамбадарун, рагу пай таранг, зӯр зада ҷисму ҷусса пеш кашид ҳамчу барзагови ҷуфтӣ. Хаёлаш, андаке ковок шуд аз барф ва дам гирифта бори дигар ба силтав ҳаракат кард, пойҳо то зону бурун омаданд, вале дастон аз силтаву зӯри ҳаракат фурӯтар рафтанд ба барф. Ноумед гашт. Аммо бӯйи хуши буз рӯҳу неру бахшид ва умедвор гардонд, то аз ҷаҳдаш нагардад. Зеро зиндагӣ дар пеш, мурдагӣ дар пас. Бӯй дорад зиндагӣ. Ин бӯйро Бӯр шамид. Хоҳад, ки баччагонаш низ бишаманд. Падарашон мебуд, боке набуд: аз ҳар сайдгоҳ лоша меовард: харгӯшу гӯшту мурғони кӯҳсор. Дар Гургхонаю гирду атрофаш ҷонваре намонда, то сайд кунанд гургон. Наррина ба дуродур мерафт ва тӯша меовард. Боре дар Уқобхона оҳуеро аз шах парронда, лошааш то Гургхона кашолумолон овард, дучори галаи гургон гашта, даҳонаш ба гӯшт нарасид. Ва қусури бебарорӣ буроварданӣ шуда, шабохун ба рама зад. Сагони

[1] пайк – хабарчӣ.

чӯпониро писанд накарда, барраеро бардошт. Аз девлох бадар рафтанӣ буд, Шубон паррондаш... ва танҳо чанг аз панҷааш ҷудо карда гирифт, қатори бузғунҷу тӯмору чизҳои бафайзу некӯхисолу баророварй дигар – мисоли чанги уқоб, ба шилшилаи ғилоф овехт, то гурге ба рамааш наздик шуда натавонад... Вале Бӯри танҳо ноогоҳ аз қасди шубон талоши зиндагӣ дорад, то хешро аз банд раҳонад, тӯша баччаҳоро расонад, насл зиёд гардонад, аммо илоҷи кор надонад. На ба худ мерасаду на ба баччаҳо ва на ба буз. Лек айнакаш назири дурбин ба Гӯшнақшин нигарад, мабод, ки гурезад. Ин замон ҷуфти беному нишон гаштаашро ёд кард: «Ё аз пайи киллаҳо ё нобудаш карданд». Лек чашмдор, ки пайдо гардад, аз миёни кӯртуми барф барорад, бузро боҳам бинанд: зинда ба зинда гӯшташ канда бибалъанд ва баччаҳоро баранд; гӯштхорӣ омӯзанд, ки чӣ лаззате дорад, гӯшти гарми хуншор. Валек бӯйи умед нест, дарак ҳам. Мебуд аз баландиҳо зуза мекашид, пайғом мефиристод, ки дар талоши ҳаётам, ризқи башкон меҷӯям... Бӯйи бузро шаббода ба димоғаш овард ва ӯ ҷон гирифт. Гузаштаҳо рафтанд оне аз пеши назар, танҳо як чиз монд: гӯшти буз, ки лахт-лахт лаҳмаш балъида шикам пур кард ва сӯйи Гургхона лӯкка гирифт гоҳ дум қарқара кардаю гаҳ миёни чатан хамонда. Ва ғарора кард, шиками тиҳӣ бод пур кардаст, ки ковиш дод. Зӯр зада, қай карданӣ шуд, ҳаво омад. Бузак шунид даҳон то баногӯш дарронда ах-ух ва ӯъ карданӣ ӯро ва ба талвосаи ҷон даромад, ки устухони шикастаи даст дар гулӯйи гург дар монд ва дарранда зӯр зада онро бароварданист. Чунон дасти шикаста ба дард омад, ки они санги ғелони обканда бархӯрдан чунин ҷонкоҳ набуд. Даст шаст дод, то устухони гулӯгири хаёлӣ аз даҳони хунхор барояд. Дасти шикаста бурун омад аз миёни барф ва бузак мурд; аз дарди ҷонкоҳ мурд ва пай набурд, ки дарранда ҳамнафас гашта ба ӯ. Фӯкбафӯк омада, нафаси тези ҳарду печида ба ҳам, андаке боло аз сар мубаддал ба ях мегарданд, боқӣ гирди лабону мижгон олуда, ранги сапед мегиранд. Бузак дарёфт, ки гургро дандон ба фӯкаш намерасад, забон зада мелесад, фӯкашро. Андаке пеш лағзад, фӯки ӯро газида,

дамбадарун мекушад ва... Ларзид ҷону танаш. Фӯки аз нафаси гург гармшударо пас кашид; гӯё амон ёфт. Инак гурезад, мешавад. Вале пойбанд буд. Гургро зери пой сахт омад. Ҷунбонд пой тира карда ва якбора ба фишор ҷаҳиданӣ шуд ва буз сар тофта бо шохи тез ба зери фӯки гург зад. Ҳарду ором монданд; чунонки фурӯ рафта бошад шох ба гулӯйи гург. Дар асл гардани дарранда миёни шохонаш омада буд ва Гӯшнақшин ба раҳойӣ зӯр зада, Бӯрро боло мебардошт ва дасту пойи нимҷони бефараи ҳайвон рӯйи барф меомад. Гургро сар миёни шохони буз, вазн андохта, Гӯшнақшинро пахш мекард дарунтари барф. Дастон ба кор даровaрда, ба паси гардани буз расонд. Савор шуд. Буз пиндорад, ки шохҳо ба гулӯю гардани гург фурӯ омада, аз ин рӯ хунхор талвосаи ҷон дорад. Гург пахш мекард сари буз бо зӯре, ки дошт. Ва пеши чашмаш омад, ки баччаҳояш аз чаҳор тараф часпиданд ба буз. Пахш карда, афканданд ба рӯйи барф. Кан-кан карданд пӯсту мӯяшро. Дандон заданд. Гӯшт балъиданд. Барф лоларанг шуд. Ва Бӯр сар афрохта, бо ғурур ба атроф нигарист. Аз кунҷи лабонаш хун мечакид... Вале буз дар талош буд ва гумон дошт, гургро зӯр зада нӯги шох мебардорад ва якбора ба замин мезанад, ки шох аз гардани гург гузашта ба замин мехалад ва то абад чунон мемонад... Ба ҷойи ин амал «ваъ!» гуфт ва дамаш гирифт. Чӣ кор карду чӣ не, ки дар торикӣ аз гулӯяш дошт. Бузро ғофилгир карда базӯр дошт аз гулӯй ним пӯсту ним пашм дар даҳон, худро ба мурда зад; наҷумбида, вазн андохта, дам мегирифт ва ғанимат аз даст намедод. Гӯшнақшин ҷонбозӣ дошт, то раҳо ёбад, ранги мизи як пояш бурида майл мехӯрд ба як тараф. Мушкили гургро осон мегардонд: пахш мекард рӯйи барф гардани бузро. Маълум, ки Бӯр бурун аз барф омада, вале буз фурӯтар меравад. Як даҳони дигар маҳкамтар гирифтанӣ аз харнойи буз ва муддатҳо дошта, ҷонашро низ гирифтанист. Буз он чӣ намехоҳад, пеш меояд. Гулӯяш, дилаш ва чашмаш танг гаштанд. Олам зулмотӣ шуд. На бинад, на шунавад ва на садо бароварда тавонад. Нафасгирӣ низ аз ёд рафт. Як бор «уъ!» гуфт. Пой кашида натавонист; пой ҳам назад. Гург раҳо кард гарданашро. Сари буз ба замин зад.

Шаби дароз гурги гуруснаи нимҷон он қадар хӯрд, ки қай карданаш омад. Орӯғ медоду боз мехӯрд. Шикамаш варамид, ки пойҳои бемадор вазн бардошта наметавонистанд. Лоҳас гашта буд ва гаронвазн. Қадам гузорад, пойҳояш фурӯтар мерафтанд ба барф. Роҳгардӣ душвор. Аммо гургбаччаҳои дар хафоли Гургхонаи паси кӯҳтали Оҳангарон, миёни арчазори сербарф чӣ ҳол дошта бошанд? Зеро Бӯр охирин қатраҳои шири хунолудро маконда буд, ки ба яке расиду ба дигаре не. Роҳи дарозеро, ки ба умеди рӯзӣ ва бӯю пайи пойи мол паймуда буд, ӯро бардор дода овард то сангзори чашмаи Майдонак; Гӯшнақшин овард ӯро думболи хеш кашолу молон; ҳарбу зарби нимҷонаш мадор хушк кард. Хеле вақт гузашт; лахт-лахт балъидану фурӯ бурдани гӯшти гарм лакоташ кард. Инак гаронвазн гашта, зӯри пойҳо нарасад ба бурдан. Андаке ҷон гирифта буд, ки куштаи бузро кашола карда натавониста, зери барф хобонд бо азобе. Ба роҳи барфшиббакардаи мол нигарист. Хеле боло монда. Субҳдам он ҷо шуд. Бо пайроҳа осонтар пой бардошт. Аммо андар фарози кӯҳтали Оҳангарон ангуманг монд. Бероҳа шуд. Қай кард миёни барфи пушти харсанг. Барф ба рӯяш кашид. Андаке ба худ омада, сари кӯҳтал баромад ва дар уреброҳаи пушти шахи Гаҳвора лӯкка гирифт; зеро баччаҳо пеши назар оварда, дид, ки онҳо то дами хафол омада, сар ба замин ниҳодаанд, зиндаю мурдаашон аён нест. Тохт сабукбор дум аз замин боло бардошта, то барф часпида ях набандад. Ин ҷо мулки худаш буд: Гургхона. Так-таки бурсҳо мерафт. Ҳар сӯ пайроҳа кашол меёфт. Пайи пойи гургҳо аз пасу паҳлӯйи бурсҳо гузашта, ба хафоле медаромаданд. Бӯр ҳам ба хафоли хеш даромад. Баччаҳо пешвозаш наомаданд. Бӯй гирифт онҳоро. Димоғи бӯраки ҳамрангро лесида, гармӣ бахшид, ки ҷунбид. Паҳлӯяш дароз кашида, сина наздик бурд ва бачча лаб зад. Дигареро бӯйиду лесид. Бедор нашуд. Они дигар низ, чаҳорумӣ ҳам. Оби чашми модар шорид. Бархоста натавониста, андар даромадгоҳи хафол зуза кашид. Ончунон пурдарду сӯзанда буд зузааш, ки Гургхона зузагоҳ шуд. «Заҳр мехӯрдам, хуб набуд?» аз зеҳн гузаронд ва ҳарчӣ дар шикам дошт, гардонд пеши сарзинда, ки зоро хуфтагон бедор шуда,

хуранд. Дар торикии хафол, ки чашми пӯшидаю бедор якранг медид, ба по рост шуда, ҳар кадомро аз бӯяш шинохта, аз паси гардан беозор газида, назди баччаи ҷондор гузошта, бағал гирифта, хобид, ки зоро аз гармии танаш ҷон гиранд. Танҳо гармии бӯрак эҳсос мешуд ва се тани дигар шах шуда буданд. Тани бӯр лӯкка гирифт. Дарунакӣ мегирист. Якбора иринҷос зад ва як нолаи дардноки модарона фазои хафолро пур кард. Зиндамонда низ гирист кӯдакона шарикдарди модар гашта. Гургони дигар низ, ки аз шикори шабона баргашта буданд. Бӯр баччаҳои аз сармо қолабгирифтаро беозор аз паси гардан гирифта берун бароварда, аз Гургхона канортар зери барф кард ва баргашта Бӯракро маконд ва ҳадаҳа аз хафол баромад, ки гардондаҳои сари роҳ ва лошаи нимхури зери барф бозмондаро бозоварад, ки Чилла дар пеш аст, айёми гушн, гургон гала шуда, бозӣ ба бозӣ барф пош дода, ҳама чизро рӯ мебароранд...

Ва аз сари шахча ба корзори шабҳангом нигарист, ки Шубон камон дар даст чашм ба адиру сойчаю камари шах дорад. Ало бӯй аз замин гирифта, бо пайи пойи гург тозад ва бӯйро гум карда, истода, дида ҳар сӯ давонаду ба моли сари қир нигарад, ки сари шибоғи аз барф болоро чинанд ва сархам – гирифтори дарди хешу раҳойӣ аз сармо кавша кунанд, то намиранд. Бехабар, ки гурги аҷал сари шахча, вале бим аз туфанги дасти шубону пайгирийи Ало дорад. Моли сари қир хӯркид[1]. Якбора пас гашта, сар-сари барфи карахшбаста фаро омад ва Ало ҳавола хӯрд он ҷониб, ки бебало нест чунин ҷунбиши пуртаҳлукаи мол. Шубон тир парронд бе ҳеҷ диду нишон ба ҳаво, то сайду суйд тӯрида, пас гардад. Аммо Бӯр дид аз он баландии паси шахча, ки чун гургон мешеро чортоқ карда, сари бод баранд. Бӯр аз сари шахча пинҳон шуд. Медид, ки Алои нарсаг аз баҳри бӯйи ӯ баромада, сар-сари барфи рӯгирифта болорӯ метохт, то ҷое, ки бод барфи қирангро рӯфта, ба хамӣ кӯртум кардаст. Аммо Шубон ба барф меғӯтид ва сафедии барф чашм бурда, нагузорад, ки ӯ дуртарро бинад. Нури офтоб ҳам намефорад ба

[1] хӯрқид – рамид.

чашми барфбурда. Даст лапар кунад ҳам хуб набинад, балки сиришк шорад. Гургхӯрда монд ҷое, ки Бӯр аз хунаш барф лоларанг карда буд шаб. Бӯр ба умеди ҳамон лоша омада, дид, ки гургони гала субҳона гирифтаанд. Ба пас нигарист сӯйи Гургхона ва улоғи гургон дид дар сари кӯҳтали Оҳангарон, ки меш чортоқу лахтупора кунанд. Овози Шубон гирифта буд аз доду фарёд ва қиғу бонги беш. Ало силтаву лангар хӯрда ҳукм ба қир рост шуда, бори дигар рамаи қарор истода ва монанди сипоҳи сафкашида гардан тофта, ба ҷойи гургони мешбурда ва дави Ало менигаристанд, гӯш чур дошта боизтироб фирк[1] мезаданд, по мекӯфтанд ва дилашон бозӣ дошт. Шубон «ҳеҳееей» садо дода, рама ором доштанӣ шуда, ларзон ва хеле таҷанг[2] сари қир расида, дида, огоҳ гаштанӣ буд, ки мешро чӣ кор карданд гургони гушна. Ало аз қир хам хӯрд ба пас ва ғайб зад. Аз дили Шубон гузашт, ки чорлахташ кунанд гургони сари Чилла. Ё Алойи танҳомонда бо Гургкилла ёр гашта, равад; зеро чанд муддат пеш ногаҳон Киллаи мол ғайб зад, ӯ надонад, ки думболи Шоҳгург рафт ё гургони гушна хӯрданд? Аз ин рӯ олуғданамо метофт Ало.

Шубон ба гардана расида, миёни хамида рост кард, каф лапар андар пешонӣ, гӯё дурбин монда сар ба ин сӯю он сӯ тофта, назар андохт, на гургон диду на Ало. Сурхии хами бурси димоғаи Оҳангаронро дид ва яқин кард, ки гургон чорлахту ғоз-ғоз кардаанд мешро. «Ҳӯӯӯӯ, Ало, бааах̣!» садо дардод ва аз садои хеш ҳаросида, зери пӯсташ мурғак давид. Чанд сойча дуртар «ак»-и ларзони Ало омад, ки яқин метохт. «Баргард... А-ало! Баргард!!!» Хавф бурд, гургон фирефта барандаш ва дарафтода улоғ кунандаш. Рамаро бесаг диниста, ба рама зананд, ба худаш дарафтанд... Хуб аст гар баргардад Ало: «Ҳӯӯӯ, Ало! Бааах̣!!!» Базарба ва бо тамоми овоз «Бааах̣!» гуфт, гарчӣ садои хастаи дамигургзада дошт. Тарсаш аз дигар ҷо буд: «Ба Гургхона расад, аз сад ҷон як ҷонаш халос нахурад...»

---

[1] фирк задан – бинӣ афшондан.

[2] таҷанг – гирифтор.

Бӯр ин ҳама дидаю шунидаю мушоҳида мекард ва ғайрате надошт, ки кадом тараф равад? Ба рамаи бесоҳиб ва тарсу дарафтад ё баргашта ғарораи дӯшинаи буни бурси роҳи Оҳангарон бардорад? Бимаш аз Ало набошад ҳам, аз камони сари китфи Шубон буд. Ба ҳар ҳол гӯш хобонд, дум миёни чатан зад ва борики дароз гашта, фӯк ёзид ба пеш. Лек пой бардошту муаллақ дошт, ки суроби шубони камонбардӯш намуд ва ҳамон замон гум шуд. Баргашта пас кашид пойи пешёзида ва паси шахча пинҳон гашт аз чашми шубон ва дер нигарон истод, то аён бубинад. Надид. Пиндошт, ки сайёдшубон паси харсанг ё арчаи гардана шинак гирифт. Пас-пас рафт чанд қадам ва умедканда дер монд. Аммо якбора аз пушти шахча қақубақ задани кабке ва «ғичун-ғичун!» парвоз карда, сари мол нишастани кабки дигаре дарак аз пайдо гаштани сайёд медод. Гӯш чур кард ва чашм тез. Каргасрези фазоро дид, ки рости кӯҳтали Оҳангарон мечархид. «Ё лошаи гургон диданд ва ё гардондаи дӯшинаи ӯро буни бурс». Ғайрати пеш рафтан накард ва баргашт буни бурс, ки Ало мехӯрд қайкарда. Дилаш монд аз саг, ки аз тухмаи ишон нест; зеро ҳароммурда ё сарқути дигарон нахурад гург, аммо дигарон хуранд бозмондаи гург. Алоро бӯйи гург зад ба димоғ ё шавур[1] бурд ва ё шарфаи барфи офтобрасидаи зери пойи ӯро шунид, ки сар бардошта як лахт гӯштро балъид ва гӯш чур кард сӯйи ӯ. Бӯр худро паси ғӯте гирифт. Ало лаб лесид ва сар хам карда, хуни барфи ранггардондаро забон зад: «Гушнатар аз ман будаст» андешид ва баччаи нимҷони бӯррангаш ёд омад. Ало лаб мелесид, ки бо нами барфи ранга лабу фӯк тоза кардан дошт. Пасон ҳаворо шамид. Чӣ шунид, ки бинӣ ба бозӣ даровард ва фӯк болотар бардошта бӯй кашид. Бод бӯйи гург овард. Безобита гашт Ало. Зиёдтар аз сайёд синча кард гирду пешро. Бӯй дарозо кашид ва теғи нигоҳ дид кард харсанги пешсинаи Бӯрро. Гург хам хӯрд. Якбора пас гашта, нишеб шуд ба дараи то рӯйи сой фурӯрафта ва баробари «ак»-и сагро шунидан чангу боди барфи аз нури офтоб нарм гаш-

[1] шавур бурд – пай бурд.

таро бароварда шеб шуд сӯйи сой. Ало як назар дид аз паси буттаҳои вағничи урён гузаштани гургро низ ҳавола хӯрд аз думбол. Бӯри кӯҳгард бо обканд рост шуд ба кӯҳтали Оҳангарон ва аз чашми Ало пинҳон гашт. Гоҳе як назар дид, ки Бӯр паси кӯҳтал хамид. Ало гӯш сих карду ғазаб, вале аз паси гург нарафт, ки сахт хастаю шалпар гашта буд аз таъқиби гургон ва давутози беш.

Шубон кӯч баст. Бору буна пушти хар андохт ва сари мол гардонда, думболи хар нишеб кард, ки гургон даҳанмазза шуданд, дигар ин ҷо мондан имкон надорад. Аммо Ало пойи рафт надошт; Ҳушаш ба куҷое, пас гашта ҳаво мешамид, бӯе аз бод дарёфтан мехост. Ин ҳамон бӯе, ки аз гӯшти қайкардаи Бӯр дар димоғаш монда буд. Ҳоло пушаймон, ки чаро беандешагӣ карда, якбора ҳамлавар шуд, бӯри шаклу суммоташ ба худи ӯ хеле монандро, пешандоз гурезонд. Он замон вазифа адо кард; зеро худро посбону нигаҳбон донист ва ҳам душман шуморид гургро. Зеро ҳеҷ кас ба гӯшаш азон нагуфта, ки онҳо ҳамхуну ҳамнаҷоданд. Шубон ҳолату нағмаи Алоро дида, пиндошт, ки бӯйи гург шунидаст, аз ин рӯ бӯй мегирад; ба рафти бод димоғ дошта, мебӯяд, ки боди сабо бӯе меорад, ки буни бурси паххаи рӯйи замин паҳну парешон шамида буд.

– Чӣ димоғ дорӣ, Ало?

Пурс ба Ало нафорид ё миёни андеша шикаст, ки дум заду чукка нишаст ва сари қир нигарист, ки Бӯри сияҳабрӯ падид меояд. Душманро чунин пазмон шудану чашм ба роҳаш дӯхтан хоси инсон нест, аммо Ало ноошноро ошно пиндорад. Ё сеҳру ҷоду буд он гӯшти буни бурс, ки дар умраш чунин хуроки хушлаззат начашидаст Ало. Гуна-гуна пеши назар ояд, ки кӣ буд он хушгил? Мол уреброҳаи соярӯйи Қумбелро барф шибба карда, гузашт ва андар тали Себак парешон гашта, нӯки шибоғҳои боло аз барф мондаю намкашидаро чин-чин мекард. Магар зангӯлаи гардани серкаи парешоншохи зарди пешонақашқо ях баста буд, ки бо силтави гашташ «чан-чун!» садо намедод. Ё аз ҳадд зиёд сар баланд афрохта, загӯла бо пашми кашол ва риши дарозаш бозмедошт. Таккаҳо ба ҳолаш механдиданд, ки саркаш боре

нахандидаст дар умраш ва ҳеҷ зери думи бузро бӯй кашида «ба-ба баб-бӯӯӯъ!» нагуфтаст. Аз чӣ бошад ғурураш? Шояд аз он ки вазифа дорад. Саркаш аст. Мол бешумор бошад ҳам аз пасаш мебарад; хоҳ ба об занаду хоҳ ба оташ. Аммо гургон молро қир кунанд ҳам шох намекашад. Чунин махлуқест ин хоҷасарой. Даруни ҳараму лаззати ҳарам надонад. Худи Саркаш аз ин бора андеша накунад ҳам Шубон пайваста андешад, ки «Чаро чунин?» Посух ҳам аз худаш: «Кори Худаш!» Худованд ба яке ҳама чиз диҳаду ба дигаре ҳиччӣ? Аз ин рӯ Шубон молбон шуд. Моли фермаи колхоз, дарунаш моли чакана низ ҳаст, ки аз рӯйи болонишинони колхоз, аз рӯйи пайвандони хеш гузашта натавониста, молашон саршумор пазируфт. Ҳоло надонад, ки буз аз кӣ буду гургон меши киро бурданд, чунки на нишона мондаю на дуруш. Шубон ҳама саршумор шиносад ва аз эму дурушаш донад, ки моли кист. Акнун вақти шумор аён гардад, ки моли кӣ будаст. Гоҳи саршумори моли колхоз моли чакана ҷудо карда, дуртар баранд. Ғофилгир карда, мол шумаранду саршумор беш ояд, аз дасти ревизори бад ё қонунбоз чӯпон дар бало монад ва изофа ба каллаи молбон зананд, ки моли колхозро дуздида, аз они худ кардаст. Чанд бор чунин ҳодиса рух дода. Бори дигар ҳам худи калонпояҳою ошноҳо ҳамаро ба ифоқа оранд ва чанд моли ӯ товон гирифта ба ревизор тӯҳфа кунанд, то аз сари нав нависад санадро.

– То кай ин мақом, Ферма? Ман осӯхта шудам аз кирдорҳои шумо! Ин мол, ин шумо! Ман кучукам Алоро мегираму рафт. Шумо донеду молатон!

– Тушбераро хом нашумор, чӯпон! Аз дасти ман ҳамту халос хӯрда натавонӣ. Ҳама молҳои гумшудаю, гургхӯрдаю фурӯхтаро ба гарданат начӯт мекунам, ду поят аз осмон меояд.

– Худобехабар шуда, хӯрдаҳоятонро ба гарданам начӯт кунед, ягон Худобохар будагист, ки...

– Нест! Ба умеди чунин кас нашав! Ҳоло ҳар кас Худойи худ. Кӯҳ ба кӯҳ мегардӣ, надонӣ, ки дар олам чӣ гапҳо?

– «Чӣ гапҳо?» Олам бохабару ман намедонистаам...

Ва ҳаждаҳи Бӯр ба замин зад. Аз солҳои Инқилоб ва Ҷангҳои Ҷаҳонӣ ҳам бадтар. Кӯдакони ҷангнадида низ нобуд мегарданд. Қаҳтию «вабо» ҳамроҳ меояд дар рӯзгор. Бало зудтар занад бечорагонро. Чунонки Бӯрранг-ро қабз кардаст дар хафол. Бӯр зуза мекашад. Хафолаш пур аз садо мегардад. Ранги дили батангомада «кафам» мегӯяд. Мурдаи ин баччаро низ аз паси гардан газида, ба гӯристони кушоди зери осмон бурд ва дид, ки аз мурдаҳои зери барф гӯрондааш устухон боқӣ мондаю ко-сахонаи сар. Лошахӯрон чунон тӯй карда, хӯрдаанд, ки барфи қабристон сиёҳ гаштаст. Бӯр алам аз кӣ ситонданро надонад. Саги Алою Шубон душманони ашаддии ӯ. Шу-бон шӯяшро намепарронд, ӯ бо чунин ҳол рӯ ба рӯ наме-шуд. Мисли баччаҳои пешин онҳоро калон мекард ва ши-кор омӯхта, ба олами беканораи зери осмони кушод па-решон мекард, ки рӯз бинанд. Инак дарёфт, ки чаро мода-рони баччамурда шабони дарози Чилла хоб нарафта ово кунанд ба марги фарзанд ва ҳама дарду алам ба мӯя гӯянд. «Дареғи падар, ки тири сӯзони душман ҷигараш сӯрох кард!» Ва Бӯр интиқом хоста, галаи гургон ҷамъ овард; худ саркаш шуда, юриш кард ба девлохи зери шахи Гаҳвора. Шабохун заданд. Ало Миёни гургони зиёд мон-да, девонавор худро ба ҳар гург мезад. Гоҳи ба танг ома-дан Килларо ёд мекард, ки чаро танҳо гузошта, ғайб зад? Ва ин замон бӯйи хуши аз гӯшти қайкардаи буни бурс шамидааш ба димоғ омад. Оне гаранг шуд ва садои тири Шубон ҳамаро пароканд. Дер напойид парешонии гургон аз нав рӯ ба девлох оварданд. Алоро таъкибкунон то на-зди чапардари девлох пешандоз оварданд. Шубон як бор «Ҳо!» гуфту «Гиркиш!» дод ва овозаш гирифт. Дами гур-гон зада будаш. Тир зад Сафедро. Иринҷос зад сагона ва хомӯш гашт. Оне гирифтор шуданд гургон, вақти сукут гузашт, ки аз нав ҳавлавар гаштанд ба Ало. Шубон ҷома оташ зада берун аз девлох андохт, ки гургон тарсанд аз оташ. Як лаҳза шӯъла равшан кард майдони набардро. Шубон галаи бешумор дида, мӯйи сараш рост шуд ва ӯ гӯшакҳои телпак бардошт, то дурусттар бинаду хубтар

шунавад: «Тир басанда нест ба шумори онҳо». Якбора овози Ало гирифт. Шубон пиндошт, ки тир ба он расида. Кайфаш парид. «Ҳоҳ!» сахт садо кард, то сагро ангезад. Вале садо ба сони тири намкашида «пих» карду аз мили камон ба замин рехт. Аз Ало нидо наомад. Пушти шохбасти даҳонаи камар роғ меҷӯянд онҳо. Ҳиччӣ писандашон нест: на тир, на садо, на ҳайбату таҳдиди Шубон, на оташ, на талошу таҳдиди саг. Якбора хомӯш гаштани саг тарси Шубон афзуд. Яқин кард, ки тир ба Ало расидаст ва иринҷосу овойи Ало будаст. Наздиктарин гургро аз байни шохҳо мили камон наздик бурда куланг пахш кард. Аз дурахши оташи тир ва садои гӯшкари он гургон хӯсида дуртар рафтанд ва гурги тирхӯрда ово бароварда, ба худ печид, як бор калавида, ба замин зад.

– Алооо, баҳ! Гиркиш!

Садо набуд аз саг. Лек дуртар аз камарак ду суроб бозӣ доштанд. Болои барфи карахшбаста метохтанду якдигарро реб медоданд; дур мешуданду наздик, ба сони ҷуфти раққосони яхмол шодмонӣ доштанд. Шубон зери нури моҳу ситораҳо аранге фарқ кард миёни тасмаи сафед бастаи Алоро ва ҳангаш канд. Дасту пояш суст шуд. Ёд овард афсонаҳои хиёнати сагон бо гургонро, ки дар лаҳзаҳои муҳими тақдирсоз чӣ корҳо кардаанд; дар таҷрибаи шубониаш ҷанд бор дида, ки айёми Чилла сагу гург гушн овардa, калитак афтодаанд... Вале дар Ҷанги сари Чилла Ало набояд ин корро мекард. Камон рост кард, ки хиёнаткорро парронад, зоро гургони маст тарсида дур раванд аз девлох. Дареғ, ки тирнорас буд; камони 12 ба ин масофа тир намепартофт. Як гурги ғаюри каллакалон зӯр зада, сар ба роғи миёни шохҳо андохта. Пештана тира мекард, ки роғро даррида фаро ояд ва ҳам ба дигарон роҳ кушояд. Ин бор Шубон мили камон ба паҳлӯйи гург гузошта куланг пахш кард ва гург бозмонд андар роғ ва роҳи гузар боздошт. Гургон тӯриданд. Шубон, ҳамаро мону аммаро гӯй, чашм ба яхмолаки ҷуфти сагу гург дӯхт, ки ду-се қадам дуртар аз ҳам қарор истоданд ва сар сӯйи садои тир гардонданд. «Нохалаф!» гуфт дар дил ва тири охиринро ба камон ҷо карда,

Алоро нишон гирифт: «Расад – нарасад, меандозам». Аммо рӯ ба рӯ бар шохҳо даст гузошта, рост шудани гурги дигар Шубонро аз азму рой гардонд ва ӯ камон чаппа гирифта, пошна ба фарқи сари гург фуровард, ки садояш аз шах омад. Ва гург ранги келаси[1] дар тани девор кӯфта, канда шуда ба замин зад. Шубонро ғазаб афзуда буд ба Ало: «Мурдаро монда, тутхурӣ!» Батар аз он нописандию нотарсии гургон. Ин дам, гоҳи сукуту оромӣ ҷуфти яхбаста, об кушода, наздик ба ҳам омаданд ва якдигарро бӯйиданду бӯсиданд ва Ало безобита гашта, ба пушти Бӯр савор шуд ва оне нагузашта, фиғон баровარда, чаппа гашта ба замин заду хест ва дум ба дум часпиданд. Лаҳзае нагузашта Бӯр вазза кашид Алоро ба шеб. Бурд таги замин, ки аз чашм пинҳон шуданд... Таҷанг гашта буд Шубон.

Инак Ало вазза гирифта буд Бӯрро. Пойҳои Бӯр замингир набуд, балки яхмолак меомад рӯйи барфи карахшбаста... Забони Ало як ваҷаб кашол буд. Чашмони мулӯҳи ниммурда дошт; чизеро ифода намекард. Дилак мезад. Садои тир баромад. Аксаш аз шахи Гаҳвора омад. Ба шахи Миёна гузашт, ба шахи Чукка, ба шахи Ҳисор ва шахи Дарвоза. Воҳимаангез буд. Бӯр тарсид, ки калитак кушода шуд. Ҳарду баробар рӯйи барф афтида, таносул тамиз мекарданд лесида. Ало магар қонеъ шуд ва некию қадрдонии Шубон ёдаш омад, беланг[2] гирифт. Барфи обкушодаи зери пой пош дода, назди дарвағна афтид пеши пойи Шубон, сар рӯйи дастон гузошт, иринҷос зад. Пасон аз паҳлӯи дарвағна туфанг сӯяш тир кардани соҳибро дид. Ак зад, то биомурзад соҳиб. Чӣ буд, ки Шубон рух гирифт, чӣ андешид, ки раҳмаш омад. Камони ба Ало росткарда пас кашид. Дилаш кушод. Ало ба қади дарвағна рост шуд. Иринҷос мезад. Забон овезон ҳаллос мезад. Аз тарси гургон худро даруни кодок гирифтан мехост ва ё пеши пойи соҳиб афтида, омурзиш пурсиданӣ буд. Ба ҳар ҳол Шубон ресмони дарвағнаи

[1] келас – калтакалос.
[2] беланг – чорпо тохтан.

ба паҳлӯдарӣ бастаро кушод ва Ало худро ба қади Шубон зада, забони дароз ба рӯйи ӯ ёзид ва лесиданӣ шуд. Аммо Шубон хавф бурд, ки бо гург забон як карда аз гулӯйи ӯ гирифтанист. Ногаҳон сахт тела дода, сагро ба пушт афканд ва пой ба гулӯяш гузошт. Саг ҳайрон монда, нигоҳ аз соҳиб намеканд, ки гунаҳгор аст. Чун Шубон ба пайдо омадани Ало ношукрӣ накарда, пой бардошт, саг пеши пояш ғел зад, бӯйид, мӯкиҳояшро лесид ва иринҷос зад. Аммо сиришкаш дар торикӣ ба чашми соҳиби батангомада натофт.

– Аву-у-у-у-у!!!

– Алу-у-у-у-у!!!

– Ҳу-ҳу-у-у-у!!!

Овойи гургон буд. Аз ҷойи ишқбозии Бӯр омад. Ало низ зуза кашид. Шубон ҳайрон монд: «Фоли бад. Забон як кардаанд...» ва зузаи саг ба поён нарасида, лагад зад Алоро. Саг «ъинг» зад ва дамбадарун ғелида, буни дарвағна рафт ва ҷинӣ гашта, чашми бад кард ба соҳиб ва дандон гиз. «Як дона тирро ба рӯзи мабод эҳтиёт карда будам» фармуд ба Ало ва туфанг рост кард. Чашмони саг бастаю кушода мешуд; зорӣ дошт: «Забони маро нафаҳмидӣ, соҳиб. «Тавба» гуфтам ба ӯ». Шубон тасмим гирифт: «Хубаш ба дили гурге занам...» Баъд ҳама гургон ово карданд сари овози ҳамдигар гирифта, ки силсила баст андаруни синаи шахҳо. Воҳима дошт. Молро безобита гардонд, тӯронд. Тира-тира пешгаҳи камар ҷой гирифтанӣ шуда, беқарорӣ доштанд. Ҳоло ки ҳама ба ҳоли худ буд, Шубони андарун ваҳм ва бар пӯст мурғак давида, ангуштон ногиро, ба дона аз хонаи гӯгирд баровардан азобе дошт. Чанд дона гӯгирди ба сир зада, чарахса пошид, вале маяфрӯхт. Чакман ба сар кашида, аз бод пинҳон, сир ба сир зад ва миёни кафҳо дошта, «мураду зияд» даргиронд ва зери ҳезуми андаке карасинрехта дошт, оташ афрӯхт. Нимсӯхтаҳои фурӯзон бурун аз девлох меафканд; гуррасзанон алангаю дуд якҷоя рӯйи барф бармехӯрд. Оне милт-милт мекард, дуд боқӣ мемонд. Алангаи гулхани наҷот андаруни чашмони бузу гӯсфандон бозӣ дошт ва айнакашон акси аланга мегардонд. Шӯълаю шуъойи оташ ба сақфи сангини камар, ба девораҳо, ба

шохбаст зада, аз роғҳои он берун омада, атласпӯш гардонида буд барфи замину сангу ғӯту харсангро.

Шубон чунин шаби дарози дилбазанро ёд надорад; шаби Ялдо. Ҳезум тамом шудан дорад. Беда дар беруну тори бом, имкони рафта, овардан нест. Шохбастро рахна кардан баробари аҷал харидан. Як поси шаб. То саҳар шабзиндадорӣ кардан умри дароз мехоҳад. Гургон дур нарафтаанд. Аз алангаи оташ хӯсида буни ҳар санг пинҳон гашта, фурсат поянд, ки оташ мурад, гургони ниммурда зинда хоҳанд гашт. Дандон тез кунанд. Ҳуҷумовар шаванд. Мол раҳо кунанд. Нахуст Шубону саг нобуд созанд. Онгоҳ саг ҳам худашон, шубон ҳам. Илоҷе нест. Агар як пой ба ҷойи кунда ба оташ гузораду он то рӯз сӯхта, наҷот бибахшад, Шубон ин корро мекард. Дареғ, ки болойи сӯхта намакоб гардад. Падараш Шодиро дар худи девлохи Барфи Кач, мол бесоҳиб намонад, гуфта, рафта, ба узвияти партияи Коммунистӣ пазируфта буданд, ки аз сад сар меш як саду бист барра мегирад. Ҳоло шумори моли Шубонро «гург хӯрд» нависанд; рӯйдоре, ки доранд, фардо ба сари ӯ зананд: чунонки моли амборро раис несту нобуд карда буду «мудир хӯрд» санад карда, молу мулкаш мусодира ва худи Қодирро аристон карданд. Аз чунин кирдорҳо виҷдонаш бим надошта бошад ҳам, ҷисму ҷонаш хавфу бим дорад. «Якбора ҳамаро гургон хуранд хуб нест? «Дар ҷанги зидди Гургон ҳамроҳи Ало қаҳрамонона ҳалок шуд!» мегӯянд... Мол тӯрида, аз он кунҷи девлох пушти дарвағна тамба шуд. Гургу Шубон байни мол монданд. Дар он гӯша моле «ваъ!» гуфт. Ҷумбон-ҷумбони шохбаст ва садои шиқ-шиқ шикастани шохчаҳо омад, барфи яхбастаи тори шоххо рехт. Шубон аз миёни мол базӯр бурун омада, сӯйи садо рафт, ки сайд хавол ёфта, сар даровarда, аз пойи меше гирифтаст ва мешу шохбаст якҷоя кашад берун. Ба наздик омадани одам парвое накарда, як бор гӯшаи чашм андохт ва пойҳо ба барфи лағжон тира карда, сайд мекашид берун. Шубон як дона тире, ки ҷо ба камон дошт, ҳайф кардан нахоста, даст миёни чатани меш андохт ва дастон ба ҳам баста пеш кашид. Сари гург баробари пойи меш омад пеш.

Шубон дастон раҳо карда аз гардану гулӯйи гург доштан хост, аммо вазни пушт андохта, меш кашидани онро дида, аз фикраш гашт ва даруntар кашид. Шох пеш омад. Гурги гуруснаи сари Чилла «сар медиҳаму намедиҳам сар!» мегуфт. Аз паси гург гурги дигар пайдо шуд ва паҳлӯяш омада гардан ёзид, то даҳан зада дорад пӯсти мешро, аммо сар миёни шохбаст дароварда наметавонист... Шубон ёвараш Холмуродро ёд овард, ки паланги аз кадом гӯр пайдо шударо дар ҷанги тан ба тан мағлуб карда буд, ҳоло ӯро танҳо монда зангирӣ рафт, пайдо гашта омада буд, азобаш камтар мешуд. Коҳиш ҳам кард: «Ёфтӣ вақти зангириро...» Ҳуш ба Ёвар рафт, гурги дуюм кавшаки пойи мешро дошт, ки сахт «Бааъ!» зад, ки Шубон ба худ омад ва саги пеш омадаро Ёвар пиндошта «Табар!» гуфт. Саг ба фиғон омада рост ба шохбаст пой монд. Торҳои асаби соҳибро сӯзонд: «Вақти ҷак-ҷак нест! Амал бояд кард!» Ало хапу дам шуд. Пой аз шохбаст фуровард. Бӯй кашид, ки бӯйи Бӯр меояд ё на? Чизе нашунида, гурги дуюм ғуррид кавшаки пойи мешро раҳо накарда. Номеҳрубонии Алоро ба рӯяш кашид. Саг фӯк миёни шох хаста, иринҷ-иринҷ карда бӯй кашид ва шохбастро дарида бурун омадан хост. Шубон як лағад зад Алоро: «Кӯрнамак!». Ало «инг!» зад ва сар бардошта «ак!» зад ба таҳдид. Соҳиб ба ғазаб омад. Мешро раҳо кард ва камон бардошт: «Як сар намонад, лекин бояд ту хиёнаткорро бикушам!» Ало ба замин ғелид. Нолаҳо баровард: «Ман ӯро андармон доштанӣ. Он вақт ҳам андармон дошта будам. Ту намедонӣ, ки бади бадаш ҳамин!» Бӯр забони Алоро медонист, ки пошнаи меш сар дода, ба қади шохбаст рост шуду дандон гиз кард, ки Алои бевафоро лахту пора кунад: «Ман туро ба суди байналмилалӣ медиҳам Ало! Сарвари хиёнаткор! Чиҳо гуфта будӣ? Молу мулкро набахшида будӣ?!» Ало теғи нигоҳ андохт ба Бӯр ва пиндошт, ки Шубон забони ҳайвонҳоро медонад, ҳамаро фаҳмид. Рӯзаш сиёҳ хоҳад шуд. «Ҳаф!» – ғазаб кард Ало.

Табар бардошт Шубон чолок сари қӯш рафта, ки зери

пойи мол монда буд. Ва тозон омада, шохҳамроҳ ба сари гург зад. Алою Бӯри фӯк ба фӯк ҳамдигарро бӯй кашида, як қад парида, дур шуданд ва гурги гушна дами табар хӯрда, пойи меш раҳид. Ба сар рафт меш. Сарчархак шуд гург ва думи хеш доштанӣ шуда, фир гашт. Ҳавола хӯрда ба нишебӣ ғелид. «Чаҳор...» шумор кард Шубон гургҳои кушта, вале намедонист, ки чанд сари дигар ҳаст. Гӯшаи чашм ба Бӯри хӯсида андаке аз дарвағна дуррафта, аммо тамоми қаҳру ғазаб ба сари Ало рехтанӣ шуда, табари тоҷикӣ тори сар бардошт, ки ба фарқи сараш фурорад. Ало гӯш чур ва чашм тез кард сӯйи табар ва фурсат ғанимат дониста, дум миёни чатан гурехта худро ба тӯдаи тарсӯйи мол зад ва мол тӯрида ба шохбаст тира омад ва садои ба санг бархӯрдани табар шунида, боз хӯсид ва «Ҳеҳееей»-и ошнои Шубон шунида, ором гашт. «Баҳ!» Барои оромтар кардани мол ва ё омурзиши гуноҳи Ало буд, ки фармуд соҳиб, вале аз пешомад чизе аён нагашт. Фих-фиху фирк-фирки гӯсфандон пардаи сиёҳӣ дарронд ва садои аз тори камар ба замин задани як чизи гаронвазн баромад ва фиғони бар он дарафтодани саг. Қад ба қад шуданд онҳо. Табар андохта намешуд; зеро одати гоҳи асо ё табар задан ҷой иваз кардани гургонро медонист ва барбеҳуна мурдани сагонро. Аз ин рӯ корд аз наём охт, то бар гург занад. Онҳо хой-хояк миёни рамаи тӯрида шуданд ва Шубонро раҳ намедоданд, ки бар гург расад. Шубон хам хӯрд ва миён дуто байни мол пинҳон мерафт, то корд ба гург зада, даррад. Гург ҷой бадал мекард ё сагро газида мекашид дуртар аз Шубон. Он қадар ғазаб дошт ба одам, ки саг набошад, ба ӯ дарафтода, лахту пора кунад. Дар чунин айём издивоҷи Холи ёварро нафрат кард, ки агар буд, аз пойи гург мегирифт. Бо ин ният миён хамида, пой байни мол лағзонда ва корд сахт дошта, пеш мерафт, ки сайдро даст гирад. Аз лабу даҳони гургу саг ва гӯшҳо хун мешорид. Шубон садо намебаровард, то саг суст нагардад ва гург шерак. Даст андохт, то пойи гург ба даст орад, гӯсфанд боло ҷаҳида ӯро пеш кашид ва паҳлӯ ба замин зад. Гург ҷаҳида аз шохбаст фаро рафтанӣ шуд. Саг бозистод, то биравад гург. Аммо Шубон аз пойи гург дошт ва пас кашид.

Корд халал расонд барои аз пойи дигар гирифтан. Чун пас кашид, гург тезу тунд пас гашта, гурбавор қату тоб хӯрда, дасти одам газидани шуд, корд ба даҳонаш омад. Вале шубон амале ба ҷо оварда натавонист; чунки гург панҷа ба дастони ӯ зада буд ҷонкоҳ. «Воҳ!» гуфт, вале корд маяфканд. Қасди ба дили гург корд задан дошт. Ало доди соҳиб амр дониста, ба гург дарафтод боз хой-хояки сахт шуд бо овоз. Шубон пушти корд миёни дандонҳо овард чунонки қассоб, ки пӯсти гург тулумӣ мефуроварда бошад. Ӯ пойи дигари гург ба даст овард ва дудаста боло бардошт, то саг хуб хойида, аз гулӯяш ҳаф кунад. Аммо Ало тамошо дошт ва ба ҳар амали ӯ гардан каҷ карда, чашм калонтар кушода, менигарист. Ғазаб кард ба саг. Дашному дуъо кард Холро. Зӯр ҷамъ оварда, таҷанг шуд. Пойҳои Гург ба ҳам оварда, бо дасти чап сахт дошт ангушти ишорат миёни ду пой газаронида, то налағжад пойҳояш аз даст. Корд аз миёни дандонҳо гирифт. Ду-се бор ба шиками гург заду тоб дод ва чок кард. Гург дастон аз замин канда, тоб хӯрда, аз пойи Шубон доштанӣ шуд, ки корди фурӯрафта ба сари сина ва дасти аз ҷаҳл оҳангаштаи ӯ амали гургро боздошт. Саг ба худ омад, ки «ак!» зад чанд бор. Шубон нафаҳмид, ки таҳдиди Ало ба гург аст ё ба ӯ? Ба ҳар ҳол дилаш монда буд аз Ало. Азоби зиёду тӯлонӣ ба назараш тамомшавӣ надошт, аммо қатли ин гург чунон осон намуд, ки ба зарби як корд мурда бошад; чунки аз худ рафт ва надонист, ки баъд чӣ шуд?

Ало аз даруни шохбаст ва Бӯр аз берун чунин ҳамдигарро мебӯйиданду дилак мезаданд ва бар қадди дарвағна рост шуда, мебӯсиданд, ки забони ҳарду аз лаззати ишқу муҳаббат об кушода буд. Дар асл Бӯр нияти дигар дошт: илоҷе ёфта даруни девлох дарояд, аввал Шубонро аз гулӯ гирифта, ба ҳақ расонад, молро аз як лаб кушад; Алоро зиёфат кунад, ки гушнатар аз гург аст. Лек роҳи даро надонад. Чандон дилаш аз Ало пур нест: ба соҳиб, ки хиёнат кард, ба ӯ низ хиёнат кардан ишколе надорад. Кам надидаст хиёнату ҳайвонро. Ҳайвонҳои мода ба хушкардаашон тан медиҳанд; занро дил ба марди ғайр равад, ҳатман илоҷи кор меёбад. Қариб ҳарду як хел. Аммо ёри асосии ҳайвон – зӯр.

Баъзан ҳайвонҳо дар муҳаббат бартарӣ доранд аз инсон.

**2.**

Холи ёвари Шубон омад. Чунки шаби дароз молро хоб диду гургонро ва рӯзи дафни Эшони Шоҳсайид ба рама дарафтодани галаи гургонро ёд овард, ки на аз одам метарсиданду на аз сагу на аз камон; рӯзи маҳшар буд: гургон ба куштан сер буданд. Гургулоғ ном ниҳода буданд. Чашм пӯшад, миёни чашмон он манзара буд. Ғанаб кунад, молро хоб медид ва азоби Шубонро. Бомдод харро полон заду пешандоз фарози Себакро рост шуд ва субҳдам ба Қумбел расид. Аз ин ҷо манзараи девлох метофт. Вале ӯ чизе пай набурд. Ба хондан даромадани кабкҳои буни шахро шунид, ки ба ҳар роҳгузар консерт мемонданд. Рӯ-рӯйи барф як сагмонанд мегашт, ки аз сагони мол набуд. Халачӯб зад маркабро, ки по бардорад. Аммо хар уреброҳаи яхбастаи Қумбелро қадамшумор мегузашт, то пойи бенаълаш партофта, ба варта наравад... Чун пайроҳаи миёни барфзорро паймуда, наздик ба Девлох омад, манзараи баракси рӯзи дафни Эшони Шоҳсайидро дид, ки гургон мурда буданд, на гӯсфандон. Ва гурги Бӯри нописандона чукка зада рӯйи барф нишастаро дид, ки гурез аз одам надошт. Балки гурусна буд, чашм аз хар намеканд. Баробари дарвағнаи яхбастаро ба пой зада кушодан Ало ҳавола хӯрд сӯйи Бӯр. Хол хару сагу гургро эътибор надода, ба Шубони пушти дарвағна мурдаро дида, ҳангаш канд ва моли майли гурез доштаро пай бурда, дарвағна ба пой пӯшида, пеши молро дошт, ки гар зада барояд, пешгардонаш осон нест. Ба чизҳои дигар чандон эътибор надода, хам хӯрд ба рӯйи Шубон, ки ҷон дорад ё на? Нафасгириаш аён нест, аммо зери бинӣ дар тораҳои бурут марворидак як бастани ҳаври нафас назаррас.

– Ако!

Ҷумбон-ҷумбон кард аз китфи чапаш дошта, амале, ҳаракате надид аз Шубон. Дилаш дур рафт ва дур нигарист; ба олами барфпӯши он канори гетӣ, то ҷое ки чашмаш медид: ба талу теппаю гарданаҳо, ба қаторкӯҳҳои зина-зина, ба шаххҳои пешбанд, ки ҳамвории водии Зарафшонро мебас-

танд ва ба он сӯ, ки офтоби каммадори Чилла аз бедодиҳойи одаму ҳайвон қаҳр карда, хелею хеле майл ба ҷануб кардаст ва мадори зуби барфро надорад, касро гарм намекунад; ба Шубони яхбаста ҷон намебахшад.

– Акоҷон!

Вазни хеш бар ӯ андохт боэҳтиёт, ки зоро хаёле гармӣ бахшад ва бародар ҷон гирад. Холи палангкуш фармуд: «Ман чӣ донам, медонистам, намерафтам деҳ, издивоҷ ҳам намекардам. Чашм кушоед, ако!» Чун аз ако посух набуд, оғӯш карда бардошт ва ба чӯпонхонаи канори камар гузарониданӣ шуда, дарвағнаро боз карда баромаданӣ буд, ки мол тамма омад ба баро. Пойҳои кашоли ако аз роғ набаромада, дарвағна ҷафс омад ва пойи ако сахт ба дард овард, ки нолид Шубон. Хол аз хушнудӣ, ҷисми ӯ ба замин хобонд, асойи гоҳи даромад ба шохбаст такя гузоштаро гирифта ба дар зад. «Кӯш! Ъай!» гуфта молро пас ронданӣ шуд, лек тира-тира вазн ба дар андохта буданд, ки ана-ана дару шохбаст якҷоя шеб равад. Хол китф ба дарвағна монда тира дошт ва нӯки асо дароварда ба шохи серка, ба сари гӯсфанд мезад, то дур шавад. Ва дарро андаке ковок дошта, пойи бародар кашид берун. Дар боз часпид. Ҳалқаи ресмон ба паҳлӯдарию нӯгчӯбии дарвағна андохт ва дари чӯпонхонаро кушода, аз нав бародарро оғӯш гирифта ба хона даровард. Хона хунуктар буд аз берун. Бар гилеми рӯйи пахоли шолӣ дароз хобонд ва ҳеҷ илоҷе сомон накарда, дар печкаи тунукаи кунҷи паҳлӯйи дар ҳезуми рахзадаи пушти печкаро гузошт ва гӯгирди аз эҳтиёт дар киса ҷокардаро гирифта афрӯхт ва газетаи сурати Шубондоштаро пешдаргирон кард. Чӣ андеша ба сар омад, ки рӯзномаи аланга гирифтаро берун кашид, зери по хомӯш кард, сурати нав оташ расидаро дарронда гирифт, то бародар дида наранҷад, аз нав газетаро ба як реғаи афрӯхта дошта, аланга гиронд ва зери ҳезум ҷо карда, даҳони печкаро пӯшид ва рӯ ба Шубон овард:

– Акоҷон! Зан нагирифта мурам...

Хомӯши хомӯш гашт кодок[1] ва печка ҳувваси боло кашидани ҳавою дудро ошкор кард ва аз сӯрохакҳои дари печка ва паҳлӯйи офтобаи бар даҳана гузошта шуъою шӯълаи алоб андар шифту деворҳо бозӣ дошт. Хар ҳиқ-ҳиқ кард ва якбора ҳанги хатар зад аз берун. Шубон чашм кушоду ёд овард, ки чӣ рухдоду бедод шуда буд, аммо баъд чӣ шуд? Надонад. Ӯро чизе напурсида, зуд бадар рафтани Хол парешонаш кард, ки идома дорад набарди гӯшношунида. Дарро яла монда, тозон рафтани бародар парешонаш кард, ки боз омадаанд гургон. Ва ҳушаш ба моли Кодок, ки монда бошад ё гургон ҳамаро қир карданд?

– Ҳооох! Гир!

Садойи Хол баланд шуд. Ларзиш дошт овозаш. Ҳолу рӯз ба дил воҳима андохтаст. Чунки нав дид гургони дар қабати шохбаст мурдаро. Алои ишқбозро бо Бӯр ва чизе нафаҳмид. Дасту пояш ба ларза даромад. Чӣ кор карданро намедонист: Харро саришта бояд кард, Бӯрро бояд парронд... Бародарро... хаёлаш гурехт. Фикри мол ба сар наомад, балки хӯрҷинро бардошт аз пушти полон; сариштаю сомон карданихарро низ фаромӯш кард. Тозон хӯрҷин аз дари бози чӯпонхона дарун монд ва як назар чашмаш ба бародар афтид, ки дидаи бедор ба ӯ дӯхтаст. Сару рӯйи ажғо[2] ва дастони чанголкаш дорад.

– Ба хайр, ако!

Шубон чизе гуфта натавониста сар ҷунбонд ва боз ба ишораи сар аҳволи берун пурсид.

– Нағз! – посух дод Хол ба тасаллои бародар, ки ӯ чизе намедониста бошад.

Офтоба оби ҷӯш партофт. Печкаи тафсида фашу фуш ҳавр баровард. Аз роғи байни чойҷӯшу тунука об даромада, оташро кушт ва чанги хокистар аз ҳама роғу ковокии печка зада баромад, бӯйи оташу хокистар ҳам овард. Хол ба нӯги остини ҷома аз дастаи чойҷӯш бардошта, як гӯшаи печка гузошт ва бо сарпӯшак даҳанаро пӯшид. Дар дӯлча оби гар-

[1] кодок – кулбаи амонат, молхона.
[2] ажғо – харошида, хуншор.

мухунук овард, то Шубон дасту рӯй шӯяд. Вале ӯ ишораи аз хона фаро рафтан кард. Даст ёзид, то мадад кунад ука. Хол дастони хунбастаю ажғо-ажғояшро дида, миҷгон ба ҳам таҳ кард.

– Наҷумбед ако, тағораи ҳаром меорам.

Хуш накард ин ҳарфро Шубон на аз он, ки ъайб донист, балки берунро диданӣ буд, ки чӣ шуда? Хол хам хӯрда даст аз зери каши ако бардошт, то дастони озурдаю дардовараш ба ҷое нарасад. Ва ҳамон зайл бардошта, дашт баровараданӣ буд, ки «не» гуфт ако. Ука хоҳиши ӯ ба ҷо оварданӣ шуда, ба по рост гузошт ва китф аз зери бағал гузаронида, майли по ба по бурдан кард. Шубон дами дар истод ва чашм ба кодоку замин давонд; ба моли ҳанӯз ба худ наомада, ба мурдаи гургони байни шохбастҳою даруни дарвағна дароз ёзида ва чӣ андешаю пиндорҳо аз дилу майна гузаронд, ки оби дидааш шорида, рухсор тар карда шеб шуд ва ях баст. Ларзид танаш. Ука пай бурд, ки заҳр танг кардаст. Аммо ӯ бо дастони озурдаю сӯзанда, ки ба ҷое расонда натавонад, қарор истод. Ука банди эзори бародар кушод ва пояк доштанӣ буд чу кӯдак, ки Шубон сари по нишаст... Пасон баданаш буҷунг[1] дод, аз он ки заҳр баромад ё хунук хӯрд. Барф чангол карда, хуни даст молида, рӯфтанӣ буд, ки Хол «Оби гарм ҳаст, ако. Барфи хунук газак мекунонад» гуфт. Ва ӯро бардошта ба по рост гузошт. Банди эзор сахт кард. Шубон ба сони сарбозони сафкашида рост ба дуриҳои дури пешбанд ва кӯҳҳои баланд, осмони беғубори офтобӣ нигарист ва чашмашро офтоби рӯ ба рӯ бурд, ки сар тофт ва он бари адири сӯйи мағриб чашм дӯхт. Ду ҷонвари чукказадаро дид, ки сӯйи Кодок дида тез карда буданд. «Муттаҳам!» гуфт, ки аз он дурӣ мешунида бошад. Ба рост гашт. Дарунаш пур аз буғз ва заҳргирифта буд, ки пош дод: «Саг!» Магар бод бурд ин садои пастро, ки Ало аз он ҷо гӯш чур кард ва ба Бӯр нигарист. Думу думғоза бардоштанд аз рӯйи барф ва бозикунон, хойхояк ба чашмаи Майдонак нишеб шуданд.

– Мӯзаҳоямро каш... – магар аз гармӣ заҳри чӯпонхона

[1] буҷунг – фарошо.

шикаста буд, заҳри керзи яхбаста ҳам, аз хунукии берун ва пайтобаи тар пойҳояш сард гаштанд, тоб наоварда, фармуд Шубон ва майл кард, ки буни печка шинад. Вале печкаи алобмурда хунук шуда буд. Оби офтоба низ. Хол назди печка кӯрпача андохт, лӯла ба девор такя гузошт ва бародарро нишонд. Мӯзаи тар кашид. Пайтоба чида, пушти печка гузошт ва чакман рӯйи пойҳояш андохт. Асари сармои Чилларо дарёфт. Як риштаи сард дар вуҷудаш печид. Ларзидларзиду карахт шуд ва пай бурд, ки вопасин рамақ монда дар ҷон. Оби дӯлча ях баста. Оби чойҷӯш ширгарм. То дар пиёла қанди сафед андохта, оби ҷӯш рехту ба лаби бародар овард, ки он ҳам хунук шуд. Баробари ба лаб расонидани пиёлаи хунук ларза гирифташ ва Хол пиёла тори пешка монда ҳама кӯрпаю гилеми буда болои ако андохту пахш кард, то гарм шавад. Нав ақлаш давид, ки дарро пӯшид. Ба оташдон ҳезум ҷо кард ва ҳамон пораи газетаи суратдорро зери ҳезум ниҳода, гӯгирд зад. Хонаи торик рӯшан шуд ва зуд хомӯш гашт оташ. Дигар коғаз набуд. Аз фонус каме карасин рехт чойҷӯшро аз даҳана бардошта, боз гӯгирд зад. Лаппӣ дар гирифт карасин ва ҳезум аланга зад. Оби чойҷӯш сӯзон шуд. Болои қандоби пиёла рехт. Ва пиёлаи гарм ба лаби бародар расонд. Форид. Чашм кушод. Аз чашми Хол сиришк мерехт: «Бехосият». Баромад аз даҳони ӯ. Шубон калон кушод чашмон ва сар ҷунбонд: «Не». Худ ба худ гуфтани ҳамдигарро нафаҳмида, чашмбачашм монданд. Ука хиҷолат кашид: «Ман ӯро гуфтам, ако». Ако чизе нагуфта, дер ба рӯйи ука зеҳн монд, ки зоро[1] гӯяд давоми андешаро. Лабони Хол пир-пир парриданд. Пасон бозистода, дӯр шуданд, чашмонаш чунон об шоронданд, ки латтаи тар ғич карда бошанд. «Арӯсро!» фармуд ва хомӯш монд. Пиёла ларзид. Қандоб рехт. Шубон дастони хунбаста ёзид, то дорад. Худи Хол онро дудаста дошта, бе ҳеҷ сухан ба лаби Шубон бурд, то қурт кунад. Хунук шудаст. Валек ба хотири бародар ҳӯрт кашид.

– Чӣ гуфтӣ?

[1] зоро – шояд.

– Ҳич-чӣ...

– Не, гуфтӣ... Магар... А?

– Не-не... дилатон дур наравад, ако. Гуфтанӣ будам, ки новақт издивоҷ кардем. Агар он кор набуд, ин кор ҳам нашуда буд... Шумо ҳам...

– Фармудаи Парвардигор... Ману ту чӣ айб дорем?

– Ҳи-ҳааа... Ман вай овардам, ако. Тилфон, – аз ҷайб бароварда гуфт гӯширо. – Намедонам ба кӣ занг зада ин аҳвол гӯям.

– Ба ҳич-кӣ. Ин кори бозӣ не. – гуфт Шубон ва хеле ба андеша рафта, пурсид: – тилфони Фермаро дорӣ?

– Рӯзи маърака дидам. Худаш рақами тилфонашро сабт кард.

Тугмачаҳоро пахш кард. Пайдо шуданд рақами телефони Мудири ферма.

– Не, накун! Чӣ мегӯйӣ?

– Намедонам... Чӣ гӯям?

– Гӯй, ки рӯзи дафни Эшони Шоҳсайид такрор шуд... Зуд расида оянд.

Хол тугмачаи сабзро пахш кард. Оне баъд гудок зад телефон, хеле пас садо омад: «Мудир! Ман Хол... Рӯзи дафни Эшони Шоҳсайид такрор шуд!» Гӯшӣ гуд-гуд зад ва сӯҳбат нотамом монд. Хол аз чашми хӯрҷин тӯёна баровард ва дастархони шол гузошт барои бародар, ки чашад. Мағзу мавиз ва печак андохт ба даҳонаш. «Бас» гуфт ако ва фармуд: «Мол гушна».

Хол тори камар баромад ва бандҳои юғану кӯмодро кафонда, зер андохт. Мол ҳӯркид[1] аз асари ҳодисаи шабона ва ба кунҷе ғун омад. «Ҳе-ҳееей!»

Се савора гоҳе дар уреброҳаи Қумбели рӯ ба рӯ пайдо гаштанд, ки Хол хошокро партофта, офтоби ғуруби абрсӯзро тамошо дошт. Онҳо аспҳоро лаҷому тозиёна ва пошна зада меангехтанд, ки тез гарданд, то зудтар расанд; зеро аз хабари Хол чизе нафаҳмиданд. Аммо пайроҳаи ях-

[1] хӯркид – тӯрид.

бастаи шеб пойи улов партоб мекард ва аспон аз бими фитодан боэҳтиёт лангар хӯрда, сум мезаданд. Ферма чанд бор занг зад. «Дастнорас!» шунид. Ҳолиё низ занг мезанад. «Дастнорас!» Чашмон сӯйи Кодок, ба зин рост шуда менигаристанд, ки чизе тағйир меёфта бошад. Хол дид ононро, аммо аз ташрифашон чизе намефаҳмид. Танҳо аспи сиёҳро шинохт, ки моли Ферма. Аз тори боми Кодок фуромад ва дари чӯпонхонаро кушод, ки кӯрдуд шуда хона. Ҳавои хунук ба дарун ҳуҷум оварду дуд ба берун. «Рӯмо сиёҳ! Чӣ кор кардам?! Болои сӯхта – намакоб!» Шубон нашунид, ки садо наомад. Пеши бародар зону зад: «Ако, зинда?»

– Дара пӯш!

– Худоро шукр... Ферма меояд, ако!

– Ферма?!

– Ҳо, се тан. – Дарро пӯшида ва дари печкаи тунукаро кушода, фармуд Хол.

Садои суми аспон аз зери хона меомад. Вале дер накашида, баробари дарро боз кардан сари аспи, ба қавли худи Ферма: «Сиёҳмушкин» намуд. Аммо Шубон намедид аз бурҷак.

– Чӣ гап? Чир-чиракат як чир гуфту хап шуд?

– Алобаш хомӯш шудаст.

Фармуд Хол ба Ферма ва даст ба манзара ёзид, ки «Чӣ гап»-ро бинад. Ферма ба манзара дида давонд. Гургҳои мурда, хунҳои яхбаста, барфи монанд ба кафани гулгун, табару корди хунолуду камон ва моли тарсуи гӯшсихро дида чизе фаҳмиду нафаҳмид, ки бо ситез пурсид:

– Шубон куҷост?

Хол забони гуфтор надошт, ки хонаро ишора кард.

– Зинда?

Хол дастон ба ду тараф боз кард: «Маълум нест».

– Худо накарда... Худо накарда... – Гӯё ба худ гуфт ва пой аз рикоб гирифт.

Аҳли рикоб пиёда шуданд. Дар дасти Ҳулоли алобмон шишаи араќи нимхӯрда.

Сармуҳосиб дари чӯпонхонаро кушод: «Ваҳ!» гуфт ва ҳайрон монда фармуд: «Акота ба каҳдуд куштӣ-чӣ, Хол?!

Хол чизе нагуфт, зеро ин касонро хуб медонист: забонашон дигару дилашон ҳам. Нигарон истод, то боз чӣ гӯянд.

– Ту кай омадӣ, ки бегоҳ дар меҳмонхона дида будам? – Фармуд Ҳулол ва нигарони ҷавоб нашуда даҳони шиша ба даҳон монда, ҳӯрт кашид: – Аааҳҳҳ... Одам ҳамин қадар чиз офарид, дигар ҳамаро Парвардигор!

– Сад бор гуфтам, ки бо даҳони ношушта номи Ӯро ба забон нагир!

– Ээээ, Худо! Намонд, ки як бор гапама гуфта, гирам.

– Ман даҳони бефаровези туя намедонам? Дар умрат як даҳон гапи саҳат нагуфтӣ. Арақ, қарта, пул... Ё ягон чизи дигар ҳам медонӣ?

– Медонам! Бисёр чиз медонам. Чизе, ки ман медонам, авлиё намедонад! Пайғамбар намедонад! Худо ҳам намедонад!

– Номаъқул кардӣ!

– Кӣ? Ман номаъқул кардам? А? Ман?! Хайр ман надонам, Осим ҳам намедонад? Ҳамин фис-фиси майизкӯбак, намедонад? Медонад! Ишо как медонад. Агар даҳони говсандуқаша кушод, чунон гап занад, ки дар так-так нест. Вай сандуқҳои даври қадим буд, ки баробари калидро тоб додан данг-дунг мекарду... Ҳамту не, Осим?!

– Бас мекунӣ, ё дар даҳанат ... занам?!

– Ба ту чӣ, Якшоха?! Тоқӣ якшоха пӯшиданатро дон!

Осим сармуҳосиби колхоз, Ҳулол – ревизор. Боз дар фермаю идораи колхоз зиёданд: Якшоха – Обсофкунак, ҷияни Полвон. Ҳамаашон аз як табор, раиси Калон ҳам. Замоне, тақрибан як ё ду умри одамӣ пештар, баъди обхезии Сурхоб аз Сурхдеҳи вайрону валангор, мардумашро кӯчонда, ба ҳар деҳ бурданд, як даста ба ин дара низ тухмӣ афтид. Дар Лалм хайма зад. Худама ҷо, харама ҷо; омадан гирифтанд ва чун аҷриқ паҳн гаштанд. Аввал муши мурда буданд, ки омадаанд ва диданд, ки бошандагони тагҷоийи Дара лабсусту Худотарсанд; ҳудаю беҳуда ба ҳар нон ҷаззаю ба ҳар ош чакка намешаванд, забон баровარданд, сар бардоштанд, талош карданд, дар зодномаи фарзандонашон

Дарагӣ навиштанд, муқимӣ шуданд ва иддаъойи замину замон карданд ва овоз баланд. Часпиданд ба фермаю бригадирию таъбелчигӣ, пасон ба раисӣ... Шуданд ҳамакораю ҳамадон: раису фермаю муҳосибу шубон ва ревизору даллол, алобмон аз худашон.

Вале ҷуз худашон касе аз дарагиҳо нафаҳмад, ки чаро гаҳ-гоҳ дар дашту дара намойиш барпо кунанд, ки ҳалолтарин мардум ҳастанд, ки на моли касеро хуранду на касеро диҳанд. Дар намойишҳо даҳанкалонӣ кунанду баландгӯйӣ; чун харашон аз об гузашт, гардани ҳам гиранд, ки ба мурдаи якдигар мегириста бошанд. Аввал ин хел набуданд; ҳама аҳли деҳ як тан ҳисобида мешуд. Ба омадаҳо духтар намедоданд муқимиҳо ё аз онҳо арӯс намеоварданд. Баробари бисёр чизҳои муқаддас чизҳои муваққатию беор низ шикастанд. Дар боло соҳиб пайдо карданд ба туфайли Тағо, ки ҳамааш ба моли колхоз вобаста.

– Чаро хиромонӣ[1] доред, Ферма?

– Ту чилланок, Шубонро намебинам... Магар...

– Не-не! Шукри Худо, аз даҳони гургон растаанд.

– О волло, заҳракафам! Гар ин кори Шубон, унвони «Қаҳрамонӣ» бояд дод. Ё ту ҳам будӣ?

– Не Ферма. Худамро сарзаниш кардам, ки зан нагирифта, бало гирифтам...

– Нафаҳмидам...

– Мебудам, зоро аком...

– Чӣ?!

– Не! Даромада бинед, охир!

Ферма ба ҳамраҳони лоқайдаш нигарист ва пой аз остона дарун монда, паҳлӯи печкаи сардгашта ӯро дид, ки ду дасти хунбаста бар зону ба намойиш пеш ёзида бошад.

«Ваҳ! Рӯмо сиёҳ! Ин чӣ бало буд?! Худо якта, қаҳрамонӣ! Баъди ҷанги Бузург аввалин қаҳрамонӣ! Дар даврони Озодӣ ҳам!»

– Чӣ шудаст, раис?

– А? Чӣ?

---

[1] хиромонӣ – андеша, хаёл.

Муҳосибу ревизор Фермаро ба дарун тела дода, низ даруни дар шуданд ва баробар «Оббооо!» гуфтанд. Ҳулол боз як қулт шароб зад ва зону зада, дастони ажғою сияҳбастахунро бӯсид. «Мо кадом гӯр будем, ки...» фармуд, вале сухан то ба охир нагуфта, даҳони шиша ба даҳони ӯ овард:

– Ту набудӣ дар тӯйи бародарат, Як чика гир, одам мешӣ.

Сар бардошт оҳиста Шубон, «то шумо ҳастед, ман одам шуда наметавонам» андешид, вале нагуфт, ки ҷо надорад. Сар пас кашид, ки бӯйи тезу нофори шароб, шиками гуруснаро кофт. Ғарора омад, ҷуз ҳаво чизе набуд андарунаш.

– Шубон ҳардумон дар як парта мешиштем-а? Духон будем-а? Ин дунёйи саргардона бин, ки ман ревизору ту чӯпон. Дар кадом давру замон дидайӣ, ки бачаи духон мартаба гирад? Шарофати замони нав, ки карру кӯрро одам кард. Як қӯтан мурдаи гургони гушна, лекин ту зинда. Барои ҳамин бардоштем. Закуска надорию. А, раис?! Ҷиззу биз нест-ку? Мешад. Лекин мешад. Ман мегӯм, ки мешад. Таърих ёд надорад, ки мо сари мол омада бошему ҷиззу биз нашуда бошад!. Канӣ, гиред! Рафиқон! Мо дар хонаи чӯпони пуртаҷриба Шубон ҷамъ омадем, ки қаҳрамонии чашмнадидаю гӯшнашунидаи ӯро дар назар дошта, ба ӯ унвони «Қаҳрамони меҳнати Сос... Не! Истиқлолро супорем. Ура!

«Лаққӣ!»

– Ман аз шумо ин хел умед надоштам, Ферма! Хаёл карда будам, ки мо ҳамамон як одам. Аммо шумо ду одам. Ман намехурам. Шарикдарсам инхелу, ман арақ хурам? Ман заҳра хурам! Аптечка дорӣ, Хол?

– Буд, ако! Лекин дар ҳамин кашон-кашонҳо рехту гум шуду рафт.

– Дидед, Ферма? Ман чӣ гуфтам дар магазини Якгӯша?

– «Бало» гуфтӣ!

– Не, Фермаи азиз! Гуфтам, ки «даркор мешавад». Бинед, ки даркор шуд. Акнун ман заҳра хурам! Дастони шарикдарси ман инхелу ман арақ хурам? Заҳра хурам. Таллоғу хурам! Шумо «нагир!» гуфтед, Ферма. Ман дар бинои умрам як

бор гапи шумои азизро гардондам. Бинед-дия, дору шуданаша...

– Накун, ҳаром! Ягон микроб надарорӣ, ки кардаю нокардаамон як шавад?!

– Ин арақ не, Ферма! Шишааш шишаи арақ! Худаш спирт. Решаи микроба меҳуллонад!

– Дилу ҷигари туро меҳуллонд...

– Биллои азим, меҳуллонад! Шумо бо ман шӯхӣ накунед! Ман ҳар чизоя медонам, ки...

– Балоя медонӣ, девона!!!

Шахҳо талха доданд фарёди Фермаро. Аз дур садои «акак» баромад. Инро ҳам талха пиндоштанд. Ҳамаро монда аммаро гӯй, баҳс сар шуд, ки «ак-ак»-и саг буд ё гург.

«Ак-ак»-и гург!» – фармуд ревизор.

– Чӣ донистӣ?

– Овозаш ба овози шумо сахт монанд буд, муҳтарам Ферма...

Хапу дам шуданд. Осими муғамбир сурфид. Дами Ҳулол дарун афтода будаст, ки давом дод:

– ... Нагӯм, ҷонам мебурод...

– Кош мебуромад. – мадда кафонд Ферма.

– Ман аз касе муттаҳам нестам! Моли касеро нахӯрдаам! Лекин медонам, ки ферма чӣ ранг дошту чаро рангаш парид?!

«Хол! Камонат тир дорад?!»

– Неъ, Ферма!

– «Ферма» нагуфта, муред! Мурдетона мисли мурдаи гургон бинам! Ман хӯрдаму шумо мондед. А?! Лошахӯрон!

– Поруя накобед, Ферма...

– Кадом порӯя?!

– Порӯйи худатона.

– Тут-ту, гуҳата хӯрдӣ?!

Ревизор парво накарда, зону зад назди Шубон, хам хӯрда, табибона дида давонд ба захмҳои дастони ағжояш: «Азоб кашидӣ-а?» пурсид ва дастони шотувор сари зонувон тиркардаашро доштанӣ шуд. Дардманд бошад ҳам, Шубон дастон пас кашид, ки аз амали Фӯтақушқорак азоби гӯр нака-

шад: «Инҳо гуфтан мегиранд, калиди кор дар дасти худам». Ва каме арақ рехт бар дасти хунбаста.

«Накун!» дастон пастар кашид. Магар озор ёфт ва ё ба амалҳои ҷӯгиёнаи Ҳулол бовар надошт.

– Якравии такобигариатро мон, Шубон. Дар чунин ҳолат аз ин давои хубтар нест... Инҳо ҳар чӣ гуфтан мегиранд. Дор дастата. Ман ба ту душман не. Дӯсти ҷониат. Баъд мефаҳмӣ ҳама чизро... Дӯсту душманро ҳам мешиносӣ... Даҳоната кушо, аввал як қурт хур, мефаҳмӣ, ки чӣ ҳаким аст. Ҳамин набошад, ман ҳам нестам. Кушо!

– Мон! Нарас, девона! Худаш мурда истодаст!

– Ин намемурад, парво накун,Ферма! Ҳисобу китоб дар даҳони ҳамину дар дасти, ана ун, муши мурда.

– Худат муши мурда, ҳаром! Аз маймунбозиат намондӣ. Муш дар ғами ҷону гурба дар ғами чарбу. – Кафид муҳосиб Осим, ки гаппаррониҳои ревизор беҳуда нест. Як сари риштаро, ки дошт, кашола карда барад. Баъд ба чизе аҳамият надода, фӯтаи аз ҷафои сармо, гирди сару тоқӣ қушқорак бастаро кушод, мисоли лӯкии устосартарош ба сари синаи Шубон пешгирак кард: «Мон дастота, ман душмани ту не».

Ферма «Ҳмм» гуфт. Ревизор чӣ маънӣ кашид, ки низ «Ҳмм» зад. «Ту чихел камфаҳмӣ, Шубон? Мон рӯйи фӯта дастата! Дизинфексия кунам! Худо накарда як микроб афтад, рав, ки баҳор. Бадтарин микроб, микроби Ферма. Часпад, халосӣ нест!

– Гуфтам-ку: гуҳи худата хӯр!

– Парво накун, гуфтан мегиранд... Сӯхт? Дидӣ. Намесӯзонад. Ин ҳаким. Сино медонист ин чиза. Ҳаким Хайём ҳам медонист: «Кам-кам хуру ҳар дам хур!» – Як қурт гирифт ревизор.

– Ҳӯй, аввал кори ҳамуна буд кун, зиётӣ кунад, мехурӣ!

– Ин чизи зиётӣ мекардагӣ нест. Ҳеҷ набошад, ба сагкоса меандозӣ, ун ҷонвар ҳам мехурад... Насӯхт? Дидӣ, намесӯзонад. Аз ин ҳакимтар чизе нест дар дунё. – Як гӯшаи фӯтаро тар карда, ба дасти Шубон мемолиду хуни карахшбаста тоза мекард ва ҳар чӣ ба сару нӯки забон ояд, мегуфт: «Як фӯта садқи сар! Ту нағз шавӣ. Нишонаи амаки

Нурам... Як қулт мегирифтӣ, хуб мешуд-дия. Ҳама дарду аламат фаромӯш мешуд.

– Ин дарду алами фаромӯш мешудагӣ не, Ҳулол. – базӯр аз зери лабони баҳамбастаи Шубон баромад.

– Аз барои Худо, як чика гир, забонат ҳам кушода мешад! Дидӣ, дастонат асли қадим шуд. Ман ба ту бадӣ намехоҳам, Шубон.

– Ҳама чиз ба асли қадим мегаштагӣ барин. Ин ҷӯяҳои тамокуйи Даштро бин! – Аз дарду сӯзи раххои аз чанголи гург боқимонда ҷисму ҷон ба танг омада, ва хуну зардоби аз ҷӯяҳо зиҳидаро дида, рӯ турш кард Шубон ва зери абрӯ ба Осими хаппак нигарист, ки ба садои ларзонаш эътиборе надода, сар андохта сукут дошт, ки дар мотами ӯ месӯхта бошад ва ё андеша аз пурсҳои Мункар Накари дӯзахӣ дорад ва зарбҳои гарони ҷаҳаннам: «Баробари озору ранҷи беҳудаи ман набудагист? Парвардигоро! Лоақал азоби дунёро ба сари ҳар банда баробар тақсим бикун, то донанд, ки дар охират баробарӣ ҳаст...»

– Ҳақ талаб дорӣ, Шубон? – Фармуд Ферма каҷҷаку ростак шудани ӯро пай бурда. – Роҳат дар биҳишт. Зиндагии имрӯза гузарон, азобаш ҳам муваққатӣ. Чашм пӯшида кушойӣ, бинӣ, ки дастонат гул барин шудаанд.

– Рост мегӯед, Ферма. Азоб дар пеш.

Ҷағғӣ фӯта даррондани Ҳулол хаёли дурӯғини онҳоро бартараф кард. Ба тори нозуки андешаи Осим неш зад. Шубон чизе гуфтанӣ шуд, ки ревизор каф ба даҳони ӯ бурд: «Тишшш! Хуни худам. Ҳазор фӯта садқаи сар! Ту нағз шавӣ, ҳама чиз нағз мешавад. Бубин, хун метаровад. Худо накарда, мадда карда, ба ош дарояд, як азобат ҳазор азоб мешавад. Молу ҳолат ба дору намерасад.

– Миннатдор, хешам...

Дигарон хомӯш монданд. Осими дарундори манаҳаш аз даҳон пешбаромада ҷунбид, ки маънии шиканҷаи ин дунёву он дунёро хуб мефаҳмид. «Арзана гунҷишк хураду калтака бедона».

– Хол! – Гилаю ҷингилаи ба ҷанг мекашидаро пай бурда, садо баланд кард Ферма. Хол ҳозир шуд ба дар:

– Лаббай, Ферма!

– Домод шуда, файзат рафтаст. Куҷо он ҷиззу бизҳо?!

– Ҳезум нест...

– Ҳезум?! Ҳезум набошад, лингата мон таги дег.

– Ҳамин қадараш мондаст, Ферма.

– Мо хомашро ҳам мехурем. Наход ягон «гургхӯрда» набошад?!

– Нест, Ферма! Аком худаша ба гург додасту мола ҳимоя кардаст.

– Натарс! Осим ҳаминҷа. Ҳисобу китоб дар дасташ.

Хол даҳони ҷуволи гапро кушоданӣ шуд, аммо ангуштони аз сармо чангак гаштааш иҷозат надоданд. Баъд ҳамаро дар зеҳн тагурӯ кард, вале гуфта натавонист, ки аз моли колхоз танҳо дуруши «гургхӯрда» ва пӯсти моли «ҳароммурда» ва чанде пашм монда, ки дар ин замона ба касе даркор нест. Чун дид, ки биринҷи онон оббардор нест, хомӯш монд, то аз унвони «Қаҳрамонӣ» маҳрум нагардад. Ҳаминҳо пешниҳод кунанд унвону мукофотро, аммо насиби чунин кормандон – кайфар.

Шубон то ин дам ба Осими кордони бади-бало аз зери абрӯйи шахшӯли хунолуд менигарист, ки зоро аз раҳмдилӣ боре ба ӯ нигарад, ақаллан ба дилдорӣ хаёле сар ҷунбонад, ки шарораи умед дар танаш гармӣ диҳад. Аммо муҳосиб, ки будаю набудаи молу амволи амбору оғилро медонист, тори абрӯяш хаёле ҳам намеҷунбид ва ҳисоботаш дуруст тарҳрезӣ шуда буд, ки касе эрод гирифта наметавонист. Хайр, саройу оғилҳо бо ҳар баҳонаи бепулӣ ва қарзи андоз, ки аз даврони Шӯравӣ то имрӯз ҷамъу зам шудааст, боқист; раису муҳосибу ёронашон бо зоту зурёташон хешро бифурӯшанду қарз супоранд – насупоранд, вомдор мемонанд. Амбору мошинхонаю клуби колхозро майда-майда шикастаю буррида, ба қисмҳо ҷудо карда, фурӯхтанд, пулаш куҷо рафт, касе надонад. Лекин Осим донад мӯ ба мӯ, ба касе нагӯяд. «Сар равад, сирр наравад». «АВФ» фармуданд пурхоронро. Колхози ба «Ширкат»-у «Хоҷагӣ» табдилёфта, ки ҷойи маҷлисгузаронӣ надорад, ҳанӯз ҳам қарздор. Аз Осим беҳтар касе надонад, ки чӣ муаммост?

«Раис, саршумори чорворо нигаҳ бояд дошт, вагарна поямон аз осмон ояд».

«Парво накун, ҷиян, Сардор ёри худамон».

Раис нафаҳмид маънии пешниҳоди сармуҳосибро. Чун муфассал фаҳмонд, Раис завқ бурда ба китфи Осим бо навозиш нарм-нарм зад: «Отетба раҳмат, писари Қурбонқул. Барои ҳамин раисон нағзат мебинанд!»

Пасон говҳо гӯсола шуданд, бузҳо бузғола; гӯсфандон барра гаштанд, аспон курра; мурғҳо ба модарашон – тухм бадал гаштанд... вале чӯҷа мурғ нашуд!

Осими сармуҳосиб ларзид.

– Хунук хӯрдӣ? – дилсӯзӣ кард Ферма.

Осим сар ҷунбонд: «Не». Зери абрӯ сахт нигарист ба афту андоми Ферма: «Парвардигор ба бисёр касон, ки мартаба медиҳад, ақлу фаросот мегирад» аз дил гузаронд.

– Қава кард? Хез берун буро!

Ферма нафаҳмида гуфт ё ишора ба чизе буд, ки Осим дарёфт накард. Ҳулоли ревизор миёни сухан лагад зад:

– Хол! Аҳволи Шубон ин хел. Худат ҳамин Кодокро намехарӣ?

– Кодок аз они кист, ки ман харам?

– Намедонӣ аз они кист? Аз они мо! Аз они колхоз буд, аз они мо шуд!

Холи чӯпон заҳрханда кард: «Ба кӯҳҳо даст задед?»

Онҳо ба якдигар нигаристанд. Осими чаҳорзону нишаста, сар боло накард. Мисли гаҳвораҷунбон тан пасу пеш майл дод. Ва ҳарфи ревизор ҳамаро ҳайрон гардонд:

– Шубон, араққи ман намешуд, ба мези Осим хун мешустӣ?

Холи палангкуш асойи ғурмдори чӯпонӣ бардошта, як пой рӯйи остона ниҳод. Пештар аз дигарон Ферма ҷаста аз пешгаҳ хест ва панҷа чангол дошта фармуд:

– Хол, девона нашав! Ҳисобу китоб дар пеш! Ба пули моли колхоз зан гирифтаната Осим медонад! Ҳисобу китоб дар дасти ӯст! Медонем, ки бо ҳамин асоят паланги шахро зада куштӣ! Лекин ман паланг не! Ҳазорон асоро мешиканам!

Холро ҳиша гирифта буд, пурғазабтар аз гургу шеру паланг хашму ғазаб дошт ва сари синааш шину хез:

– Дар мол моли шумо намонда! Арробаатонро кашед!

– Пас ин моли кист?

– Моли чакана!

– Шунидӣ, Осим?! Ту хубтар донӣ ҳисобу китобро ё чӯпон?

– Чӯпон.

– Мур-э, рӯбоҳ! Дар фурсати танг рӯбоҳиатро мекунӣ! Чуба ҳамина дар поён (деҳа) нагуфтӣ, ки ин қадар ранҷ набарем?... Баъд, ту тиррончаки Хол чаро ба ман занг задӣ, агар моли чакана бошад? «Лӯзи дафни эшони Шоҳсайид ба саламон омад!» Гапи ту нест?!»

– Гапи ман! Ман намедонистам, ки шумо чарогоҳро ҳам ба фурӯш мемонед. Камар буд. Кодокашро мо сохтем. Имрӯз шумо соҳиби дашту кӯҳ, ҳамаро бояд фурӯшед!

– Ҳоло ист! Худатро ҳам нафурӯшам, такобӣ нестам! Хезед! Рафтем! Худаш гардан каҷ карда меояд! Наояд, ман саг! Ҳоло бо собуни ман ҷомашӯйӣ накардаст!

Сӯзу дарди дасту рӯй фаромӯш шуд. Дил ба танг омад Шубонро. Гоҳи қад хамида аз дар баромадан фармуд:

– Ферма! Ин захмҳо дуруст мешаванд! Худо аз захми дил паноҳ диҳад!

Ферма бар остона бозмонд ва баргашта нигарист: «Ҳуҳ, соддаҳо... Замона дигар шуд, хаёлашон, одам ҳам дигар мешавад... Одам ҳамон одам, гарчӣ Осмон часпад ба Замин. Хаёл кардам барои ман ҷон кандаст, ин ҳама ҷонканӣ барои худаш будаст... А, Осим! Ту хабар дорӣ, ки аз колхоз чизе намонда? Баробари аз байн рафтан молу ҳолаш низ бардошта шуд. Он барраю бузғолаю гӯсолаҳо куҷо шуданд?!»

– Раис донад, муҳтарам Ферма! Худатон бо он кас маслиҳат карда, саршумор ба хешу ақрабо тақсим карда додед, ки замона безеб; хезаду як кору ҳол шавад, девор дарун гардад.

– Худо якта, душмани асосии ман худатӣ! Гумон карда будам, дар тангтарин ҳолат дастгирам шавӣ, аз пода пеш

чанг дорӣ! Ёри ман Худо! Ҳамат аз ман рӯ гардонӣ ҳам, Худо рӯ намегардонад! Ӯ ҳамаро мебинад, ҳамаро медонад!

– Аз пода пеш худатон чанг мекунед! Ман буду шудро гуфтам! Бист сар барраро ба Бисоҷ додед? Додед! Ҳабдаҳ сар бузғоларо ба номи Битоҷ буз гузарондед? Гузарондед! Гӯсолаҳои рихинро паҳлӯйи номи Гулбасар «Гови зотӣ» нависондед? Нависондед! Не, гӯед! «Не!» гӯед, ман ҳамашро ба гардан мегирам!

«Нееееe!!!»

– Акнун «Ҷӣ!» гӯед!

– Оҳ, чӣ номардед, шумо?! «Не» гӯ, гуфтӣ, «не!» гуфтам. Акнун мехоҳӣ, ки «ҷӣ» гӯям! Не! Дар ъурмам ман «ҷӣ» нагуфтаам! Мебинем, кӣ «ҷӣ» мегӯяд?! Ман писари кӯри Тоҳир!!!

– Бас! Бас! Ҳама медонанд, ки шумо писари кӯри Тоҳир, Ферма! Лекин ба гӯши кари ин шахи сахт дод задан чӣ фойида дорад? – Маслиҳат дод ревизор. Аммо Ферма гӯш надод:

– Дидагем – дидагӣ! – гуфт ва дандон инҷ карда, дасти чап миёни чатан бурда чизеро сахт дошт ва каҷак – каҷак ба шахча наздик шуда, бо дасти рост тугмаи шим кушод; зеро заҳр танг карда буд дар пушти зин. Чун чашмаш ба мурдаи гургону барфҳои лоларанг афтид, аз тарс мезаш гурехт. Ҳолиё баробари аз дар сар бурун овардан сармо расид ба танаш ва фарошо гирифт. То ба шахча расид, ки эзор тар кард. Сабилмонда аз чоки шим баровард. Росто хармез кард. Барфи сард аз мези гарм охурча гашт ва зардобранг.

«Харҳо дар об мезанд. Фермаи мо бар барф!»

Гӯшона гуфт Ревизор ва паҳлӯйи Ферма, истода ба по, шошид.

– Худат сагмез кардӣ, Ҳулол.

– Солам Саг. Соли шумо, ки Хар аст, хармез мекунед. Соли Осим Модиён...

– Ту бисёр ба Осим начасп, лаққӣ! Моро ба об занад ҳам, ба оташ занад ҳам, ҳамун Осим мезанад. Кораш пухта... Ману ту аз ҳаво гап мезанем. Чӣ куҷо шудагӣ? Ҳамун медо-

над. Ту фақат Худо гӯй, ки гӯсола чаппа наояд. Медонӣ-а? Гӯсола, ки чаппа омад, ҳам гов мураду ҳам гӯсола.

– Гап гапи раиси Калон. Ҳар чӣ ӯ гӯяд, он шавад. Агар хоҳад, қотилро аз коми аҷал халос карда, бегуноҳро ба бало печонад. Ёдат ҳаст, ревизори пешинро чӣ кор карда буд? Собируфро? Мурдеш озод шуда омад... Аз зиндони Роҳатӣ... Гапи бисёр – харро бор. Ту хеши Хол, забонашро ёб, гургонро диҳад, пушти аспон партофта барем. Корамон рӯғанӣ мешавад. Гар не, кора бало мезанад.

– Натарсед, Ферма. Худам ҳастам. Линги ҳамеша аз осмон меорам!

– Ҳавои даҳан! Ба ту тақдири Собируфро мисол овардам. Аз дасти инҳо халос мехӯрд, Собируф халос мехӯрд. Бо он ҳама донойию ҳушёрӣ ба доми фиреб афтид... Пойи тобуташро худат бардоштӣ.

«Хешам! Холбой! Ягон гургхӯрда нест?!» – Сахт худро хешу наздик гирифта, бо мӯзаи керз ғаж-ғиж барф зер карда пеши чӯпон омад: «Наход аз «ҷанги одаму гургон» ягон маслух намонда бошад?»

– Бинед! Нест! Аком худаша куштасту намондаст, ки моле талаф ёбад...

– Яктеша куш, «талаф» менависем...

– Ако! Вай моли колхоз буд; ман мекуштаму шумо «акт» менавиштед. Ин моли чакана... Ман ҳақ надорам, ки ба чашми Худо хок занам...

– Худо медонам ба куҷо нигаристанаша... Ҳамаро монда, ба ҳамин кодоки ту нигарист...

– Ман намедонам... Худо донад чӣ кор карданро... Хоҳед, дилу ҷигари гургонро канда диҳам...

«Кун! Канда те!» – аз он тараф, ки Ферма роҳи омадани Осимро мепойид, дод зад. Осим тагбанд таранг карда, аз паси чӯпонхона баромад: «Чӣ бало?» гӯшҳояш хунук хӯрда бошанд ҳам, гӯшакҳои телпаки самуриро фуроварда наметавонист, зеро чунин телпакҳо қолаб доштанду гӯшак не; телпаки Ферма аз пӯсти барраи ҷаъдмӯй, монанди Осим палтопӯш. Лек палтояш ба сони палтои сармуҳосиб гиребони пашми қоқум надорад, балки ҳамсони гиребонаш

ҷаъдмӯйи тиллоранг. Аммо Ҳулоли ревизор аз болои тоқӣ фӯта кашида, гӯшҳояшро низ мебаст. Чун меҳрубонӣ карда, фӯта дарида дастони Шубонро печид, гӯшҳояш аз сармои сахт ба сӯзиш даромаданд. Каф зада дошт гӯшҳоро ва рӯ ба сармуҳосиб овард:

– Хол мегӯд, ки шумо мол надоред, ин моли чакана!

– Аз ҳаво гап зада намешавад... Ҳуҷҷатҳоро дидан лозим.

Садои ревизор боло шуд:

– Не. Мо гургонро яклухт бурданӣ...

– Чӣӣӣ?! Кӣ ба шумо гургон доданӣ?!

– Ба сарат бало нахар, Хол! Аз дасти шумо як гург намемонад. Гургҳои Тоҷикистон дар китоби Сурх дарҷ шудагӣ. Ин мол моли чакана бошад, мон хуранд буд. Барои моли ким-кӣ шуда худро ба бало монондан чӣ зарур?

– Гургҳо имрӯз моламонро хуранд, фардо худамонро мехуранд...

– Хуранд! То дар бало мондана хуранд хуб нест?!

Хол қаҳринамо ба кодок даромад ва олотҳои гургкуш: камону табару асо ва корди хунолудро рӯйи дасти чап дарза бардошта баровард, ки меҳмононро асбоби айёнӣ нишон медода бошад.

– Ин олотҳоро нашӯй, Хол! Мон ҳамту хунолуд истад. Як рӯз ба кор меояд! Сураташонро гир!

– Ман суратгирак надорам, Ферма!

– Тилфонат суратгирак дорад!

– Ёд нагирифтаам.

Ферма аз кисабағал гӯшӣ бароварда, сурати олоти гургкуш бардошт. Чӣ андеша ба сар зад, ки аз дари чӯпонхона сар халонда, сурати Шубони сукутрафтаро гирифт ва баргашта, сурати гургҳои мурда ва молу кодокро сабт кард: «Барои рӯзнома. То рӯзноманигорҳо бохабар шуда, меоянд, ки аз ин даррандаҳо нишоне намемонад. Чунин ҷанг, ҳатто дар «Шоҳнома» нест. Ман ин қаҳрамонии Шубона ҳамту намемонам! Ба тагаш мерасонам! Ин чор дарранда метавонист чанд рамаро барҳам занад. Лекин қаҳрамонии Шубонро бинед, ки як мол нобуд нашуд. Қаҳрамони даврони мо –

Шубони далеру диловар душманро несту нобуд сохт! Зинда бод, Қаҳрамон!»

Саворон дар уреброҳаи Қумбел аспонро пошна намезаданд, балки харвор мерафтанд онҳо: гӯшҳо афтида ва сарҳо хам бо даҳони хушк баргаштанд. Як дастаи ҷанговарони мағлубро мемонданд, ки дар набарди нобаробар талафоти зиёд дода бошанд.

«Як дарза беда надод-э!»

Ферма ба худ гуфт ё ба ҳамраҳон? Садое барнаомад.

Аз гарданаи шахи Гаҳвора зузаи гург омад. Гӯши аспон чур шуданд, ки зуза ба зузаи гург монанд нест. Аммо чунин тафовутро саворон пай бурда наметавонистанд; зеро забони ҳайвонро намедонистанд онҳо. Аммо ҳайвонҳо лаҳҷаи якдигарро хуб мефаҳмиданд. Аспон дарёфтанд, ки гургони чилла ҳам маст ва ҳам гурусна. Мастиашон болотар аз гуруснагӣ.

**3.**

Миёни киштаҳои Дашти Малла ва заминҳои Давсану Раҳрав, Калтановаю сойу сойча ва талу теппаҳои он рамае пайдо шуд, ки ба сони ёв заминро мелесид. Дуруши ин мол як гӯши аз нисф бурида буд. Ҳамон гӯше, ки то ин вақт дуруши тунукагии фермавӣ дошт. То нашиносанд, дуруш бо ними гӯш бурида партофтаанд. Моли «Хоҷа Аҳрори Валӣ» шудаст. Молбон молҷаллоб-даллоли молбозори «Сари пул». Марди даҳанкалони деҳ, ки ба қавли деҳиён «шохи говро бо думи гов ҷанг андозад». Бе ҳеҷ гапу калоча ба шиносу ношинос нӯки панҷа аз остини ҷома бароварда, даст дароз кунад, ба гап ҳамроҳ шавад; гар мардон аз ӯ бим карда хомӯш монанд, даркору нодаркор чизе гӯяд, ки ҷой надорад: «Писари Қодир заминҳои колхозиро гирифта, «Хоҷагии деҳқонӣ» кардаст! Марду-у-м! Аз гушнагӣ мемуред!» Ягон кас тагу тирези молҷаллоби бадафти димоғдор ва тораҳои абрӯ бар миҷгон хамидаро донад, гапаш ба даҳони худаш мезад: «То қовили моли колхозиро дуруши нав андохтани ту нест, Ҷаллоб?!» Ва манша мегирифт сӯҳбати сари гирдсанги зери садаи канори истгоҳ ва ба арбадаю таънаю даш-

ном мерасид ва баъзан то хунрезӣ. Онҳое ки феълу атвор, кору кирдор ва бехудойиашро медонистанд, баробари сари Гирдсанг пайдо шуданаш хараку ҳамсӯҳбатонро тарк мекарданд; ҳангомахоҳ ба сӯҳбат гӯш дода хапу дам менишаст, ки ин бор чӣ бадгӯйиҳо мекарда бошад ва дар дил аз дурӯғу тӯҳмату иғвояш механдид: «Аввал гиребони худ бибӯй, пасон дигаронро бигӯй!». Файёз, ки писараш талабгори раисӣ буд, мекафид: «Ту он нестӣ, ки даллолӣ карда, сурук–сурук молро бо мудири ферма ба савдо мезадӣ, даст медодию «як ҷон таги тор» молро аз бозор мебаровардӣ ва дубора баргашта, барраю бузғола ва моли гаргин мехаридӣ, то саршумори мол побарҷо бошад? А! Ту ҳамон нестӣ?!»

– Ман ҳамон! – гардан ёзида, хурӯсҷанг карданӣ мешуд. – Ман дасти туя доштам?! Ту ҳам хар буд!

– Ҷое ки ту ҳастӣ, ҷиянат – Ферма, домодат – Сармуҳосиб, додарзодаат – Ревизор, ба ман мол медиҳанд?! Ҳамаи хамунҳоро худат бо Ниҳоятуфи Ҳукумат гапзанон карда ба кор мондӣ! Ними ҳамон мол ҳам ба номи онҳо. Ту чӯпон! Забонама нахорон!

– Нахорон?! Буррида пеши саг мепартоям!

– Мехурӣ! Саг, ки ҳастӣ, мехурӣ! Ту ҳамон саги Алойи гургшудаи моли Шубон. Гург мешавӣ! Рамаро чӯпон!

– Ту бо кӣ шӯхӣ дорӣ?! Бо ман?

– Сар те гиребонама! Ман аз ту қарздор нестам! Ман аз ту муттаҳам нестам! Дар он мол ҳаққи ҳама колхозчиён ҳаст! Моли миёна! Ба нағзи сар те!

– Аввал мекушам, баъд сар метиям! Ҷавобашро ҳам медиҳам! Ту бо кӣ бозӣ дорӣ?!

– Бо ту!

«Бас!»

«Айб!»

«Дараро шармсор накунед!»

Ситези Додхоҳ ва лутфи пандомези асобадастон нафорид ҷаллоби ҳиққааш дар осмонро, ки на танҳо нозгунҷ ва маслиҳатгари раису фермаю дигарон буд, балки намакхӯрда ва молбони ҳукуматдорон низ буд. Чун дастогиребон бу-

данд бо усули навомӯхта сар ба бинию чашм бо тамоми нерӯ сахт заданӣ буд, ки гӯшаш ба даҳони Додхоҳ омад ва ҷавонмард кирт гӯшашро газида, туф кард. Гӯш ба замин бархӯрда чун моҳии афканда ба рӯйи реги соҳил ҷонбозӣ кард ва беҷон гашт.

Дилсӯзе будаст, ки аз дӯкони зери сада қанди сафед гирифта, кӯфта, ордак кард ва ба гӯши хуншори Ҷаллоб пошид, то хунаш ист кунад. Вале чун Ҷаллобро ҳишша гирифта буд ва нафасаш сахт-сахт рафта меомад, хунро фишор медод, ки қанди хокаро рангин гардонида, мебаромад: «Ту тиррончак бо собуни ман ҷомашӯйӣ накардайӣ! Хуната намаккам, номама мегардонам!»

– Ту худат, ном ҳам надорӣ!

– Хайр, хайр... – Ришак кашид ӯ ва гирист ҳиққааш пур гашта, ки Ҷаллоб лақаб дошта, аз як кабудчашм шаллоқ хӯрд.

Рӯзи дигар милисаи музофот пайдо гашта, Додхоҳро бозпурс кард, вале як суханаш ба эътибор нагирифта, додгоҳ бурд. Бо аризаи шикоятии «ҷабрдида» ошно кард, ки суханони нестандарҷаҳон навиштаст бо ҳама бесаводӣ..

Баёноти Додхоҳро худашон навиштанд, ду канори коғазро ҳошия гузошта, ки дар «парвандаи ҷиноӣ» дӯхта мешавад... пасон Додхоҳ фаҳмид, ки чӣ гуноҳи азиме содир карда будаст: сарони номдори деҳ, ки аз табори Ҷаллоб буданд ва ҳама мушкилосонҳоро мешинохтанд, паллаи тарозуйи ӯро зер мекарданд ва одамони худотарсу шоҳидони барҳақ кафаи тарозуйи Додхоҳи бегуноҳро; аммо шаҳини тарозу дар дасти қозӣ буд... Аз муфаттиш то додситону қозӣ макиданд шираю хуни ба ном гунаҳгорро ва паллаи тарозӯяш сӯйи осмон рафт, сол ҳам гирифт: «Бо афви президентӣ озод мешавӣ» чунин буд ҳукми тасаллибахшашон. Азобу ранҷу истинтоқ ва хорию зорӣ ба ҳадде буд, ки гунаҳгори бегуноҳ чунин ҳукмро «озодӣ» медонист.

Ҷаллоб нишонадор шуд, «Буча» лақабаш. Ин лақабро аз хари «буча»-и Бойбобо ба ӯ часпонданд, ки нӯги гӯши рос-

таш чунон шикастаю хамида буд, ки то бо диққат нанигарӣ, пай намебурдӣ, ки гӯши хар солим. Сифати тозаи ӯ нав шуд: «Буча». Надонистаҳо лақабҳои ифтихории пешинро мегирифтанд; зеро гӯши буча зери фӯта пинҳон буд, ошноён гумон доштанд, ки гӯшдард шудаст. Аммо беш давутоз кард, ки гӯшашро духтурон дӯзанд, натавонистанд. Ҷарроҳе корчаллон барои дили ӯ, ки боре аз бозори Сари Пул серка савдош карда буд, пораи гӯши кандашуда ва хуну обаш гурехтаро, дар ҷояш часпонд. Аммо пайвандии беҷон нагирифт. Алами Буча беш буд аз дарду алами Додхоҳи зиндонӣ.

«Бо ман шӯхӣ накунед. Ҳар кӣ бо ман душманӣ кард ё бадӣ, сарашро хӯрд!» – забон дароз шуд ӯро. Оҳиста-оҳиста касеро писанд намекардагӣ шуд ва аз ҳокиму ҳокимчаҳо сухан мекард. Унвондор ҳам шуд: «Назаркарда». Ин унвонро худ часпонд ба хеш: «Шӯхӣ бо ман накунед! Ман назаркарда!» Мардумро нафорид чунин беэътноийи ӯ ва ситезиданду роҳпаймойӣ карданд ба дари ҳукумат: «Соҳиби моли колхоз шуданаш кам буд, ки киштаҳои мардуми иҷоракорро ба молаш мехуронад, касе нест, ки нӯхтаи ӯро бикашад!» роҳпаймоёнро даромадан намонда, дарраю сӯтта заданд; чандеро ба зиндон андохтанд... Оқибат қарор шуд, ки мол аз миёни киштзорон барорад. Ӯ мол ба чарогоҳи Сӯхтаи Калон бурд. Ба чӯпони дучоромада фармуд, ки молашонро ба чарогоҳҳои дигар ронанд; ин чарогоҳ ба рамаи Калонпояҳо вобаста шудаст. Ва зебанда ҳам ҳаст; чунон зебанда, ки на танҳо мол орому бо назокат мечарад, лаззату ҳаловат ҳам мебарад. Чунон манзара, ки одам аз ин сабзаю гулу гиёҳ баҳра гирад; даҳан андозад ба марғ. Аз зери суми мол бӯйи гулу гиёҳ бархезад ва бо бӯйи ҳаловарбахши бурс омезад, биҳишт гардонад манзараро. Муғҷаю шукуфаҳои шодибарра, пардарӯсак, почаи зоғак, лолахасак; қамчинаки тухмбастаи миёни баргҳои рӯйи замин паҳнгаштаи ревоч, гули зарди кӯмоту ӯған андар ёнаҳо, шим-шими борони зери ағба, ба рӯйи баргҳои буттаю дарахтон марҷон бастани қатраборон ва акси офтоб дурахшон карданашон олами на-

миранда, биҳишти рӯйи замин бувад. Замбӯруғу мунда ва асали замбӯри зардак ҷустани чӯпон аз бехи кӯмоту танаи ковоки он одами ҷаннатии ба доми шайтон омадаро монад. Ҳама ҷо тар. Саропойи чӯпони нав аз зери бурс баромада низ тар. Зери бурс чӣ ёдҳо кард, чӣ андешаҳо, вале ҳеҷ хулосае набаровард, ки Худованд ӯро чунон офарида ва ё худ чунин хӯ гирифта? Шим-шими борон рамаро ба андеша водор карда, ки қарор истода, аз наҳорӣ монда, ки мабод миёни гулу гиёҳи тар гиёҳи равони заҳри ҳалоҳил – Оғу ҳамсони алаф ба даҳон ояд ва нафси бад фурӯ бурда, якмарг гардонад; айнан чӯпон ҳам аз ин боб андеша дорад, ки Парвардигор ба муқобили ҳамагуна хубӣ бадӣ низ офарид. Аммо ӯ надонад, ки некӣ чист? Оё ба хотири худу нафси бади хеш хидмати касеро ба ҷо овардан некист ё узри батар аз гуноҳ?

Се нафар қад-қади рудак, гоҳ аёну гаҳ пинҳон, шеб меомаданд. То ба ҳамвории сералафи поймоли рама расидан чизе ба чӯпон рӯшан набуд. Чун саропояшон аён нагашт, ӯ шикорчӣ мепиндошт, вале асою камонашонро дид ва беулов буданашонро донист, гумонаш ботил баромад. Ду саги сиёҳи, ба қавли соҳибаш «одамхӯр» аз рама ҷудо гашта, парто-парто ба пешвозашон фуромаданд ва акзанон ҳуҷумовар шуданд. Чун эшон асо ба ҳаво бардоштанд ва камондор онҳоро нишон гирифт, фӯта ба сару гӯш бастанро фаромӯш карда, сагонро пас хонд: «Сиёҳ, баҳ! Меҳмон!» Сагона сухан гуфт: «Баҳ-баҳ! Тур!» ва ба роҳгузарон мурочиат кард: «Наандозӣ, ки ҳама барбод равад!» онҳо лафзи ӯ нафаҳмиданд, ки ба якдигар нигаристанд.

«Элқӣ надидӣ, ашно тажик?» – фармуд камондор.

Чӯпон китфон дарҳам кашид:

«Не волло! Аз мурдани худ хабар дораму аз элқӣ не!»

«Элқимон дар асписти паси ағба буд, гум шуд».

Чӯпон боз дастон ба ду тараф кушод: «Надонам. Ин тараф меомад ё ягон кас мегузаронд, медидам. Аз худама мешиносам, ки молгумкунии мою шумо ҳаст. Як сарсонии

сарзиётӣ».

«Мо аз Мазори Шариф. Ман тоқбегии ҳамун – ҷа».

«Э, буродари худамон-ку! Ман бисёр рафтагӣ он ҷо. Дар кӯбкориатон будам, дӯстам Камол Мерган!»

«Ман ҳам шуморо шинохтам, ашно. Лекин чӯпон буданатона намедонистам»

«Замона дигар шуд. Кӯбкориро манъ карданд. Мо ҳам дигар шудем».

«Ба назарам, шумо ҳиҷ дигар нашудед: дар миёни ин боғи Ирам магар одам дигар мешад?»

«Ба қӯш марҳамат кунед. Як коса айрон...»

«Ҳанги боло рафтан намонд, ашно. Ишкамбаи айрона ин ҷо биёред, намешад?»

«Мешад дӯстам...»

Айрон бурд онҳоро. Хеле нишастанд. Пайи суми асп ҷустанашонро гуфтанд:

«Фақат дар гарданаи шахи Сиёҳ як пай дидем. Баъд гум кардем».

«Ман ҳиччӣ гуфта наметонам, буродар...»

«Омин! Ба нону намакатон розӣ шавед».

«Яка ба ҳазор розӣ. Омин! Тани сиҳат, хотири ҷамъ, дили беғам!»

Сарнишеб шуданд онҳо. Чӯпон дар бари ёна каҷпаҳлӯ зад такя ба асо карда ва ба хаёл рафт: «Нав нест дуздиҳои ману шумо; медуздед, медузданд. Лекин ин замона дигар: ҳуқуқи мардумони мо поймол шудаст. Каси онро ба тартиб меовардагӣ нест. Дуздию тозӣ ҳам пурс надорад. Дуздро, ки доштанд, ҷобаҷо мекушанду мурдааш ба зоғу заған партофта рафт. Милисаҳои бенӯхта ҳам аз пайи куштор намегарданд, ки суд надорад; чунки дузд кушта шуд, каси бо онҳо ҳисобу китоб мекардагӣ нест...» Бадани чӯпонро фарошо гирифт ва ба пӯсташ мурғак давид. Банди даст дастмол кард. Доначаҳои арзанмонанд дошт. «Дунё ҳамвор нест. Гоҳе ҳамвор мешавад, ки қиёмат қойим гардад. Он вақт дар миёнаҷойи Замин як тухм гузорӣ, аз чор ҳадди олам нигарӣ, бинӣ. Лек кай мешуда бошад ин баробарӣ? Албатта баъди

сари ман...»

Мол тӯрид. Чӯпон ҷаста хест. Ба ёнаи сойи Тут нигарист, ки саги Ало – ҳамон кучуке, ки худаш ба Шубон дода буд, барраеро паси гардан газида мебарад. «Ҳоҳ!» гуфту «гир-киш» ва «Ҳооо, Сиёҳ, баҳ!» Лек сагони мол аз паси гумҷӯйҳо акзанон чунон дур рафта буданд, ки на садояшон меомад ва на овози соҳиб мешуниданд... Сагон як ваҷаб ка-шол забон, оне пайдо гаштанд, ки Алою Бӯр дар он бари сой яктойӣ барра газида, қиранги Бошахонаро убур карда, сӯйи Гургхона мерафтанд. Чӯпон ангушти ишорат он сӯй тир карда, гургон нишон доданӣ шуд ба сагон. Сагон бехи гӯшони бурида сиху ҳушёр дошта он сӯ нигариста, чизе на-диданд; зеро саггургон ба сойчаи Бошахона ҷо шуда буданд. Аз ин рӯ сагони мол ҳавола хӯрда то лаби об фуромаданд ва бозистода, об лойиданд аз ташнагӣ. Бучча-чӯпон ғазаб кард ба сагу ба роҳгузарон: «Аспатон саратона хурад, шумқадамҳо!» Лекин асоро сахт қабза гирифта, омода ба ҳуҷум истод, то адаби сагҳоро диҳад: «Аз пайи ҳамон ҳаромҳо рафта, гуҳ мехӯрдед? Ҳаромҳо! Ба қадатон ҳамин калтака нашиканам...» Сухани таҳдидомези чӯпон дар даҳонаш монд; чунки Алою Бӯр миёни бурсзори Гургхона як ба чашмаш хӯрданду боз паси бурсҳои сабз шуданд. «Гиркиш!» боз ангехт сагон. Онҳо аз сари об ак зада ҷониби соҳиб омаданд. Соҳиб хито гашта, асо бар онҳо андохт: «Пеши ман гуҳе нест, кучукҳо! Он сӯ! Ана он ҷо! Гургхо-на!» Сагон думи кӯтоҳбурида ликконданд. Соҳиби ошуфта санг зад ба онҳо: «Бӯ гирифтанд! Халосӣ нест! Сари Ағба ҳам мераванд, ҳаромҳо!» Боз санг андохт. Ин бор нарсаг реб дода натавонист. Балки сангаш ба санги дигар бархӯрд ва паррида ба дасти чапаш зада, фиғонашро баровард. Як ба сар рафту бархоста сепоя шуд ва ванг-ванги беш карда, во-вайло рафт; гӯё соҳибро ҳам дашном мекарду ҳам дуъо. Соҳиб сари ҷаҳлу ғазаб «Хуб шуд! Аз ин батар шавад!» гуфта алам тоза кард ва яке пеши чашмаш барра бурдани саггургҳо омада, дамаш дарун зад: «Болои сӯхта – нама-коб...» Саг иринҷосзанон як даст кашола ба обканд фуро-

мад. Чӯпон ғурғуркунон аз пасаш рафт, ки саг ёзида лаби чашмаоб нолакунон даст мелесад. Болотар, дар бари ёна, серкаҳо огоҳ аз моҷаро сари сангҳо баромада бо шигифт менигаристанд ба соҳиб ва инг-инги саги сангхӯрдаю дастшикаста меомад. Гӯсфандон низ гӯшҳои солиму нимта сих медоштанд тӯрида. Чӯпон ҳамсанги дашномҳои ба сагон дода, гумҷӯйиҳоро низ ҳақорат мекард: «Пайи қадаматон хушк шавад! Аспатон пеш-пешу худатон аз қафо!» Пеши саги Сиёҳ фуромад. Саг хеста, ликликон шеб рафт. Соҳиб ба гуфтор даромад: «Баҳ! Ту ҳам ба ҷойи ман мебудӣ, ҳамин хел мекардӣ, Сиёҳ. Беҳуда аз паси ун бефайзҳо ҷакида кашол шудӣ, саггургҳо аз ин ҳол истифода бурда, ғофилгир карданд. Якбора ду барраро бурданд? Ба соҳибонашон чӣ мегӯям. Ҳолатро ба онҳо нишон дода натавонам. «Гург бурд» гӯям, чуба азони худата набурду азони мана бурд, мегӯянд. «Фурӯхтӣ!» мегӯянд. Чунки чӯпонон вақти тӯл ҳамин корҳоро мекунанд. «Бачча партофт, мурд, гург бурд, шағол хӯрд, аз шах парид...» Хуб, инаш ҳам як бало! Лекин ҷабран шикастани поят сад бало. Саггургҳо бӯю хӯ гирифтанд, биллояъзим як мол монанд. Онҳо пиртуллак шудагӣ. Ҳазор сагро фиреб медиҳанд... Баҳ! Ин ҷо биё. Биё, намезанам. Поятро мебинам. Шикастабандӣ мекунам. Нагурез, намезанам. Сари ҷаҳл ин корро кардам. Дар асл дӯстат медорам. Ту набошӣ, ҳолу рӯзам як пул. Набудани туро дониста, ба рама заданд саггургҳо. Мебудӣ, мемондӣ, ки барра гиранд? Лаънати Худо бод ба ҳамун аспдорон! Нагурез! Биё аз пасам. Таги тут меравем, параха меёбам. Дастата шикастабандӣ мекунам. Асли қадим мешад. Агар нашавад, пояма газ; худам медорам, газида, гӯшташа канда, хур! Аламат мебарояд. Лекин ҳоло ба гапам гӯш кун. Биё! Биё, бе ту ҳоли ману мол як пул. Аз дасти Килла ҳиччӣ намеёд...» Саг гӯш накард. Қаҳру зуъм дошт. Худи чӯпон сари қӯш рафт. Аз дастархон як пора нон гирифт, ҷули кӯрпаро канд. Параха ҳам пайдо кард. Баргашт ба назди саг, ки Килла мелесид дасташро. Чӯпон пойи рафт боздошт. Хеле синҷаю озмуд кард ва сурфид барои огоҳ кардан. Килла

баргашта нигарист ба чӯпон. Сиёҳ чашм кушод. Чӯпон нон дароз кард. Сиёҳ сар тофт. Килла лаб лесида дум ликконд. Чӯпон наздик омад. Нон ба фӯкаш расонд. Саг бӯ накард. Ӯ пораи нон пеши фӯки саг гузошт. Саг сӯйи Килла нигарист. Чӯпон сарфаҳм нарафт, ки чӣ маънӣ дарад нигоҳаш. Оҳиста ва боэҳтиёт даст бурд ба дасти саг ва сиголид. Сиёҳ ором буд. Даст-даст карда, ҷойи шикастаро ёфт. Чун ёзонда пораха гузошта, бастанӣ шуд, саг нолиш бароварда хост бархезад, ӯ ба хоҳиш даромад: «Ором-ором, як дамак. Ана ҳамин парахаро мемонам, мебандам... дард кунад ҳам хап биист. Худо хоҳад, асли қадим мешад... Ана дидӣ, як тоби дигар». Аз зону поён ҷулро печонд аз болои чаҳор парахаи нафису борик. Гиреҳ андохта, оҳиста-оҳиста кашида таранг баст: «Акнун нона хур. Қувват мешад. Бадиҳоро меронад. Фақат зуза накаш, ки хосият надорад».

## 4.

Ало ин молро мешинохт ва мол Алоро. Мол намехӯсид, наметӯрид аз ӯ. Ҳар бори хаппак ба мол ҳамроҳ шуданаш гӯсфандон ӯро мебӯйиданд. Чун бӯйи гург кунад, якбора рамида селосо худро ба каноре мезаданд ва фирк-фирк бинӣ афшонда, дараки хатар медоданд. Шубон огоҳ аз хатар гашта ҳойу ҳуй мекард, ба ҷойи он ки тир занад, «баҳ-баҳ! Ало, баҳ!» гуфта онро доштанӣ мешуд. Аммо Ало найранги соҳибро пай бурда, рӯбоҳона борик мегашт, дум миёни чатан мезад ва пас-паси буттаю харсангҳо мерафт ба сӯе, ки Бӯр нигаронаш буд. Шубон ҳар бори дидани Ало камон рост мекард ба душмани хонагӣ, вале тир намекушод, ки ҳайф шавад тири хирсафкан; чунки душмани асосӣ хоби чилла рафта, чун бархезад, на тир писанд кунаду на чӯпон. Ало низ роҳу равиши хеш дигар кард: баробари фӯк ёзида, ӯро бӯйидани мол аз гулӯяш мегирифт. Мол як «ваъ!» мегуфту дамбадарун мешуд. Ало як дам ба замин пахшаш мекард, то ҷон барояду вазза гирад. Чӯпон гоҳ мешунид ин садою гаҳ на. Ё рамида, канор тӯда задани онҳоро дида, садою гиркиш медод. Ало хандида ба нодонии Шубон, ки мол

ба гург «гиркиш» диҳад, маслухро ба зов, обкан ё паси харсангу буттаю дарахтон мекашид, ки Бӯри маъшуқа нигаронаш буд. Баъдтар Бӯр ҳамроҳи Ало меомад миёни мол ва онҳо чӯпон шуданд. Ало аз гардани меше дошта ба сойча мекашид. Бӯр аз дасти шӯ мегирифту назди баччаҳо мебурд. Баччаҳо бозӣ мекарданд бо мол ва шикор меомӯхтанд; чунон ки гурба шикори муш омӯзад ба гурбачаҳо ва онҳо бозӣ ба бозӣ гиранд ҷони муш.

## 5.

Аммо зуза кашид нарсаги сиёҳи дасташ шикастабандӣ, фӯк сӯйи осмон дошта. Чӯпон як қад парид ва арбада сӯйи саг кард: «Гуфтам зуза накаш! Бало меорӣ! Балойи осмонӣ ё балойи заминӣ, кас надонад, вале яке батар аз дигаре! Боз некӣ карда дасти шикастаатро бастам, ки балоҳоро ронӣ, вале ту мехонӣ! Чӣ дидӣ дар осмон? Лашкар омад? Парӣ омад? Дев омад? Чӣ омад? Дилам баъди зуза заданат сиёҳӣ пайдо кард, гуфтам, ки «зуза назан!» Ту балоро хабар мекунӣ Сиёҳ, ё меронӣ? Агар ронӣ, зуза бизан! Лек ман донам, ки замони балоро рондан нест. Замину замонро бало гирифтаст, кадоми онро пеш мекунӣ? Балоҳои ин замонаро аз дар ронӣ, аз тиреза дароянд! «Ҳуввв-ҳуввв-ҳуҳуввв!» кард дуру дароз саг ва чӯпон ба танг омада аз гирду пеш чӯбу чахс кофт, ки зада кушад онро. Зеро балойи азиме ҳамроҳи осмон ба сараш мефуромад. Абри сиёҳи азим, ки ба назари ӯ сад баробари шахи Сиёҳ ҳаҷму вазн дорад; гар бар замин нишинад, онро фурӯ нишонад. Худ аз худ даст бар сар бурда пӯшид ранги кӯдаке, ки ба сараш зиёд кӯфта, обсар гардонида бошанд. Таги дарахти тут давид, то саробонаш гардад. Килла сари овози сиёҳро гирифт монойи зани мотамдор, ки сари овози гӯяндаи мурдахонаро гирифта, ҳама дарду алами хеш гуфта, дил холӣ кунад. Ба гӯшаш расид: тамоми гургони Гургхона миёни бурсзор омада зуза оғоз карданд ва рама дар адир наистода, зери тут омад ва фирқ-фирқ кардан гирифт. «Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим. Ҳар балою ҳар вабою ҳар қазою ҳар хатое пеш ояд, дафъ

кунӣ, Парвардигор!» хонд чӯпон. Се бор сураи «Ихлос» такрор кард ва ба атроф куф. Лек тарсид, ки дар умраш чунин натарсида буд. Ба «куф-куф» ҳам тафси тану ҷонаш паст нашуд. Аз бемадорӣ такя ба танаи тут зад. Сахтӣ кард танаи тут ва нерӯйи хеш пай бурд, ки аз чашмаи буни дарахт як панҷа об бардошта ба рӯй пошид ва аз таъсири сардии об «ҳа-ҳа-ҳа» ҷон гирифт ё сахттар тарсид. Гӯйӣ худ не, каси дигар ба рӯяш нохост об зад, ки тарсро буррад тарс. Гӯшҳояш ҳуввос заданд, ки гурги зузакаш ҷой шуда бошад он ҷо. Аз тарсу ваҳм duздона ба фазо нигарист, ки киштии кайҳонӣ буд ё ситораи парронро оташ хомӯш гашта, ранги шахи Сиёҳ меомад, бало меомад. Гӯшаи чашм андохт: ҳаво соф, офтобӣ ва ранги чарогоҳ сабзу хуррам. Табаддулот, рангоранг ва торику рахшон шудани замину фазо дар мағзу чашми ӯ пайдо шуда буд ва ӯ дарку фарқ карда наметавонист, ки ин чӣ балост? Ба ҳар ҳол хандид: «Девона... Чизе тағйир наёфтаст. Воҳимаат калонтар аз осмону замин. Бурд, бурд. Буду шуд ду барра. Барои ҳамин ғами дунёро бояд бихурӣ. Ҳоло маълум нест, ки барраи киро бурд? Рафту аз ман бошад ҳам ғам мехурӣ. Бодовард буд, бод бурд. Дуъои халқ чизи ганда; моли мардум батар аз он. Пинҳон нест, ки мо моли миёнаро моли худ кардем; чанд тане, ки ғун кардаҳои колхозро пош додем; дидаю дониста пош додем, ки дунё бесоҳиб шуд, тарака бояд кард. Батар аз галаи гургон: гургон ягон-ягон баранд, инҳо яклухту якбора; рама-рама. Акнун пай бурдам, ки моли миёна сиёҳӣ зояд, на рама...» Ба чор тараф чашм чаронд: ба роҳи болою поёни қадоба, ба Гургхона, ба қиру талу теппаҳо ва як-як либос бадар кард; бараҳна гашт. Сатили лаби суфа бардошту ба оби чашма зад. Ҳангаш чунон рафта, ки сатили пуроб бардошта натавонист. Занона сари по нишаст ва дудаста сатилро бардошта об ба сар рехт, то тозаю тамиз гардад аз ҳамагуна ифлосию андешаҳои беҳуда ва ҳаромкориҳо. Сард расид. Хунук хӯрд. Тан ба ларза даромад, ки чиллаи зимистон бошад. Зуд либосҳои ифлос ба тан кашид, ки баъди об гирифтан ба тан бадбӯй буд пӯшок. Чандон эътибор надод,

балки чакман аз қӯш кашида ба бар кард, то ларзаи тан монад. Баракс чунон ларзид, ки дандонҳо ба ҳам зада, чиқчиқи қабурға шикастани сагро мемонд. Паҳлӯ зад ба қӯш. Полони хар низ ба рӯ кашид. Дертар беёд гашт, надонист, ки мурд ё ба хоби дуру дароз рафт...

Гоҳе чашм кушод, ки ҳамон рӯзи равшан. Замин тар, худаш низ нам кашида. Бӯйи гулу гиёҳ меояд баъди борон. Сараш дард дорад ва болои сараш се савора. Ҳайрон шуд. Нимтабассум кард. Зеро беш аз ин табассум карда наметавонист: ё зӯр намерасид ё ақл намегирифт. Дар аспи дигар баста дасту пойу даҳони писараш. Ҳамон писари худписанди даҳонкалони ҳама феълу атвор рафтору кирдори падар омӯхта; як себи дукафон. Ҳавои паҳлавонӣ низ дорад. Ба чашмонаш бовар накард. Чашм пӯшиду кушод, ки рост: ҳамон зайл ба чашмаш се савора ва писар бар аспони пушти луч; пойҳои се тан кашол, пойи писар баста аз таги шиками аспи ҷирани пешонӣ сафед, суми дасти чапаш ҳам сафед. Даҳан баста бо миёнбанд. Гардан қаҷ, чашми умед ба падар дӯхта. Одати писари ба худ монандро донад ҳам, бовар надорад, ки чунин рухдод дар бедорӣ бошад. Чашмон муштмол кард. Аз нав ба ҳама нигарист. Саворонро шинохт. Майна гиҷ кард, ки чӣ балое омада ба сар; зеро саворон аз ӯ «элқӣ» пурсида буданд, «аз мурдани худ хабар дораму аз элқии шумо не» гуфта буд. Инак ҳама чиз аён гашт, вале забонаш қуфлак афтода, ки сухан гуфта натавонад. Гар ҳуш дошт ба сар, аз рӯйи одат кайҳо ба пойи эшон афтода буд ва ё пойи бар паҳлӯҳои аспон кашолашон бӯсида ва ҳам сахт дошта, илтиҷо мекард: «Аз гуноҳи девонеки ман гузаред! Ӯ феъли кӯдакона дорад: ҳар моли бесоҳиброро бинад, оварда дар даштҳоямон бонӣ карда гардад, то пайдо шудани соҳибонашон. Пайдо гарданд, «гиред, баред!» гӯяд. Намедонам ба шумо чунин гуфт ё не, ба ҳар ҳол одаташ ҳамин...» Вале онҳо чизе нагуфтанд. Балки хомӯшона теғи нигоҳ доштанд ва писари Камол Мергани ошнояш камон рост карда буд сӯяш. Забонашро ғунда газид, сухан гиреҳ зад андар гулӯяш. Зӯр зад, то чизе фармояд:

– Аз барои Худо! Ба арвоҳи дӯстам Камол Мерган! Агар чизе нагуфта бошад ё аспонатонро дуздида бошад, камонатона ба ман диҳед, бо дастони худам парронам чунин фарзандро!

Аммо писари ба лабонаш скоч часпонда «Уъу! Уъу!» чизе гуфтан хоста, пойҳои баста аз таги шиками асп ва дастони ба пушт баста таранг мекард, то канад баста.

– Бало! Чӣ мегӯйӣ?! Дуздидӣ?!

«Ҳуъу!» – сар афшонд ба ду тараф.

– Оварда, ба ту фурӯхтанд?!

«Ҳуъу!»

– Чӣ охир?! Чӣ?!

Боз сар афшонд писар. Падар, ки пеши тир қарор дорад, рӯ ба камондор овард:

– Ба шумо ягон чиз гуфта буд, писари ошно?

Писари Камол Мерган зайле ки камон рост карда, чашми чап пӯшида, чашми рост танг дошта, нишонаш мегирифт, ангушт аз куланг барнамедошт.

– Дар мо «аввал пурсишу баъд кушиш» мегӯяд. Писари ошно, як бор лабони ӯро кушоед, ба забони ҳол омада, гӯяд, ки «чунин пастӣ кори ман!» худам аз асп нафуроварда, мепарронам! «Не» гӯяд, бо ҳамин дастонам, хафа карда, мекушам. А, ошно? Накушам, ман одам не! Илтимос, тед камонатона! Бегуноҳ бошад ҳам мепарронам ин хел писара!

Камондор ба ҳамраҳон нигарист, то чӣ фармоянд. Онҳо як-як гардан каҷ дошта китфон ба ҳам кашиданд; калонсолтари савори аспи сиёҳ сар ҷунбонд: «Не».

– Хаёлат, намешиносам? Пӯсти ту барин пиртуллакҳоро дар чармгарӣ мешиносам. Падарам Камол Мерган аз ваҷҳи худат чизҳое гуфта буд. «Домонат ба доманаш расад, бурида, парто!» Гуфта буд...

– Тӯба, тӯба, тӯба! Падарам ба он кас чӣ нағзиҳое мекарданд. Ба ин диёр, ки омаданд, ҷояшон хонаи мо буд. Ман бачча бошам ҳам хидмат мекардам. Омада-омада, имрӯз бадкори якдигар бошем, чӣ илоҷ? Илтимос, ҳамун камоната те! Ин ҳаромииро парронам! Намедонам, ин сагбачча ба кӣ рафтаст?!

– Сагбачча, ки бошад, ба саг рафтаст. Дилат мешад, ки писаратро парронӣ, ошно?

– Мешад! Фарзанде, ки элу авлодашро шармсор кунад, сазояш бояд чунин бошад.

Баъд гирист падар: «Теeee!!! Те, парронам!»

Камондор чун дид ва шунид, ки овози баланду гӯшкараш аз шаху кӯҳҳо акси садо дод ва воқеан дилаш сӯхту пухт, «маҳ!» гуфта диққаташ ҷалб кард ва баробари хапу дам гашта, сӯяш нигаштани падар камон сӯяш андохт. Вале ӯ ба доштани камон майл ҳам накард, аслиҳа ба пояш бархӯрд. Ӯ гӯё аз зарбу лати камон озор ёфта, фитода, дудаста зону дошта, ғалтанак зад ва ба камон нигоҳе накарда, вовайло рафт: «Умедама барбод додӣ!» Ва пиёда шудани камондорро дида, вале надида ангошта, оҳиста камон аз замин бардошт ва писарро дид кард: «Ту бояд пеш аз чунин кирдор мемурдӣ!» фармуд ва тир кард писарро. Писари Камол Мерган, ки наздик ба ӯ омада буд, нишон гирифтани ӯро бе ҳеҷ тааҷҷуб тамошо дошт, ки чун парронад? Ин замон писар хешро паси асп пинҳон карданӣ шуда, паҳлӯйи асп хам хӯрд, вале хам хӯрда натавониста, танҳо сар пинҳон кард. Падар талоши хестан кард, вале пояш иҷозат надод ба дард омада. Камон асо карда, нимхез шуд. Қадам андохт. Вазн ба камон андохта, базӯр чанде рафт ва наздик ба писар омада камон рост кард, ангушт ба куланг бурд, дилхонаи писар нишон гирифт. Хеле истод. Садое нашунид. Чашм ба онҳо тофта, нишон гирифт писари ошноро. «Накун ин корро!» садо баровард савори аспи сафед ва тохт овард ҷонибаш.

Падар то расидани ӯ куланги камон пахш кард сӯйи писари Камол Мерган ва камон пиқӣ карду напарронд. Миҷаи соҳиби камон хам нахӯрд, балки дасту пойи тирзан ларзид. Бори дигар тепкӣ пас кашид, то боз парронад, фурсад наёфт. Аспи сафед пуршаст пештана зада паррондаш, ки афтидаю ғелида, ба сойча фуромад. Садойи қаҳ-қаҳаи писари Камол Мерган баромад, ки ба ҳолу рӯзи ӯ механдид: «Шайтон! Падарам гуфта буд, ки шайтонӣ!» дигар чизе нагуфт. Камон бардошт аз замин. Шикаст. Мили холию сӯрох ба чашмо-

наш рост кард. Ӯ тарсид. «Бубин, ба сони дилу мағзи сарат холӣ». Аз тиркаши гирди миён баста тир баровард, ба камон ҷо кард ва милаш ба чакааш дошт.

«Дарду балота гирам, Писари ошно. Ман медонистам, ки мисли падарат тир дар камон намедорӣ. Як шӯхӣ кардам, ки чӣ мегӯйӣ. Дидам, ки миҷаат хам нахӯрд. Накушам! Мезаката хурам, накуш! Чуки писарата хурам, напаррон! Баччу каччи зиёд дорам. Кӯҳ ба кӯҳ гаштанам аз ин рӯ... Биё, даҳони баччаро кушо, бипурсем, ки аспонат читу ба дасти ӯ афтоданд? Дӯстам, аз гуноҳам гузар!»

– Муши мурда! Ба кӣ мекунӣ ин баҳонаҳоро? Ғирбол кардӣ хонаҳоро!»

– Ин моли ман не, писари Ошно! Моли ҳукумат! Вай, вай! Моли онҳое, ки дар ҳукумат кор мекунанд. Ман чӯпони онҳо. Ягон кору ҳол шавад, ҷанги калон мехезад. Кори хуб намешавад.

– Хезад, хестан гирад! Агар чунин рафтору кирдор набуд, Ӯзбакистон сарҳадро миназор намекард. Гила аз худат бикун!

Ва имою ишора кард сӯйи ҳамраҳон. Онҳо пиёда шуданд. Хапу дам каманд пайдо карданд аз қӯш, асои чӯпонии ӯро низ ва оварданд сари чӯпони ғелида лаби чашма. Падар донист, ки чӣ пеш омада, ба зорию тавалло даромад:

– Пеши потон мурам, накунед ин корро! Гуҳи башконатона хурам!

Онҳо ба зорию таваллои ӯ нанигариста, куллук кардандаш чӯпонӣ: дастонаш бубастанд, зонувони қаткарда миёни ҳалқаи дастони баста гузарониданд. Асойи чӯпонӣ байни хами зонувону дастони баста андохтанд. Рӯболо гузошта, ҳарфе нагуфта, молро пешандоз карданд рӯйи сой ва қадқади об ронданд боло. Писар низ мерафт қатори мол аспсавор дасту пою даҳонаш баста. Китфак мезад, фарёди баланд баровардан мехост, то олам шунида, ба додаш бирасад, аммо чун хурусчӯҷаи навчеғ садои дурушту дағал, танҳо гулӯ мехорид ва дар миёни баъ-бӯъи моли оча-бачча гум мешуд. Ду саги сиёҳ барбари адир гоҳ ба яғмогарон ак задаю гаҳе

ором боло-болои мол мерафтанд.

Ин ҷо чӯпони даҳанкалони «тавоно» аз хашму ғазаб ба танг омада, дасту бозу таранг мекард, то расан биканад. Дареғ, ки илоҷе надошт ин кор; зеро даст ба баста намерасид, ба асо ҳам, то кашида бурун орад ва раҳо ёбад. Алам аз кию чӣ ситонидан намедонист, шир-шири оби чашма намефорид, сахту сақат мегуфт: «Овозат гирад!» аз пас дашном мефиристод: «Бо собуни ман ҷомашӯйӣ накардаед, шумо! Бар қасди ин амалатон ҷанги ҷаҳонӣ нахезонам, одам набошам! Дастонам кушода мешаванд! Ягон кас – шикорчӣ, ҳезумчӣ ё раҳгузаре пайдо шуда, дастонам мекушояд, рӯсӯхтагиатон мемонад! Он ки мебаред, моли ман нест! Моли ҳукумат! Моли колхоз буд, моли ҳукумат шуд! Онҳо фаҳманд, очаи зоратонро нишон медиҳанд! Барои молу манол ду халқи бародарро ҷанг андохтан аз рӯйи инсоф нест! Бе ҷанги шумо ҳам мо талафоти кам надодаем! Аз рӯзе ки худамро мешиносам, ҷангу ҷангу ҷанг! Чӣ ҳисса накарда монда буд? Ҳамин чор мол? ... Писарамро сар диҳе-е-ед! Вагарна хокатонро ме-бе-зааам!» Аз ларзиши тану ҷон якпаҳлӯ гашт ба чап ва нӯги асо ба санге бархӯрда фурӯ рафт то миёни оринҷу зону. Ӯ ҳама чизро фаромӯш кард. Ҳушу хаёлаш ба асо банд шуд, то чигуна барорад онро? Ба пешу паҳлӯ нигарист, то дар наздикиҳо чизе пайдо кунад, ки ба он расида тавонад ва асо бар он расонда, тира карда, нӯги асо лағзонад ва... Ғӯте дид, ки паҳлӯи барҷаста дорад, лек аз чашмаоб он сӯ, ба он расида натавонад; зеро илоҷи думбамол ё ғелида рафтан ҳам нест.

Дер шуд. Сояи қири баланди Хоҷа Қисмат-Ато оби сойи Калонро гузашта, ними адири сойи Тутро пӯшида буд, чанд муддат пас сояи ғафси шаб ҳама ҷоро фаро мегирифт. Баъд чӣ шавад? Аён набуд. Аммо бандӣ аз ҳамин сояи сиёҳ метарсид, ки аз пасаш гургон наорад. Гургхона дар паси он қир. Баробари фуромадани пардаи тираи шаб гургон ба шикор бароянд, аз ӯ танҳо устухон монад. Хаёле аз зеҳнаш гузашт, ки Алои саггург устухон хурад. Аз ин рӯ сахт тарсида буд ва илоҷи раҳойӣ меҷуст. Куллуки чӯпонӣ имкон

надиҳад, ки кас ҷунбад. Ӯ тарзи куллук карданро донад, аммо роҳи раҳойиро надонад. Ба ҳар тақдир, як нӯги асо ба замин бархӯрда аз миёни дасту зонувони баста як тараф рафт, лек илоҷи бароварданро надонад. Ба андеша рафт, роҳ ҷуст. Як зарбаи сахт лозим, ки ба нӯги асо бархурад ва онро аз баста ҷудо гардонад. Он гаҳ роҳи кушодани камандро хоҳад ёфт; ба дандон кушоданӣ. Асо нагузорад, ки ғелида назди санге ё дарахте ояд, то нӯги асоро ба он тира карда, барорад. Ба ҳар ҳол ҳаракат кард моломол; ба думбаю пойҳои баста замин сойида, нишеб шуд ва назди санги сиёҳи як нӯгаш аз обканд баромада истод ва дер мулоҳиза карда, ҷунбон-ҷунбон нӯги асои бо ресмон баробарро ба нӯги санги сиёҳ расонд ва вазн андохт. Китфаш паҳлӯ мерафт, вале зону асоро бар санг пахш карда наметавонист. Ба тахтапушт хобид. Зону андаке боло шуд. Ресмон бурридан дошт дастон. Лаб газид, тоқат оварданӣ шуда, аз миён тагро бардошт. Бо зӯри оринҷи рост паҳлӯ гашта, бо силкав нӯги асою паҳлӯйи зону бар санг зад, хаёле фурӯ рафт. Гардан ёзида нӯги асоро дид, ки аз як тори ресмон гузашта, дигараш боздорад. Гарчӣ хеле хастаю беҷон аст, нерӯе пайдо шуд ва ин бор сахттар аз пешин устухони зоную нӯги асо бар санг зад ва ҳис кард, ки ресмони дастбур суст шуд. Нӯги дарози асо ба замин зад. Ӯ зонувон аз ҳалқаи бастаи дастон баровард ва пойҳои шахшудаю озурда ёзида, тахтапушт ҳамвор дошт ва оне орамид. «Акнун чӣ бояд кард?» Ба кашкашу ҷунбон-ҷунбон бастаи даст кушода намешуд. Гиреҳ аз зер буд. Баста зери манаҳ овард. Дандон намегирифт. Бо манаҳ пахш кард дасту камандро. Гиреҳ ба лаб омаду ба даҳон не. Дастон тира ба лаб дошт, базӯр дандони боло расид, вале кӯргиреҳ кушодан осон набуд. Газиду кашид, газиду кашид, хаёле кӯргиреҳ ковок шуд. Боз дам гирифт. Ба чап нигаристу ба рост, ба рост нигаристу ба чап, ки касе аз ҳолаш хабар ёфта, меояд. Вале гумонаш огаҳ кард, ки гар ояд, бетамаъ наояд: чунки ин замон замоне нест, ки кас ғами дигареро хурад; замонест, ки ҳар кас барои мурдаи хеш гиряд. Аз он сабаб чунин андешад, ки тақозои дилу нияти ху-

даш ба ҳамин монад. Дандон зад ба гиреҳ монои паррандае, ки аз пояш баста бошанд ба мехе. Тез-тез дандон зада, гиреҳ кушоданӣ буд, ки оне баъд торикӣ ҳама ҷоро фаро мегирад ва ба ҷое расида наметавонад. Ба по шуд. Ва ҳамон зайл ба пайроҳаи қади об фуромад, то ба роҳ дарояд. Аммо надонист куҷо равад? Ба думболи писару мол ё ба сӯйи деҳ? Чунки аён набуд, ки аз куҷо чӣ расад? Ба мол расидан суде надошт, зеро ба пиндори худаш, бо «роҳзанҳо» баробар шуда натавонад, дар деҳа ку касе, ки ба хотири ӯ ҷонбозӣ кунад? Қомат хамида, бо ду дасти баста, асоро, ки хеле азобаш дод, бардошт ҳамчу ҳамроҳ ва сарнишеб шуд сӯйи деҳ. Асо зери бағал гирифта, ҷо-ҷо истода, дандон ба гиреҳ зада, кушоданӣ мешуд, аммо наметавонист. Аз Дарвозаи миёни кӯҳу деҳ ва Жарфнои пурхавф бо ҳазор биму ҳарос гузашта, ба сари Сафедхок расид, фурӯзонакҳои сари симчӯбҳои деҳро дид, ки аз миёни баргҳои дарахтон милт-милт мекарданд. Деҳа дар хоб буд. Аз миёндаштӣ мошине якчашма меомад. Як бор дар роҳи ноҳамвор пасту баланд шуда, нури чароғаш аз он пастӣ ба ин баландии дур расид ва андар кӯчабоғи миёни деҳа ғайб зад. Ин дам Падар аз баландии дур дод зада, деҳаро бедор кардан мехост: «Ҳооо, мардум! Мола гург бурд!» Аммо андешид, ки додаш нарасад то деҳ. Нимҷон бошад ҳам тохт то сари Лалми Оқсақол, ки деҳаро бом буд ва бо тамоми овоз фарёд зад: «Ҳооо, молро гург бууурд!!!» Як-як барқчароғи хонаҳо фурӯзон шуданд. Ва мардон ба пиллаҷойи сари пул, ки зери сада ду хараки бемуттако дошт, пасу пеш ҳозир шуданд ва чӯпони дастбастаро дида, ҳайрон монданд. Нафаре ҳолу рӯзи ӯро дар телефони мобилиаш сурат гирифт.

– Роҳзанҳои пушти Ағба молро бурданд... Писарамро ҳам... – гуфт ва аз ҳуш рафт.

Духтури деҳа омад. Ба димоғаш ношотир дошт. Сӯзандору ҳам зад. Ба ҳуш наомад... Ҳолдонҳо қиссаи аспҷӯёнро канда-канда ёд оварда, тахмин мекарданд, рафтору кирдори падару писарро мегуфтанд; мазаммат низ дошт ва аранг-аранг ба гӯши чӯпони навбаромад мерасид,

ки нафаре хубаш намегуфт. Аз сӯйи деҳи Майкада мошине омад. Духтури деҳи Дара Бобохон даст бардошта мошинро боздошт: «Беморро ба шаҳр бояд бурд». Касе майли ҳамроҳи Падар рафтан накард. Зеро ӯро як морбози беимон мешинохтанд, ки ба касе хубӣ кардан нахоҳад. Танҳо Бобохон аз рӯйи вазифа ҳамроҳаш рафт.

Чӯпони хоса ба ҳол омада «Назди Ниҳоятов бубар!» фармуд ба ронанда. Зеро дилаш об мехӯрд ба ӯ, ки ба обро лойоб карда, моҳӣ доштан моҳир буд.

– Не. Ба дармонгоҳ! На танҳо молро писарамро ҳам бурданд, баста, бурданд.

– Худама кушу бузама накуш, нашавад, амак. Дар ин кор аз дасти ману шумо чизе наояд. Ҳалли ин масъала дар дасти ҳукумати ду кишвар. Аз рӯйи қонун бояд кор кард.

– Бино бар он, гуфтам, ки назди Ниҳоятов ҳай бикун, ӯ ҳама чизро мефаҳмад.

Чӯпон баробари Ниҳояти хоболудро дидан сухан гуфта натавониста ҳиқ-ҳиқ гирист ва гӯйӣ забонашро ғунда газида бошад, ғур-ғур кард ва чанд бор гулӯяк зада, нафаси дармондаро баровард ва канда-канда матлаб фаҳмонданӣ шуд:

– Ра – раис, роҳзанҳои пушти А-ағба молро бу-бур-данд...

– Чӣ?! – гӯйӣ ҷонаш гирифта бошанд, бо ситезу ҳаяҷон пурсид. Вале чӯпон пурси ӯро нашунида ангошта, матлабу муродро идома дод:

– Пи-писарамро ҳа-ам!

– Намедонӣ, ки вай моли колхоз?! – низ дарди дили худро фармуд Ниҳоятов.

– Ме-медонам... ҳиқ... Мо-моли ко-олхооз бу-уд.... ҳиқ... Баъд мо-оли шу-умо-ён шу-уд... ҳиқ... Эҳтиёт мекардам, ки ба пойи якеш санг назанад, ҳиқ... лекин ғоратгарони пушти Ағба маро чӯпонӣ куллук карда, ҳиқ... писарамро ба асп баста, ҳиқ... рамаро яклухт ҳай карда, бу-бурданд.

## 6.

«Ҳар чиро бод оварад, бодаш барад» андешид Ниҳоятуф. Зеро аз чунин рухдод на танҳо чӯпону сарони колхози ба

«ширкат» табдилёфта, балки сарварони бе дуду алов молдор гаштаи ноҳия низ андӯҳгин шуданд. Аз назари кормандони сиёсӣ, масъала кори андак наметофт ва ташвишаш ҳам андак набуд. Чунин амали нохоста ҳам duздию тозӣ ҳисоб меёфту ҳам зӯрӣ, вале ҷавобгариашро касе ба гардан намегирифт. Ҳатто ба баҳои як писар, ки «элқӣ»-ро дуздида бошад ва ба ҷавобгарии як дастаи гумҷӯ, айни ҳол ғоратгар, анҷом напазирад. Баъди машварату маслаҳати зиёд ба хулосае омаданд, ки парвандабозӣ ва иддаъои зиёд накарда, корро хобонанд мисли ҳамагуна фоҷиъаҳои маломатбор, ранги ҳамагуна дуздию тозию ғоратгарӣ ва ба лаб кулӯх молида гарданд. Бурд, бурд. Хӯрд, хӯрд. «Порӯро макоб, ки бӯяш барояд». Ин ҷониб, тарафдорони чӯпони гӯшгазидаи рамаи гӯшбуррида, аз он метарсиданд, ки масъалаи аз худ кардани сарони «Ширкат» ва пушту паноҳашон моли колхозро навишта буданд ҳақгӯён, ҷавобе нагирифтанд; хуб аст агар сар раваду сирр не. Бо маслиҳати Ферма, ҳамаро ба «Гургхӯрд» зананду, пӯстҳои гургон далел оранд ва Шубонро дар бало печонда, худашон аз зери чархи осиё хушк бароянд, беҳтар. Муовини аввали раиси шаҳр Ниҳоятов, ки луқмаи даҳон гум кардан намехост, фармуд:

«Намешавад, ки ҳар ду тараф молҳои худро гиранду ба лаб кулӯх молида шинанд?»

«Ҳама кор вобаста ба шумо, раис...»

«Як такача хӯрдам, гуфта. Ба бало панҷа занам?!»

«Як такача не, раис. Сад гӯсфанду ҳазор барра...»

Ва шарҳ доданӣ буд, ки ронанда дарвозаро тела дод, аз дарун ғалақа андохтагӣ буд. Шарақ-шарақ карду кушода нашуд. Ва садояш баромад: «Шумо меистед ё бемористон меравед?!»

«Ҳоло маълум нест!»

«Маълум набошад, ҳисобамонро баробар кунед, ман равам!»

«Ҳисобамон баробар! Ман туя бубар гуфтам?»

Ронанда хомӯш монд. Ин тараф ҳам оромӣ буд. Полвондаллол ба раис нигариста, хешро гӯлу гумроҳ вонамуда, дас-

тон ба ду тараф кушода, овоз баровард: «Ин чӣ хел раис? Ман ӯро «бар» нагуфтаам. Роҳгузар будаст, савор карда овард. Акнун «пул те» мегӯяд. Дар чӯпони сари ағба пул чӣ кор мекунад?»

«Дар замони мо хурӯс бепул ҷеғ намезанад!»

«Ман бепул моли шумоёнро бонӣ мекунам-ку?!»

«Бепул не, балки аз ҳисобу китобаш зиёд пул мегиред»,

«Чихел?»

«Чихел? Ягон кас ҳақ надорад, ки сари моли шуморо гардонад; киштаашро хурад ҳам, товон гирифта наметавонад. Ягон кас ҷарима намеандозад; агар надониста андозад, балогардон доред... Эркатулфор!»

«Ҳамтую... ҳаққи чӯпон ниҳоят қимат шудагӣ. Пули чӯпонӣ аз нархи мол зиёд.. Ана барои ҳамин пешатон омадам, ки як бало карда, баччаро халос кунед! Пеши потон мурам, мол садқаи сар, баччаро халос кунед!»

«Ин хел бошад ба ин масъала ҳамроҳ шудани ман шарт нест...»

«Ӯ акаи бемор! Мана маҳтал накунед! Кори зиёд дорам!»

«Бобохон! Ҳӯ Бобохон! Ту чихелин духтур?! Ту овардӣ-ку?! Пулат бошад, дода ист! Баъд медиҳамат!»

«Бобохон рафт!» –садои ронанда омад.

«Рафт? Куҷо рафт?! Ҳоло бо собуни ман ҷомашӯйӣ накардаст!»

– Оҳиста! Баччаҳоро бедор мекунед!

Оне чанд ҳарду хомӯш моданд. Ниҳоятуф ба андеша рафт: «Ин одамро нашинохта будаам. Зуд-зуд омаду лӯлигӣ кард, ки «мо аз як хоктӯда, асли мо аз Тагоб. То ҳастам ба шумо хизмат мекунам. Як – ду бор такача кушта дар шипанги сари ҳавз зиёфат кард... Намедонистам, ки зиёфат аз бинӣ барорад...»

«А, раис?»

«Чӣ?»

«Ман кори бад кардам, моли колхозро, худам даллол шуда, ба шумоён бепул гирифта додам?»

«Кошкӣ ҳамин кора намекардӣ! Кори чӯпони колхозӣ

Шубон ҳам дар тафтиш. Боз гургҳои дар китоби Сурх дохилшударо куштаст, ҳам молро талаф додаст...»

«Якбора ҳамаро ба гардани ҳамун занетон, монетон, раис!»

«Худат ошно, ҳама чизро шӯхӣ ҳисоб мекардайӣ. Ягон бор фикр кардӣ, ки ин корҳо чӣ ҷавобшариҳо доранд?»

«Медонам, раис, медонам! Медонам, ки шумо сардорҳо шабурӯз хоб надоред. Худо мегӯед, ки касе аз рафтору кирдоратон огоҳ нашавад. Ҳама коратон хаппакӣ. Чунон рафтор мекунед, ки муши хона огоҳ нагардад. Шумо ҷону ҷигари халқ набошед ҳам, чашми халқ. Намемонед, ки ба пойи халқ хор халад. Моҳонаҳамро шумо тақсим мекунед, нафақаро ҳам. Худам ба ду чашмам дар зиндагиам дидам. Шумо намебудед, раисҷон, кӣ ҳадд дошт, ки шохҳои чамбарию найзаосои серкаҳоро шиканад, пӯсти заминрӯбашро зери пояш пӯстак кунад? Пӯсти таккаҳоро чоруқ? Шумо ҳастед, ки мо ҳастем, раис! Худо занад, шумо намебудед, ҳамин чӯпонӣ ҳам ба мо намерасид. Агар ба шумо дурӯғ гӯм, мазоро тиккаю пора кунанд! Лекин намедонам, ки чаро ба чунин ҳол афтодам? Ба касе бадӣ накардаам, раисҷон! Моли касеро нахӯрдаам, раисҷон! Пишаки касеро пишту саги касеро тур нагуфтаам, раисҷон! Лекин ҳама молу ҳол аз даст рафт! Писарамро бурданд, раисҷон! Миннат ба ҷонам, ба шумоён хизмат мекунам, гуфта, аз ҷону ҷигарам ҷудо шудам... Раисҷон! Беғарзи шумо касе надорам. Падарам ҳам шумо, писарам ҳам. Як бало кунед, Раисҷон! Аз дастатон меояд. Ба ном дигарон ҳоким бошанд ҳам, раиси мо шумо! Чунки аз замони пеш бо мардуми пушти Ағба сару кор доштед, ҳоло ҳам ошноҳо доред, беғарзи шумои азиз ҳеҷ кас ин масъаларо ҳал карда наметавонад. Ҷоруқом ғалбер гардад, асоям сӯзан шавад ҳам худам ин корро натиҷагирӣ карда натавонам. Умедам ба шумо, раисҷон! Умедам ба шумо! Аз баччаҳотон бинед! Ин чӣ балое буд, ки ба сарамон омад!»

– Аз куҷо омад? Чӣ хел омад?

– Намедонам... Чашм кушода дидам, ки се савор болои сарам ва савори чорум дуртар ба асп ресмонкаш бастагӣ...

Писари худам...

– Дар чунин ҳолат аз дасти ман чизе намеояд...

– Оҳ, рӯмо сиёҳ! Хонем сӯхт! Ин хел нагӯед! Худои мо шумо! Ҳама кор аз дастатон меояд. Ҳатто беозор гӯштро аз нохун ҷудо мекунед...

Чӯпон ба чӣ маънӣ гуфт, худ надонад, аммо раис ситойш фаҳмида, ифтихоре пайдо шуд дар дил ва аз бало халос шудан хоста, фармуд: «Хуб, шумо равед, ман масъаларо хубтар фаҳмида, ҷавобашро мегӯям».

– Ин кор ҳоҷати тафтишу фаҳмиш надорад. Ҳамин гуфтаи ман: чашм кушода дидам, ки се савор...

– Фаҳмидам... Шумо равед, дам гиред...

– Куҷо равам, раис?

– Намедонам... Дар замоне, ки ҳама ҷоро кирму кана зер кардаст, ман ҳеҷ касро қабул карда наметавонам... Мо дастур гирифтагӣ...

– Хуб ман меравам, меравам, раисҷон... лекин... лекин як нағзии дигар кунед... Раисҷон, агар чархбол гирифта, сари ағба шуда пеши онҳоро нагирем, илоҷи дигаре нест! Онҳо ба пойи мол рафта, пагоҳ ба ағба мебароянд...

– Ман сарвар нестам, ҳамагӣ ҷонишини раиси шаҳр, ба ҳарфи ман кӣ гӯш мекунад? Дар ҳоле ки сари ағба миназор аст! Намедонамуздони мегуфтагиат, чихел аз сарҳад гузаштаанд?

– Онҳо аннойӣ не! Медонанд чӣ кор карданро... Албатта рахна доранд.

– Пули калон лозим...

Ҷӯпон як қад парид, ки раис чун одат, сахт гирифт, маккорӣ кард:

– Рост мегӯед, раисҷон... Ман ҳам розӣ, ки ҳама молро гиранду ганда бошад ҳам писарамро сар диҳанд.

– Чӣӣӣ!!!

## 7.

Дили Ҷаллоб-чӯпон аз Ниҳоятуф монд; чунки хубиҳои ӯ аз ёдаш рафтаст: такачакушиҳояш. Дар камараки поёни пу-

ли Рост зиёфат карданҳояш, бо акти «гургхӯрд»-у «гум шуд» ва «ёрӣ ба офатзадагон» обулой карданд молу манолро, вале як ҷон таги тор, рамаи гӯшбурида дар замину ёнаҳои Дашти Малла ва дар сойи Калону сойи Хурдӣ, дар чарогоҳҳойи кӯҳсору сар-сари Агба мечарид ва калоншавандаҳоро хумори такача гирад (чунки истеъмоли гӯшти гӯсфандро табибон манъ кардаанд аз сабаби фишори баланд), ба баҳонаи «тароши мол» ва «қушқормонӣ» аспсавор мерафтанд сари мол. Чӯпон он вақт чунон нозгунҷ гашта буд, ки каси номзад ба вазифаро, бесаводи ғирт бошад ҳам, бо тавсияи ӯ таъйин мекарданд. Рафту тавсияшуда «интихоб» намешуд, сад бор маҷлис барпо мегашт; ба ҷангҷол табдил меёфт. Намояндаи ҳукумат «Ин масъала ба маҷлиси оянда вогузошта шавад!» гӯён, ба дор-дору гиркиши касе эътибор надода, рӯбоҳсурат дум хода мекард. Чӯпон, ки остонаи милитсияро охурча карда буд, базӯр пояшро кашида, то он ҷо расид ва дари маҳками даромадгоҳро кӯфт. Навбатдор ғурфа кушода ба берун нигарист ва бесадо сар ҷунбонд. Чӯпон ишора кард, то рухсати даромадан диҳанд.

– Чӣ мегӯйӣ?

– Аз дасти гургон халос хӯрда омадам, ҳанги гап задан надорам...

– Дорӣ-ку?

– Не, надорам. Сари мардӣ, мегӯям, вагарна ҷон надорам.

– Бигӯ!

Чӯпон таппӣ афтид ва сараш ба сангфарш бархӯрд. Онгоҳ дарвозаро кушода баромаданд навбатдорон ва ӯро бардошта, ҳол пурсиданд: «Чӣ шуд?» Чӯпон мешуниду ҷавоб гуфта наметавонист. На забон, бал хаёлаш мегуфт: «Гуфтам ҳамаро». Вале навбатдорони хоболуд эътибор надоданд ё гӯши суханшунав надоштанд. Даруни пилкҳои пӯшидаи чашмаш ҳайкали сиёҳ пайдо шуд. Пиндошт савори камондори паси Агба. Чун хубтар нигарист Ниҳоятуфи ошно буд, ки дар офтоб сӯхта, сиёҳ гашта буд ва ду рухсор пӯст партофта ранги пӯстпартоийи мор. «Раис?!» То ҷон

дошт фарёд зад, то олам шунавад. Аммо ҳавои даҳан буд, ки базӯр шуниданд навбатдорон.

– Чӣ мегӯйӣ?

– Аз даҳони гургон халос кунед, раисҷон... Номи додом Сангро ҳам. Набошад, бачча ҳайф мешавад.

– Чиҳо мегӯйӣ, чӯпон? Кадом бачча?

– А?

– Кадом бачча?

– Пи-ис...са-ар... –Беҳушона мегуфт: – Кана... Шабуш...

– Ира кана газидай, сержанти калон.

Хомӯшӣ ба миён омад. Андаруни чашми пӯшидаи чӯпон чароғҳо низ хомӯш гаштанд. Шаби торики торик шуд. Боз ҳамон ҳайкали сиёҳи мазанг омад даруни чашмон. Баъд ба як садди азим мубаддал гашта, ҳама ҷоро фаро гирифт. Чӯпон на гузашта метавонисту на дида. Якбора девори азим гашта, пахшаш кард ва нафасаш гашт. Як панҷаи гургона ҳам аз гулӯяш гирифт: «Буғӣ накунед, раис... Сар диҳед... Мадад карда натавонед, озор надиҳед, сар диҳед, ҳамашро худам мекунам... Ба номи Худо, ба касе даҳон намекушоям... Не, раис... Инро ҳам намегӯям. Моли худам буд, ҳамин хел шуд... Бурданд... «Аз колхоз нишон намонду мол дар куҷо?» мегӯям. Инро ҳама медонанд, бовар мекунанд. Сар диҳед, раисҷон! Нафасам гашт. Ме-му-рааам...»

«Девона. Ба бемористон фиристем ё қамаш кунем, сержанти калон?»

«Сарашу равғанаш, ҳуюш бикун!»

**8.**

«Аз худам гузашт. Медонистам, ки инҳо хӯсаанд, аз дасташон коре намеояд; фақат гирифта, вале дода наметавонанд, бо инҳо ҳафту ҳашт мекардам? Ниҳоятуфашро ҳам шинохтам: «Тагобӣ ҳастӣ, аз худамон. Ҳар чӣ мегӯм, гӯш деҳ!» гуфт. Бовар кардам, ки ҷон дар гулӯям гиреҳ занад, танҳо онҳо – сарварони давру замон, кушода тавонанд; зеро ҳама масъаларо эшон ҳал кунанд. Сад задани сӯзангару як задани оҳангар... Замин пулакӣ, тухмӣ пулакӣ, ҷуфту кишт

пулакӣ, об пулакӣ, дарав пулакӣ... ҳама, ҳама. Танҳо меҳнату заҳмат ва вақту умр ройгон. Мебинӣ, ки мисли ман по ба лаби гӯр расидаст. Аз иҷоракор пурсӣ, ки чӣ суд дидӣ? «Коҳаш монд» гӯяд. Аз ин рӯ барраю бузғоларо дар пойи сандалӣ калон кунаду худ дар хунукӣ пой оғӯш карда, шинад. Ин чӣ зиндагӣ? Ба ваъдаю войизи такачахӯрҳо гирифтор намешудам, мардикорӣ мерафтам, якам ду мешуд. Ҳоло чӣ шуд? Ҳама чиз аз даст рафт. Такачахӯрҳо намешиносандам. Вақти такачахӯрӣ, кайф дар осмон буд; даст бурда, ситора меканданд. Ҳоло муши мурда. Маро нашиносанд. «Бурдаст, моли колхозро бурдаст. Ҷавобашро медиҳӣ!»

Чӯпон монанд ба муши мурда, ки гурба ба баччаҳояш шикор омӯхта, бозӣ ба бозӣ ҷонашро гирифтаст. Вале ҳеҷ чиз аз ёдаш нарафта:

– Медонед чӣ, раис? Баччаҳои инзамонаро то накушӣ, одам нашаванд, ба шумо гуфта натавонам, ки чӣ шуд? Дасту пояшу даҳонаш баста, ҳарчанд пурсидам, ҷавобе гирифта натавонистам. Аз гуфтаи роҳзанҳо гуноҳи писар ҳаст; гӯё аспони онҳоро дуздида, оварда, дар Дашти Малла бонӣ мекардаст. Худатон фикр кунед, раис, агар Санг аспҳоро дуздида бошад, оварда дар дашт бонӣ мекунад? Ё мефурӯшад ё ба асписти айлох мебарад. Баҳона! Сохтанд! Душманони мо сохтанд, ки шармандамон кунанд. Кӣ медонад, ки таги гап чӣ?

– Шумо надонед, ман мегӯям, ки писартон дузд!

– Писари ман дузд, раис? Сангҷон? Ин хел бошад, дар дунё одами ҳалол набудаст-дия! Ман ба ӯ гуфтагӣ, ки ҳар кор кунӣ ҳам, дуздӣ накун! Чунки фардо рӯзи қиёмат дастонатро мебурранд. Агар дуздиаш рост бошад, то ба дӯзах рафтанаш худам гарданашро мебуррам, раис!

– Гумон доред, ки зиндагии мо камтар аз дӯзах аст?

– Мо мисли баъзеҳо андаруни дӯзах биҳишт сохтанӣ будем, раис, нашуд. Ҳамсояҳо ниятамонро фаҳмида, чунин саҳна сохтанд.

– Шумо ин гапа дигар нагӯед. Агар ҳамсояҳо набуданд, мо дар ҷанги ахир мурда рафта будем. Онҳо буданд, ки тай-

ёраю чархболҳояшонро сар дода моро аз дасти бегонагон халос карданд. Мо кӯтоҳ мефаҳмем. Аз худ нею аз бегона гила мекунем.

– Ҳамина, ки донед, раисҷон, пешашон рафта, гӯед, ки як бори дигар одамгарӣ бикун.

– Ин хобро ба об гӯед, чӯпон.

– Сабр. То аз осмон чӣ ояд?

– Бало! Бало! Бало! Қурандоз гуфт. Пешамон баста. Кушодан лозим. Лек роҳашро нагуфт. Пешомади моро ҳам гуфт. Гӯшти такачаю шароби «талх»-ро зада, кайфаш осмонӣ шуд, ҳамаро гуфт.

– Чӣ гуфт?

– Балои аз осмон омада ба сари шумо фуромад, гуфт.

– Нагуфтӣ, ки ба сари худат фурод!

– Гуфтам, раисҷон, қабул накард. «Ман моли кас намехурам» гуфт.

– Намехурам, гуфт? Ин қадар, макру фиребу найрангаш чӣ? Ҳамуна мо гӯем, бовар намекунанд, ки пир надорад. Қурандоз, ки ба пир даст додаст, ҳама бовар мекунанд. Осмон чаппа мешавад, гӯяд, бовар мекунанд. Мо гӯем, ки «мешад»-и ӯро «намешад» дон, бовар намекунанд.

– Халқ-дия, раисҷон. Ман ҳам ба ҳама ҳарфҳои шумо бовар мекардам. Баъди қабули оншабаатон, бовар намекунам. Бовар намекунам, ки ман ҷонамро ба ҷонатон монда, рамарама моли колхозро ба номатон гардонаму чӯпон шавам, шумо маро «шабушин» гӯед. Ҳар чӣ шудам, аз дасти шумо шудам. Ба осмон мебаоред, гуфтам, ба замин задед!

– Дар ҳамин корҳо гуноҳи ман чист? Писари ту дуздӣ кунад! Гуноҳи ман чӣ?

– Шуд, шуд, шуд! Айби Санг! Илоҳӣ, ҳамроҳи ҳамон дузду роҳзанҳо кирму кана карда мурад!

– Инту нагӯед!

– Мегӯм! Нагӯм, ҷонам барояд!

– Ман аз рӯйи пешрафти ҷумҳуриамону қарори ҳукумат рафтор кардам, ки хилофи қонун нашавад.

## 9.

– Ин ҷо чӣ кор мекунӣ, Шубон?

– Оварданд. Хайрият, ки туро дидам, даллол! Ба онҳо гуфтам, ки ба лафзи ман бовар накунед, ҳамаро аз ӯ пурсед, мегӯяд.

– Чӣ бояд гӯям?

– Чӣ хел молро аз дасти ман гирифта, дар бозор даллолӣ карда, фурӯхтӣ.

– Ман аз дасти ту мол-пол нагирифтаам. Молро ба бозор оварда, фурӯхтанд, ман даллолӣ кардам.

– Ман чӣ гуфтам?

– Ту мегӯйӣ, ки гӯё ман аз дасти ту молро гирифта, фурӯхтам... Нафурӯхтаам.

– Медонам, молро гирифта, ба Дашти Малла рондӣ ва чӯпон шудӣ. Ҳоло чӣ шуд? Намедонам. Инҳо истинтоқ доранд, ки ман молро ба гургон талаф дода бошам. Гургҳои куштаамро ҳам бурда, ба сарам бало бор карданд, ки «Ҷонварҳо дар Китоби Сурх дарҷ гашта». Гургҳо хуранд буд. Хуб мешуд. Ту гӯш деҳ, ки ман як сол пеш аз «моҷаро»-и гургон рамаи колхозӣ –хоҷагиро супорида будам. Дар чиллаи дигар гургҳо ба мол заданд, ба моли чакана. Фермаю сармуҳосибу ревизор ба сарам омаданд, гургҳои куштаамро бурда, фурӯхтанӣ шуданд. Ҳоле доштам, ки саг надошт. Надодам гургонро. Аламашон кард. Ба болои ин моли худат интӯрин шуд...

– Ба моли ман корат набошад, худата дон!

– Ман худама медонам. Лекин моли саршумор қабул кардаро чихел аз нав ба сари ман бор мекунанд?.

– Инаша ман намедонам, аз худашон пурс. Ё суд бояд пурсад.

– Не, ошно кор ин хел намешавад, вагарна ҳардумон бекаҳдуд мемурем.

– Ман мурдам, Шубон. Ҳамин ки писарамро ҳамроҳи мол дуздони паси Ағба бурданд, мурдам! Дар чоҳи чуқур афтодам. Баромаданаш имкон надорад. Мисли гови охират лесида-лесида баромаданӣ шавӣ ҳам, аз тори сарат пахш меку-

нанд, боз фурӯ меравӣ. Ба Худо, ин кори осон нест! Дар зиндон кирму кана карда меравӣ! Инҳо гумон доранд, ки маро кана газида, беёд кардаст, аз ин рӯ молро бо писарам ягон сӯ ронда, шаттоҳӣ дорам.

– Ман аз саги Алои худам гила дорам, ки гург шуд.

– Ту донӣ, Худо?! Чихел?

– Бо модагург гушн афтод ва саггург шуд. Ёд дорӣ ин хелашро?

– Шунида будам, ки одам бо саг гушн афтода. Аммо намедонистам, ки саг бо гург ёр шавад.

– Мешудаст. Худам дидам. Фурсад расад, меандозам ун хиёнаткора.

– Накун ин кора. Вақташ расад, пушаймон шуда меояд. Чӣ қадар одамони худамон ба ғарибиҳо рафтанду мурданд. Зиндаҳо баргаштанд. Локин як одами солим нест. Ҳама дилу ҷигар бой доданд. Хунук бардошта. Пули овардаашон ба табобат намерасад. Ёдат ҳаст? Мурдаи писари хурдии Мирро писари калонӣ оварду ҳафташ нагузашта, баргашта рафт. Падар ҳам нагуфт, ки нарав! Туро ҳам мекушанд. Пул мисли фарзанд ширин... Душмани ҷон.

– Ту гуфтанӣ, ки онҳо мисли Ало хиёнаткор буданд?

– Хиёнаткор ё нобакор...

* * *

«Шубон, кӣ?!»

«Ман!»

«Даро!»

Мағзи сари Шубон сих зад аз ин садои ногаҳонӣ; зеро ҳушу ёдаш ба Алои худписанди маст буд.

Дар даст асо, мӯйи сар расида, пӯсти рӯй аз боду борону офтоб чанд қабат сӯхта, чарм гашта, аз миёни мижгони гардбардошта ва тораҳои парешони абрӯ чашмон зинда ва рӯшан ва сӯзанда тобанд. Як тори нозуки дили ҷавонзани фӯрмапӯшро таконд нигоҳи зиндааш ва чӣ гузашт аз дил, ки сар андохт ва нигоҳ duzдонд.

– Шумо гуноҳатонро медонед?

Пардабом афтида ба сараш зад магар, ки як қад парид:

«Ҳо, гуноҳам ҳамин ки ман чӯпон...»

– Чӯпонӣ гуноҳ нест. Амали нодурусти чӯпонӣ гуноҳ.

Шубон чизе нафаҳмид, балки ба либоси кабудранги ӯ таваҷҷӯҳ кард, ки чаро ранги сурх надорад? Балки сардӯшӣ дорад ва ситорачаҳои зарринранг.

– Чӣ шуд?

– Чӣ, чӣ шуд?

– Чаро ба ин ҷо афтодед?

– Аз мурдани худ хабар дораму аз ин кор не.

– Худатона ба нодонӣ назанед. Бесабаб шуморо ба ин даргоҳи ҳақ даъват намекунанд.

– Аз гуфтан даҳанам мӯ баровард, оча...

– Дуруст-дуруст гап занед. Ману шумо оча-бачча не. Бозпурс шуморо гунаҳгор медонад, Шумо мегӯед, ки аз чизе хабар надоред.

– Якта-якта пурсед, оча, аз рӯйи фаҳмиши чӯпониам ҷавоб медиҳам.

– Мушкил бо шумо сӯҳбат кардан. Дар парванда навишта шудаст, ки саропо пур аз гуноҳ. Шумо мегӯед, ки чизе намедонам.

– Рост. Намедонам. Лекин медонам, ки саропойи одам – гуноҳ. Агар набошад, бор мекунанд.

– Оҳиста...

– Рост мегӯм, оча! Як бор ба сари кӯҳи баланд бароед. Баробари рама шаборӯз гардеду сари санг нишаста андеша кунед, ки чаро ба дунё омадед? Ҳама чизро мефаҳмед: «Кӣ кор кунаду кӣ хураду кӣ дар бало монад?»

Додситони формапӯш монои кишнаи[1] асп сар такон дод ва мӯйи кӯтоҳ буридайи бари рӯяш паҳлӯ рафт. Ба назар ҷавонзани зебо ҳусни рӯй намуданӣ буд Шубонро. Аммо ин чизҳо ба дили ӯ намегунҷид ва дар дил навъе маломаткорӣ буд, ки Худованд душмани касро гирифтор накунад ба чунин макон. Ҷавонзан ба сару рӯйи ажғои рӯгирифтаи Шубон нигарист ва боз ба варақ чашм дӯхт: «Ба гармоба бояд

[1] Кишна – уштулум.

бурд». Дубора аз байни сатрҳои баёнот ҷуст, ин ҷумларо пайдо накард ва ба худ омад: «Шумо метавонед, пагоҳ оед?»

– Ман метавонам, оча. Лекин саги мол як одати бад баровардаст; Гург шудаст. Ҳамаро барбод медиҳад. Кардаю нокарда як мешавад...

Кӯҳистонӣ «оча» гуфтани Шубон додситони қонундонро нафорид: «Очетона сари мол монда оед».

– Нафаҳмидам.

– Ман ба шумо «оча» не!

Шубон табассум кард. Мӯйлаби дарозаш даҳони нимвозро пӯшида медошт.

* * *

Шубон ба камон тири хирсафкан ҷо кард. Лек намедонист киро парронад. Зеро сахт ба хашму ғазаб омада буд, ки чаро намегузоранд кас ба майлу хоҳиши хеш зиндагӣ кунад. Хурдаку фармонбардор бошӣ, ба фаҳму хости роҳбарҳо, ҳар коре хоҳанд, бояд бо ту бикунанд; ҳатто нораво ё нодуруст бошад. Тир ба камон ҷо кардани Шубон ба ҳамин мазмун, ки коре бикунаду аз ин олами пурташвишу пуразоб рӯ пӯшад. Ҳама азобҳои аз ятимӣ то имрӯз дидааш як сӯ, ба чанги ташкилоти пинҳонӣ, ки коре кунаду каси дигар онро тағйир дода натавонад, як сӯ. Шаборӯз сари по аз пайи мол мегардад, баъзан росто хобаш мебарад; садои саг ё зузаи гург ба худ меорадаш, сармои кӯҳистони тезбод, сангкӯби пою дарди сар ва зукомҳои пайдарпай ва азобҳои чӯпонӣ он қадар ранҷу озор надода буд, ки ташвиши органравӣ диҳад; бе ҳеҷ ваҷҳ раву биё ба дил зад. Наравӣ, милиса ояд ба сарат. Гӯё хиёнат кардаӣ, Ватан фурӯхтаӣ ё зани бевафо куштаӣ. Чандон сарфаҳм намеравад чӯпони сарсари кӯҳ ба майли хеш, миёни ҳайвонҳо умр ба сар бурда. «Ҳайвонҳо ботамизтаранд: насибаи хешро аз замин ёфта мехуранд, пасандоз надоранд; гушна ё ташна монанд «бааа!» хабар медиҳанд. Аз душманашон мегурезанд, ба соҳибашон ром мешаванд. Ба дасташ нигоҳ карда, ҷонибаш мераванд. Лозим шавад, бечора мемонанд: соҳиб мефурӯшад ё мекушад. Оқибат ҳамашонро мекушанд,

мехуранд. Ками дар кам худ аз худ мемиранд. Ҳамин рӯз Шубон дарку эҳсос кард, чун будаст азоби молбонӣ ва ранҷи чӯпонӣ? Як сухани бад ё тӯҳмати ногаҳон аз тир сӯзонтар мерасидаст ба ҷону ҷигар. Аз шаҳр то деҳ ба мошин пул дода омад. Ба сӯҳбати ҳамсафарон чандон эътибор надода, анҷоми тафтишро андешида омад. Ба «чӣ шуду чӣ монди» ҳамдиёрон, ки касро аз гӯр гирифта, ба гӯр мезаданд: гоҳ роҳбарони ноинсофи хоҷагиро мехойиданду гоҳ даллолро ва бозпурсу додситону судро, ки «аз Худо ҳам наметарсанд» мазаммат мекарданд; чигуна сохта шудани оламро ва тақсимоти нодурусти Парвардигорро ғалат мебароварданд; роҳбарони ношуду бемаълумот ва кӯрсаводу бесаводро таъна мезаданду хулоса мебароварданд: «ба чӣ рӯз расидем?» гӯш доду сараш чӯбкаду гашт; дар хона гиряйи кӯдакону гилагузории занро диду шунид... тамоман одамӣ дигар шуд, ки то ин лаҳза куҷо будаст ӯ. Мисли марди хонагурез, зангурез, ҷогаҳгурез, фарзандгурез, дар қатори ҳайвонҳо умр ба сар мебурдаст ва хешро «Шоҳи ҳайвон» номида будаст. Чунин зиндагӣ ҳамин қадар бартарӣ доштаст, ки аз ғайбату бадгӯйӣ дур ва касеро кордор набудаст. Бовар низ дошта, ки дунё чунин сохта шуда, тақсимот низ чунин буда, қуръаи фол ба номаш чунин зада: «Ҳафт пушташ чӯпон буд, чӯпон шуд!»

«Чӣ кор мекунӣ, ако?»

«Намебинӣ, ки тир ҷо мекунам?»

«Бири чӣ?»

«Намедонам... Ёдат ҳаст? Падарамон аз даҳони камон тир ҷо мекард. Сумба мезад. Пилта гиронда, ба сайд рост мекард. Чунки бод мебурд оташи пилтаро ва...»

«Ту киро шиллик мекунӣ?»

«Ҳишкиро... Ман душман надорам. Ба одам тир накушоям. Аммо вафодори бевафоро тир занам».

«Вафодори бевафо? Магар... Магар занҳо...»

«Не-не, дилат дур наравад... Зузаҳои Ало ба дилам задаст. Ҳар гоҳ ба Гардана пайдо шуда зуза кашад, хаёлам, ки хабар аз охират диҳад».

«Бас кун, ако! Ту калону ман хурд, чӯпон ғайри Худову

молу сагу гург ва омади солу боду борон ба дигар чиз чандон рағбат надорад. Ба шаҳр рафтию ноумедӣ овардӣ. Чӣ гапу калоча?»

«Талафоти моли хоҷагиро ба сари мо задаанд. Шикори гургони дар «Китоби Сурх» дарҷшударо ҳам. Гургон дар «Китоби Сурх»-у чӯпон дар «Китоби Сиёҳ!»

«Ту калону ман хурд, ако, Нафаҳмидам, ки дунё чӣ маънӣ дорад? Одамон кистанд? Омадану рафтан, ки бошад, чӣ лозим ин ҳама дарди сар? Тақсимот аз азал дуруст метобад: кӣ бояд чӣ кор кунад? Кӣ киро хурад? Аммо чун хурд калонро хӯрдан хоҳад, қиёмати сағир сар шавад. Мебинӣ, ки пакана аз гиребони Ъод гирифтан хоҳад. Ъод паканаро аз гардан гирифта ба осмон бардорад. Пакана почак зада, «Як ҷо танҳот бинам, чӣ кор кунам?!» гӯяд».

«Гап дар ош не, Хол, дар мош. Худамон ба сар бардоштем паканаҳоро. Вале ба замин назада, оҳиста бозмондем. Беҳуда ва бемақсаду бемаврид ба камон тир ҷо кардан чӣ маънӣ дорад? Аз тарс нест? Агар шумо аз гургон тарсида, ба тақдир тан медодед, ҳанӯз набудед. Ман ҳам, аз паланги тездандон тарсида, тан медодам, хунамро мемакид. Ман ба хулосае омадам, ки набояд тарсид. Тарс шерафканро зери пойи шер хобонад».

«Ҳамтую... Эҳтиёт кори хуб. Ман фаҳмида омадам, ки дар чанги гургони шаҳрӣ афтӣ, аз сад ҷонат як ҷонат халос намехурад. Гургони ялғузаки доғулӣ шудаанд онҳо. Намедонам онро гирдоб гӯям, гирдбод гӯям, чӣ гӯям? Ба гуфти ҳолдонҳо як ҳалқаи занҷири оҳании бесарунӯг, ки бо ягон чиз он ҳалқаҳоро ҷудо кардан имкон надорад. Рафту касе як ҳалқаи онро шиканад, ҳамаш пош хурад... Чун яке дошт, ба дигаре супорад, дигаре ба сеюмӣ... ва молу ҳолат нарасад то охир. Чунон ки худат зорию тавалло кунӣ: «Гиред, ҳамаашро гиред, лекин маро озод кунед!» Ҳамаашро гиранд ва Худо донад, ки озод шавӣ ё на?»

Хол сар андохт. Шубон аз гуфтор монд, ки чӣ суд аз ин ҳарфҳо? Илоҷи воқеъа бояд ҷуст. Симои бозпурс хонум пеши назар омад, ки чӣ занест? Ҳиччӣ нафаҳмид. Сару тан,

афту андом ва ё асобадаст будани Шубон нафоридаш, ки кори дигарро баҳона карда, сӯҳбат ба фардо гузошт. Аз ин боб сухан накард Шубон. Лек дар лаб табассум дамид, ки гӯяд, бародар қиссаи «Хонуми Аврупойӣ ва чӯпони кӯҳистонӣ»-ро рӯ бикунад.

– Чӣ механдӣ, ако?

– Ба ин дунё хандида, бояд мурд!

* * *

Зузаи Саггург баромад. Шубон камон бардошт. Лек дур буд. Аз Гардана зуза мекашид. Ғаши Шубонро овард: «Чӣ бадӣ кардам?» Хеле сол пеши назар овард. Ёдаш наомад, ки бадӣ карда бошад, ҷуз он, ки бо таҳдид Калитаки ӯро ҷудо карда буд аз килла: «Ту Чилларо медонӣ, Ало?! Гургон дар ин ҳол фурсат меҷӯянд, ки худро ба тӯда зананд! Дафъ шав!» Калитак кушода шуд аз садои тир, паҳлӯтар чанги барфро бароварда буд. Ало иринҷос зада гурехт, аз тарс ва килла рӯйи барф линг кушода, хешро тамиз кард бо забон. «Ун чӣ буд? Нафс ё муҳаббат? Ё як расмиятӣ маъмулӣ?» Пасон дар ҳаво ғози мизон гузашт, ки мавсимаш набуд. Пас ба сурати нафиси ҳавойӣ табдил ёфт, ба нақши хонуми боз-пурс гашт; рафт-рафту дар ҷое, ки Ало зуза мекашид, ба шах часпид. Шах ҷило баровард.

Шаб хобаш набурд, гарчӣ сахт хастаю шалпар гашта буд; зеро ғалаёни андешаҳо хоби сар парронда буданд. Ба таври хеш ва аз рӯйи андешаҳо худро марди ҳалол медонист, дар молбонию ҳисобу китоб ҳам низ пок меҳисобид, ки моле аз рама гум шавад, сабабашро ба соҳиби мол мерасонд; дуруш мебурд ё аз гургхӯрда пӯст. Аммо шунида буд, ки дунё бозиҳо дорад. Нав ба чашмаш хоб омада, ғанаб карданӣ буд, ки «Чу!»-йи Хол баромад. Молро шабчаро мебурд. Шубон-ро хуш наомад, ки хеста бародарро ҳамроҳӣ кунад. Хоб бурд. Ҳамон фариштаи ҳавойӣ аз танаи шах канда шуда омад ва ӯро ҳамроҳ бурд ба шаҳр. Сартарошон кард. Ба гармоба даровард. Либоси оҳорӣ пӯшонд. Сари миз нишон-да, пурсу посух кард:

– Ман дурӯғро дӯст надорам, чӯпон. Ҳамаро бояд гӯйӣ,

луччаку пӯстканда.

Шубон гаранг монд, ки «Чӣ дурӯғу рост?»

– Ҳамту, оча.

Бозпурс хонум шах шуд. Хеле ба Шубон нигарон истод хомӯш ва дод зад:

– Ман очаи ту нестам!

– Рост. Шумо очаи ман нестед, лекин аз оча зиёд...

– Ман очаи ту нестам! Маро ба гуноҳ нағӯтон!

Аз садои баланд бедор шуд. Озори дасти зери сар гузоштаро ҳис кард, ки низ хобидаст. Лек садои зузаи нофори Ало идома дорад ва овози наяки модагург ба он ҷӯр мешавад. Мазмун онҳо най мекашанд, «Фариштa» дастафшону покӯбон арғушт меравад.

## 10.

– Ба номи Худо, як сари мӯ дурӯғ надорам.

– Наход сарони як ширкат дурӯғ гӯянду як чӯпон рост? Боз чӯпони охирини ширкат?

Даҳони Шубон боз монд аз ин фошгӯийи бозпурс хонум ва дер нигарист ба сару рӯяш, ки наход чунин ҷавонзани зебо низ дурӯғ гӯяд? Ях баст. Карахт ҳам шуд, ки фоли нек набувад сарсухани ӯ. Пасон об кушод аз тафси сахти вуҷуд. Аз сару рӯяш арақ шорид. Ҳамин қадар аз сар гузаронд: «Хайрият ба усто Мухтор мӯйи сар тарошонд. Дар тағораи калон оббозӣ карда, либоси ҷойхезӣ пӯшида омад. Вагарна чиркоба мешорид аз сару рӯяш». Бозпурс хонум ҳам ба сару пойи пӯшидааш нигарист. Ҷеҳраю андомашро аз назар гузаронд, ки ин мард чӯпони онрӯза нест. Қавитан, офтобхӯрдаи гандумгун, чашмони зинда дорад, хеле шармгин ва шояд сабаби арақшор шуданаш худи Бозпурс хонум бошад. Бо ин ҳама ба чашми ӯ Шубон об шуда дар курсӣ фурӯ мерафт. Зан гӯшаи телефони корӣ бардошт, то занг занад ба касе ва ёрӣ талабад. Вале паси сар ба муттакои курсӣ ниҳода аз ҳолат рафтани чӯпон андешаи ӯро дигар кард: гӯша бозгузошта, аз обгина ба каф об гирифта ба рӯйи гунаҳгор пошид. Яккад парид Шубон ва нафаси амиқ кашида, анлаке ба худ омад.

– Чӣ шуд?

Вале дарку эҳсосаш дигар шуда, ҳушу ёдаш бедор нагашта будаст, ки дида ба чеҳрааш дӯхт ва хаёле фариштаи ба танаи шахи Гаҳвора часпида пеши назар омад.

– Ягон дард доред?

Шубон хуб шунид пурси ӯро ва сар ҷунбонд.

– Ҳанӯз ҳиччӣ маълум не, чаро ноҳол шудед?

– Шарм доштам.

– Шарм доштед? Аз кӣ? Аз чӣ?

Шубон табассум кард. Табассуми имрӯза фарқ дошт аз табассуми онрӯза. Ба чеҳраи тозаву ришу мӯйсари пероста мос афтода буд. Фӯтаи гирдисар тофта ва яктаки нусхабеқасаб надошт, балки костум пӯшида буд ва кафш. Ҳақиру нотавон набуд, аз чизе намекебид. Ҳайкали зебо дошт, барбастақомат кашидашикам; ибое дошт, шояд аз ҷӯяҳои панҷакашидаи гург бошад. Аён, ки чизе гуфта наметавонист. Мағз тоза ва андарун пур-пури гуфтанӣ, аммо забонаш нагардад ба гуфтор; мабод, ки сухане ноҷо барояд. Чӯпонигуфтор мекунад, бо рамзу тамсил мегӯяд, забони ҳайвонҳоро медонад; аз нигоҳу омаду гурезашон рамуз мегирад; муҳаббаташонро озмуд мекунад ва бо рафтору кирдори одамӣ муқойиса, вале ба касе чизе намегӯяд, ҳатто ба Хол. Зеро Хол ҳам мушоҳида дорад, ҳамаро бинаду шунаваду рамуз гирад ва ба тарзи хеш дарёбад. Ҳоҷати аз ин боб сухан кардан нест. Танҳо ба кирдори Ало ақлаш намерасад, ки чаро чунон кард? Магар сари вақт ошаш надод? Тундию олуғдагӣ кард, ки ҷонвар ранҷид? Ё модагург монанди арӯси ширин ақлашро дуздид ё ҷосусӣ карда ба доми тазвир кашид? Хамири хому шуста не, «танҳо гӯшт хоҳӣ хӯрд» гуфт. Ба ҳар тақдир аз роҳ зад. Чунон кард, ки меҳру муҳаббат дар хунаш ҳамроҳ шуд; лаззати ишқ чашид ва донист, ки дар олам хубтару беҳтар чизе нест. «Воқеъан ҳам нест»

– Чӣ нест?

Дер ба худ фурӯ рафтану якбора ин сухан гуфтанаш бозпурс хонумро дар ҳайрат гузошт, ки пурсид.

– А? Бубахшед! Ман дар бораи Ало фикр мекунам.

– Кист ун Ало?

– Ин саги чӯпонӣ. Бо гург ёр шуда рафт...

– Ҳааа, ҳамон ҳикояте, ки гуфтед?

– Ҳо! Ҳарчанд фикр мекунам, ки душманӣ буд ё муҳаббат, ба тагаш намерасам.

Бозпурс хонум дар дил завқ дошт. Чизе гуфтан мехост. Аммо забон газид. Дигар чиз фармуд:

– Ҷонвари безабон...

– Безабон, о... хонум, лекин ақл дорад. Ба тоабри худ фикр мекунаду амал. Корҳое кунад, ки ақли одам нарасад. Ресмони дарбанди кодокро хойида, рамаро ба чаро баровардa, сонӣ шикор карданашон кори ақл аст. Кори одат гӯем, пеш аз ин чунин рафтор накарда буд.

– Хуб, фаҳмидам, чӯпон. Лекин иддаъои фермаатон дигар: навиштаст, ки шумо молро ба гург додед; боқимондаро несту нобуд кардед; даъво доред, ки дар рама моли колхоз намонда.

– Ин рост хонуми ширин. Агар нобуд накарда бошанд, ман пӯстро пӯст, дурушро дуруш ва молро мол супурдаам ба онҳо. Баъд... – гуфту фӯтаи аз зери пиҷак бастаро кушод ва боз карда дарзаи коғазҳоро парешон кард, як дафтарчаи киссагиро сари даст дошта, ба бозпурс хонум пеш овард: «Дар ин ҷо ҳамаш ҳаст, оча!»

– Уфф! Ҳамин «оча»-гӯйиатон маро мекушад. Ин чӣ ҳарфест?

– Эҳтиром! Шумо зани андак не! Дар чор подшоҳ маълум.

– Миннатдор! Лекин дигар нагӯед!

– Хуб. Чӣ гӯям?

– Ҳиччӣ! Ана вай...

Гуфта натавонист ё сухани мос наёфт. Шубон дер нигарон шуд, ки бозпурс хонум чизе мегӯяд, лабханд кард. Лабханд чунон шинам буд ба ҳусни рӯяш, ки лаби мард низ шукуфт.

– Як моҳ – ду моҳ омада равед, ҳама чизро мефаҳмед.

– Як моҳ – ду моҳ? Чаро?

– Ҳамту...

Шубон дафтарчаю коғазҳоро бардошт аз рӯйи миз, печонд ба фӯта, ба миён баст. Зеро маънии «як моҳ – ду моҳ»-ро ба таври хеш фаҳмид; чун корафтода шуд ба «додгоҳ», аз муомилаю гуфтор ва рафтори адабдидагон, дарёфт, ки дару дарвозааш оҳанӣ, гирдогирд панҷарагирифта, дарбон автомат дорад, сахтгир, касро аз чашми ғирбол гузаронида, рухсати вуруд диҳад ё на? Пеш ин хел набуд; солҳои баччагиаш, ки аз паси падар меомад, ҳама ҷо ҳайдав буд, фақат Чорбоғи овозадори шаҳр иҳота дошт, ки мардум бо чипта даромада, дар сояи серуни дарахтон рӯйи кат нишаста, нону чою нишолло мефармуданд. Ҳолиё ба ҳар идора нигарӣ, қафаси паррандаю даррандаро ёд орад, ки ёвойиҳоро дар он надорӣ, рӯ ба кӯҳистон оранд. Ин ҳама ба эҳтиёти нафарест, ки аз ғазаби батангомадагон нигаҳ доранд. «Чӯпонӣ ҳам чунин буд: Мол дар девлохи фарох хоб мерафт, сагҳо бовафо буданд. Гург ғайрати пеш омадан надошт. Ҳоло андар кодоку камар нигаҳ дорӣ ҳам, гургон роҳ ёбанд; чунки сагҳо гург шудаанд. Ба умеди як лахт гӯшт меш ба гург диҳанд. Чӣ монандие доранд ба югурдакҳои инзамона? Баҳри як доллар дӯстро душман гардонанд.

* * *

Хол: «Ало аз Гардана тамоми рӯз зуза кашид, ако».

Шубон: «Қиёмат наздик бошад, ҳамин хел мешавад. Саг бояд, ки зуза кашида, балои осмониро баргардонад, Алои фалокат гургвор зуза зада, ҳамроҳи онҳо амал бикунад.»

«Раҳнамою мушкилкушо шудагӣ: Ҳалқаи ресмон хойида, дарвағнаро кушода, рама берун оварданӣ буд, ки рама рамида, якбора ба дар зада, тамма кард. Бедор шуда, «ҳой-ҳой!» кардам. Сагбачча ба хона зада даромад аз тарс. Гиркиш додам пеш нарафт. Ба тарафам дандон инҷ кард, Алои нохалаф. Асо дудаста мазбут дошта баромадам. Писанд накарданд. Асоро шамшер кардам. Ҳар бори ронданам реб дода, масхараам мекарданд: Ало ак мезад, гург зуза мекашид.

Росташ, дасту поям ба ларза даромад. Зуза хабар ба гургони дигар буд. Пушт ба дари кодок асо мерондам, ки танҳо садои ҳаво бурриданаш ба гӯш мерасид. Ба пушт дарвағнаро тела дода, назди мол даромаданӣ шудам. Онҳо чунон тамма шуда буданд, дар кушодан имкон надошт. Думбакӯб дарвағнаро нимроғ карда, худро пеши мол гирифтам. Сагбачча танҳо монд дар чӯпонхона, аз тарс ҷик намегуфт. Алои дастпарвар он ҷо даромад. Сагчаро хойид. Аз гардан газида, беруни дар афканд. Баробари ғел хӯрданаш пахш кард ва аз хехиртакаш дошта, бурд.

– Тир овардам, Хол.

– Ин фалокат чунон доғулӣ шудаст, ки тирро ҳам реб диҳад.

– Худо хоҳад, неши тир мешавад!

* * *

– Кори худат чӣ шуд, даллол?

– Ҳиччӣ. Ман гумон карда будам, ки ба хидматгор раҳм мекунанд, якеш оби ишкам намеҷунбонад. Балки нодида мегирад. Гила аз дигарон надорам, аз Ниҳоятуф хафа, ки ҳама кор бо маслиҳати ӯ шуда буд. Донам, ки ҳама кор аз дасти худам меояд, рӯза ба шаб намонда, буд мекунам. Чун роҳҳо баста, сари ағба миназор, ба ҷое расида нашавад. Сангро дузд баровардa, онҳо чунин рафтор карданд. Лек Санг бегуноҳ. Худи аспҳошон фуромада омадаст. Бачча дар девлох қава кардаст, ки соҳиб пайдо шавад, медиҳад. Аз гум шудани аспон се моҳ гузаштаст. Ҳарчанд бачча гуфтаст, ки чор рӯз шуда ба омаданашон, онҳо бовар накардаанд. О ту фикр намекунӣ, ки дузд мебуд, ё баддилӣ дошта буд, омадани аспдоронро нигарон меистод? Ягон балош мекард. Турктозӣ карданд онҳо! Куллукам намекарданд, сариштаашон мекардам. Ҳамроҳашон кашола шуда мерафтам. «Маро кушу баччаро сар те!» мегуфтам. «Товони аспот чанд?» мегуфтам. Лекин фармуда барин, баччаро бастаю молро пешандоз бурданд. Сарама ба куҷо занам? Намедонам... Худат медонӣ, ки таги калоншавандаҳо тар. Аз ин рӯ ба ин рухдод ҳамроҳ намешаванд. Гуфторо, ки ҷанги ҷаҳонӣ мехезад.

«Чӯпон! Бе ин ҳам ду давлат ба ҳам соз не! Ҳамина медонӣ?!» гуфта, ҷонашонро халос карданд.

Чӯпон гуфту гуфт беохир. Гӯши Шубон кар шуд. Ҳушу ёдаш ба Ало буд, ки чаро чунин кард? Аз буни ҳар ғӯту харсанг шинак мегирифт, ки гоҳи гургона зуза кашидан аз даҳонаш парронад. Зеро хубтар аз ӯ қиссаи молдор шудани Ҷаллоб – даллол ва сарони хоҷагию ҳукумати шаҳрро дигаре надонад.

Шубон дигар чизе напурсид аз ӯ, ки масъала саҳл нест; чунки Ҷаллоб ҳиҷ гоҳ аз онҳо шикоят надошт, балки вомenамуд, ки нашиносадашон. Ҳама корро тагакӣ ба сомон мерасонд, пасон лофу газоф мезад, ки «Дӯстони нағз дорам, ягон бор гапамро нагардонидаанд». Ин бор худро муши мурда гирифт: «Моли бурдаро гардонда, оварда, фурӯшам ҳам, ба «андоз» намерасад. «Бори писар» сарборӣ.

– Ту медонӣ, ки саги моли ман гург шуд?

– Инро ҳама медонанд. Гиребон медоранд, ки охирзамон шудаст.

– Ман намедонам, ки гург гаштани саг нишонаи охирзамон аст ё дузд шудани фермаю...

– Ё ҳарду!

– Оре, ё ҳарду.

– Шубон! Ману ту аз як макон, аз як хун... Аввалаш, илоҳӣ нашавад, хезаду моли бурдаро ба гарданам бор кунанд, ёрӣ медиҳӣ?

– Чигуна ёрӣ?

– Молатро шумурда ба ман медиҳӣ. Кайе ки молро аз дасти ғоратгарон овардам, молатро саршумор бармегардонам.

– Саршумор? Яъне, ранге ки ёд гирифтӣ? Ба ҷойи меш – барра?

– Не-не! Ранге ки гирифтам.

– Соҳибони мол даъво кунанд-чӣ?

– Набояд ин хел шавад. Метарсанд ба даъво кардан, ки сиррашон фош нашавад.

– Агар аз даъво тарсанд, чӣ ҳоҷати моли маро гирифтан?

– Хезаду, гуфтам-ку!

– Хезад – нахезад, моли ман не, моли Ширкат ҳам не, моли чакана.

– Нагуфтам, тагобиҳои мо одамгарӣ надоранд. Бо дили пур ба ту гуфтам, ки гули зағир барин одамгарӣ дорӣ...

– Гули зағир барин не, худи худат барин. Кас мурад, дар ҳалқаш об намечакконӣ.

– Кай ягон чиз пурсидию ман муҳимата набуровардам?

– Намепурсам ҳам. Мемураму намепурсам. Ман туро бори аввал мебинам? Як муддат молатро бонӣ карда будам. Ёдат ҳаст? «Мешҳои ман дугонагӣ мезоянд... Аз ҳар меш дусарӣ бояд барра диҳӣ!» нагуфта будӣ?

– Коҳи кӯҳнаро бод накун, Шубон. Он вақт аз нӯги тозиёнаам хун мечакид. Ҳоло аз дидагонам хун мечакад. Фарқ дорад?

– Модоме ки худат ҳаминро фаҳмидайӣ, фарқ дорад. Лекин донам, ки ҳавойи бад хуб шаваду одами бад не!

– Ба хаёли ту ман одами бадам?

– Агар бад набошӣ, гӯй, ки дар умри сарат ба кӣ некӣ кардӣ?

– Ба ҷӯгиҳо некӣ накардам? Дар бузкашиҳо лаҷоми аспашонро нагирифтам?

– Баъд чӣ гуфтӣ?

– Чӣ гуфтам?

– «Зани яктеша таги чишм кардам» нагуфтӣ?

– Мон-э! Ба ту гап зада намешудаст. Шӯхия намефаҳмӣ?!

– Зани як касро бадном кардан шӯхӣ дорад? Ту зани худата бадном мекунию!

– Чихел?

– Духтари Боқарқин занат буд-а? Буд. Рӯзе дар тангкӯчаи Эшон ту бо ду меҳмони фотиҳахон мерафтӣ, ки аз пеш зане омад. Ба меҳмонҳо гуфтӣ: «Ман ҳамин занака кардагӣ». Ман аз пасат будам. Даҳон пур кардам, ки ба меҳмонҳо фаҳмонам: «Ин занак зани ҳамин кас буд. Ҳозир дигар мард мекунадаш». Аз Худо шарм доштам.

– Ту аз аввал далхак[1] будӣ, далхак мемонӣ! Молат сарата хурад! Лекин ман ин кора ҳамту намемонам. Омада пеши поям сар намонӣ, ман одам нестам!

– Инро ба касе гӯ, ки туро нашносад!

Ӯ облӯла кард. Гирди лабону рӯяш чину ожанг баст. Оби биниаш ҳам шорид. Гиря гулӯгир низ шуд. Бечора, пакару нотавон, дармонда, ҳатто ночиз тофт; садояш низ ларзону гирён буд ва дар чунин ҳолат ҳам аз баддаҳонӣ намонд; ришак кашид: «Ман ҳамон даллол...» Аммо Шубон имкон надод, то давоми сухан гӯяд: «Медонам ту ҳамон: Дар умрат ду бор хурӯси хоболуд барин дар нимашабон аз сари Хоканак гургвор зуза кашидӣ: «Ҳооо, Амбара гург бууурдооо!!!» Бори дигар: «Ҳооо, мола дузд бурдооо!!!» Аз ёдат баромад?! Ё дигар шудӣ?!»

– Ман гапама гуфтам! «Агар чӯб назанам...»

Шубон сахт дошт ӯро. Афканд ба замин. Пой дар гулӯяш монд. Пахш кард. Ӯ гулӯгир фармуд: «Чуки писарата хурам, сар те. Мо аз як хок, аз як хун! Айб аст!»

– Ту айбро ҳам медонӣ?!

Чун овозаш аз зери пойи Шубон барнамеомад, бо имойи чашму сар фармуд: «Оре».

* * *

Шубон болобаланди қавитан. Мудом лабханд дорад. Ҳарфи хуш гуфтан хоҳад. Аз рӯзе ки кораш ба тафтиш афтода, лабхандаш гум гашта, андешаманд шудаст: «Чаро нагузоранд, ки кас ба таври хеш зиндагӣ кунад?» ба худ гуфт. Аммо одамон ҳам, бозпурсу доварон ҳам аз ӯ чизҳое пурсанд, ки надонад ё чунин гапу калоча набуд. Ба умеди Худо, ки «Довари бузург худаш» таваккул карда, ба додгоҳ меравад меояд. Чизе тағйир намеёбад ҷуз «Парвандаи ҷинойӣ». Зеро чанд гуноҳ ба сараш бор гашта: «Талафи моли колхозӣ – ширкатӣ; Чӯпони «бракйерӣ»; Моли хусусӣ гаштани моли колхозӣ – хоҷагӣ... Ханда гум шуд аз лабони Шубон. Са-

[1] Далҳак – чақа.

дойи най ҳам набаромад. Рӯйи сангҳои дӯстдошта зиёд нишаста, най менавохт ва рама ба чаридан ҳидоят мекард. Ҳоло бар тахтасанг нишинад, андеша барадаш: «чуну чаро?» гӯяд, посух нагирад. Дар камар, зери миёнбанд най надорад. Балки найро дар кодоки чӯпонхона, байни шохвассаҳо халондаст ва ҳавасу хуши гирифта, навохтан надорад. «Куштанд. Ҳама орзую ҳавасҳо мурд». Дилоро хонуми бозпурс ҳам ба рӯяш нигоҳ накарда, сархам пурсад, ки ба сараш санги гарон бор карда бошанд. Шубон надонад, ки шӯйи Дилоро хонум вакили ваколатдор аст ва гаштакхӯри «гурӯҳи гургон». Ин гурӯҳ сагони бесоҳиб ва посбонро ба узвият бипазиранд, чун мол наёбанд, чорлахт карда, бихуранд. Даруни бало набошӣ, нозукиҳои рафтору кирдор, ҳатто кушторро нафаҳмӣ. Ба ӯ маслиҳат доданд, ки шавҳари Дилоро хонум – Ҷасури хингиро вакил гирад. «Зан чӣ кард, ки шавҳараш кунад? Ҳамашон як гӯру кафан» дар дил гуфт ва паймон кард: «Омада, парронанд ҳам наздашон намеравам. «Ба шумо ҷанобони қонуншикан, мегӯям, ки ман гуноҳе надорам! Моли касеро нахӯрдаам!» Шахи Гаҳвора баъди акси садои тири шаби «ҷанги одаму гург» бори нахуст овоз баргардонд. Зуза ва садоҳои дигарро фурӯ мебурд чу хок. Имрӯз гӯшу гулӯяш кушода шудаст. Амал кард. Гӯши мол ҳам чур шуд, ки хоси кӣ будани дуруши ҳар кадомро фарқ кардан имкон дошт: «Хол, деҳа бирав, молдоронро бигӯ, ки омада, молашонро ҷудо карда, гиранд!» Молдорон омада, молашон ҷудо карда гирифтанд. Чанд сар гӯсфанду буз монд, ки моли меросии Шубон буд; гӯшашон бо сими тафта сӯрохкарда. «Ба номи Худо ҷонам!». Ба Худ гуфт. Лек чаро гуфт, надонад. Вақтҳои охир аз беш такрор кардан ин дуъо нӯгизабонӣ шудаст, беихтиёр аз даҳон бароядад. Танҳо оҳанги гуфтор муайян созад, ки рост гуфт ё киноя зад? Чунки ба кору бори хеш овора, мол чарониданро медонисту ҳақ гирифтанро. Гургхӯрдаро як пора пӯсту дуруш месупурду коғаз мегирифт, ҳуҷҷатдор мешуд; чунонки имрӯз фармудаанд: як, ду, се... гуфта, гуноҳ бор намекарданд ба сараш. «Тӯҳмати ногаҳон-е! Читу, дидаю донистa,

аз Худо гашта, ба сари кас тӯҳмат бор кунед?! Худоё Худовандо, дар тӯҳмати ноҳақ печед!»

«Алууууууу!!!»

«Балои азим ту!» сӯйи зузаи Ало рӯ оварда фармуд Шубон ва дандон гиз кард аз алам, ки «Гург шуданаш – як бало, зузаи бехосият кашиданаш – сад бало!» Акнун шинак гирифтанӣ, ки гоҳи фӯк ба осмон даҳон кушода, дандонҳои хунолуд намуда зуза кашиданаш қол гирифта, парронад, ки ҳамон ист қолаб гирад ва бурда андар гирдсанги миёни деҳа гузорад, то нобоварон, дида, ибрат гиранд, ки хиёнат азимтарин «балои азим» бошад. Даррандаи носер барои хеш дом гузорад, одами бад гӯр кобад. Бузро шох хорад, қӯши чӯпон кобад.

Шубон тири хирсафкан ҷо кард ба камон. Чун авзоъ ноҷо дошт, Хол беихтиёр даст ёзид, то бигирад аз дасташ. Чунки чӯпони хандони сухангӯ ба тарзи худ якуякбора каси дигар шуд; шафақи ханда ба сони офтоби сари кӯҳ аз лабонаш паррид ва торикии воҳимаангез дар вуҷудаш ҷо гирифт; зеро ӯ бо ъу-ъу-ъу-ъу-йи таккаҳо, лав-лав-лави қӯчҳо ва хомӯшии серкаҳо, зузаи новақту аккоси сагон, пинг-пинги рӯбоҳу чуу-чууйи уқоб ва қақубақи кабкон дил хуш медошт, аз миёни садоҳо бум-буми кӯри бум, зузаи гург, чучуйи нофори чуғз, ҳанги нобаҳангоми баланду гӯшхароши хар ва сухани лаққиҳоро бад медид. Бадтар аз ин мармуз гуфтани касоне, ки ҳеҷ ба гурӯҳи коррупсионӣ дохил намешаванд: «Худат медонӣ, ҳимматат медонад, ҳамин қадари дигар зам кунед... Як худам мебудам, бас буд. Медонед чӣ қадар дасту чашм нигарон? Лак-лак!»

* * *

– Шумо аз одамони қадим, акои Шубон. Вайрон нашудаед. Ба ин ҷамъияти нав, ки дохил шудед, пардаи чашматон медаррад, ранги мо мешавед, оби даҳанатон ба ҳар чиз меравад. Оби даҳан ки рафт, ҳамон чизи дил кашидаро ёфта нахуред, дил беҳузур гардад; худи занони сарторикӣ. Лекин шумо кӯшиш кунед, ки ба ин роҳ наравед. Пирони дар соҳаи мо

кор кардагӣ, сонитар пушаймон шаванд, ки кори беҷо кардем. Ана баъд ҳаваси Макка «гуноҳшӯйӣ» рафтанро бинеду, худойидиҳиро бинеду савобҷӯйиро бинеду... Лекин даҳон ҳамон даҳони бефаровез, ният ҳамон ният. Дарахт, ки кач шуд, ҳазор ҳаччаю пояю тиргак гузорӣ, кач меравад. Илоҷи чунин дарахт буррида, сӯхтан. Одами качро низ рост карда нашавад, чунки устухонаш кач, дилаш ҳам.

– Чӣ, шумо шишта, буромадед?

– Гардак шуда буд. Дар замони шӯравӣ душманӣ карда шинонданд, дар замони нав боз ҷоямонро гирифтем. Зинда бод Истиқлол, ки мӯро аз хамир ҷудо мекунад! Чунин дастур ҳаст, ки мо ҳам мӯро аз хамир чудо кунем! Хуб-а?

– Хуби хуб. Ман, ки аз ин корҳо дурам, ба бозиҳои шумо сарфаҳм намеравам...

– Чӣ хел бозӣ?

– Охир як чизи оддиро ин қадар кашол медиҳанду масъаларо мепечонанду аз пашша фил месозанду...

– Инту нагӯед. Агар ҳамин соҳаи мо набошад, одамон гӯшти якдигарро канда мехуранд. Мо ҳастем, ки мардум ибо мекунанд. Ага не, медонед чӣ меша? Пақ-пақ! Дар раҳу рӯ якдигарро парронда рафтан мегиранд, ранги сериалҳои туркӣ. Сонеш баъд, мебинед, ки боз корашон ба мо меафтад. Онгоҳ ё ҳавлию ҳарам бояд фурӯшанд ё дар зиндон мурда раванд.

– Худо нишон надиҳад...

– Ман ҳам ҳамина мегум. Ин чиза касе ба шумо намегуд. Чунки ситоретон мос омад.

– Ман низ мисли шумо, дар соҳаи худам қассоб: молро чунон маг зада, бо нарангушт пӯст меканам, ки даҳанатон яла мемонад. Шумо ҳам чунин: ба таври худ чунон мегӯеду пӯсту пора мекунед, даҳонам воз мемонад, вале балоро намефаҳмам. Кушоду равшан гӯем, ҳамин хел. Лекин дар таги коса чӣ нимкоса ҳаст, аён нест.

– Одамони мо соддамуғамбир. Гирад ҳам якбора гирад, гуфта, ба зинаҳои поёнӣ чизе додан-ба дасташон раг мекашад, ҷиноят парванда мешавад, дигар илоҷи пас гаштан надорад. Қозӣ ҳал мекунад проблемро. О, те буд, гуфтаи боз-

пурсро! Не-дия. «Ҳақиқат ҳаст!» Баччаи мо надорад гуноҳ! Сонеш баъд, ба ҳама чиз розӣ, лекин мазза аз қайла гузаштаст. Неее, ҳамон вақт ҳам илоҷи корро ёфтан мумкин, лекин мардум оё не. Аз рӯйи китобҳои дарсӣ ҳукм мебароранд. Китоби ҳаёт дигар, дӯстам. Дар китоби дарсӣ «нафс» гуфтанӣ бобе нест. Лекин китоби ҳаёт аз ҳамдигарро куштани фарзандони Одам сар мешавад. Бисёриҳо гумон доранд, ки дар соҳаи ҳуқуқ бесаводон кор мекунанд. Неее! Чизҳое, ки мо медонем, ҳеҷ олим, ҳеҷ муаллим, ҳеҷ нависанда надонад. Навиштаҳои онҳоро мо хонда механдем. Онҳо ҳам ба мо механданд, ки бевиҷдонем, ҳаромхӯрем; савганд ҳам хӯрдаем.

– Рост, дӯстам. Савганд хӯрдан дар пеши ҳаром хӯрдан чизе нест...

«Лаббай, раис! Хӯш! Шар-шар? Ҳа... Боб-дия. Расо соати 12?! Хӯш!»

Гӯшаро пеши чашм дошта, «шунидед? Дидед?!» гуфт додситон. Шубон пиндошт, ки ҳанӯз ҳам бо раисаш гуфтугӯ дорад, лом нагуфт. Гӯшаро чаппа гардонда бар миз гузошт ва расонда, гуфт: «Шунидед, дӯстам? Накунеду бинед!»

– Ман?

– Не! Мо! Агар ҳозир фармудааш нашавад, пагоҳ дангал! Бо фис мирӣ моҳона чӣ кор кардан мумкин? Маҷбур мешавем, ки ба шумо андоз бандем!

– Ба ман?

– Мисол! Ба шумо ҳам, айбе надорад.

– Охир, ман ба ин чиз сарфаҳм намеравам.

– Ёд мегиред. Ба Шар-шар меравед, ба чойхоначӣ Шаҳобидин мегӯед, ки соати 12 Қозӣ меоянд...

– Соати 12? То Шар-шар мерасед, ки шом мешавад. Худдӣ шахи Сиёҳи ағба рафтан лозим.

– Ун Шар-шари шумо не! Шар-шари канори наҳр. Лаби чашма. Надонед, шофёри ман мебарад. Шумо ҳисобу китоб мекунеду пули зиёфата медиҳеду бепарво меравед...

– Чанд пул?

– Ҳоло чанд пулашро намедонам... Баъди зиёфат ба кисаи

Қозӣ як чиз меандозед... Шарт не. Ба кисаи шофёр андозед ҳам мешавад...

Шубон кар шуд. Аз сару рӯяш арақ рехт: «Нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор?!» Сар такон дод: «Ман гуноҳе надорам, дӯстам. Ман метарсам...»

– Шумо чӣ метарсед? Гирифтагиҳо тарсанд.

– Ҷаллоби пуртуллак гуфт, ки «Ҳушёр шав! Додагӣ ҳам дар бало мемонаду гирифтагӣ ҳам!

– Э гапи уна гап ҳисоб накунед! Ҳам ба наъл занаду ҳам ба мех. Ӯро намешинохтам. Ошноҳояш шинос карданд, ки корбудкун. Лекин аз сад навадро назанад, кор намекунад.

– Нағз фаҳмидаед. Дар корҳои ман ҳам даст дорад?

– Намедонам. Лекин бо Фермаатон омада, меравад.

– Ҷони гап ҳам дар ҳамин. Ҳамаашон даҳанкалон... Хаёлам шумо аз он уруқ не. Оромтабиат. Ба гап гӯш медиҳед. Бо ишораи сар «ҳаю не» мегӯед. Лекин онҳо баробари аз дар сар овардан «балота гирам, чуки писрата хурам, ҳамин кора буд мекунӣ» гӯянд. Мӯлтонӣ-ку нестанд?

– Ким?[1].

Дари дафтари корӣ кушода шуд. Ҷавони олуфта бе пӯштпӯшт даромад. Қозӣ сиёсат кард:

– Соат 12 шуд! Кай мерию кай ош мефармойӣ?-

– Ун каса бурдам, раис!

Дами раис гирифт. Гӯшаи чашм ба Шубон андохт, ки чӣ гирифт аз ин пурсу посух? Ӯ дида ба миз дӯхта буд. Соати 12-ро фикр мекард: «Не! Гӯям, чӣ шавад? Гуноҳе надорам. Се шарти Ферма пешниҳод карда асос надорад... Ба хулосае наомада, гӯшаш ҷаранг дод: «Баҳс макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб!»

– Хезед! Равед! – Хитоб ба Шубон буд.

– Куҷо?!

– То ҳамин вақт ба ту матал хондам?

– Гуфтам-ку! Ман ба ин корҳо одат накардаам. Парвандаро аз рӯйи салоҳал мӯъминин бинед. Гуноҳам бошад,

---

[1] Кӣ медонад?

парронед!

– Ба чӯпон гап фаҳмонда мешад? Гӯё ки гунаҳгоронро мо мепарронем! Гунаҳгорро гург гумон мекунад. Паррондан ҳам қойидаю қонун дорад. – Рӯ ба ронанда оварда: – Ун каса гиру рав, ҳама кора худаш буд мекунад! – Ронанда баромад. Қозӣ ба Шубон фармуд: – Шумо равед, муҳтарам чӯпон! Кай ки повестка гирифтед, меоед!

– Ман дигар намеоям. Бо ҳайвонҳо одат кардаам. Онҳо зиндагии хуб доранд... То сар буридан.

– Маълум. – Фармуд қозӣ! – Аммо ҳарфи дигар гузаронд аз дил: «Гӯратро бо дасти худ кандӣ. Ҳоло бо собуни онҳо ҷомашӯйӣ накардайӣ. Сода!»

Ба назари қонундонҳо Шубон сода, оддӣ, чора ва роҳу равише, ки қонундонҳо омӯхтаанд ва ё аз таҷриба андӯхтаанд, надонад. Аз думболи ҳайвонҳо кашол, ҳар сӯ раванд, ӯ низ равад. Гарданшахӣ карда, ба «ъаю кӯш!» нагарданд, пеши рӯяшон асо андозад, онҳо рамуз гирифта, сар тобанд дигар сӯ. Аммо кору рӯзгори қонундонҳои як мактабро хатмкардаю як китоби дарсӣ хонда, тамоман дигар: рӯйи мизашон китоби «коддекси ҷиноятӣ». Пурсу эрод шавад, зуд китобро кушоянд ва фулон моддаю касмадон пунктро пайдо карда хонанд ва солу моҳ дайн кунанд ба гардани айбдоршаванда. Чунон дайн, ки бо оҳани тафта рони асп доғ кунанд, то асп ҳаст нишона монад. Нишонае, ки аз чӯпон ба мол монад, дуруш. Агар чӯпон гӯсфанди молдорро гум кунад ё ба иборае хурад, товон диҳад ё аз ҳаққи чӯпонӣ гардонад. Аммо қонундонҳо ҳам мегиранд, ҳам сол медиҳанд: «сабук кардем» гуфта. Лак андар лак мисолаш. Лек мӯҳри онҳо пахшкардаро бо резинкаи хаткӯркунак бардоштан имкон надорад. Чунки қонун фармудаст.

«Чӣ ноҳақӣ!»

Ҳоло Шубон ҳукм нашунида, ранҷу озор надида, чунин хулоса баровард. Шояд аз он бошад, ки бисёр найрангу ташвишу дурӯғу макру ҳиял ва ҳукми нораво, муҷозоти сохта, ба ҷойи гунаҳгор нишондани бекасу бечора, ба пойи ҷиян бастани гуноҳи таға, ба ҷойи сардор зиндонӣ шудани

хидматгор ва он қадар вайронкориҳоро шунидаст, ки дар так-так нагунҷад. Аз ин рӯ дар дил шубҳа афтода, ки аз дасти аҷал гурехта нашавад. Аммо ба қисмату сарнавишт гуфтан забонаш нагардад, ки он кори Худованд аст. «Ин ҳукм!» фармуд ва санге сияҳро гирифта, бар тахтасанг кашид, раххҳои сафед баровард: «Тӯҳмат!» ва аз дил гузаронд: «Додор куҷост? Азроъил куҷост, ки гоҳи ҳукмномаи дурӯғин хондан ҷони қозиро қабз намекунад, ки дарс шавад? Не. Ҳамон вақт ҳам дарс намешавад, чунки ин мактаб як ранг касонро тайёр мекунад, ки ба чашми Худо хок мезананд ва Азроъилро ҳам мефиребанд... Тавба. Нав фаҳмидам, ки Қозикалон мефармудаст, югурдакҳо ба давутоз медаромадаанд ва ба сари гунаҳгорони бегуноҳ андоз мебастаанд. «Шумо натарсед, сол диҳанд ҳам ба зудӣ озод мешавед, амнистия дар пеш. Дар ҳар солгарди эъломияи «Ҷумҳурии демократӣ» бо авфи президентӣ пӯртӣ аз «тагхона» баромада мемонед!» Ин тасаллои каси миёнарав.

* * *

«Шубон аз по монаду курсинишин аз миён... Оё кори Ало дуруст бошад, ки аз зиндагии якранг, аз одаму мол рӯ тофта, бо асли хеш пайваст? Шояд. Лек маро хиёнат тобад, батар аз хиёнати ватанфурӯш, сахттар аз кирдори духтаре, ки ишқ пиндошта, думи кадом нарғӯлро гирифта, тарки манзил кунад, хидмати падару модар ба эътибор нагирифта. Ман низ барои Ало кам ҷон накандаам. Пишакча барин буд. Бо шири гӯсфанд парвардам даруни телпак гирифта, ки беоча аз сармо намирад. Баъд худам гушнаю ӯ сер, ҳар бегоҳ оши саг таёр мекардам аз орди чӯпон хамир молида. Гӯшти моли ҳароммурдаю саркути гург ва ҳамагуна устухон, каллаю почаи моли ҳалол хуроки ӯ буд. Хаёлам, ки гурггир мешавад, аз даҳони худ канда ба даҳони он ниҳодам. Шояд тарбият карда натавонистам. Нозгунҷ шуд. Писанд накард. Аз чангаки дасташ ва пойҳои ғафсакаш, ки паю пихи пойҳои шерро мемонд, «хирсгир мешавад» гуфтам . Аммо ранги ҷавонони беғайрат баромад, ки бе дуду алоб зиндагӣ кардан хоҳанд. Беш аз он

кўрнамакӣ кард, нохалаф! Баччаро ба умед калон мекунӣ, аз нодонию бефаҳмию беандешагӣ, умедатро барбод медиҳад. Бо вуҷуди он ин ҳама дар қиёси қонуншикании қонундонҳо ошиқии ӯ бо ҳамҷинси худаш чизе нест. Онҳо аз куҷо донанд, ки чӯпон қатори саги бовафояш шабону рӯзон гушна гардад то орду нон овардани ҳамроҳаш аз хона. Хӯроки асосии чӯпон нони хушку оби хунук. Лек ноогаҳон пиндоранд, ки мудом гӯшту рӯған хурад.

Хол пеш аз он ки бори харро фурорад, коғазеро аз кисабағал бароварда ба ако дароз кард хомӯшона.

– Чӣ будаст?

– Намедонам, – гуфт ба пурси ако Хол, то худаш хонад, ки чист, зеро ӯ ҳам то синфи чаҳор хонда, аз барои чӯпонӣ, мактабро тарк карда буд, ки «аз мо қозӣ намебарояд». Ҳиҷҷа карда «По-вес-т-ка»-ро хонд ва номи Дилороро низ ва нишаст бар санги хорои аз боду борону офтоб сиёҳгашта, ки шиканӣ, мағзаш ҷигарӣ тобад. То Хол аз ваҷоҳаташ чизе пай набарад, каме тахтагурда кӯз дошта, дар ҷойи нишаста хам хӯрд ва қоғаз пешорӯ дошта дуру дароз нигарист, ки чӣ маънӣ дошта бошад пайғоми зан, ки кор аз дасташ гузашта буд; маслиҳати ҳалол ҳам надод, худ ба худ ба якдигар зуъм карданд, вале чизе нагуфтанд, ҳафту ҳашт ҳам нашуд. Ба пайғомҳои пешинаш эътибор надоду нарафт, боз пайғом карда, атайно номашро дарҷ кардаст: «чӣ мегуфта бошад?» Лек ба хаёлу андешаи хеш, Шубон ҳазору як кӯчаи гумонро паймуд, вале расидагӣ накард, ки «чӣ гап дошта бошад?» Рафтану нарафтанро низ муайян накард. Ҳамин қадар аз зеҳн гузаронд, ки мисли Дилоро занро дар олами рӯшан надидаст. Танҳо Ситорaро дар курсии мактабӣ чунин хуш карда буд, ки дувоздаҳ сол дошт, чунки дер ба мактаб рафта, дар синфи сеюм дувоздаҳсола шуда буд. Аммо зодагонаш чӯпон гуфта, Ситораро ба Шубон надоданд ва ишқи пинҳониаш дар дил мағор баст. Аз ҳамин нигоҳ, ки як алам сад алам нашавад ва бозпурс сахт нагирад ва аз дарди дарунаш огоҳ нагардад, хуб аст, ки дигар ба додгоҳ наояд. Чун

ба доми тазвири додситон афтиду донист, ки бегуноҳро зери бори гуноҳ медоранд, нарафт. Ва нахоҳад рафт. Зеро Шубон худро тозаю беҷурм пиндорад, лек надонад, ки чӣ миқдор бегуноҳон ҷон дода ба ҷойи пургуноҳон!

Аммо дар Кодок милиса пайдо шуд. Яку якбора, субҳ надамида аз ҷониби Қумбел аспсавор омад. Саг набуд, ки пешвоз гирад, лек аз хониши кабкони зери шахи Гаҳвора, ки чашмаи Майдонак обхӯрӣ мефуромаданд ва пайдо шудани роҳгузар, шикорчӣ, ҳезумкаш, ревоҷчин ё шубонро медиданд, месаройиданд. Ҳоло чунин шуд: кабкон саройиданд кикир-кикир ва ҳамдигарро огоҳ карданд, ки оташбасар омад, боэҳтиёт бошанд. Савори шапкабасар омад, камон сарозер овехта сари китф. Аспи сиёҳи Ҷаллоб зери ронаш. Дили Шубон шуввӣ фурӯ рафт. Саропояшро арақ пахш кард. Аспро дида, хаёле аз дил гузаронд, ки кори кист? Шафақи субҳ ҳама чизро дар шакли аслиаш нишон медод, саворро ҳам аён кард. Ин ҳамон миллисаи зардинаи зиштрӯ, ки ба як сум одамро фурӯшад. Амр қотилона бошад, касро ба пордуми хару асп баста, худ шоҳона савору гунаҳгор бандӣ, милисахона барад, бозомаданашро Худо донад. Чун наздиктар омад, камон аз сари китф гирифта, роста дошт ва тасмааш ба кӯҳони зин андохт. Бозгирифта, чизеро ба нишон оварда, дудаста пеш дошт. Шубон хавф бурд, ки бепурсу посух тир заданист. Чунки онҳо ҳуқуқ доранд, ки каси саркашу нофармону гурезонро тир зананд. Лек чаро зардина камондор омад, ки чунин одат надошт. Таппонча дошт, сахт зарур бошаду аз ҷониби ШКД амр шуда, Калашников медиҳанд, ки сахт мӯд шуда ва балогардони зӯрону дароздастон. Аспи Ҷаллоб, шояд камон низ аз они ӯ бошад?»

– Шумо бо Ҷаллоб сахт ҷӯра, а, сержант?

– Ман бо ҳама ҷӯра, агар одами хуб бошад...

Шубон хост дигар ҳарфе нагӯяд, то худи ӯ даҳони ҷуволи гапро накушояд. Вале барои исботи тахминаш ором истода натавонист:

– Барои он мегӯм, ки ҳам аспашро додасту ҳам камонашро.

Милиса магар дар «бозӣ» чанд хол бой дод, ки оне чӣ гуфтанро надониста, хомӯш монд ва якбора ҳуҷумовар шуд:

«Шумо ҳамин қадар кучуки калон, ки бо даъвати органҳои сиёсӣ ба додгоҳ намеравед?!»

– Магар гӯсола чаппа омадаст?! – низ паст наомад ва лабханди одатиаш рӯ зад: – Аввал пурсишу баъд кушиш. Марҳамат аз асп фуроед. Ҳамин кӯҳҳо пешкаш. Саг надорем, ки газад...

– Моли бесаг мол не. Ту чӯпони нағз мебудӣ, сагат тарк карда намерафт. Маълум, ки ягон сирр ҳаст.

– Ҳаст, ҳаст! Ман намедонистам, ки ҳайвонҳо ҳам аз барои нафс хиёнат мекунанд.

– Кӣ кардаст хиёнат? – ба сухани Шубон сарфаҳм нарафта кинавар пурсид милиса, ки Шубон феълу атвори ба рафти ҷараён мувофиқи мардумро донад.

– Муҳтарам сагро мегӯям, муҳтарам сержант! Аз одамон бӯю хӯ гирифтаст, ки думи як килларо гирифта рафт, мол бесаг монд. Хуб шуд, ки омадед, муҳтарам сержант!

– Фӯс-фӯс накун, пеш даро!

– Куҷо?

– Медонӣ, куҷо!

– Агар ба ҳамон ҷаҳаннам бурданӣ бошӣ, ин ҷо камтар аз ҷаҳаннам нест. Ин шумоед, ки дар биҳишт ҷо гирифтаед, хоҳед мебаред, хоҳед мекушед, хоҳед дар аъроф мегузоред. Аъроф ҳам чӯпонро ҷаҳаннам аст. Чунки ӯ биҳиштро надидаст, аз дур оташи дӯзахро дида, рӯ ба он ҷониб орад, ки як бор дурусттар гарм шавад.

– Саг ак мезанад, гург алу мекашад, хар ҳанг мегӯяд, асп шиҳа мекашад ....Одам мегӯяду механдаду мегиряд ҳама садоҳоро тақлид карда.

– Моро теғ бурро, тир гузаро.

– Бале, муҳтарам сержант, шумо пуштбон доред, кори фармуда ба ҷо меоред. Зиндагии мо мисли шабу рӯз ду ранг дорад – сафеду сиёҳ, ояду равад, гоҳ дарозу гаҳ кӯтоҳ. Биҳишт ё биҳиштие надидаем, лек азоби дӯзах кашидаем. Инак шумо омадед, бибаредам ва ба оташи дӯзах андозедам, ки гуноҳе надорам.

– Мусичаи бегуноҳ...

– Наход гуноҳи бегуноҳии ман он қадар бошад, ки шумо, муҳтарам сержант, аспи душмани маро савор шуда сари мол оед. Боз камонашро ҳам оред, ки маро парронед? Ана! Тани ману тақдири ҳақ! –Асои ғурмдор ба паҳлӯи рост такя гузошта, гиребони яктаҳи зирабеқасаб ба ду тараф боз карда, сари сина бараҳна дошта, фармуд Шубон. – Парронед! Якбора ҳарду халос мешавем! Ман аз ташвишу тӯҳмат, шумо аз дастиёрии маҷбурӣ. Агар шумо бениқоб, бе тайёрии пешакӣ ин ҷо меомадед, ҳамроҳатон мерафтам, чун чарм ба рӯй кашида омадед, парронед ҳам намеравам! Паррон!

– Чунон ки худатон гуфтед, ман озод нестам. Омадам, маҷбурам, ки шуморо барам!

– Ана! – бори дигар дудаста гиребон ба ду тараф кушод, сари синаи дамону офтобзада ва канортар пӯсти сафеди нури офтобнадида намуд, вале каманди андар камар печида нагузошт, фарохтар равад гиребону бари яктаҳ, то сержант бинад, ки пайи панҷаи гургон то куҷо расида. – Ҳамин бас нест?! Ҳамин нишона бас нест, ки шумо барои Ватан ҷангидеду ман ба ҳифзи моли Хоҷагӣ?! Агар медонистам, ки ҷӯраатон Ҷаллоб моли аз даҳони гург раҳондаи маро барбод медиҳад, гургонро «ҳоҳ!» намегуфтам!

– Ман пеши шумо ба ҷанг наомадаам. Ба ҳисоботгирӣ ҳам...

– Гуфтам, намеравам! Танҳо мурдаамро мебарӣ!

Ва милиса дид, ки асои пошнааш мисли мундалаи бехи кӯмод ғурмдор дар дасти Шубон фишор мехураду гирд мегардад, камон аз кӯҳаи зин бардошту дудаста дошт, то дар зарурат фурсат аз даст надиҳад.

– Паррондани ҳастӣ? Паррон!

– Чаро чунин фикр дорӣ? Вазифаи ман паррондан нест! Лекин мебинам, ки бо асои кундачадорат заданӣ.

Шубон, ки чунин андеша дар зеҳн надошт, балки чизҳои дигар ба сар меомаданд ва ҳамаи он андешаҳои носазоро якяк аз зеҳн гузаронида, ҳисоб мекард, гӯйӣ дар ҳар шумор як бор чӯбдастро тоб мегардонд, ки ғурмаш заминро комадор карда буд, аз замин бардошта, кулоч кашид ва якбора ҳаво дод. Милиса даст ба сар дошт, то аз зарби асо абгор нагар-

дад ва бо дасти рост камон рост кард. Аммо асо на ҷониби ӯ рафт, балки чархида сӯйи дигар рафт, то ғарами юғани рӯйи боми кодок.

– Ту чихелин одамӣ?!

– Ман? Ман чӯпон! Ва ту чихелин касӣ?!

– Ман? Ман милиса! – гуфт. Магар асо афкандани чӯпонро дида шерак шуд, ки пиёда гашт аз асп ва хаёлан камонро бо силтаву ситеза ба кӯҳаи зин овехту сар дод. Асп, ки то ин вақт гӯш чур карда ҳама ҳарфҳои ононро шунида, аммо чизе нафаҳмида таҷанг гашта буд, баробари ба паҳлӯ бархӯрдани пошнаи камон, зарбаи маҳмез донист ва тӯрида сар тофт ба раҳи омада. Савор боздоштанӣ шуда «моҳ-моҳ» гуфта, аз паси аспи тӯрида ё ба назар, қаҳркарда тохт. Асп дид таҳдиди савори пиёдагаштаро низ, лӯкка гирифт. Чун бо ситез «ист-ист!» гуфта тезтак шуд милиса, асп беланг[1] гирифт. Ду пойи хӯрҷини ало – сиёҳсафед ба сони болзании каргас болою паст мешуд, ба ҳавою силтаву чорхези асп дар пайроҳаи борик камон низ ҳаво гирифта ба дасти асп бармехӯрд, асп зарби тозиёна, ё лингаку маҳмези савор пиндошта ва харона ҷутфа зада метохт то уреброҳаи Қумбел. Ин ҷо хӯрҷини холиро боди гурези асп бардошт ва дар роҳи сияҳрег бодбарак шуда уфтод, ки раххҳои сафедаш хуб метофт. Милисаи нодида аз чунин ҳол алағда шуд, аз тоз бозмонда, бозистод ва баргашта аз дур дод зад ба Шубон: «Айби ту, чӯпони бебарор! Тую ман намекардӣ, асп ҳам қаҳр намекард!» Шубон ҳайрон монд миёни андешаҳои мағшуш ва кирдори милиса, ки алами нотавонӣ низ аз ӯ ситонад. Одат кардаанд ба дӯғу пӯписа ва гапгузаронӣ. Ношуд! Дастак зада, пой кӯфта, шаппотию шаттоҳӣ кунанд, озору азоб диҳанд, ки бегуноҳ бошад ҳам, ба забон ояд, ба гардан гирад, ки кардаст гуноҳ, то намирад. Шубон чунин ранҷу озор надида бошад ҳам, илоҳӣ набинад, лек зиёд шунидаст, ки ҳақиқат мисоли гулбаргҳост, ки ба саҳл боду борон аз шоха ҷудо гашта гулрез шаванд. Онон ки донанд барои ҳақиқат бояд мурд, якравӣ кунанд ё зуъмашон гирад,

---

[1] Беланг – тезтак.

неяшон ҳа нашавад ва ҳаяшон не. Шубон аз ҳамин қабил касон. «Дилоро хонум чӣ кор дошта бошад? Рӯ ба рӯям сар андохта хомӯш монд. Ақаллӣ нагуфт, ки ину он кардан имкон дорад. Акнун повестка бо ин одам фиристад, ки равам».

– Рав! Рафтан гир! Ман намеравам! Ман намеравам! Гург куштан гуноҳ бошад, куштам гургонро! Накушам, маро мекуштанд, мехӯрданд, устухонамро намеёфтӣ! Балки намеомадӣ! Намепурсидӣ! Вале ҳама бурду балоро ба гарданам начӯт мекарданду ҷони худро халос! Барои он ки ун ҳаромҳоро хӯрда аз биниашон бурун ояд, ман намурдам! Гургҳоро куштам! Чунки замони пеш ба пӯсти гурги кушта, мукофот медоданд, ки душманро куштӣ! Ҳоло ситам мекунанд, ки «чаро куштӣ?!» Гап дар куштану накуштан набудагист, гап дар он ки эътироз шуда ба «Китоби сурх». Мо гапногир ва мол моли колхозӣ нест. Моли чакана. Ҳамин қадар мондаст, ки моли чаканаро ҳам моли худ кунанд. – Гуфтамку: Рав бачча! Бирав! То Алою ёронаш худатрою аспатро хомталош накунанд!

Ин замон Ало садои соҳиби собиқро шунид, ки на аз Гардана, балки аз буни шахи Бозормурда зуза кашид. Шахи Бозормурда рӯ ба рӯйи милисаи сари санг нишаста, дар теғаи Қумбел, ки офтоб фурӯ нарафта пешашро мебандад ва сояаш зуд ба палҳое мефурояд, ки замонҳои пеш санги заминро чида, марзу вот бардоштаанд ва аз он мешиносанд, ки он замини кист. Солҳои шӯравӣ чунин кишти пуразоб аз миён рафта буд, ҳолиё аз нав мардум бо побел нахӯду зағиру ҷаву гандум мекоштагӣ шудаанд. Гар гургон рост аз Бозормурда нишеб шаванд, дар паси қиранг аспро пешгир мекунанд ва милиса ба ҳимояи асп равад, худашро тикка-тикка мекунанд. Инро Шубон донад, милиса надонад. Надониста аз тарс ба думболи асп наравад. Аз Шубон ёрӣ ҳам напурсад, ки ғурури милисагиаш иҷозат надиҳад. Чунки милисаи навкор аст, дар ҷанги нав ширкат надошт, аз рӯйи гапҳо Ҷаллоб восита шуда, ба кор мондааст, шояд омаданаш ҳам ба хоҳиши ӯ бошад. Зузаи Ало пуртаҳлукаю пурхатар буд, ки дар пӯсти милиса мурғак давид, Шубонро дар ҳайрат гузошт, ки камону тири хирсафканро зери ғарами

кӯмоду юғани рӯйи бом ниҳон кардаст, асоро низ он ҷо ҳаво дод, гургон ҳамлавар шаванд, бо дасти бараҳна ҷанг карда нашавад. Беихтиёр ба ғилофу банди миён дида дӯхту даст зад, ки ба чашми милиса хӯрд ва дилаш таҳ рафт, ки одам вақти зарурат ба ҳар роҳ равад. «Ҳуввв! Ҳувв! Ҳув!» Зузааш ба садои бардавоми ракета монад, ки то ҷойи расида таркидан кашол ёбад. Милиса ба гурги ноаёни буни шахи Бозормурда не, балки ба Шубон нигарист, ки «чӣ балост?» Чашмаш боз ба амали ӯ бархӯрд, ки банду ғилоф бармезад аз гургона нӯла кашидани Ало хавф бурда. «Ҳалолат бод, бародар!» аз дил гузаронд сержант, вале гуфтан наёрист, то Шубон наёзад. Аммо андеша дигар кард: «Бар падари ту барин моли ҳаром лаънат! Мол ба соҳибаш монанд набошад, ҳаром. Барои чӣ камон оварда будам, ки гирифта, гурехтӣ?» Якбора рӯ ба Шубон овард: «Камон надорӣ?»

– Не.

Зуъм дошт Шубон. Хуши сухан надошт. Кӯтоҳ ҷавоб гардонид, ки гар боз пурсад, ягон чиз хоҳад гуфт. Милиса кунҷковӣ кард:

– Бе саг, бе камон... Ин чихел молдорӣ?

– Буд... Саг ҳам буд, камон ҳам буд. Камонро «қарору қонун» гуфта, бурданд. Саг худаш рафт; монанди марди хонабезор.

– Кам нестанд ин хел мардон.

– Ин хел занҳо ҳам кам нестанд.

Милиса хомӯш монд. Аз зандориаш андешид, ки Шубон огоҳ бувад аз асрори хонадориаш, ки зан «на шаб дар хона ҳасту на рӯз» гуфта баромада рафт. «Таъна? А, таъна мезанӣ?!» боз хаёли ботинии милиса буд, аммо ошкор карда натавонад, ки «сирри мардон пӯшида беҳ».

Суроби гурги гӯшу думбурида аз дами қир тофт, ки аз тор шеб мерафт сӯйе, ки асп рафта буд. Ба назари Шубон лоғару абгор намуд Ало; ранги носипосе ба дасисаву найрангу фиреб, ваъдаи биҳишти касе бовар карда, дастархонро пушти по зада, Ватан ва зодагону таборро лаънат хонда, ба тӯдаи ноошнову нолойиқе печад, пати ғарибӣ зада, «Кӯрнамак» гардад. Ҳолиё чунин тофт Саггург. Мубтало ба

дарде ё миёни гургон хонадомод шуда, ки гаргин гашта, пашму мӯяш паға-паға аз тан канда шуда ба сони ғози мизон ба ҳаво равад. Мол ҳам гаргину девлохмонда шавад, пашму тибиташ ба хору хас андармон гардад ва қабға-қабза бозмонад. Анҷомаш вой! Аз нигоҳи дурударoз чашмонаш об гирифтанд, дида натавонист. Бо мушт сутурд сиришк ва бодиққат нигарист, ки дар сари қир миёни ғубори ҳаво чунин тобад ё чашмонаш хира шудаанд? Ончунон тофт, ки дид ва андешид. Офтоби тирамоҳӣ хеле ба ҷануб рафта аз он сӯ дилу ҷигари Алои балоро ранге нишон дод, ки рентген намояд: пуробила, хунукзада. Чун нафсаш намурдаст, ба сони ғариби бекасукӯй талвосаю ҳавсала дорад, ки сайдеро ба чанг орад. Чун феълу атвори даррандаҳоро Шубон медонад, ки то аз дасту пой мондан ҳаваси гӯшт кунанд, яқин аст, ки гала дар он сӯ – ҷое ки асп рафт, шояд дар шибари оби Талхак бозмонда, наҳорӣ кунад ва ё бузе, гӯсфанде аз мол монда, ки гургон корвон кашиданд; зеро Шубон шаб молро он ҷо чарронда, чоштгоҳ ба оби сой фуроварда, ба Кодок оварда буд. Ҳоло дилёб намешавад, ки тиру камон аз зери ғарами юғану кӯмод гирифта ба сайди Ало равад, ғашовартар аз он лаънатӣ дар рӯйи замин касе ё чизе нест. Ҳатто Ҷаллоб бо он қадар дасисаю ғаммозӣ, даллаю даллолӣ, касфурӯшию беъорӣ чунин нафратовар, ғашовар ва шуму шайтон натобад. Камону тир аз зери ғарам гирифтану аз пайи гала рафтан душворие надорад, вале дар назди сержант баровардани аслиҳа дасту пойи хеш баста, ба душман супурдан аст; гарчӣ рухсатнома ва дафтарчаи шикорчигӣ дорад. Дар ин замон ҳеҷ коғаз эътиборе надорад, ки ҳоло ҳама чиз обиламонанд, устухон шах накарда, шакл нагирифта, бо андак зарба метавонад, пош хурад, барбод равад. Ҳоло ҳама на дониста пой гузоранд, балки бо ҳавойи по роҳ раванд.

– Ту чӣ хел чӯпонӣ, ки туфанг надорӣ?!

– Ҳамин хел! Надорам!

– Мурданат беҳ!

Ҳама дарду алам як сӯ, каттагии милисачаи музофот як сӯ, ки дар ҳар ҳолат ҳукмфармо бошад. Ӯ хеле гуфтанӣ

дошт, ки баъд аз ин чиҳо хоҳад шуд? Сарнишеб рафтани гургон бебало нест. Яқин аспи тағоро гургон хоҳанд кафонд. Ин чизро милиса пай набарад. Ҳама дарду алам ва пешомадро лунда карда ба сари ӯ зад:

– Сабр бикун, тағо дар пуштат чӯб мезанад!

Милисача як қад паррид, хандид ва даҳонаш кафк баровард:

– Тағо дар пушти ту чӯб заданӣ!

Милисаи камтаҷриба аз беандешагӣ асрор ҳувайдо кард. Шубон кам монд, ки «урраа!» гуфта, каф кӯфта, ба ҳаво паррад. Аммо хандид; ҳама ғаму ғусса, озору азоби ташвишҳои беҳударо фаромӯш карда, хандид, ки чӣ балои азиме буд. Ва чизе, ки аз радио шунида дар ёд монда буд, аз зеҳн гузаронд: «Қурбони қосиди кӯчак бишам, ки як паёми ошиқро ду бор такрор мекунад!» ноҷоию ночаспон бошад ҳам такрор кард, чунки чизи дигари муносибу мувофиқ ба ёдаш наомад.

– Мебинем...

– Мебинӣ, мебинӣ. Ҳоло бо собуни тағоҷонат ҷомашӯйӣ накардайӣ. Ба ҷойи як аспи чӯгураш сад аспи улоғӣ талаб кунад, тағоҷоната мешиносӣ. Чашмот ранги чашмони қурбоққа луппида бароя д, мебинӣ, мешиносӣ!

– Чич-чӣ мегӯйӣ? Чӣ шудаст ба аспи ӯ?!

Шубон ҷавоб нагуфта, аз хамгашти Қумбел ду гӯши дарози харе кам-кам боло шуд. Шубон медиду милисаи дуртар аз ӯ ва наздиктар ба чашмаи Майдонак бар санг нишаста намедид. Чун каллаи калонаш намуд, ҳанг зад чун ҳамеша, ки омадам. Ҷониби Кодок ҳанг зад ва якбора сар хам оварда садояш дарункӯб гашт, ки савор халачӯб бардошта буд, ки аз зарбу латҳои пешин сарчархак шуда, зарбаи нав хӯрдан намехост. Хари бетамиз аз фарти харӣ обро, ки убур карданӣ мешуд, таққӣ боз истода, бар оби равон пойҳо кушод гузошта, кафк кунонда, мешошид ва саҳл монда, ки саворро пушти сар афканад. Ҳар ҷо саргини харе пеш ояд, ногоҳ сар хам оварда бӯй мекашид ва фӯк ба осмон, лабҳо аз ҳам кушода, лабакӣ мекарду дилаш гум зада, аз камарчаи даҳон об мерехт; ба таври худ ҳаловат мебурд, ки савор

қариб аз сари хар паррад. Боз дар сараш халачӯб мехӯрд. Ё хареро пешу канор бинад, ноогоҳ ҳанг зада метохт, савор, то наафтад, ба гардани хар халачӯб зада «Иш! Иш!» боздоштанӣ мешуд, хараки бетамизу бефаҳму фаросот гӯш надода, сар аз зарби чӯб пинҳон доштанӣ шуда, ҷувозак мегашт, ки соҳиб ё меафтиду хар мегурехт ҷартанаку ҷуфта зада то назди харе, ё савор канавор ба полону гардани хами ҳайвон часпида, бозмедошташ ва баъд алам меситонд? Сари хари беадабу халачӯби чӯпонӣ!

Савор камон сари дӯш милаш фарозтар аз сар буд. Милиса чӣ диду чӣ андешид, ки аз тори санг ҷаста ба по шуд. Як қадам пеш монд. Гардан тофта ба Шубон нигарист саволомез. Шубон бисёр чиз дарку фаҳм карда буд; омадани бародараш Холро надидаю надониста андешаҳо аз дилу мағзи сар гузаронид ва ҳоло камондор омаданашро ҳам аз зеҳн гузаронида, нишаст бар санг ва фӯта кушода бо як гӯшаи он арақи сару гардан пок кард ва бо тоқии тару рангбардоштаи офтоб хеш бод дода, «уффф!» гуфт. Милиса нигаристаш: «Чӣ?»

– Ҳиччӣ...

Он ҷо дар роҳи Қумбел савор ба гардани хар нарм-нарм халачӯб расонда маркабро боздошт Хол ва ба шикам бар полон хам хӯрда, бо нӯги халачӯб, ки сӯзани бақуввату тези патифон кӯфта буданд, хӯрҷини алоро бардошт. Магар холӣ дарёфт, ки пеши полон пахш карду зери рон ва боз халачӯб зад харро ва лингак: «Ихxx!»

Милиса милисагариашро кард:

– Камон дорӣ?

Хол милиса будани ӯро аз формааш шинохта «Ёфтам» гуфт.

– Ёфтӣ?! Дуздидӣ!

– Не. Раҳораҳ камон ёфтам, баъд хӯрҷин.

– Дуздидӣ! Ин камон дар қоши зини аспи ман буд, дуздидӣ!

– Дуздидам?! Кас молашро саришта карда натавонад, ё медузданд ё гург мехурад.

– Якбора аз чизе ҳӯркида гурехт, дошта натавонистам.

– Аҷал парронда бурдаст.

– Чихел аҷал?

– Аҷал ҳар киро куштан хоҳад, пешандоз барад!

Ин замон сӯҳбати онҳо тамом нашуда гургон сароҷир ба Бозормурда расиданд. Аранге милиса пай бурд, ки шикамашон дамида, гоҳи шеб рафтан шикамашон ба камар часпида буд. Ангушт сӯйи шахи Бозормурда тир кард ва фармуд:

– Ҳамун гургон?

Вале Хол он сӯ нанигарист. Гӯё бо чашми пушти сараш дид ба сони ронандаҳои мошин, ки аз ойинаи пешрӯ амалу рафтори паси сарро бинанд; чунки ҳамаро дида буд Хол ва медонист: дида буд, ки гургон аспро рӯйи марғи оби Талхак афканда бо зину бандаш ва мехӯрданд пардаи шикам дарида, сар ба кавора андохта, лахт-лахт дилу ҷигарашро канда; саги Ало аз хӯйи сагиаш намонда, рӯдаю ишкамба кашида, якрӯя гашта бо дандонҳои кунҷ рӯда мехойид ва ба силтав рӯдаи дароз фурӯ мекашид. Сару рӯйи сагон хунолуд буд, тани асп ва марғ ҳам, ки нав аз Сурххок сел омада ҳама ҷоро рангин карда бошад. Холи Паланггир оне ҳаросида ба ишораи бозистодан ба гардани хар халачӯб зад оҳиста ва пойҳо ба ду тарафи шиками ҷонвари безабон ҷафид, то бозистад. «Ишшш» ҳам гуфт хеле паст. Бо вуҷуди он Ало шунид, рӯда дар даҳон кашол, сӯйи савору хар гӯш чур кард ва чашм сиху ғуррид. Рӯда аз даҳонаш фитод. Савору харро шинохт, ки беихтиёр думи кӯтоҳ ликконд. Гургони маст хатаре ҳис карда, сарҳои хунин аз каворраи аспи чаҳор дасту пояш боло кашиданд ва низ ба Ало пайравӣ карда, ғурриданӣ шуданд, танҳо дандонашон инҷу гиз гашт; хуни лаб лесида, низ ба ҳуҷум омода гаштанд.

– Ало! Муттаҳам Ало!

Худро шиносу ошно нишон доданӣ шуда садо баровард Хол ва баробари овоз баровардан ба дасту пояш ларза даромад, ба андомаш низ, ки гургони нимсеру олуғда ва ба хун оғишта ҳамлавар гарданд, чӣ тавонад кард. Араҷи пешонӣ аз миёни тораҳои абрӯ зиҳ зада, пеши чашмро гирифтанд. Бо мушт пок кард ва асои чӯпонии ғурмдорро, ки миёни ду

болиштаки полон хаста буд, аз болои ёли хар кашида, гирифт. Бо дасти рост мазбут дошт ва дар дасти чап халачӯби нӯгтез, худро аз пушти хар ба замин андохт ва асо ба ҳаво бардошта, «Ало, баҳ!» гуфт. Ало писанд накарда, сар якпаҳлӯ дошт ва чаҳор дасту пой тира ба замини тари марғзор, омода ба ҳуҷум гашт. Магар аз садои ларзону тарсолуди соҳиби собиқ пай бурд, ки ҷон аз дасту пояш баромада, ҳуҷум оварда, қасоси ҳама таҳдиду таъкид ва озорҳои аз нотавониаш насибшударо биситонад ва паҳлӯйи асп бихобонад; чунки рӯзе ки Хол бо паланги дар шах часпида набард дошт, асош зада буд, ки «чӣ саге ҳастӣ, ки ба шах часпида натавонӣ!» Ва бисёр таънаю маломат, ки Алоро одам ҳисоб намекунанд. Лекин гоҳе ки Хол аз паси Паланг ба шах часпида баромаду андар бумбаст монданд ва миёнашон асорас масофа монда буд ва Хол дигар пеш рафта наметавонист, гаранг монд; чунки паланг болою ӯ дар паст монд. Паланг аввал ба шах рост шуда, хешро дуртар гирифт, чун дер парч истод ба шах, хаста гашт, ки мулойим дастон аз шах гирифта, дасту пой ҷамъ дошт, асорас ҳам шуд, аммо Хол наметонист ё намеёрист, ки асо занад. Зеро ҷойи истод нобоб буд ва зери пой ковок; ба нӯги пой меистод. Қулоҷкаш палангро зада ҳам намешуд. Хол ба вазни хеш метавонист ҳавола хӯрда, ба реғаҳои тезу барҷастаи шах бархӯрда нобуд гардад. Ин замон Паланг ҷунбида, бо илоҷе рӯ ба шубон гардонд, ҳамчунон пойҳо ба ҳавола хӯрдан ҷамъ дошта, сӯйи чӯпон дандон тез кард. Хол мехост асо дудаста мазбут дошта чунон ба сари даррандаи тезчангу тездандон занад, ки калавида ба поён афтад. Дареғ, ки ба нӯги пой меистод амонат ва дасти чапаш аз санги чукка медошт. Паланг чунон шинак гирифта буд мерганвор, ки баробари асо рост кардан худро тиросо андозад бар одам ва баробар аз шах таг зананд; ҳар чӣ бодо, бод!

Ало буни шах буд. Аз гирогир монда, гӯш чуру чашм сих дошт сӯйи онҳо. Ва ҳар гоҳ сар ҷунбондаю чашм гардонда ба навбат менигаристашон, ки чӣ бозию чашмбаракон доранд, то чашми якдигар хато карда, дар ғафлат гузошта, сайд кунанд. Хол хала карданӣ шуд Палангро. Вале дид, ки

вазъ нобоб асту даррандаро ба шӯр овардан ба салоҳи кор нест, китфи чап такя ба шах дода, асо болои сар бардошт, то ба зӯри як даст занад, чун дид, ки ҳайвони хуношом пойҳо ҷамътар карда, омода ба ҷастан аст, худдорӣ кард; чунки паланг ӯро дид карда буд, ки мурдан бошад, ҳамроҳ бимиранд. Аммо чӣ нерӯе буду зӯре ва чӣ ҷасорате, ки шамшеросо асо ронд ва садои таққиро шуниду садои шах пиндошт ва ҷастани Палангро дид, ки аз зарби чӯб мувозинат гум карда, расам-нарасам аз паҳлӯяш гузашта, ба теғае бархӯрд ва ба буни шах парид. Ало пахшаш кард. Онҳо ба ҳамдигар дарафтоданд. То Хол аз шах фуромад, ки онҳо чӣ ҳолу рӯзе доштанд. Чун асо зада намешуд, чунки гоҳи асо бардоштан онҳо ҷой иваз мекарданд, шояд ба ҷойи Паланл Ало аз миён мерафт. Ин замон Хол ҳама чизро аз даст дода буд; тарсу ларзу ҳаросро. Аз ду пойи Паланг дошту бардошт. Паланг сагро раҳо карду ба замин ғел хӯрда, ба Хол чанг заданӣ буд, ки ӯ пойҳо ба дигар тараф тоб дод. Паланг ангу манг монд ва Ало пахшаш карду хойид ва аз гӯлӯяш гирифт... Ин ҳамон Ало. Дандон гиз карда сӯйи Хол, ки «аз ёдат нарафта бошад!» дандонҳо сурх, рӯдаю ишкамба часпида ба лабу фӯк: «Ҳаромхӯр!» Ҷамъбаст кард хаёлан Хол. Ва ба умед, ки зарби ғурми асойи чӯпонӣ гаронтар аз ҳуҷуми Паланг. Халачӯбро низ бо асо якҷоя дошт ва бо хашму ғазаб асо ронд, ки он ҳаворо буррида садо баровард ва Паланг як қад парида пас-пас рафту омодаи ҳамла гашт. Чун пай бурд, ки гургон пушт гардонда дуртар аз лоша рафтанд, низ рӯй тофт ва пушти лоша гузашт. Хол аз нӯхтаи хари ҳайрон кашида чанде аз онҳо гузашт, камони фитода дид, зуд хам шуду гирифт ва рост кард сӯйи Алои баттол. Нишон гирифту ширлик кард. Оташ нагирифт. Камонро шикаст, ки тир надорад...

Ало зуза кашид аз шафати шахи Бозормурда. «Сарата хурӣ!» гуфт бо алам Шубон ва афзуд: «Худо хоҳад, мехурӣкуя, дертар». Хол магар нигарони чунин ҳарф буд, ки бо қири чашм ба милиса нигарист ва хабар дод:

– Худобехабарҳо аспи Ҷаллобро дар марғи Оби Талхак

кафондаанд.

Дили милиса шуввӣ фурӯ рафт зери пояш, як дарди бедаво аз сар заду аз по гузашт ва арақ пахшаш кард. Бо ангушт виречид араќи пешонӣ, забонаш кулӯла гашта буд, ки чизе гуфта натавонист. Бародар пурсид киноямез:

– Чӣ донистӣ, ки аспи Ҷаллоб?

– Аз зину бандаш. Рикобаш «тиллоӣ».

– Меҳмон сувор шуда омада буд, гурезонд. Гургон дар камин будаанд-дия.

– Меҳмон ба чӣ омаден?

– Маро баста бурданӣ.

Хол як нигарист ба милисаи рангпарида ва пӯзханд зад:

– Меҳмон ба мо чӣ кор доранд? Раванд пушти ағба. Тағописарашонро пайдо карда, рамаи дуздии колхозиро ҳай карда оранд. Инҳо аз паси гургхӯрда мегарданд. Мо, ки гуноҳе надорем, ако!

– Аз худашон бипурс, Хол. Намурден, зинда. Ҳамту не, меҳмон?

Меҳмонро дам дарун зада будаст, ки нафаси даккадори дароз кашид ва базӯр садо баровард: «Ҳи-ҳа... Зи-зиндаи а-аз мурда ба-тар».

– Нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор?

– Ҳамтую пе-пешаш шинед, як гапо, як гапо мезанад, ки оламро ӯ сохта бошад. Гӯё коре нест, ки аз дасташ наояд.

– Равад! Писараша биёрад! Моли ба найранг ёфтаашро биёрад. Хол дуруст гуфт: равад, биёрад. То аз пайи нобудии дигарон гаштана кори худаша саришта кунад. Ту куҷою ба моли чакана даҳан андохтан куҷо? Ман кӯр, ту кар, дигарон гунг. Худои бузург кару кӯру гунг нест-ку?! Ҳамаро мебинад, ҳамаро мешунавад, ҳамаро медонад, лекин ҳеҷ чиз намегӯяд, ки худи одамон майна об карда, роҳу равиш ёбанд. Чун мебинад, касони нобоб дар роҳи дигарон чоҳ мекобанд, худашонро ба он чоҳ меандозанд. Милисаҷон, тағота шинос ва бидон, ки чӣ махлуқест! Аз Ало ҳам батар. Дар умрам ба касе бадӣ накардаам, намекунам ҳам... вале... лекин мехоҳам, ки одами ноаён шавам. Кӯҳбакӯҳу дашт ба дашт гашта, аз Худои бузург ҳамин қадар талаб дорам, ки

маро ноаён гардонад – ман ҳамаро бинаму касе маро набинад. Баъд дастёри Парвардигор шавам. Ҳар кас, ки ба фармудаҳои Ӯ итоат накард, корашонро тамом кунам. Ин гуноҳ нест, чунки онҳо носипосӣ карданд ва чӣ касони бегуноҳро азобу озор доданд? Гунаҳгор дар озодӣ, бегуноҳ ба ҷойи нобакор дар зиндон. Аз паси мол гашта, нобакориҳои роҳбаронро дида, ба чунин хулоса омадам. Фикри дигаронро намедонам, хаёли ман чунин. То корафтода нашавӣ, ҳеҷ чизро нафаҳмӣ. Таҷрибаи рӯзгор ҳама чизро мефаҳмонад; чуну чаро мегуфтагӣ мешавӣ. Барои ҳамин одамони мо мисли одамони дигар фикру хулосаҳои хуб надоранд. Як Рӯдакӣ буд, ки гуфту рафт. Вале ба касе дарс нашуд... Барои ҳамин орзӯ дорам, ки одами ноаён шавам. Милисаҷон, рафта, ба касони туро фиристода гӯй, ки чӯпони сари кӯҳ ҳавои беғуборро монда, дуди папиросу мошин кашиданӣ намеояд. Бигзор маро гургон хуранд, лекин ман намеравам. Ба тағоҷонат ҳам расон, ки обашро пуф карда хурад. Шубон одами аннойӣ не. Ба пушташ мехи нотарошида мезанад! Ҳамту гӯ, худаш мефаҳмад. Дигар чиз нагӯ. Маҳ! Ин камони бетирашро ҳам бурда те. Зину банди аспашро бар... Он тарафаш аён мегардад. Тағотро мешиносӣ... Ба ҳар ҳол, тағо ба ҷойи ҳафт падар, пушти Ағба рафтанӣ шавад, ҳамроҳаш рав. Таъна нею гап: як писар дар зиндони Руссия, писари дигар дар дасти одамони Боғи Мазор, Худо нишон надиҳад. Лекин тағоят дар пайи озори одамони бегуноҳ. Рав, бачча! Ба гап бовар накун... Одамро одам вайрон кунад, ҷару ҷӯро об! Бад дидаам Алою тағои туро! Ту ҳам ба тағот равӣ, бадат мебинам. Рав!

– Чӣ хел равам? Вай бовар намекунад. «Аспро фурӯхтӣ» мегӯяд.

– Ҳааа... Мешиносӣ-а, тағотро! Ӯ чунин нокас. Вале ба ман фарқе надорад, ки чӣ мегӯяд. Рав! Гӯй ҳамаро! Хоҳӣ, гапҳои маро ҳам гӯй!

– Не, ман ин хелин одам не!

– Пас чаро ба сари ман омадӣ?

– Вазифаам чунин. Ман милисаи музофотам... Худатон мефаҳмед... Пагоҳ як гап шавад, ман дар бало мемонам...

– Чихел гап?

– Масалан мисли гапҳое ки худамон мегӯем, якемон ба калла намегирем, ки дӯрӯғ, дигарамон мегӯем, ки рост! Ман гапи шуморо дурӯғ мебарорам, шумо гапи маро. Лекин дар он ҷо ин хел не. Дурӯғ ё нодурӯғ, бояд масъала ранги хоҳиши дили онҳо шавад. Вагарна, тасаввур кунед, ки зинда ба зинда дар ҷаҳаннам афтодаед. Надида бошед ҳам аз афсонаҳои модаркалону муллочаҳои маҳал фаҳмидаед, ҷонатон дар нӯги сӯзан бозӣ мекунад. Чунки дар он ҷо дурӯғ гуфта намешавад. Малойикаҳо ҳама гуноҳҳоятонро мӯ ба мӯ медонанд...

– Ҳамонҳо донанд шуд, сержанти хурд. Гуфти худат, инҳо ҳам медонанд, ки ҳама корро ба хости дили худ мегардонанд. Бечораи бегуноҳ хун гиряд ҳам парво надоранд. Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад. Калони калони шумо куҷо нигоҳ мекунад?

– Калони мо ҳам калон дорад.

– Об аз сар лой, гӯ!

– Инаша ман гуфта наметавонам. Вазифаи ман шуморо бурда бо ду дасти адаб ба онҳо супоридан.

– Лекин вазифаи ман он нест, ки ба пойи шумо ба ҷаҳаннам равам, гарчӣ ҳама бегуноҳон ба ҷабру зулм тоб оварда натавониста худро ба обу оташ мезананд... Ту ин гапҳоро мону ғами худата хур. Аз хусуси аспу тағоят андеш. Беҳуда омадӣ. То омадан ҳама гапу калочаро медонистӣ; медонистӣ, ки ман барои молҳоро супурданам коғаз дорам. Мудири ферма «гирифтам» гуфта имзо гузоштааст, ё санад кардааст. Онҳо ҳамашон як одам. Тағои ту далла. Дасисабоз, ғаммоз. Батар аз зани сабукпо. Рав гӯ! Чӣ хеле ки гуфтам, гӯ. Як деҳа касонро ба ҳам ҷанг андохта, ба лаб кулӯх молида тамошо мекунад. Ҳамаро мефурӯшад. Аз сараш боло набурод, бин ҳолу рӯзаш чигуна. Лекин дарс намешавад. Саг аз гуҳхуриаш намемонад. Чӣ ҳолу рӯз дораду аз Худо натарсида, туро ба сари ман мефиристад, ки дасту поямро баста ба милисахона барӣ. Будам дар милисахона. Сухани аввалашон ҳамин буд, ки «фалон қадар биёр, халосат мекунем». Барои чӣ? А, барои чӣ? Барои гургонро нест карданам?! Бигӯ, ки ман гургонро нею гургон ману

молро несту нобут мекарданд, онҳо аз гургон пора талаб мекарданд? Гап зан! Бигӯ! Ту, ки нархи сабзию пиёзро напурсида, барои баста бурдани ман омадӣ, чаро зуллукат гирифт?! Наход, дар олам решаи сабзи адолат хушк шуда бошад, ки ҳама худро ба каррию кӯрӣ зада, даҳон калон кушода луқмаи ҳаром фурӯ баранд? Як кас намехоҳад, ки фармудаи Худовандро риоя кунад! Ҳеҷ кас нахоҳад, ки сураю оятҳои қуръонӣ амалӣ бошад; ҳатто муллоҳо! Танҳо бечораю дармондагон гӯш ба даҳони мулло доранд, ки «Қуръон» чӣ гуфта буд? Додситон аз китоби «Қонун», ки он ҳам сояйи «Қуръон» аст, чӣ мехонад? Ман бесавод. Лекин ду соли дар Новороссийск хидмати ҳарбӣ карданам чашмам кушода шуд... Ту чӣ? Наход бо ҳамин ният ба кохи Дод ба кор даромадӣ, ки мисли тағот шавӣ? Ҳақиқатро зери поят мисли восӯхтаи сигарет сойиш дода, ба чашми беваю бечора хок занӣ?! Дили нопоку пойи бетаҳорататро ба кодоки мо ҳам оварӣ?! Акнун бирав! Шунидаатро ба тағот ва хобата ба об гӯй! Ҳа! Ба пушти сарат нигар! Ҳо он ҷо! Ба гургҳо! Ба шахи Бозормурда. Мебинӣ? Ин шах ба номи бобокалони ман. Ҷабру зулм ба ҳадде авҷ мегирад, ки ору номус карда, аз деҳа мебарояд, омада ба токи шах баромада, чашмонашро бо фӯта баста, худро ба зер андохтаст... Шунидайӣ, баройи чӣ? Сар наҷунбон. Надонӣ барои чӣ? Ту ҳамонро шунидаӣ, ки ҳикояти дурӯғ мекунанд. Гӯё бобокалони ман духтархалони Қозиро бероҳа карда бошад. Инро гоҳе мефаҳманд, ки духтархалон шаби арӯсӣ нодухтар мебарояд, шӯяш шабошаб тани бараҳна аз дар берун мекунад... Хидматгори Қозӣ Салм фатво медиҳад, ки лаби Сой ҳангоми кӯза сари дӯш об овардани духтархон гапзанони Бозору духтарро дидааст... Гуноҳи Қози Ҷамоли бадкор ба гардани бобокалони ман... Чунин бозиҳо аз Азал буд то Аҷал хоҳад монд... Акнун бирав! Алоҳо! Шумо ба хоҳаратон ошнойӣ надоред!

– Ту чиҳо мегӯйӣ, чӯпон?! Намедонӣ, ки ман кӣ?!

Шубон чизе нагуфт. Гарчӣ медонист, ки ӯ чиро дар назар дорад. Рост ба чашмони рӯбоҳонааш нигарист ва рӯ гардонда ба дарвағнаи кодок омад. Ҳалқаи ресмонии саги Ало луздона хойидаро аз сари паҳлӯдарии дарвағна бардошт ва

молро бароварданӣ шуда «Ҳеҳееей!» гуфт. Аммо рама рамида сарҳо баланд, чашмон сӯйи Бозормурда, фиркида, безобита буданд. Шубон ба рафти нигоҳи гӯсфандон дида дӯхт, ки гургону Ало саф истода, чашм тез кардаанд ба мол. Бо вуҷуди он Шубон серкаи сафеди тобтобоншохро, ки пӯстинаш замин мерӯфт аз гардан кашида бурун овард, дигарон низ равон шуданд: зеро серкаи саркаш худро ба об занад, онҳо низ худро ба об зананд, гар хешро ба варта афканад, ба варта шаванд. Хол бору бунаро ба хар бор кард. Дари чӯпонхонаро занҷир. Ва маркабро пеш андохт ба пайроҳа. Равон шуд маркаби чӯпонӣ ва рама пайгир.

**11.**

Рама рӯзи дигар дар санглохи паҳлӯйи Намозгаҳ қарор гирифт. Молдорон омаданд, ки чаро новақт овардаст молро. Шубон санад овард: аввал қарори шашмоҳаи молбонӣ поён ёфт ва айёми қучкормонӣ наздик; сонӣ гургон омехта бо сагон шаборӯз ба мол дармеафтанд ва баъд даъвогарон зиёд шудаанд, ки ин мол моли ширкат. Ман ноилоҷ мондам. Давра ғалмағал шуд. Ба даҳонҷанг гузашт. Ҳар молдор кӯшиш мекард, ки овозаш аз садои дигаре самогир барояд. Дар маҷмӯъ касе намефаҳмид чизе. Аз ҷониби Намозгаҳ Ҷаллоб – тағо пайдо шуд сарсина бараҳна, тугмаҳои курта канда ё нагузаронида. Шими аз замони қадим мондаи галифеди истолинӣ дар бар, ки то буҷулаки пой рафта, банди сурхи гӯшакҳо рӯйи кавши ликкак ҳайдав. Тугмаҳои шим нагузаронида. Дар сар дастори ӯбадаи риштаҳо кашол ва фашаш паси гардан, ки танҳо ӯ ба ин гуна салла бандад, то аз дигарон фарқ кунад; гӯё либоси хонапӯшиаш чунин. Аммо чун ҳалқа танг омад хеш ба девонагӣ зада ва санади тиббии девонагӣ пеш оварда, мардумро гӯл занад ва зӯр, ки омад дафтарчаи ғайриштатии шӯъбаи корҳои дохила намояд, ки аз дигарон бартарӣ дорад. «Канӣ, чӣ гап?» фаро омада, худро болотар аз ҳама дониста, ҳамзамон гӯл гирифта пурсид, вале касе чизе ҷавоб надод. Ба ин нигарист, ба он нигарист, то чизе фаҳмад, гарчӣ медонист дар ин фасл молро чаро ба Санглох оранд. Ҳеҷ кас эътибораш надод. «Эй, мардум! Магар боз ҷанги Гирмон сар шудаст?!» Кию чико-

ра будани ӯро медонистанд, ки бо чунин пурсу рафторҳои муғамбирона бозиро вайрон хоҳад кард, ҳар кас ба думуши гӯши молаш нигоҳ карда, буз ё гӯсфандашро канор мекашид. Ба милисаи дирӯзаи ба Кодок омада, ки ҳамроҳ оварда буд, нигарист ва ба мардум дод зад:

– Нeee, Не! Ин моли шумо нест! Моли Ширкат. Шумо молатонро дар рӯзҳои қаҳтӣ фурӯхта, хӯрдед! Ҳоло моли Ширкатро тақсим мекунед!

– Даллол лозим нест! – Фармуд Шубон.

Ҷаллоб пеш омад, фӯк дароз кард зери манаҳи Шубон, сар ҷунбонида гарданак зад:

– Неее... Хобата ба об бигӯй! – Ба китфи милиса таппӣ зада: – Ана ин намояндаи орган. Ҳама чизро медонад. Ду пота аз осмон меорад.

– Аввал ду пойи туро ба осмон бардорад, сонӣ ду пойи маро аз осмон меорад!

Тоқаташ тоқ гашта фармуд Шубон, ки дар сухандонию қофия задан ва ҷавоби мувофиқ ёфтан аз касе камӣ надошт. Ва хислату феълу атвор, росту дурӯғу тӯҳмати Ҷаллобро хуб медонист; зеро ҳарду дар як парта нишаста даср мехонданд; духон буданд. Шубон гаҳ-гоҳ аз дарси меҳнат баҳои 3 мегирифт. Тағо аз ҳаво гап мезад даҳон пур карда. Баъзан ба муаллим гӯш надода, диккӣ мехесту аз синф мебаромад; на дафтар дошту на китоб. Рӯзе, ки Холдори русӣ сари қудрат омад, баъзе рафтору кирдори ӯро Шубон аз телевизор дида, бо рафторҳои Ҷаллоб муқойиса кард ва «девона» гуфт: ба хусус гоҳе ки суханҳои бемағзу ҳавоидаҳонӣ гуфта, ба рӯйи касон дамбадарун дурудароз боумед зеҳн мемонд, то ҳарфаш тасдиқ кунанд, онҳо чашм меканданд аз рӯю дидаaш.

– Охир ту ҳамон нестӣ, ки ба бозори дар талохи рӯйи шах сохтаи Муаллим даъвогар шуда то кумитаи Замину даргоҳи президент рафтӣ, ки «мо ҳам метавонем бозор сохтан!» Чаро пештар насохтӣ? Чунки ақли ту ба сохтан намерасад! Ба вайрон кардан мерасад! Ду пагондора бо фиребу найранг ошно карда мегирию ба сари ҳар кас мефиристӣ, ки даъво бикун, акт бимон. Ҳеҷ набошад пулаша канда мегирӣ! Айба

намедонӣ?! Не. Ту айбу шарма намедонӣ! Айбро медонистӣ, баъди ин қадар сур-сурураку даву тозу беобрӯйӣ ба бозори Муаллим сохта даллолӣ намекардӣ. Ман ба ҷойи ту мебудам, худама меовехтам!

– Ана акнун меовезӣ! Ман туя ҳамсинфам гуфта, то ин вақт ҳиччӣ нагуфтам. Ана акнун мебинӣ! Аспи мана дидаю дониста, калтаккорӣ карда, аз Кодокат рондӣ пеши саги гургшудаат, галаи гургон аспамро хӯрданд, товонашро медиҳӣ! Ин як! Моли колхозу ширкатро моли худат ҳисобидӣ! Ин ду! Кори дуздони паси Ағба кори ту! Ин се! Ҳам товони писарамро медиҳӣ, ҳам товони моламро! Ин чор!

– Бинед! Бо забони ҳол мегӯяд, ки «товони моламро». Қазоват кунед, ки моли колхозу ширкатро кӣ моли худ карда будаст? Ин панҷ! Кӣ бояд аз рӯйи ҳақиқат ба устали суд шинад? Лекин ин югурдакатро ба сари ман шинондӣ, ки дасту поям баста ба суд барад! Ҳамту не, ҷиян?! Аспата ман тӯронда гурезондам ё худат бо қӯндоқи камони дар қоши зин овехтаат дакка дода гурезондӣ?! Гап зан! Ба тағойи ҷаллобу даллолат гӯй, ки ман чӣ бадӣ кардам ба ту?! Ба аспат?! Ба тағот?! А, гап зан! Ё ту ҳам аз мактаби тағот дарс гирифтӣ?! Ба тӯҳмат ҳамаро қир мекунӣ! Ҳе дар тухматон бало! Ҳе дар хунатон...

– Мардум! Шунидед чӣ дашноми қабеҳ гуфт маро ю милисаи оргaни давлатиро!

– Чӣ гуфт? – пурси муаллими фанни адаб Ҷалолхон буд.

– Гуфт-ку! «Дар тухматон, дар хунатон!»

– «Гом» нагуфтаст-ку! «Бало» гуфт.

– Шумо тарафи ӯро мегиред! Гуфт!

– Ҷаллоб, ба деҳаю ба номи деҳаамон ридед! Шуморо кайҳо бояд аз деҳа меронданд, ё...

– Кӣ?! Кӣ ҳамон одами мерондагӣ?! Ту?! Ман ту барин муаллими дурӯяя хомохом мехурам... Ана ин намояндаи орган шоҳид, ки шумо бо ман чӣ кор кардеду чӣ гуфтед?!

– Рав! Гӯй, ки халқи Дара бо ту барин ғаммозу дасисабоз чӣ корҳо кард! Рӯйирост гӯй, ки маро вай карданд. Мо ба гардан мегирем!

– Медонам ин ҳам кори ту! Аз партаи мактаб душмани ман будӣ!

– Яъне, аз он вақт дилат сиёҳ будаст. Намади сиёҳ ба шуштан нашавад сафед!

– Ба ту нишон медиҳам сафеду сиёҳро!

Ҳай ғалмағал шуде баъди рафтани ӯ, баъди гарданшикаста, паруболрехта, кафши дар пой аз андоза зиёд кушодро хокмол кашола карда рафтан ва ҷо-ҷо истода бо ҷияни милиса маслиҳат ё дӯғу даранг кардан. Чунин муомилаю ҳаракатҳо ба назари мардуми хапу дам истода аз думболи онҳо дида дӯхта намуд, ки онҳо маслиҳат доранд ё ҷангҷол? Пиндорашон чунин буд, ки тираш хок хӯрд, инак дӯғ ба ҷиян заданӣ, ки «аспамро ёфта те!» Дар асл тағо ҷияни туфайлиро ранҷонданӣ набуд, ки ҳама кор дар пеш аст... Лекин молдорон ҳазору як тахмин заданд, ки тағо ба ҷиян чӣ мегӯяд. Гуфтугузор шуд. Ҳамин ҷо ҳам тарафдорони Ҷаллоб пайдо шуданд; бӯ гирифтанд, гуфтанду шуниданд. Фермаи бемол ва сармуҳосиби муғамбир пайдо гашта, аввал «Айб-айб! Деҳадорӣ!» гуфта, забони мардумро хоронданд.

– Шумо ҳам айбро медонед?! Кай боз?!

Асои палангкуш сари китф аз он тарафи моли ҷамъу гирдоварда садо баровард Хол. Ферма заҳрханда кард. Сармуҳосиб нӯхтаи ӯро кашиданӣ шуд:»хап». Магар хун ба сари Ферма зада буд, ки ситеза ба сармуҳосиб кард:

– Чӣ хап?! «Хап-хап» гуфта ба сарамон баровардӣ! Мон, ба инҳо фаҳмонем, ки моли колхоз куҷо шуд?! Кӯр набудед, медидед, ки рӯзҳои ҷумъа ба Ҷумъабозор бурда, фурӯхта, қарзи колхозро мекандем. Колхоз он қадар аз давлат қарздор, ки худамона фурӯшем ҳам он қарзро адо карда натавонем...

– «Ем-ем» накун ферма! «ам-ам» гӯ! Мо ба масъалаҳо кордор нестем! Фурӯхтӣ ё хӯрдӣ, кори ту! Ҳамин қадар, ки моли колхоз ё ширкат танҳо моли ту нест! Моли миёна! Мо ҳам ҳақ дорем! Лекин чӣ шуд?! Хешу табор галаи гург шудед ва молро несту нобуд кардед!

– Ту ҳоло ист! Ба ҳамаш ҷавоб медиҳӣ!

Дасти Шубон ба дӯши Ферма расид. Ӯ як қад парид, гарчӣ забон мегуфт, ҷавобгарӣ, ҳукми суд ва панҷара пеши назар дошт.

– Муҳтарам Ферма! Ин шумо, ин сармуҳосиб, ун Хол, ин ман. Шумо донеду Худо! Ман моли колхозу баъд Ширкатро саршумор ба шумо супурдам ё не?

– Неъ...

Шубон ба сармуҳосиб нигарист:

– Шумо чӣ мегӯед?

– Ман намедонам...

– Ӯббооо... Ҳардутон занталоқ қасам хуред, ман ҳама гуноҳро ба гардан мегирам

Ферма: «Занам се талоқ, ки аз молсупориат хабар надорам!»

Сармуҳосиб: «Ман зани талоқ медодагӣ надорам... Қасам ҳам намехурам...»

Шубон фӯтаро аз миён кушод. Як дарза коғаз баровард ва тори сар дошта, садо дардод:

– Халойиқ! Ана ин акту санаду қабули молҳо, ки Ферма қабул кардасту фурӯхтаст. Ман чӣ кор кунам?

– Ферма занро талоқ дод, ту бояд ҳалола бикунӣ!

– Танҳо ба ту раво! Зеро инҳо гарангу девонаҳоро ба пояш ришта баста, бағали занашон мехобонанд ва аз беруни дар риштаро мекашанд, ки таранг. «Ҳалола шуд!» мегӯянд ва зани ҳаромро зан карда мегарданд!

– Инҳо як ҷонвари бехудо! Ҳайвонсурат...

Ферма чӣ кор карданро надониста аз зери дасти Шубон як мушт зад. Коғазҳо пош хӯрданд. Ферма ба онҳо дарафтода дудаста чида ба даҳон ҷо мекарду мехойид, аммо фурӯ бурда наметавонист. Коғазҳо дар гулӯй дар монданд. Нафаси Ферма гашт ва чашмонаш ҷаста баромаданд ба сони чашми ғук. Сармуҳосиб ба тахтапушти ӯ сахт-сахт каф мезад, ки партояд; зеро гар Ферма мирад, ҳама бало ба сари сармуҳосиб бор гардад...

Дар он сӯ зери дарахти туғи Намозгаҳ, бар санги ишкамбашаклу ҳаворанги полвонӣ, ки ҳар кас хешро зӯр гирад, аз миёни санги дастхӯрдаи лайсу лағжон харпанҷа андохта, як

бор то зону, миён ё шикам мебардошт; кам касоне буданд, ки сари сина бардоранд. Ҷаллоб ҳам вақтҳое зӯр меозмуд, ҳоло бар он нишаста, ки тахти дигаре нест. Хеле дастаку гарданак зада, ба сержант чиҳоро фаҳмонду таъкиду таҳдид кард, кирдору рафтори онҳоро низ аз дур мушоҳида дошт. Чун дарунаш алангаю ғулғула гирифт ва донист, ки иддаъо бебун ва онҳо тунду тез шудан доранд, ба даллолӣ рафт. Даҳон воз, забони беқарор аён, ана-ана чизе гуфтанист; пой пеш ғеҷонда, ба гап ҳамроҳ шуданӣ, вале чун пеш аз ин онҳо чӣ гуфтанду чӣ шуниданд огаҳ набуд, андаке сабру мулоҳиза кард, ки шояд ба такрор гӯянд, садои Шубон боло шуд:

– Молатонро шинохта, ҷудо карда, гиред!

Молдорон ба гӯши бузу гӯсфанд нигариста, аз эму дурушаш молашонро шинохта, ҷудо карда канор мебароварданд. Касе аз пайвандон дар канор нигаҳбон буд, то боз нагарданд ба мол. Яке молашро «сарҳисоб дуруст» мегуфт, яки дигар кам мекард. Шубон ё Хол ёдовар мешуд, ки фалон вақт чӣ шуда буд бо он барра ё меш ва ба ёди соҳиби мол меомад, ки ҳақ ба ҷониби чӯпон. Вале саркашҳо низ буданд, ки ба калла намегирифтанд «гург хӯрду гум шуд»-ро ва мағалнамо шуд. Фермаю Ҷаллобро Худо дод: камарчаи даҳонҳо даррид, беандешаю берӯ шуданд.

– Медонед, Ферма?! Ин бадзод аспи маро ба саги гушнааш хурондаст! – бе ҳеҷ мақсад ва хеле ноҷо фармуд Ҷаллоб.

– Ту дони Худо?! – Ангеза гирифт Ферма.

– Ҷонам закоти номи Худо, бовар накунед, аз милиса пурсед!

Милиса, ки чунин ранг гирифтани масъаларо намедонист ва асли масъаларо хуб медонист ва кӣ будани таға равшантар аз рӯз буд, сар тофт сӯйи Намозгаҳ, то касе чизе напурсадаш. «Ба ин масъала нуқта бояд гузошт» аз зеҳн гузаронд ва ба даҳони возі таға ва тугмаҳои кушодаи шими ғашовар ва сарсинаи бараҳнаю чапанонааш нигариста, нафрат хонд ба худу ба таға ва ноаён туф кард.

– Ба кӣ туф кардӣ, ҷиян?

– Дилам айнӣ кард.

– Сарторик нестӣ-ку?!

Алами асп буд ё нобарориҳои рӯзҳои ахир, ки таѓо худдорӣ карда натавонист. Заҳр зад. Ҷавон аввал сарфаҳм нарафт ба сухани таѓо, сонӣ сарфаҳм рафта, ки занони бордор дил ба хӯрдание гум зада сарторик мешаванд, сурх шуд назди дигарон, ғазаб кард ва ба гӯши таѓо хонд: «Рафторат чунин бошад, оқибат дар пуштат хода мезананд, таѓо!» ва рафтагор шуд.

– Эй, эй! Куҷо?! Товони аспи маро кӣ медиҳад?!

– Гургон!!!

– Гургон ё тую саги Алои Шубон?!

– Саги Алои Шубон айбе надорад! Вай аз ҷамъияти носомони Шумо рӯй тофта гург шудаст! Моли ҳароми таѓо барин касонро хӯрда, оламро тоза карданӣ! Ту намедонӣ, ки гург тозагари табиат аст, моли гаргину қӯтуру дардмандро ҷудо карда мехурад! Чун шумо моли тозаро ҷудо намекунад. Ман duздӣ будани аспи туро дар кӯдакиам дида будам, таѓо! Пеш аз ба мактаби милиса рафтанам! Медонӣ дар он мактаб чӣ меомӯзанд? «Покӣ, ростӣ ва ҳалолкорӣ!»

– Хестӣ, ки хобат, тирронча к! Аз тухм набаромада, қу-қу мегӯйӣ! Ман ҳамаи милисаҳои обравро мешиносам. Ҳаром нахуранд, мемуранд! «Ба чор сум пули моҳона зиндагӣ карда мешад? Бачу качи мо чӣ хурад?» мегӯянд! Ҳоло, ки як сари қоқ дорӣ, шапкаро паси сар мегузорӣ. Чӯҷадор, ки шудӣ, шапкаро болои чашму абрӯ мекашӣ, ки нашиносандат! Ман аз ҳаво гап намезанам! Дидаю диниста мегӯм, ки ҳама ҳаром! Ҳама луқмаи ҳаром мехуранд. Ҳалолхӯр онҳое буданд, ки ба ёди гулу гиёҳи кӯҳсор мурда рафтанд.

– Охир ту чӣ махлуқӣ, таѓо?! Худам ҳамаро дидам! Туро гуфтам, ки аспат тӯрида гурехт. Дошта натавонистам. Холи чӯпон, ҳӯӯ ана, намурдаст, аз деҳа баргашта хабари гургон хӯрдани аспатро овард. Дар бозгашт ба чашмам дидам, ки гургони аз калтаки Хол тарсида гурехта, аз шахи Бозормурда баргашта боз мехӯрданд, аспро. Зину банди хунинашро нагирифтам. Камони додаатро сӯяшон рост кардам, садо набаровард; чунки маро фирефта, тир надода будӣ. Ҳамаро

якбаяк гуфтам. Дидаю дониста ба Шубон тӯҳмат мезанӣ! Медонӣ?! Ман одами навам! Сари мол на барои он рафтам, ки ба сари Шубон тӯҳмат бор кунам! Барои он рафтам, ки ҳақиқат ёбам!

– Меёбӣ ҳақиқатро! Лекин дар гӯр!

– Даҳонатро пӯш! Тугмаҳои эзоратро гузарон! Одам шав! Баъд буро миёни мардум!

– Тиррончак! Аз худам шуда, ба ман гап ёд медиҳӣ?!

«Э вой!»

«Нохалаф!»

«Худо лаънатат кунад!»

«Э, зинокор!»

«Э, ҳаром!»

«Э, Худобехабар!»

Ва ҳар кӣ буду шунид, рӯй тофт, лаънаташ хонд, рафт ба ҳар сӯ; молҳо низ рафтанд гурӯҳ-гурӯҳ ҷониби дашт, ки як ҷамъияти порокандашударо мемонд. Ӯ – як махлуқи дурӯғгӯ миёни санглох танҳо монд.

Милиса низ роҳи миёндаштӣ мепаймуд пиёда.

* * *

– Ҷаллоб! Гуфтам, ки дигар наё! Ман тавофи Каъба карда омадам. Ба пир даст додам. Тавба кардам!

– Медонам, ҳоҷӣ Маъмун! Дилам ба худатон не, ба домодатон месӯзад. Дар ҳама коғаз имзош ҳаст. Агар ягон бало шавад, илоҳӣ забонам буррида гардад...

– Илоҳӣ омин!

– ... Сад биллоҳи азим, аввал он кас мепечад.

– Ман бас кардам навис-нависро. Дар он дунё, дар Маккаи мукаррама ҳам, аз ин гуноҳи азимтаре набудаст.

– Охир домод...

– Домод ба гӯри ман намедарояд. Гуноҳ кардаст, азобашро кашад!

– Ҳоҷӣ, ҳамааш ба маслиҳати худатон буд-ку?!

– Пеш буд. Ман дигар он бандаи нодон нестам. Ҳаҷ рафта ҳама чизро фаҳмидам, ки ин дунё як пул. Ҳама гап дар он

ҷо будаст... Баъд дар Санглох ҳам будам. Киҳо чиҳо гуфтанд, шунидам. Маълум, ки аз сад ҷонатон як ҷонатон халос намехурад. Кушу куртема гир, ман ба ин кор ҳамроҳ намешавам!

– Ҳоҷӣ! Ҳоҷӣ! Шумо девонагиҳои маро медонед! Агар ин бор ҳам мадад накунед, хонаи ҳамамон месӯзад... Хонаи шумо ҳам!

– Хонаи ман?! Барои чӣ?

– Он чиз ки ба даст оварда будем, аз дуъою фотиҳаи шумо буд. Баъди ҳоҷӣ шуданатон, гумон мекунам, даму нафасатон, навиштаи ҳоҷиёнаатон, даҳчанд, садчанд, ҳазорчанд қувват гирифтаст. Иншооллоҳ, мебуррад. Мо ҳам хизмат мекунем.

– Не! Гуфтам-ку! Дигар даҳонамро ҳаром намекунам!

– Ҳеҷ гап не, Ҳоҷӣ! Як бори дигар худамон ташкил карда, ҳаҷ мефиристем!

– Не! Гуфтам-ку! Намефаҳмӣ?! Замоне, ки ба гапи ту даромада, Самарқанд ойимбозӣ мерафтам, гузашт! Ба гузари Ҷӯгиён ҳам намеравам! Ту маро бероҳа карда будӣ. Ҳаҷ рафта, дунёро фаҳмидам. Ин дунё ба ту баринҳо соз будаст, ба мо баринҳо он дунё!

– Худо насиб гардонад, ҳоҷӣ, боз мефиристем.

– Не! Гуфтам-ку!

– Худам мебарам!

– Ту?! Э вой! Кӣ будани туро Худо медонад-ку?! Ман медонам-ку?! Кӣ туро роҳ медиҳад?!

– Ин қадар ҳам не, ҳоҷӣ. Ҳар чӣ буду гузашт, бо шумо буд. Таънаю маломат чӣ лозим? Ман ҳам ангуштшумор кунам, чиллаҳои дасту поям намерасад. Шумоя роҳ доданду маро намедиҳанд? Ба ҳар ҳол шумо як бор шишта баромадед. Шукри Худо ман поктар. Касе гуноҳамро дайн накардаст. Ҳатто Парвардигор!

– Дайн мекунад, иншооллоҳ! Мешинӣ ҳам! Ман-ку ба тӯҳмат шишта баромадам. Лек баромадани туро Худо донад. Ба ҳисоби ман, рӯзат нарасад ба гуноҳат. Тӯҳмат азим, илоҳӣ гирифторат накунад. Лекин тӯҳматҳое, ки ба

бегуноҳон кардию мекунӣ, бахшиданӣ нест!

– Ба кӣ тӯҳмат кардам?!

– Ба ман! Ёдат нест?! Вақте ки ҳама хӯрдаю бурдаи дигаронро ба номи ман заданд, дидӣ, ки дасту поям аз зиндагӣ канда шуд, мисли барзагов аррос зада аз ҷоят хестӣ, сари минбар баромадӣ, аз рӯйи одати баду балоят хушомад гуфтӣ: «Ҳама гуноҳҳое, ки ба гардани раиси тафтишоти колхоз бор карданд, ҳаққ асту рост! Хоҳед, як-як такрор мекунам!» Суд «Лозим не! Ҳамин гуфтаатон бас!» гуфт. Чунки суд ношуда, гуфтугӯ шуда буд, ки ман бояд ба ҷойи дигарон шинам. Ман раиси Коммисияи тафтишоти колхоз будам. Ҳамроҳи гунаҳгорони бегуноҳ шишта мехестам. Ҳамаро хубтар аз онҳо медонистам. Ба ҷойи он, ки ман онҳоро ревизия кунам, онҳо маро ревизия карданд. На молу амволи колхозро, на кору бори онҳоро, балки кори маро, ки чаро ҳушёриро аз даст дод? Ӯ чашми давлат буд! Ёдат ҳаст? Пеш аз ин чунин ҳол ба сари мудири анбори холӣ Ҳамроҳи Қодир омада буд? Ӯро ҳабс накарданду ҷарима бастанд. Мардак молу амвол, хонаю дарашро фурӯхта, ҳисобро баробар кард ва ҷомааш сари китф, тарки диёр намуд, ки касиф гардонидаанд. Ин одамони мо ҳамту касон. Ҳоло ки дер нашудаст, аробаатро каш. Вагарна ба каҳдуд мемурӣ.

– Кӣ? Ман?!

– Кӣ? Ту!

– Не! Ман то ин бадхоҳонро нашинонам, илмам қарор намегирад!

– Сарата хурад илмат, бесавод!

– Лекин дониста бош, ки ба як такача сад шикоят нависонда мегирам! Ҳозир кӣ бисёр? Гушна!

* * *

Ҷаллобро девона гӯйӣ, девона набуд, солим ҳам наменамуд. Лекин рафтору кирдораш батар аз девона: ҳамон кафши берӯйи мӯзагӣ дар пой аз дарвозаи ҳавлӣ кашолу молон мебурд то он сӯйи руди Зарафшон, девлохи калонпояҳоро пушт карда дар миёни заминҳои панҷ колхоз (имрӯз ширкату хоҷагӣ) сохтааш, девлохро холӣ аз мол

дида, ба худ меомад, ки одамони паси Ағба аз ҳамин ҷо аспҳои гумкардаро ёфта, писари ба гуфтаи онҳо – дуздашро дастгир карда бурданд, моли худаш бонӣ кардаро низ, ҳушаш равад, ёдаш намеояд, ҳушаш ояд, ёд кунад, ки чӣ буду чӣ шуд? Бовараш наояд, ки ба чунин рӯз расида бошад. Зеро панҷаашро қат мекардагӣ кас дар ин обрав набуд, одамон ва чӯпонҳои паси Ағба ҳам чунин корро намекарданд, аммо чӣ шуд, ки ногаҳон бало хест аз зери по. «То бод навазад, барги дарахт наҷунбад. Ин ҷо як гап ҳаст. Бадхоҳ ҳаст. Вагарна паси Ағба куҷою девлохи моли ман куҷо, ки онҳо асп гум карда, писарамро дузд хонда, баста баранд?» Беҳушона ба хору хаси дашт мегуфт, тахмини беш, аз ҳадд беш, мезад, вале якеро сахт дошта наметавонист, ки сабаб шуда тавонад. Чунки соҳибони мол одамони чаккӣ нестанд; ҳама коргари ҳукумати ноҳия ё раису сармуҳосибу мудири ферма ва аз инҳо хурдтарон. Касе ҷиқ намегӯяд, ки молашро дуздон бурданд. Арзу шикоят ҳам нест. Бо калоншавандаҳои ноҳияи кишвари ҳамсоя на мурочиат мекунанд ва на номаю нота. Чунки тагашон тар. Порӯро кобӣ, бӯяш барояд. Овозаи ин кор ба боло расад, шояд сари бод парранд ҳар кадом. Ба он шарт, ки қонун кор кунад. Девонагии Ҷаллоб аз ҳамин, лекин гуноҳи асосиро ба касе гуфта натавонад, ки дуздии писар нобахшиданист. Кор бо чунин маром идома ёбад, на мол бинаду на писар: «Во аламо!» овоз баровард. Тоқии рӯзи кашокаш бо одамони паси Ағба афтидаи писарро аз буни чӯпонхонаи дар канори девлох сохта бардошта чун Яъқуби Юсуфгумкарда молид ба чашм ва аз рӯйи одат ин сӯ, он сӯ чашм давонд, ки ягон худоҷӯ ҳаст ё нест? Чун касе аз ёру ёваронро надид, дилсард гашт аз ҳама чизу ҳама кас, ки дар олам зиндае намондаст. Даст ба осмон бардошт. «Танҳо худат, якто худат! Ман ҳам яккаю танҳо мондам мисли худат. Лек чизе набудаст танҳойӣ. Паноҳ бидеҳ аз танҳойӣ! Ба хонаи худат зиёрат рафтанӣ, ки зоро бинамату шикоят барам, ки ҷуз худат касе ба доди мо бечорагон нарасад; зеро ҳама дар ғами худу авлоди худ, яке нест, ки ҳоли дигаре пурсад. Гар кор ба дасти бозпурсҳои додгоҳ афтад, аз сад ҷонат як

ҷонат раҳо наёбад. Бозпурсҳои инзамона ранги духтурони навбаромад ду чашмашон ба дар, ки кай бемор аз дар дарояду андоз банданд, аз дарунашон ҳазору як айбу дард пайдо карда. Ҳамин ҳоҷияк чӣ, ки дирӯз аз як коса ҷурғот мехӯрдему имрӯз ҳазар дорад аз ман? Бо пулам як ариза наменависад? Садҳо аризаи росту дурӯғу тӯҳматбор навиштӣ, гуноҳ нашуд? Инак як аризаи ҳаққонӣ нависӣ, гуноҳ шавад. Гӯё бо он аризаҳо ҷоят ҷаннат буд, бо ин аризаи рост ба ҷаҳаннам меравӣ! Меравӣ ҳам. Касе, ки ба мани худотарс баду бахилӣ кунад, ҷояш ҷаҳананм. Кӯр мешавӣ-куя, махов мешавӣ-куя! Дертар! Мехоҳам, ки тезтар шавию ба чишмам бинам...»

– Ман боз омадам, ҳоҷӣ! Оламро саросар бигардам, худатон барин кас наёбам. Даму нафаси худатон дигар. Файзатон ҳам дигар! Пеши дигарон равам, на файз мебинаму на нур. Паташон канда, қути рӯ надоранд, гӯё ки аз гӯр баромада омадаанд.

– Ҳааа. Ҳоло ки аз зиндон хабар надорӣ, хаёлат, ки мо дар ҷаҳаннам зиндагӣ дорем. Худо расонаду зиндонӣ шавӣ, донӣ, ки диёрамон чӣ биҳиштест дар рӯйи замин? Худо аз ин батар накунад.

– Тут-ту! Девона шудайӣ, пирхар! Зиндон ба худат насиб кунад! Девлохи мол маро хубтар аз ҷаннат! Барои аз даҳони бӯйини ту дашном шунидан наомадаам!

– Медонам туро! Тамаъе надошта бошӣ, наоёӣ. Ҷое равӣ, ки як чиз канда гирӣ. Лекин беҳуда омадӣ. Ман чизӣ мекандагӣ надорам. Ақламро барои ту барин наҳс коста намекунам. Наҳс будани туро дер фаҳмидам. Гоҳи зиндон буданам. Дар Норак. (аввал дар Кирпичний будем, баъд ба Норак бурданд ба ёрӣ). Гулбоямон ҳам ба ёрӣ рафта буд. Касе беном ба номам нома фиристода буд сирру савдоро навишта. Касе бошад, даруни бало будаст. Хол ба хол медонад кирдору нағмаю тӯҳматро, ки арзанро гунҷишк хӯрду калтакро вартиш. Ту будайӣ дирижӯри он мазҳака! Номанавис ҳамту навишта буд. То ин дам чизет нагуфтам, ки як бор ба забони ҳол омада, мекафӣ, дамат дарун задагӣ. Баъди соф шуда омаданам ҳам, бисёр мушоҳида кардам, ки одам шуда

бошӣ, ҳамон савдогари Кармина. Ҳамин қадар дарёфтам, ки маро бори дигар ба бало печониданӣ ҳастӣ. Мард бошӣ, бигӯ, ки чӣ бадӣ кардам ба ту?

– Умм, ум... Ҳоҷӣ ба ҳамон номаи дурӯғу рост бовар кардед?

– Чихел дурӯғу рост? Кадомаш дурӯғу кадомаш рост?

– Аз ман чӣ мепурсӣ? Медонӣ, ки номамро навишта наметавонам.

– Чаро пеши ҳамон кас, ки нависондӣ, намеравӣ?

– Вай мурд.

– Ту мемурдӣ, хуб набуд? Хас каму ҷаҳон пок!

– Ту чӣ дорӣ бо ман?! Гумонат гоҳи зиндон буданат ба сари занат рафтам? Ба сари духтарат рафтам?

– Гумон кардам, ки вақти набуданам қасоси модаратро мегардонӣ!

– Чӣ?!

– Ту ки падаратро намедонӣ. Ятим калон шудӣ. Боре ҳам модарат нагуфт, номи падарат чист? Ба насаби модариат шиноснома дорӣ. Ягон бор фикр кардӣ, ки падар доштӣ ё не! Модарат аламу асрор ба хок бурд.

– Тут-ту! Чӣ мегӯйӣ, пирхар?!

– Он падаре, ки доштӣ, солаш қариб ба соли худат баробар буд ва дар ҷанги Гирмон нобуд шуд, падари ту набуд. Ошиқи модарат буд. Ту баччаи ҳамон зан. Аз ту чӣ чашмдор шудан мумкин? Чашмат кушода шуд? Акнун бирав! Сарату равғанат!

Ҷаллоб ангу манг монд. Дардаш гирифт. Сафеддори табархӯрда барин дароз паррид. Почак зад. Аз даҳонаш кафклӯла рехт. Чунин ҳам буд: гоҳи даҳмардагӯйӣ кунҷи лабонаш ҷурғотак мебаст. Кафки даҳон мепарид. Хешро дар осмонҳо медид. Ҳолиё ҷон канад бесадо; сари дилаш боло ҷаҳад баробари ҷонканӣ. Ҳоҷӣ тарсид. Об зад ба рӯяш. Гарданак низ зад: « Чӣ шуд?». Воқеъан «чӣ шуд?» Он ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизро писанд надорад, касеро баробари хомушак надонад; ба дарди касе нахурад, мушкили касе осон нагардонад, дасти фитода нагирад, ба ҳарфи дигаре гӯш надиҳад... танҳо барои худ зиндагӣ кунад, чӣ касест? Бигу-

морад, ки дунё ҳамин даҳони Дараю ду канори руд.

Хаста шуд аз кашолу молон бурдани кафши берӯйи мӯза. Рӯ ба рӯйи гӯристони пушти Боғи Гарон бозистод ва пеши назар овард, ки гӯри модар фурӯ рафта, сангаш низ хам хӯрда буд, дар муддате, ки аз ташвиши беш наздик нашуд, чун гашта бошад?

Фурӯ рафта буд гӯр. Чимбанди танги даҳонаи лаҳат фурӯ рафта, хоки айвон низ рехта буд даруни лаҳат; пайи панҷаи гӯрков, рӯбоҳ ё саге буд, ки хафол карда бошад. Писар рамид, дилаш ҷиғ гуфт. Тарсид ё ҳазар кард, ки пас-пас рафт ва каф ба даҳон зад, то фарёдназанад. Пасон суханони Ҳоҷӣ нависанда ёдаш омад, ғазаб кард ва нафрин хонд гӯру лаҳати модарро: «Бояд месӯхт... Гургхона шудаст». Ба пушти сар нигоҳ накарда гурехт. Кафши берӯ бадар рафт аз пой. Наистод, набардошт, ки таъқибаш доштанд гургони хӯрдаасп. «Ҷоду, ҷоду! Илоҳӣ, гирифтор гардад, он ки гирифторам кард!»

Аз пеш мол омад. Дарвозаи яктабақаи тӯрини иҳотаи гӯристонро гузашт. Ҷониби дашти Фушон роҳ паймуд. Ҷаллоб, ки нав аз сари пуштаи миёнароҳи гӯристон сар зада буд, рамаи ба сони оби руд равонро дида, ба худ омад як лаҳза, ки зоро писараш рамаи Боғи Мазориҳо бурдаро баргардонида оварда бошад. Ин кори идорадорон албатта. Зеро зӯри каси дигар нарасад ба ин кор. Тиҳипо роҳи миёнаи гӯристонро тохт. Аз зарбу вазни пойҳо сурмахок пош хӯрда, чангу бод мекард. Ягон-ягон сангча ва ҳам неши хорхои бодовар аз тори гӯрҳо халида озораш медод, вале писанд надошт, ки писараш оварда молро. Бештар аз он шод буд, ки боз роҳаш кушода мешавад ба қасри мармарини Ҳукумат; боз дод ситонад аз онҳое, ки ба худаш душман медонад; зеро ба хотири хотирҳо дар боло ба суханони лаф-лафу фӯсфӯсаш гӯш медоданд ва бегуноҳон азобу озор мекашиданд. Вале якбора попеч гашт ва хӯрд пасрӯ ба замин ва хоки судаю сурма пош хӯрд ба сару рӯяш ва чашмонаш. Ҳайкали баланди дами дарвоза, ки асои чӯпонӣ сари дӯш мизончӯб карда буд ва дастҳо ҳалқа гардонда, медошт ва сараш

шаҳини тарозуро мемонд, аз пеши чашмаш гум шуд. Ин ҳайкали Шубони аз паси мол то ин ҷо расида буд. Хаёлҳояш ботил баромаданд. Имтиёзе надорад. Дӯстонаш, то дар бало намонанд, суроғаш намекунанд. Бартарие надорад аз дигарон, аз ин рӯ ҳайкалу ҳайбати Шубон ба ин сурат қавию баланд тобид. Шубон ҳам дид каллапо рафтани ӯро, аммо ҷонибаш нарафт. Зеро шунида буд аз пешиниён, ки масҷиду намозгаҳу хонагоҳу гӯристон ҷойи гӯз нест; ҳатто туф кардан норавост. Аз ин рӯ пеш нарафт, дили одаткарда балои ҷон, аз забони бадхӯяш дашном нарезад. Ҳайкал, ки аз симтӯри иҳотаи гӯристон хеле фароз буд ва бо тамкину гаронвазн гом зада, думболи рама мерафт, ҳамон зайл монд бошукӯҳ миёни сарпӯшу мижгони чашмони хокбардоштаи ӯ. Болои баландаш аз теғайи теппаи Муғаки тортари хонагоҳи эшони Сайид фарозтар буд ва сараш осмон месойид. Ҷаллоб фӯку манаҳ аз хок бардошта бо ҳавас нигарист, вале ба чизе сарфаҳм нарафт, ки ин чӣ муаммост? Шояд аз он, ки замоне сарчӯпон буд, аз сад сар меш саду понздаҳ – саду бист сар барра мегирифт, сазовори узви партияи Коммнистӣ буд, вале имкону вақти аз чарогоҳи заминҳои ориятии Мирзочӯли Ӯзбекистон омада дар маҷлисҳои партиявӣ ширкат кардан надошт, намояндаи кумитаи партиявии шаҳрӣ Қиёмиддин, котиби ташкилоти париявии колхоз Ҷамолиддин ва мудири фермаи чорво Ашӯра ба сари мол рафта номзадии ӯро ба сафи партияи Коммунистии Тоҷикистон сазовор донистанд. Дасисабозонро чунин амал хуш наомад. Ҳоло ба сафи партия напазируфта номаҳои мустаъор навиштанд, ки «чӯпони сари кӯҳ бо мудири ферма бозӣ мекунад». Миш-мишу фич-фич шуд ва тафтишу вогузорӣ, ки касони бадтинату костаахлоқ лойиқи номи баланди парияи Коммунистӣ нестанд. Зеро ҳукумати Вақт дастур дода буд, ки «Мардум аз рӯйирост навиштани камбудиҳо тарсанд, метавонанд бо имзои мустаъор нависанд». Гирудор беш шуд ва сариштааш мушкил. Чун мӯй ҷудо гардонданд аз хамир, аён гашт, ки тӯҳмат задаанд нотавонбинон. Шубон даст кашид аз узви партияи Коммунистӣ шудан ва аризаи хеш бозхост, ки бадномӣ ча-

ро? Валек оби рехта, тири ҷаста ва ҳарфи рафтаро пас гардонда нашавад. Шубон аз Ашӯра пӯзиш хост:

«Бубахшед, хоҳар».

«Айби мо не, додар».

Ҷаллоб бархост. Базӯр чангу хоки дасту рӯй ва либоси хеш рӯфту таконд ва аз паси Шубон нигарист. Нанамуд. Паси пуштаҳои гӯристон ноаён гашт. Рафтагор шуд тиҳипо, дарнаёфт. Сангчоли тез ва шутурхори саҳро озори беш дошт, хуншор гардонд пойҳояш, наёрист пеш равад ва дарёфт накард ӯро. Дар бозгашт низ сахт азоб кашид. Сари ҷӯйи Боғи Гарон нишаст. Ҳеҷ ба худ омада натавонист. Зуза кашид. Зузааш на ба зузаи гург, бал зузаи саггурги Алоро мемонд.

Шубон шунид магар, ки сар тофта ба пас нигарист. Касеро надид. Аҷаб омад, ки мол аз кӯҳу пушта фуромад ба водӣ, гургон низ думбола омадаанд ва андар гӯрҳои кӯҳна маскан гирифтаанд. Пушт ба мол ва рӯ ба гӯристон, даст ба дуъо бардошт: «Дар ин гӯристон гӯре надидам, ки сӯхта бошад ё таркида. Аммо гӯри очаи Ҷаллоби беимон фурӯ рафта. Ӯро аз ҷаллолбӣ чизе намонда, аз даллолӣ кордаш болои равған. Даллаи пуртуллак. Дили одаткарда, ҳоло ҳам ҳамон касбашро мекунад; на хеш гӯяд, на дарвеш, хаткашон. Бараду чӣ подош гирад, аён нест. Обро гилолуд кардагиаш кардагӣ. Ёраб, бисёр зорӣ кардам, ки маро ноаён гардонӣ – ман ҳамаро бинаму касе маро набинад. Аз гӯшаш гираму дар симчӯби паҳлӯйи трансформатори кӯча мех кӯбам. Мардум «масхарабоз омадаст» гуфта ба тамошо бароянд. Дида, донанд, ки Худойи Бузург ҳеҷ бадиро бекайфар нагузорад. Сар ба гиребон фурӯ кашанд, даст аз дуздию ғорат ва қатл нигаҳ доранд, забон аз бадгӯйӣ бигазанд; донанд, ки ресмони Парвардигор дароз; хуб сар диҳаду оҳиста-оҳиста бикашад, ки ҳалқа танг ояд, хафадаввак ҷон ба Ҷаббор супорад. Вагарна бадро завол нест. Як рӯзи бадкориаш умри садҳоро хароб гардонад. Худованд, бигир ҳамаро: ин молу ин дову дастгаҳро! Як дуъом бидеҳ, ки хонаму ноаён гардам. Аз гӯши бадон кашаму ба ҷойи лавҳи «Эҳтиёт! Маргбор!» часпонам, то ҳазар кунанд аз чунинон.

Ин чӣ рӯз бувад, ки ростон дар гӯру зиндон, кӯзпуштон аз пайи роҳати ҷон?! Муродам нобуд кардани касон набувад. Ба гӯшашон «Қуръон» хонӣ, панд нашавад. Забони бадгӯю дурӯғгӯ, дасти дузд, сари қотилро бурридан заб муҷозоте буд! Қозиёни муттаҳам чунин ҷазоро ботил донистанду «ҷазояшро Худо диҳад!» гуфтанд. Худованди раҳиму раҳмон ба андеша афтод, то андоми одамӣ нозеб набошад, ба андеша рафт ва аз ёдаш баромад, ки миёни махлуқон бадкорон афзуда.

Худовандо! Чӣ шавад, гар маро ноаён гардонӣ?! Ва ман эшонро ба ҷойи муносиб нишонам; зеро ҳеҷ кас ба ҷойи худ нест! Бехудию бехудойӣ ҳам аз ҳамин ҷост!»

«Тушбераро хом шуморидӣ, чӯпони беақл! Он чӣ падару модар хӯрд, ту низ ҳамон хурӣ!» Омад аз ҷониби Гӯристон, вале аён набуд. Донист, ки Худованд «ноаён» буданро ба каси дигар фармуда... Ба оне, ки мулк аз они ӯст.

**12.**

Ҷумъабозор. Ҷаллоб даллолӣ дошт. Гӯсфандони гӯшбурридаро дид. Дасти аз афшондану «розӣ шавед!» гуфтан озордидаи говфурӯшро якбора сар дода, пой бардошта, аз байни одаму молҳо роҳ ёфта, назди онҳо рафт, Ба мол нигаристу ба соҳиб, гӯши бурридаи гӯсфандонро ламс карду дид, ки захми кухан ва рӯ гирифта. Ба асли хеш баргашт ва муғамбирона овози паст баровард:

– Моли куҷо?

– Моли роҳ.

Посух дод фурӯшанда. Ҷаллоб бовар накард. Дам ба дарун гирифт. Даллолона қабурғаю кавораи гӯсфандон дошта, вазъу ҳол санҷид, думбааш бардошта вазн зад. «Хароб» гуфт ва афзуд: «Чандӣ?» «Нархи бозор» фармуд молдор.

– «Моли роҳ» гуфтӣ?

– Ҳамту, даллол-бобо, харидам.

– Харидӣ? Аз куҷо харидӣ? Аз кӣ харидӣ?

– Шумо даллол ё бозпурс?

– Ман соҳиби мол. Гӯши буррида дуруши ман. Бовар накунӣ, аз бозоракиҳо пурс. Инро ҳама медонанд. Милисаҳо

дар ҷустуҷӯ. Ғоратгарон маро чӯпонӣ куллук карда, молро пешандоз бурданд. Чун дасту поям кушода шуд аз пасашон рафтем, пайдо накардем. Миназори сарҳад пош нахӯрда буд. Так давидему боло, то Оббурдони Масчоҳ. Пайдо накардем. Замин кашид ё осмон, нафаҳмидем. Ту аз куҷо ёфтӣ? Бигӯ! Вагарна ҳама бало ба сарат бор шавад! Ту будӣ миёни он роҳзанҳо?

Фурӯшандаро ранг парид аз андом. Чӣ гуфтанро надонист. Танҳо сар ҷунбонд:

– Не волло! Ман аз ин чизҳо хабар надорам. Харидам...

– Аз куҷо харидӣ?! Зуд бош!

– Аз бозори Саройкамар.

– Аз бозори Саройкамар? Аз таг? Ҷое ки ун қаторкӯҳ рафта-рафта ҳамвор мешавад?

– Ҳо.

– Дуздон чанд тан буданд?

– Дузд буданашонро намедонам. Се чӯбон буданду як бандӣ. Чор асб.

– Ту он ҷо чӣ кор доштӣ?

– Шикор рафта будам...

Зане фӯрмапӯш пайдо шуд миёни бозори мол. Давр мегашту чизе намепурсид. Гумон мерафт гунаҳгоре меҷуст. Як-ду қадам пас ҷавонмарде мерафт ё ҷондор буд ё хидматгор ва ё таъқиб мекард. Зан гаҳ-гоҳ аз паҳлӯ, аз шафату роғи миёни харидорону фурӯшгорон ё даллолон ба гӯсфанде менигарист ва боз сар мекашид ва ҳам гӯш медод ба гуфтугӯ ва лафзу муомилаи онон. Саволборон кардани даллоли бучча –гӯшкандаи гӯшаш ба гӯши гӯспандон монанд фурӯшгорро диққати зан рабуд. Як қадам пеш монд ва ёдаш омад моҷарои чӯпонон; пеши назар фаро шуд ҳайкали қавии Шубон, ки чаро ба пайғому паймон эътибор надиҳад ва наояд? Аз паҳлӯ садо омад: «Ин меш ҳар сол барраи кабуд зояд барои қурбонӣ». Гӯё занро шинохта чунин гуфт. Ҳама нигаштанд сӯяш. Зан низ.

– Аз... аз... аз... – фармуд Шубон ва ба рӯйи зан дида

дӯхт.

– Ба ман ҳамон хел барра лозим.

Шубон гӯё чизе рух надода бошад, рӯ ба фурӯшгор овард:

– Барраш куҷо?

– Надошт.

– Чӣ хел надошт? Дошт!

Ҷаллоб –даллол, ки то ин вақт аз зери манаҳи фурӯшгор менигаристу ба рӯю формаи зани харидор, чизе гуфтанӣ буду фурсат наёфт, ҳамаро монда ба Шубон рӯ овардани занро дида, феълу атвораш гирифт ва аз рӯйи одати суханбурӣ фӯк зери манаҳи зан фаро овард: «Ман шумоя дар куҷое дидагӣ». Занро хуш наомад рафтораш, бӯйи нохуши даҳонаш ва гӯши кандааш, ки аз зери фӯтаи дасторосо баста бурун монда буд.

– Ҳамина гиред, оча! Қисирча будаст, ки дегатона мекафонад!

– Намекафондагиш лозим! – фармуд зани формапӯш ва гом зада аз зери каши Шубон андармон дошт ва ишораи канор рафтан кард.

– Чаро ба пайғом кардан намеоед?

Шубон, ки таги гапро намедонист, чизе нагуфт, вале зери обу арақ монд.

«Оча, ҳамин меша гиред, пулатон бо худатон меравад!» – Садои даллол омад.

– Ӯ кист? – пурсид Дилоро, ки аз диди нахуст чӣ кас буданашро пай бурда буд.

– Баъд мегӯм. Агар танҳо монед, аз думатон кашол мешавад, мефаҳмед.

– Бояд меомадед, ҳамаро мегуфтед.

– Гуфтам, бону. Лек касе ба сухани чӯпон бовар намекунад. –Хомӯш монд, то аз ӯ чӣ ояд. Афзуд: – Воқеъан ба шумо гӯспанди қурбонӣ лозим бошад, дар моли ман ҳаст.

Бону хомӯш монд, зеро пешниҳоди Шубон ғайричашмдошт буд ва ӯ дам ба дарун гирифт ва ҳам андешид, ки мардак ришва напиндошта бошад.

Аммо пушти сари онҳо якбора ғалмағал шуд:

– Ин моли ман! Ту дузд! Ёри ҳамон дуздҳои паси Ағба! Ман ин кора ҳамту намемонам!

Дилоро пас гашта нигарист, ки Якгӯша лачаки сар дар даст боло бардошта, сахту баланд гӯяд ва гӯшаи чашм ба бону андозад, ки зоро шунида, аз рӯйи вазифа пеш омада, воқиф аз асрор гардад. Аммо бону ҳамроҳи Шубони худотарс бурун аз бозор рафта, сари роҳ баромад ва аз баландӣ нигарист, танҳо сару тан тобад, мол паси тану тӯши одамон пинҳон ва Полвон-даллол шаттоҳӣ дорад: «Наход дар ин дунё як одами бовиҷдон ёфт нашавад, ки ҳақиқатро ҳимоя кунад?!»

– Ӯ чӣ мегӯяд, Шубон?

Шубон ба пурси бону посух надод, балки аз ҳайрат пойи равон боздошта қадаме аз ӯ пас монд, тааҷҷуб кард, ки чаро зан ҳамаро монда номаш ба забон гирифт? Садояш гарму нарм буд монои садои духтараки нав ошиқшуда, ки дӯстдораш ҳарчӣ фармояд, ба ҷо орад. Дилоро низ пой боздошт ва пас гашта рӯ ба бонуи зебойи ҳама тораҳои мӯяш боло кашида, пушти сар ғунчабаста нигарист ва баёзи сафеди гарданшро дид, ки зеботарин парранда ҳам чунин зебу оро надорад.

– А... а...

– Ӯро мепурсам, Шубон, Якгӯшаро?

Шубон сурфид. Зеро ҳавои ғафс андар гулӯяш печид ва Шубон зӯр зада, раҳош кард.

– Чӣ шуд?

Ин гӯлпурсӣ буд. Дилоро хуб дарку эҳсос мекард, ки чӯпони сари кӯҳи дур аз одамон ҳанӯз ҳам шармшикан нагашта. Аммо надонад, ки хонадонаш дар чӣ рӯз бувад. Ҳанӯз Шубон посух нагуфта, бону пурси дигар зам кард:

– Зану фарзандонатон хубанд?

– Хубанд... – беихтиёр фармуд Шубон ва ҳайраташро ошкор кард: – А... а... Яъне чӣ?

Магар муроди зан ҳамин буд, то донад, ки зану фарзанд дорад ё на, гӯшаи чашм ба даллоли якгӯша дошт, гаштаю баргашта ба онҳо менигарист ва мағал мебардошт бо фурӯшгор, баъзан даст ҳам мегардонд, нӯги пой истода, то

зан тавачҷӯҳ кунад.

– Ун Якгӯша чӣ мехоҳад, Шубон?

– Намедонам...

Дилоро зуд ба рӯйи ӯ нигарист ва табассум кард, ки озурдадил гашт.

– Медонед... Шумо ҳама чизро медонед...

* * *

Шубон дуру дароз андешид ва сарфаҳм нарафт, ки чаро Дилоро гӯсфанд гуфту дасти холӣ рафт? Пасон беихтиёр гӯсфанди кабуди қурбонибобро куллук карда ба бордони таксӣ андохту ба шаҳр бурд ва дуртар аз идораи бозпурс қарор гирифта, пиёда ба суроғаш рафт. Аммо ҷуръати даромадан накарда, паси дар дер нигарон шуд. Ва Дилоро бурун омада назди сардор рафтанӣ буд, ки Шубонро парешон дида, ҳайраташ афзуд:

– Салом!

– Салом.

– Чӣ шуд?

– Қурбонӣ овардам. Роҳи хонаро намедонистам.

– Гардонда баред! Ман биёред нагуфтаам... – Сиёсат кард ва чизе нафармуда, сахт-сахт пошна зада рафт.

Шубон ҳайратзада монд, ки чаро рӯзи бозор дигаргуна буду имрӯз дигар. Хиҷолат кашид. Нохун хойид ва гӯйӣ мӯрро озор дода бошад, бо ҳавои пой, мабод ки садо кунад, зинаҳоро фуромада, дилшикаста назди мошин баргашт. То ронанда чизе пай набарад, «Ун одам кучое рафтаст» гуфт. Ва хештан чунон дарёфт, ки дар умри сараш чунин шалпару бефара нагашта буд. Дар курсии пас мурдаашро партофт. Пойҳои дароз аз дар берун ба пушт зад. Ва ёдаш омад, ки он рӯз Дилорои миёнақади фарбеҳаку сафедаки ширину садафдандон чун аз зери манаҳаш ба ҳайкали бузурги ӯ меҳрубону хостгор менигарист. Ҳамин қадар мушоҳида карда буд Шубон ва дилаш гум зада буд барои ин зан; гарчӣ медонист як себи хубонии шохи баланду дастнорас аст. Аммо яқин намедонист, ки зери нигоҳи Дилоро чӣ мазмуну маънӣ ва орзую ҳавас ҳаст? Ба ҳар ҳол, бо ақлу фаросоти

чӯпониаш пай бурда буд, ки чизе ҳаст дар замираш; вагарна ҳамту омада намерафт. Аммо имрӯз як ношиноси хоҷамонанд тофт, ки ғулом ба ҳоҷат омада бошад. Тӯҳмату ҷаримаҳо ба сараш бор карда бошанд ҳам чунин ба дил нагирифта буд. Ҳолиё дилаш ба танг омада, ба худ печид, ки чӣ шуда бошад? Танҳо як фикр ба сараш гирд мегардад: «Касе дасиса карда»... Аз карда пушаймон, гӯсфандро бозпас овард.

Дилоро дер баромад аз назди сардор ва Шубонро надида, ба кӯча омад. Ба баҳонаи дидани ӯ дар роҳрав гом зад. Пайдо накарда, ғамбода панҷа ба гулӯ зад, дилаш ба танг омад. На барои он ки гӯсфанди ба по омада бозпас рафт, бал аз он ки Шубони бегуноҳро ранҷонд. Ва ба худ омада, андешид, ки чаро сахт гуфта дил озурд? Ҳайкали бузургашро дар сари кӯҳи баланд тасаввур кард ва ронандаро фармуд, ки сари мошинро ба Дарадеҳ гардонад. Ронанда аз чизе бохабар набуд, аммо дар ойинаи пешрӯ медид, ки бозпурс чун ба кунҷак ҷафс шуда, тамоми роҳ наззора дорад, гаҳ-гоҳ пешонӣ ба шишаи дар ниҳода, чизеро равшан дидан хоҳад. Тасаввур дорад, ки Шубон гӯспандро пешандоз оварда буд ва ба пояш барад. Зеро фурсат нашуд ё зарурат набуд, ки ӯ гӯяд: пиёда оварда буд ё савора? Ба ҳар ҳол ду ангушт ба гулӯ бурда месойид, ки ғамбода гулӯяшро торафт тангтар мекунад. Ронанда ин амали ӯро ҳам хуб дид, вале намедонист, ки аз чист? «Шояд боз шӯяшро ёд карда бошад?» Андешид, вале чизе пурсида натавонист. Зеро сирру савдои бозпурсро хубтар аз ӯ касе намедонист, аммо ба пурсидан боре ҳам ҷуръат накардааст.

«Гардон!»

Фармон буд ва ронанда мошинро боздошта, гардан тофта, ба бозпурс саволомез нигарист.

«Гардон, гардон! Дар ин муддат ба пойи гӯспанд то ин ҷо намерасид».

– Шубонро мегӯед?

– Аз куҷо медонӣ?

– Мошинсавор омада буд, рафтану нарафтанашро нади-

дидам.

Сухан тамом шуд. Ҳарду дуздида ба ойинаи пешрӯ менигаристанд, гаҳгоҳ нигоҳашон бармехӯрд ва медуздонданд. Гӯспанд аҳамият надошт. Бозпурс мехост Шубони қавиҳайкали боғурурро бинад, зеро баъди сари шавҳараш боре аз тахти дил хандиданашро ёд надорад, аммо баъди рӯ ба рӯ омадан бо Шубон дар дил фараҳ пайдо шуд ва умеди зиндагӣ. Ин чизро хубтар аз ронанда касе мушоҳида накарда, ки баъзан дар ойина бинад.

Гоҳи мошинро гардонидан мошини роҳ садо дода гузашт, мошини онҳо ҳам садо баровард беихтиёр, ки ронанда як назар Шубонро дид, ки сараш осмонаи мошин месойид.

– Шумо гуфтагӣ одам набуд дар мошин?

– Надидам... Сур кун!

Ва ронанда суръати мошинро афзуд. Ба қароргоҳи нозирони роҳ нарасида он мошинро дарёфт ва ишораи боздоштан карда, чароғак гиронд ва аз мошинашон пеш гузашта, дошт.

Бо вуҷуди якравию горданшахӣ Шубонро аз бозпурс чӣ гармӣ расида буд, ки чорқат шуда аз мошин фуромад ва қомат афрохта, ба ронандаи хонум дасти салом ёзид ва табассум дар хами лабҳо назди дари кушодаи мошинашош омад, қомат шикаста, арзи салом кард ва дид, ки хонуми ширин низ табассум дорад, кушода шуд.

«Маро бубахшед» хеле паст гуфт бозпурс ба ҷойи салом муомилаи назди дари идораро дар назар дошта. Аммо Шубон хештан ба нодонӣ зад:

– Чӣ шуд, ки...

– Шикояти бозорравиамро нав хонда тамом карда будам... Баъд дару девори ун биноҳо чашму гӯш доранд...

Фармуд бозпурс хонум ва лаб фурӯ баст. Шояд нигарон буд, ки Шубон ҳолпурсӣ кунад. Аммо ӯ чун одат хомӯш буд, ки бозпурс боз чӣ фармояд. Бозпурс дигар чиз фармуд:
– Дароед. Гуфтанӣ зиёд. – ва хештан ба кунҷи курсӣ кашида, ба Шубон ҷой муҳайё кард.

Шубон сар баланд дошта раҳурӯро аз назар гузаронид ва дид, ки ронандаҳо саргарми сӯҳбат, сар хамида ба мошин

нишаст.

– Сардор бо ҳамин масъала маро наздаш хонда буд... Барои дуруштгӯйиам бубахшедам. Чун соли даргузашти шавҳарамро фаҳмондам, нарм шуд...

– Ааа, а... Бубахшед, ман ҳам намедонистам. Лекин чанд бор рӯймоли сиёҳ бастанатонро дида, мӯд гумон кардам, чунки занони инзамона ҳудаю беҳуда саропо сиёҳ мепӯшанд.

Дилоро гуфтори Шубонро чӯпонӣ пиндошт ва дусад доллар бароварда ба ӯ дароз кард. Шубон як қад паррида аз мошин фуромад, ки дилу нияташро зан нафаҳмид ё беэътинойӣ кард. Боз сар хам дошта, ба чеҳраи зебояш хуб зеҳн монд ва гуфт:

– Ришва нест, хонум, меҳрубонӣ.

– Ташаккур. Шарт набудагист, ки қурбонӣ гӯспанди кабуд бошад?

– Шарт нест. Кабуд бошад, беҳтар. Фармудаи рисола.

– Хуб, бошад. Аз паси мо биёед...

Бозпурс хонум пай бурд, ки ҳарфи бисёр харро бор, чунин фармуд. Зеро муродаш он буд, ки Шубон ҳавлиро бинад...

Ба дароеду шинед, гуфтани бозпурс хонум, Шубон надаромад, балки гӯспандро дароварда ба дарахти гелоси саҳни ҳавлӣ баст ва рафтагор шуд. Зан боз пул дароз кард, Шубон нагирифта, гуфт: «Ман розӣ». Хонум фармуд:

– Хуб. Ин дар ба рӯятон кушода. Рӯзи иди Қурбон худатон омада, гӯспандро мекушед.

Шубон сар андохт ва ба мошин нишаст ба таври хеш.

Бозпурс хонум, ки пештар аз ин ба тани Шубон танг шудани костюмро мушоҳида карда буд, як баста дароз кард сӯяш, аммо Шубон нагирифт. Ва Дилоро бастаро паҳлӯйи ӯ гузошта дари мошинро пӯшид ва ронандаро фармуд, ки то манзилаш расонад.

## 13.

Ронанда ба худ гирифтор будани Шубонро дар ойина мушоҳида мекард; тангу кушод шудани чашмонаш, гиреҳ задани миёни абрувонаш, гаҳгоҳ дамидани табассум ба ла-

бонаш, бо ишораи нарму оҳистаи сар радду бадал кардани андешаҳояш дар ойина таҷассум меёфт ва ҳам китф бардошта ба худ омаданаш. Рнонанда гӯё пай бурд, ки Шубон ранҷу озор дорад; аз чизе шод, аз чизе ношод. Вале об гирифтани чашмаш аз чист? Шояд ба пурсиш ҳам аён нагардад; зеро Шубон даҳмардагӯй нест, балки гирифтори андешаҳои хеш, дар дил ё худ ба худ «чаро?»-и беш мегӯяд ва ба яке посух намеёбад, гирифтори андешаҳо мешавад, посухаш боз «чаро?» ба сони моҳтоб чизе мегардад гирди сараш ё андарунаш, вале намефаҳмад, ки вазифааш чист? Моҳтоб гоҳ тобаду гаҳ натобад, ки суде надорад; зеро гоҳе раҳ равад, ки ҳама дар хобанд; хаёле роҳи шабравону households дуздонро рӯшан кунад, боқӣ ҳама дар хобанд. Они шабчаро бурдани мол ширмаҳтоб ҳаловат бахшад, вале бештар роҳи гургон рӯшан кунад. Шабҳои орому хушбодуҳаво зери суми рама шириқ-шириқ шикастани пояҳои гиёҳҳои хушк ва овози фашу фуш алаф хӯрдани мол ва аз паси меш лаб-лабу ъуъу-ъу хушомад задани қӯчҳо шишаи оромию хомӯширо шиканад ва хаёли чӯпони нохондаро ба офариниш барад, ки чун сохта шудаст ин ҳама, ки ақли кас нарасад ба ҳеҷ чиз. «Одам бачча мезояд, меш барра. Лек аз азал чун буд? Аз куҷо омад ин ҳама? Кӣ офариду кӣ ба реҷа кашид?» касе надонад. Лек тахминҳо ҳаст: Кори Худо? Кори усто Карим... Аммо мункирон низ ҳастанд, ки як кас ин қадар корро анҷом дода натавонад... Боз Шубон ҳайрон, ки ҳама чиз душман дорад. Чаро? Шояд аз он ки онгоҳ кас талхро аз ширин ва намакро аз хок фарқ карда наметавонист...

Магар ронанда зиқ шуду дилаш танг, ки сурфид ва Шубонро аз олами беруна ба мошин овард.

– Шумо ҳама вақт ҳамин хел?

– Чихел?

– Гирифтор.

– Охир, ман аз ин дунё ҳиччӣ намефаҳмам.

– Чӣ нофаҳмиданӣ дорад? Зӯр бошӣ, ҳама чизро мефаҳмӣ.

– Чӣ хел зӯр?

– Раис, суд, прокурор...

– Ҳааа, хаёл кардам зӯри бозу мегӯйӣ...

– Зӯри бозу ба кӣ лозим? Ақл ҳам даркор нест... ба рафти об бел зада тавонӣ, ғарқ намешавӣ... Худат бо даллоли бозоратон чӣ чизи ҳисс накарда дорӣ?

– Ҳиччӣ...

– Бо худат далхак барин...

– Танҳо бо ман не, бо ҳама ҳамун хел. Хаёлаш ки ҳама моли дунё аз они худаш бошад.

– Ман ҳиччӣ намедонам... Лекин рӯзи худо гирду пеши додситонӣ метанад...

Дигар чизе напурсид Шубон, балки гирифтори андеша гашт; ҳамаро як сӯ гузошт, ҳушу хаёлаш ба Ало рафт ва беихтиёр «Чаро?!» гуфт. Баланд гуфт беҳушона ва ронанда ҳайрон монда ба ойина нигарист:

– Чӣ чаро?

– Алоро мегӯм: чӣ камбудӣ дошт, ки якбора гург шуд? – Чун ронанда аз ҳайрат китфон ба ҳам кашида, сар аз ноогоҳӣ такон дод, Шубон фармуд: – Наход муҳаббат бошад?

– Ман ҳиччӣ намефаҳмам, ошно.

– Аз думи киллагург рафту саггург шуд...

– Ҳааа, маълум.

## 14.

Ҳама чиз ба Ҷаллоб аён. Аз куҷо мефаҳмад, касе надонад, ҷуз он ки дар шӯъбаи кадрҳо кор кунад: Майсараи ҷаллоҷин, ки ғаммози ҳама. Собиқаи кориаш зиёдтар аз дигарон; аз рӯзе ки додситонӣ вуҷуд дорад, ӯ ҳаст. Ҳама бурду балоро донад, ҷойи тааҷҷуб нест, ки сари Ҷаллобро гаранг карда бошад ва ё баракс Ҷаллоб сари ӯро гардонда бошад. Чунки Ҷаллоб феъле дорад, ки бо касе як бор саломалек шавад, вақту новақт меҳмони он кас мегардад ва беибо пой намеканад аз манзили ӯ ва оқибат афсонааш рӯ мезанад, ки бебало набуда рафту омадаш. Майсараи пуртуллак, ки халта-халта қиссаю ҳодиса фаро овардаст аз ин пирхона, инро ба ӯ ва онро ба ин гуфта худро ширин кунад ва ба таги пӯсташ ҷо шуда, аз сирру савдояш бохабар гардад ва лозим

шавад, ба сараш лой молад. Инчунин Майсара тарзи аризаю шикоятнависиро чунон аз худ карда, ки ҳама шогирдон чунон нависанд аз номи корафтодагон, ки чун мӯҳрзада дар ҷое манъгирифт нашавад. Ҳамакнун аризаҳои Ҷаллоб нусхаи хати Майсараро монад. Чунон нависад, ки муттаҳамро ҷуз куш ҳукми дигаре нест. Дилоро бозпурс шинохт хати Майсараи собиқадорро, вале ба лаб кулӯх молида, ки ҷангу ҷидол нахезад миёни эшон; зеро бе ҳамин ҳам Майсараи бефаровездаҳон бофта, ки шӯйи Дилороро ошиқаш кушт. Ва чаро кушта бошад, солу моҳҳо гузашта аз фавташ, вале дараке аз ошиқ нест. Пирзан кайфӣ тобад; ба гӯшаи хаёлаш фикре пайдо шавад, онро қонунӣ дониста, гуфтан гирад, шунавандаҳои ноогоҳ рост пиндоранд. Як сари танҳо монда Майсара: зеро барвақт буд, ки шӯйи омада ба гуфтору одатҳояш тоб наоварда, партофта рафт. Духтараш бузург шуду ба баҳонаи хондан ба вилоят рафту бедарак гашт; ба ном падарашро думбола гирифтаст... Майсара дар квартираи финӣ танҳо монд; меҳмонқабулкунӣ дар хунаш ҷо шуда, ҳолиё Ҷаллоббашараҳо меҳмонаш нашаванд, каси дигар наравад ба он даргоҳ. Бо вуҷуди ин ҳама Майсара дар додгоҳ эътиборе дорад пеши баъзеҳо ва Ҷаллоб мурдаашро дар хонаи ӯ партофта, ки то дод наситонад аз «душман» берун аз остона пой нониҳад. Зеро ҳамсоя панд гирад аз ҳамсоя.

Аризаи навбатии Ҷаллоб чунон: «Моле, ки Шубон бонӣ мекунад, моли Ҷаллоб – чӯпон. Талаб он ки мол ба соҳибаш баргардонида шавад!»

Масъала ҳалу фасл нагашта, миш-миш шуд: «Дилоро бозпурс бо чӯпоне ишқбозӣ дорад, ки кораш ба додситонӣ афтода». Овоза ба ҳақиқат гашт: «Шубони ошиқ дар иди Қурбон ба бозпурс «гӯспанди кабуд» ришва овард. Пул нагирифт. Дилоро костум тӯҳфа кард».

Балои дигар омад ба сарашон. Дилоро бозпурс аз таҷрибаи кор муайян кард, ки киҳо ҳолдон буданд? Аз ронандааш пурсид:

– Кори кӣ бошад?

Ронандаи зард китфон дарҳам кашид, ки ғайрати пеши

бозпурс сухан гуфтан надошт.

Дилоро бозпурс дар муҳокимаи коллектив фармуд: «Ин ришва нест, муҳаббат!»

– Шарм доред бону! Ошиқии шумо ба кор чӣ дахл дорад?

Гӯё хоб. Дилоро ба тӯҳматгару довталаб фаҳмонданист, ки барои каси дилхоҳ ҳама чизро қурбон кардан равост. Овозаш баланд баромад беҳушона: «Равост!!!» Аз садои хеш ҳушёр гашта ба бошандаҳо нигарист, ки Сардор, Майсара – фитна ва чанд нафари бозигар, ки ҳама рӯз гирду пеши бино мечарханд ва аз ҳар ҳуҷра садои баланди хандаашон меояд.

«Албатта ин муҳокимаи пеш аз интихоботӣ. Ба касе ҷой лозим шудаст...»

– А, хонум!

– Ман кай боз барои шумо хонум шудам? Рафиқ Бозпурс будам-ку?!

– Замони рафиқӣ рафт, хонум. Мо дунёйи нав месозем... Мисли Аврупоиҳо! Шумо рафта деҳаатонро обод бикунед. Ҳама ба шаҳрҳо рехтаанд, Кӯҳистон беодам мондаст!

– Беҳ, ки як ман не! Ҳамамон биравем!

– Инаш кори шумо не, мулк соҳиб дорад!

Дилоро бозпурс пуршаст дарро кушода баромаданӣ буд, ки дар сахт ба касе бархӯрд ва он кас паррида ба девори долон зада, сар дошта ба замин нишаст ва аз зери дастон ба одами пуршаст баромада нигариста, бозпурсро шинохт, то зан ӯро нашиносад бо сойидҳо рӯй пӯшид ва ғунча ба буни девор шуд.

«Нокасон!» фармуд бозпурс ва бозистода дилдорӣ кард:

– Даро, ҷой холӣ шуд! Фаҳмидам, ки туро ба кор мегиранд, баромадам! Муттаҳам!

– Ҳӯй, хотун! Ҳоло бо собуни ман ҷомшӯйӣ накардаӣ! – фармуд одами беномус, ки бо пулу мол ва ришваю ишва ҳама мушкилоти ҷаҳонро сомон кардан имкон дорад.

Дилоро бозпурс чун дид, ки Майсара-фитна саркаш шуда, моҷаро дониста ба дари боз омад, заҳр зад ба ӯ: «Ин даллала – тулфоратонро бардоред!»

Мардаки камақл баробари ғаммозаро дидан шерак шуд

ва худро мард гирифта, чун ҳамеша чашм ба дафтари кории додситон ва ҳуш ба Дилорою Майсара дод зад:

– Мачит чойи гӯз не!

Додситон ба ҳамнишинон рӯ овард:

– Ӯ кист?!

Ҳама хомӯш монданд, ҳатто Майсара-фитна, ки ҳама сирру савдо ва бурду балоро медонист. Дилоро сар аз дар халонд:

– Ин падари ҳамон дузд, ки галаи Мазориҳои паси ағбаро duздида, миёни ду давлат мунокиша андохт1

Додситон даст ба рӯ кашид. Гӯйӣ аз паси панҷа чиҳое диду надид ва котибаи тамошобинро даъват кард: «Ахрана...»

Дер нашуда ахрана пайдо шуд ва бо ишораи сар додситон амр кард: «Бардоред!»

Ва дигаронро фармуд: «Майсара-бону истад, ба дигарон ҷавоб!»

Ранги рӯйи Майсара-фитна канд, ки бори нахуст додситон «ту» – яш гуфт. Дасту пояш ба ларза даромад. Нӯги забонаш ба сони донаки зардолу лунда зад, ки сардор тарафи Дилоро шуда, ӯро дӯғу даранг кунад, чӣ гуфтанро надонад.

– Ин ҳамон?!

Майсара-фитна «у-у» кард ва забонаш ба сухан нагашта, зоро Сардор ҳимо шавад, «уҳу» гуфт ба тасдиқ: «Ҳамон, Ҷаллоб... даллол...»

– Лаънати худо бод!

«У,у...»

– Навис! – Фармуд ба худи мудири шӯъбаи кадрҳо: – Бо сабаби вақти нафақааш гузаштан Майсара Киева аз кор озод карда шавад! Ана ҳамин хел бону! Ҳар кас ҳукми қатли хешро барорад, хуб мешавад! – Ва боз тугмаи зангро пахш кард. Баробари ҳозир шудани котибаи хандон додситон фармуд: – Бозпурсро бихон!

Майсара-фитна тарапӣ афтид ба замин. Ин бор котиба ба «Ёрии таъҷилӣ» занг зад.

Аммо Дилоро бозпурсро пайдо накарданд.

## 15.

Мудир-Ферма дар паҳлӯйи тракторчӣ, Сармуҳосибу Ревизори колхози дар бордони трактори Т-40 то наздики бинои додситонӣ омада чун муши мурда пиёда шуда, дуздона ҷониби бино нигаристанд, аз одамон ҳам рӯ панаҳ доштанӣ шуда бех-бехи девор гашта бар зинапоя расиданд ва сархам, вале бо ҳазор умед, пой ба долон ниҳоданд, ки Майсарабону ё Ҷаллоб пешвозашон мегирад. На ин буду на он. Куҷо рафтанро надониста, Сармуҳосиб остини як даст ба даҳон, дасти дигар аз дастаи дари «Шӯъбати кадрҳо» дошта кашид, кушода нашуд. Сармуҳосиб коғази сафеди имзогузоштаро дид, ки аз дар ба паҳлӯдарӣ часпида буд. Ҳаждаҳаш ба замин зад; зеро ӯ ин амалро андар дари амбору хазина ва дигар дарҳои корхонаҳо зиёд дидаст ва донад, ки чӣ рамзу маънӣ дорад.

Ин замон трактори баландовоз тап-тапу тир-тир ва тарри дароз аз назди бинои додситонӣ гузашта, рӯ ба рӯйи бемористони «Кӯдак» бозистод ва охирин дуди сиёҳаш аз дудбаро канда шуда, дар ҳавою фазо нопадид гашт. Ин охирин техникаи колхозӣ буд, ки пулашро гирифтаанду худашро ба харидор надодаанд. Ба ҳар ҳол тракторчӣ аз роғи шишаи шикастаи ғурфаи пушти сар нигариста, дар саҳну роҳравҳо сурати ҳамраҳонашро дидан хост; пайдо накард. Ба он сӯ равон шуд, аммо аз либоси равғании танаш шарм дошта, пас гашт; чунки ӯро сари роҳ боздошта, алафи бордонро канори роҳ фуроварда, зӯран оварда буданд. Албатта, боумед, ки ин бор ҳам Майсара-фитна пушту паноҳ мешавад...

Чун дари ҳуҷраашро мӯҳрзада диданд, дасту пояшон канда шуд аз осмон. Зеро инҳо монанд ба ҳамон галаи гургон, ки сагро ба тӯдаи худ кашида гург гардонданд, ки батар аз ҳазор гург гашта, молу соҳиби худро дарриданист. Рӯзе одам мешуда бошанд ин гургон? Ҳамин рӯз, ҳамин ҳоло чунин ниятро доранд, ки то харашон аз об гузаштан рангу сурати одамӣ гиранд ва қасами бузро ёд оранд, ки гоҳи зодан аз тангии косу кавора сад қасам хӯрда, ки дигар таккаро ба пушти худ роҳ надиҳад, чун гоҳи таккамонӣ шавад, дум

ҷунбонда «Сад қасам садқи ваям» гӯяд. Инҳо ҳам ҳар бори ба дару дӯконашон мӯҳр задан чунин қасам хуранд, чун аз бало раҳиданд, буз гарданд. Ҳолиё мисли ҳамон бузи мӯяш тарошида, аз сардии ҳаво кокули дар нӯги дум гузоштаро ликконда думак зананд; шашқатор оби дида резанд; гарданашон каҷ такя ба паҳлӯдарӣ зананд; дуздида-дуздида ба сояи аз дар омада нигаранд, ки балогардон омад, чун диданд, ки бало омад, чашм пӯшанд мисоли хар, то гург набинадашон. Аз нахуст чунин буданд инон: харкалла, нохондамулло, ранги дузди паси саргини хар пинҳоншуда.

«Омаданд...» гуфт яке. Албатта разведчик Ревизор буд ва аз худ рафта, такя ба девор зада, ранги ҷуволи холӣ шуввида ба фарш нишаст ва хешро мурда нигорид, ки баробари даст ба танаш расонидан афтад ба замин, то бардошта бурда ба мизи ҷарроҳӣ дароз хобонанд, зоро бо чунин роҳ аз озори ҷаҳаннам раҳо ёбад; чунки аз дасти инон бисёр касони бегуноҳ аз тӯҳмату ҷафояшон озори дӯзах дидаанд, ки ба гуфтан фаҳмонида нашавад. «Паси панҷара» гӯйӣ, ҳама фаҳманд; зеро дар ин замон касе китоб нахонад ҳам филмҳои моҷароӣ ва нокасӣ беш тамошо кунанд, ки ин филмҳо касро аз роҳи бад мегардонда бошад! Баракс касон ба бозигарони чунин филмҳо тақлиди кӯр-кӯрона карда, аз беақлӣ худро ба обу оташ зананд, ки «қаҳрамон» мешаванд ва номашон дар таърих мемонад.

Ва онҳоро дошта, дастонашон тоб дода, ба мошини сиёҳ андохта бурданд; чунки онҳо монои дуздони навкор аз тарсу ҳарос эзор тар карда, дар бурҷи долон ҷо шуда буданд ва ҳар каси дида ангушт сӯяшон тир карда, мегуфт: «Дузд!» Қотилу дуздро ҷустану овора шудан зарурате надорад: онҳо ба пойи худ меоянд ба қатлгоҳ!

Тракторчӣ дер нигарон шуд. Аз тарс боре ҳам инҷониб наомада, аз шишаи шикастаи ғурфаи пушт менигарист, ки кай меоянд ҳамраҳон? Торик шуду наомаданд. Дарҳо калидгардон шуданд. Мошинҳои сари роҳ ҳам бирафтанд. Чароғҳои камнури сари симчӯбҳо ва растаи саҳни додситонӣ фурӯзон шуданд. Нури чароғҳои мошинҳои раҳгузар рост ба чашми тракторчӣ мезад. Ӯ маҷбур шуд, ки

рӯ гардонад. Дашноми дастабиринҷӣ кард кадомеро. Не, пуркунандааш ҷамъ буд: «...четона...»

Трактораш мисли замона на калид дошту на аккумлятор. Бо калиди дастӣ ҳам дар намегирифт. Ҳама таркторҳоро монанди ӯ дар нишебӣ мегузоштанд ва гоҳи гардон кардан, муфтро пахш карда, ғелон мекарданд ва чун тез ҳаракат кард, муфтро сар медоданд, тарктор дод мезад ҷонхарош ва пит-пит садо мебаровард норозиёна, ки ҳама азоби дунё ба сари ӯ омада... воқеъан чунин: ҳама азобу озору ташвиши дунё ба сари коргари бечора; вагарна Шубону тракторчӣ сазовори ин қадар ранҷу ситами рӯзгор набуданд. Ҳар балои осмонию заминӣ ба сари онон меояд; чунки онҳо шаборӯз бедоранд, дигарон дар хоб.

Дар гирифт трактор садои гӯшкаркунанда бароварда ва тракторчӣ як қад парид, ки шаҳриён чӣ мегуфта бошанд? Чунки дар ҳавои кушоди деҳа чунин садо надошт трактор ё дошта бошад ҳам ӯ эътибор намедод, чунки дар мулки худаш буд ва мардум ҳам ба чунин ранг гирифтани замона ва садои пасту баланди одамону ҳайвонҳо ва тракторҳои утулу ӯбада хӯ гирифта буданд ва аз садою овози нофор ё пасту баландаш мешинохтанд, ки он моли кист. Аммо ҳоло худи ронанда аз овози гӯшкаркунандаи трактораш тарсид, ки дар шаҳри бегона турктозӣ мекунад. «Кори ҳамунҳо дуруст, ки ҳамагуна техникаро ба пули пуччак харида, сарбориашро ба дасти ана ҳамон дастбастаҳо дода, кайҳо қисм-қисм ҷудо карда фурӯхта буданд ё бартер карда буданд, ки замони чунин нобакориҳо буд. Аз ҳама бадаш баъди аз шаҳр баромадан шуд, ки аз ин то он канори дунё дигар чароғ надошт. Кас бояд ба ҷаҳаннам равад ё ба ҷарру ҷӯ. Ӯ чанде аз паси чароғи мошинҳои роҳ мерафту ба пешвози мошини рӯ ба рӯ, зӯр ояд, тормуз мекард, ки чашмашро нури чароғ пешрӯ мебурд ва чун медонист, ки тормузи мошинаш кор намекунад ба баландӣ ё каҷроҳа рост мекард чамбараки фармонро... Аммо ғайрати дар шеби Сӯфиён рондани тракторро надошт, ба беди каҷи Дӯст – корвон рост карда заду «уҳ!» гуфт; ба хаёлаш тормуз карда, дошт. Лек ин хед набуд: худи ин ҳайвони калони безабон, кӯр ва бенӯхта баробари фар-

монро ба беди Дӯст-корвон рост кардан бархӯрду истод, худи ронанда ҳам ба пеш бархӯрд, пешониаш ба пешшишаи ажғою кафида зада, реза рехт; гӯё мағзаш пош хӯрд чунон ки мағзи трактор, ки ҳеҷ чизаш намонда буд; дар зарурат мерафту меомад, аммо ҳолиё устухонҳояш низ шикаст; косахонаи чашми кӯраш, ки ба қаъри асрҳо фурӯ рафта буд, низ шикаст; пешонии сахташ низ ба даруни шонаҳои монанд ба шонаҳои искилети аз Саразм бозёфтшуда фурӯ рафт; дарҳои шалақи ҳама вақт мисли бодбезаки дасти пиразанон ларзанда, париданд; пойҳои пеши kaҷу килеб ва гапногири ин ҳайвони азимҷусса бо зарби даҳмана каҷтар шуданд ё кафиданд, ки ба назараш ҳайвон зону зада, фурӯ рафт ва бордони шалақу гаҳворачунбон ба он дакка хӯрда, абҷақашро баровард ва чаппа ҳам шуд. Ҳамин ҷо дилаш ба он се нафари кордону корчаллон, ки моли касро моли худ мешумориданд, сӯхт; сӯхт, ки агар тори бордон мебуданд сарозер мерафтанд ва сарашон ба сангҳо зада якмарг мешуданд; беҳ ки дар зиндон бошанд. Аз он ки рӯ аз мардум, олам ва вомхоҳон пӯшанд, рӯяшонро Бӯалӣ бинад...

Ва аммо дилаш бештар ба мошин сӯхт, ки ин ҷонвари оҳанину резинкадор чӣ зебою чолоку боркашу фармонбардор буд. Рӯзи аз Ленинобод оварданаш мардум ба тамошо баромада даҳонашон яла монда буд, ки чӣ хушобурангу қантаркарда мисли аспи улоғӣ. Аммо ин он не ва он ин не. Ва ҳамон се нафарро дашном дод. Дашном дод, ки «Трактори худат мешавад» гуфта, кисааш бо чормағзи пуч пур карда, командировка карданд... Ӯ рафта бо чӣ шиканҷа бо роҳи ағбаи Шаҳристон он ҳайвони калонро ҷилав гардонда, бо ҳазор азоб овард ва онро ба почои ревизор доданду ин аспи чӯгури шаллоқхӯрро ба номаш бастанд ва ҳолост, ки азоб мекашад тракторчӣ. Ҳама мошинҳои дигар несту нобуд шуданд ва ин чӯгури ҷонсахт то ҳанӯз азоб мекашад ранги худаш.

Лек ҳолиё чизе намонда аз ин. Дарди сар, ки аз зарби садама рӯйид. Сарро дудаста дошт ва хешро тасаллӣ дод: «Шукр, ки зиндон шуданд...»

Ин Трактор андак чиз нест. Қариб ки ҳамасри замон,

ҳамсоли ронанда. Чанд коргарро кушта, мисли корфармоёни қадим. Сиддиқи дар сояаш дам гирифтаро ғелида, пахш карда кушт, Боҳасанро аз ҷар паронда. Барот сархории онро дониста, қабул накард, ҷангҷол бардошт, ки ман пул харҷ карда, азоб кашида, овардам, аз они ман! Гӯш надоданд. «Гирӣ, ҳамин... нагирӣ, нест!» гуфтанд. Бароти бечора ҷуз сар фуровардан чорае надошт...

Ҳамакнун азоби гӯр ба сараш омад. Надонад, ки трактор ба даруни бед ҷо шуда ва ё бед ба даруни трактор фурӯ рафта? Бо чунин дарди сар чизеро фарқ карда натавонад дар ин торикӣ, магар ки дастмурӯсак фаҳмад.

Болои сӯхта – намакоб, азоби Барот фузунтар шуд ва ғамаш зиёда аз бори зиндониён: як рӯ ғами бозрасии давлатии автомобилӣ, сад рӯ ғами кору кирдор ва нақду харҷи барбодрафта, ки то ҳол касе аз ун ҳаромхорони зиндонӣ на ҳақ рӯёнидасту на вом; соз кардани мошин ҳам ғами андак нест. «Шукр, ки зинда». Инро наздиконаш гӯянд. Дигарон: «Туро газад, маро чӣ ғам?»

Трактор ҳамранги замона футур рафта буд: чизи ободе надошт. Ронанда бо умеди зиёд онҳоро оварду гум кард ва танҳо монд, маҷолу ғайрати баргаштан надорад.

Танҳо ҳамин трактор монда буд дар деҳа, ки аз дурандешӣ ё тарс нобуд накард одами пухта, ки хоҳ-нохоҳ рӯзе пурсуҷӯ мешавад, хӯрдагиат аз биниат мебароранд... Ё рафту ба СССР баргардем, ҳама коғазҳоро талаб карда месанҷанд ва қиёмат аз нав сар мешавад. «Аҳмақ! Куҷо дидӣ, ки кӯҳна нав шавад?»

Як ҷувол ҷону як кӯза зар ё як дипломат доллар дошта бошӣ, трактори нав харидан имкон дорад. Пул зояндаи рӯзгор! Пул кушандаи ҳама ҷону ҷонвари гетӣ! Пул ба «биҳишт» барад, ҳам ба ҷаҳаннам! Пул ҳама чиз! «Пул Худо нест, лекин ба Худо бисёр наздик!»

Рухдоду ҳаводиси рӯзгор чунон зиёд, ки Шубонро ҳушу ёд ба Дилоро банд ва гирифтори андешаҳои хеш аз ин садама дарак надорад. Аммо ғам хурад, ки занак аз барои ӯ аз

сардор танбеҳу озор дид. «Наход аз барои ман бошад?» Пурсаш аз он буд, ки чунин мурғаки зеборо ранҷондан бадтарин увол бувад. Ҳар марди боэҳтиром чунин олиҳаи ҳуснро бояд рӯйи даст бардорад. Валек барзагов гул набӯяд.

Шубонро рафту омад ба ҷон расонд. Гӯспанди сеюмро фурӯхта, роҳхарҷӣ кард, ҳоло дуъо дорад, ки душманро ба чунин рӯз гирифтор накунад. Лекин умедвор, ки як бор Дилоро бозпурсро дида, урзхоҳӣ кунад, ки сабабгори нохушӣ шуд. Майсара – хонум буд, ки баъзан аз ӯ дарак мепурсид, ӯ ҳам бепаюпоча. Як дунёи хапу хафагир ва ҳавояш дам: Худо ГКЧП-яшро ҳам гираду растохезашро ҳам. Аз гулӯйи ҳайкали азими замона гирифтаанд, хафакуш карданӣ ё аз сари поя афканданӣ, ки кам набуд чунин рухдод. Абру меғу туман аз рӯйи замин бардошта шаваду Дилоро рух намояд, мисли офтоб чӣ андоза Шубон шодон гардад... Сардор низ... Аммо занак чунон худро баҷо кардаст, ки на пай ҳасту на ҳайдар.

Сардор аз тирезаи ошёнаи дуюм дид ҳайкали баланди Шубонро ва ба ғаш омада, милиса фарёд кард, ки ӯро дошта, паси панҷара кунанд, ки «Ӯ нобуд карда бозпурсро!»

Ӯро паси панҷара оне ғанаб бурд ва зузаи Ало бедораш кард. Аз панҷара дошта онро ларзонд, ки молро гургон тала карданд, ҳатто бародараш Холро чорлахт. Дод зад. Касе нашунид. Дар чунин ҳолатҳо ҳама кару кӯр мешаванд, ҳатто давру замон. Ва қонун бекурб мегардад.

... Миш-миш шуд, ки Сардор ҷойи пинҳоншудаи Дилоро бозпурсро медонад; ба касе намегӯяд. Зеро намехоҳад, ки касе ӯро бинад; чунки сахт ошиқ шудаст, лек Дилоро сар намефурорад, ки шавҳарашро чунин касон нобуд карданд ва ҳам Сардор бо фаррошзани бесоҳиб бозӣ мекунад. Ин суханро ҳам Майсара-фитна ба Дилоро овард, то ҳарфҳои ӯро ба дигарон барад. Яқин дил бохтани Дилорою Шубонро ӯ гуфта ба Сардор. Аммо ҳолиё Сардор аз карда пушаймон, ки Дилороро ранҷонд ва Шубонро бе ҳеҷ пурсупос паси панҷара шинонд, вале касе чизе намепурсад. Як бор мили-

сачае пурсид, ки бо Дилоро бозпурс «чӣ дорад?» Шубон гуфт: «Чӣ доштанро худам ҳам намедонам, аз рӯйи аризаи Ферма пайём карданд, омадам». Милисача ин посух ба Сардор расонд ва баъди ду рӯз Шубон аз «Зиндон» озод шуд. Зиндагӣ чунон сахт ва чунон осон шуда, ки кас дар як лаҳза ҳам гирёну ҳам хандон; чунки мурдаю зиндаи муттаҳаму ҷабрдидаро қозӣ ҳал кунад дар саҳифаи пул.

## 16.

Мошини боркашу крани борбардори Селхозтехника омаду бе ягон ҳарфу калоча тракторро аз чаҳор тарафаш симтаноб (трос) баста, осонакак бардошта болои «Камаз» гузошт ва он гоҳ тракторчӣ ба худ омада пурсид: «Куҷо мебаранд?» Раиси Селхозтехникаи шаҳрӣ посух дод: «Таъмир». Соҳиби мошинро аҷаб афзуд, ки дар замони бесоҳибӣ ҳам касоне ёфт мешудаанд, ки дасти касро гиранд. Ӯ паҳлӯйи мурдаи трактораш нишаста то ҷое рафт, ки дар пештоқи бино «Суд» навишта шуда буд ва паси бино ахлотпарто ва чанд техникаи утул ҳам чархҳо ба замин пачақ хобидаанд, қариб чашмони ҳамашон кӯр ва пойҳошон шал, аниқаш – беҷон. Боз ҳамон кран тракторро фуроварда, фӯки шикастаашро ҷониби девори ҳамсоя тоб дода ба замин гузошт ва камазу крани борбардор рафтанд. Бароти яхбаста аз гармии ташвишу кори техника андаке об кушод ва андешид, ки ин ҳама ташвиши касони бегона аз барои чист? Нозире аз даричаи паси бино бурун омад ва бо фӯрмапӯши нозири роҳ, ки дар мошини мудири Селхозтехника рафта, омада буд, тракторро аз назар гузарониданд ва «намерасад» гуфтанд. Барот ин ҳарфро шунид, вале надонист, ки чӣ намерасад? Вақте фаҳмид, ки колхози шикаста аз «налог» сахт қарздор ва тракторро ба фурӯш гузоштаанд ва бояд ин масъаларо суд ҳал кунад бо роҳи «кӣ зиёд?» ҳаждаҳаш ба замин зад, ки аз ҳамин оҳанпора ҳам маҳрум мегардад ва пули ба сармуҳосиб пешдод кардааш месӯзад, ки ба баҳонаи барои офатзадагон мардуми кӯҳистон манзил сохтан гирифта буданд. Дасту пояш аз замину осмон канда шуд, ки чӣ балое пеш омад? Доду фарёд заду гирист, ки Шубон ин корро на-

карда, ки дар зиндон азоби ҷаҳаннамро кашида буд, аммо аён нест, ки он се аждаҳои балохӯри колхоз дар «обхона» чӣ ҳол доранд? Албатта, дар чунин ҳолу рӯз аз онҳо шапушк ҳам нарӯяд.

«Худатона ҳаштлахт накунед, муҳтарам ронанда, ба савдо мемонанд, чанд «рубл» зиёд гӯеду гиред!»

«Пулаш додагӣ, рафиқ милиса...»

«Ун ҳисоб не, рафиқ тракторчӣ... Аз нав. Бо усули «Кӣ зиёд?» Ин ҷо метавонад, як рубл ҳазор рубл шавад».

«Ман ин хел пул надорам...»

«Надошта бошед, дод назанед!

«Пулаш додагӣӣӣӣ...»

Ва дар бозии «Кӣ зиёд?» трактор насиби Селхозтехника шуд, ки ҳама қисмҳои эҳтиётиро дошт...

... зеро як Ҷаноби пойтахтнишин хапу дам Селхозтехникаро бо ҳама бурду балояш ва замини чандингектораaш харида, соҳиб шуда буд ва ба ном директори собиқро қаровул гузошта, то нигаҳбонӣ кунад... Ӯ, ки дасту по ва дилу ҷигару рӯдаю рӯбчаки тракторҳоро канда ва рабуда буд метавонист бо ҳашари устоҳои собиқадор танҳо аз рӯйи шаҳодатномаи техникии трактори мурда зодномаи нав созад; метавонист. Танҳо дар ҳамин манзил метавонистанд мурдаро зинда гардонанд. Аммо дар колхозу совхозҳо ва заводу фабрикаҳо ҳама ҷондорон ба ҳисоби беҷон гузаронида мешуданд. «Ҳоло сабр кунед, рӯзе мерасад, ки барои ин пошикастаю паршикастаҳои сохти Шӯравӣ талошу шӯру ошӯбҳо мешавад!»

## 17.

Шубон ба баромадан, аз «Обхона» баромаду тахтапули ларзони руди Зарафшонро, ки пеш аз обхезӣ тахтаҳояшро кананду баъди обрезӣ ҷобаҷо кунанд, убур карда ба канори рост омад ва доманаи деҳаи Ғарибакро гузашта, қад-қади об ҷониби сои Ҳафтзағорахӯр равон шуд, то шаклу сару сумоти касеро набинад ва худаш низ ба чашми касе нанамояд. Одам метавонад мисли мор пӯст партояд ва ҳамон мор монад. Дурусттар андешӣ, одам мор ва солаш ҳам мор. Ҳазор

тарбият кунию хононӣ, боз заҳр чаконад. Ӯ duздона рафт то он сойи тӯлонии афсонадор, ки мусофире то аз ин сар ба он сари сой ҳафт зағора хӯрдасту роҳ тамом нашудаст. Чунин роҳ, ки ҳама афсонаи донистаро ба такрор гӯйӣ, роҳ тамом нашавад. Шубон афсонаи зиёд надонад, аммо қиссаи ҳар бузу гӯспанду соҳибонашон, саргузашти ҳар саги мол, ранги мол, дуруши он ва аз они кӣ буданашро донад, аз овозаш шиносад... кадом мол гум шуд ё гург гирифт, азони кӣ буд? низ донад. Ва ҳам афсонаи ҳузнангезтаринро, ки афсонаи хонадории худаш буд, ёд оварад: Аз гуфтану ёд кардан афсонаи ҳақиқӣ шудаст. Аммо чаро ба Дилоро нагуфт? Надонад... лек гуфтанӣ буд, кор чунон ранг гирифт, ки якдигарро гум карданд. Умедвор, ки мегӯяд.

Буду шуд синфи чорро тамом карду аз думболи мол шуд, дигар нахонд, лек ба Дилрабои ҳамсинф дил баст кӯдакона, ки Худо фармояду духтараки ширину шармӣ ёраш шавад, тоқиашро ба осмон мепартояд. Чунки духтарак дуздидадуздида нигоҳашро бо нигоҳаш медошт ва як лаҳза чашм ба чашм истода, аз шарму чашми дигарон мегурезонд, то боиси гапу калочаи ҳамсинфон, мактаб, баъд деҳа нагардад. Ва чун вақти зангирӣ расид, Шубон ду по ба як мӯкӣ ҷо карда, ба падару модар арз кард, ки гар Дилраборо нагирад, умраш ҳур мегузарад... Нӯҳ сол фарзанд нашуд. Сонӣ, баъди даву този падару модар ва наздикон, ба духтуру табибу мулло ва ҷодугару соҳирону коҳинҳо... Худо фарзанд дод, сархӯр баромад: Дилрабо сари хишт рафт ва писар ҳам нобуд шуд. Шубон ҷома сари китф гирифту кӯҳ ба кӯҳ гашт ба думболи молу ёди зану фарзанд ва майли зани дигар накард...

Чун Дилороро дид, аз шунидани номаш як қад парид, ки Дилрабо зинда шудаст. Ва нусхаи ӯ низ ҳаст, сахт гирифтор шуд, аммо ибо карду шарм дошт, ки чӯпон кучҷою додситон куҷо?

Ӯро ҳам гум кард...

Ҳолиё нашуморид, ки чанд бор афсонаро хонду гуфт ба ин роҳи дароз ва Чилдухтарони паси теппа, ба гулу гиёҳи тару хушки ду канори роҳ ва абру осмону офтоб ва шахи Тангӣ, ки низ монои тӯтӣ такрор мекард ҳамаро. Ҳалқ ба

гулӯю забон ба ком часпид аз ташнагии роҳи дарозу беоб ва ранги кабки ташна даҳон кушода ҳалқак мезад, забон кашол гашта буд аз даҳон. Баробари гарду чанги сару рӯйро шустан оби дидаро низ шуст лаби оби сой ва нафаси тоза гирифт ва андешид, чанд бор гириста бошад ба ёди зану фарзанд? Бешумор... Вале ҳиҷ гиря аламангезтар аз гиряи паси панҷара нест, ки зананду истинтоқ кунанд ва истинтоқ кунанду зананд, ки «Бигӯ! Росташро бигӯ!» «Ба номи Худо, росташро гуфтам... Ман чизи дигар намедонам. Ҳамаш тӯҳмат дар ҳақи ман... Моли худаму бародарам; аз бобокалонам мондагӣ... Моли хешу табор, ки ҳақ гирифта, зиндагӣ мекунам. Ва...»

«Шит!»

«Уҳ!!!»

«Чанд моли гӯшбурида дорӣ?!»

«Ягонта! Уҳ! Назанед! Парронед!»

«Аввал молата ҳай карда ҳамин ҷо меорӣ, шумурда мегирем... Сонеш баъд, худта дафъи муминон мекунем! Мо дар даврони дигар зиндагӣ дорем!»

«Э, не-йе! Худотон равед! Бо соҳибони мол ҷанги рӯёрӯ кунед. Ҳамаро аз неши тир гузаронед. Молро биёред!»

«Ту бояд фармон диҳӣ...

«Уҳ!»

«... ё мо?!»

«Гуфтам-ку! ... Парронед!!!»

Афсона тамом шуд. Шубон сари чашмаи Майдонак расид бо ҳазор азоб. Хол ҳайкали баланди бародарро шинохт аз сари шах манаҳ такя ба асо дода ва паррон низ омад ба сари чашма, ки Шубон худро андар ойинаи об дида намешинохт ва Хол ҳам ӯро нашинохта ба оғӯш гирифт, ки аз оби чашмаш ойинаи чашма парда гирифта буд. Аз тарс ё ҳайрат Хол бародарро тела доду худро пас гирифт, ки ӯ бародараш нест, балки ҷосусе ниқоб кашида ба рӯй. Ҳамин лаҳза мекушадаш ва молро пешандоз мебарад...

– Чӣ..., чӣ..., чӣ шуд?! – Бародар буданашро дониста фармуд.

– Ҳамин хел шуд...

Чӣ шуду чӣ монд, гуфта нашавад...

Оби чашма ором шуд. Онҳо сурати ёдгорӣ гирифтанд. Хол ҳамон чӯпони Палангкуш, аммо Шубон тамоман Ҳайкали дигар.

– Ту деҳа бирав, Хол... Ман акнун дам мегирам...

Шубон дам карда, тарангу таҷанг шуда то ин ҷо расида буд, ки барқасд ҳама чизро нобуд мекунад, таҷриба меандӯзад ва баъд корнома сохта, «Қаҳрамон» ном мебарорад. Зеро ҳама қаҳрамонон бо такони чизе ё аз беадолатӣ ливо бардоштаанд чу Коваи оҳангар, ки пешгири чармӣ дирафш сохта буд. Аммо Шубон як асои ҷангӣ дораду як тир...

Ҳолате пеш омада, ки бояд ягон кор кунад вагарна дилаш мекафад ё хун ба сараш зада, бедуду алоб мемирад ё беномунишон шуда меравад. «Дилорою... Дилрабо!»

– Чӣ гуфтед, ако?

– А?!

– Чӣ гуфтед?

– Ҳа вай...

Тамоман дигар чиз буд дар сараш: номҳои ҳамсадою ҳаммазмун – Дилорою Дилраборо нӯги забон оварда буд ва тамоми роҳи сойи Ҳафтзағорахӯрро паймудан чунин андеша дошт ёд меоварду пеши назар ва муқойиса мекарду мефармуд: «Агар Дилрабо буд, дар ҳамин синну соли Дилоро буд; чунин зебою ороста ва гандумгуни дилкаш ва албатта, чунин эҳтиромро бо ман дошт. Чунон гум шуд ин, ки он гум шуда буд»... Воқеан чунин ашдеша дошт ва чаро якбора ғайб зад Дилоро бе ҳеҷ ҳарфу калоча?

Баъди сари мо кӣ чӯпонӣ мекарда бошад?

**18.**

Зуза. Ҳар бор ки садои зуза баромад, таги дили Шубон сиёҳӣ мегирад, ки балои осмонӣ меояд. Ба назараш ҳаво тира мегардад ва гургон дар туманторик ба шикор мебароянд. Аммо осмон софу беғубор. Садои ҳавопаймо баромад. Дар дуриҳои дури осмон ҳавопвймо ба назар ба рӯйи осмон но-

хун кашид, на рахи хунӣ, балки нахи огардмонанди ҳаворанг боқӣ монд. Чунин ҳаракатҳои бозигуна пештар зиёд рух медод, ки ҳавопаймо ранги кабутар печу тоб мехӯрд дар фазо. Ҳолиё дар кадом гӯшаи осмон гӯйӣ оҳане ба оҳан сахт бархӯрд; чизе таркид ва оҳанпораҳо ба шишаи осмон бархӯрда, шишапораҳо рехтанд. Дар як лаҳза осмон ғиб гирифт. Тира гашт. Борон омад. Тундар меғуррид, сойиқа медурахшид, абри тираро хати батлон мезад.

Шубон аз лаҳну овозаш шинохт, ки зузаи Алост. Дар дил маломат кардаш. Сагбаччаи Чорчашм низ овози Алоро шинохт, ба ин васила зинда будани падарашро донист. Бо вуҷуди он аз аку хурӯш намонд, ки дар талоши тахту тоҷ ва молу мерос шоҳу шоҳзодагон муросо накунанд.

Ало ҳам дӯғу даранг дошт, ки гар аз сари роҳаш дур нагардад «оқ» мекунад.

Аммо Чорчашм, ки дарси ватандорию ғиёмкорӣ омӯхта буд, хурӯҷу қиём дошт, то аз гулӯйи падар гирад ва он чӣ дар бораш медонист, ба гӯшаш хонад, пасон ба трибунал супорад чун хиёнаткори ҳарбӣ, ки кори ношуданӣ кард.

– Пас гард Чорчашм! Ӯ ҳилакор!

Магар Чорчашм ба сухан сарфаҳм намерафт, ки шӯр дошту ғаш, то бидаррад хойинро.

– Марав! Ӯ танҳо нест! Гала! Чорлахтат мекунанд!

Чорчашм гӯш накард ба суханони соҳиб ва ҳукм рафту миёни тумани сиёҳ ғайб зад. Як бор садои хойхояки ҳамнаҷодон баромаду иринҷоси Чорчашм ва дигар садое наомад. Ва ҳама ҷо орому хамӯш гашт. Шубон оби аз тумани тар ба рӯй нишастаро бо остини чакман рӯфт ва бо сиёсат дод задан хост, аммо садо дар гулӯяш часпид. Ин замон садои зузаи омиронаю мастонаи Ало баромад, ки шеваи пирӯзӣ дошт. Шубонро нафорид. Чашм сӯйи садо тофт, валек аз миёни тумани ғафсу сиёҳ чизеро надид. Ба ҳар ҳол пас-паси буттаю ғӯту харсанг пойида-пойида, камон дудаста дошта, сӯйи садои Ало мерафт, то охирин тири хирсафканро бароящ ҳадя кунад; зеро бисёр дида ва афзун шунида, ки бадтарин душман душмани хонагист. Ӯ гоми кушод на-

дошт, мӯкимол пеш пой мелағжонд ва хеле боэҳтиёт мерафт, то садои пояш набарояд, ки сагу гург ҳам сайёданд. Хеле хавф низ дошт, ки камин нагирифта бошанд. Паси санг бозистод; зеро туман оҳиста-оҳиста бардошта мешуд ва даста-дастаю ғоз-ғоз рафтанашро ӯ медид; умедвор буд, ки Ало зуза занад, аён гардад, ки куҷост. Лек садо наомад, ки гургон шавур бурда фирор кардаанд ё чапғалат зада ба Кодок рафтаанд. Парешон шуд. Сӯйи Кодок рӯ гардонида буд, ки тақрибан тиррас садои зузаи Ало омад, ки овози саги пир, нокор, умедкандаро мемонд. Хоболуд ё гӯшти саг бурда мадорашро. Дид Шубон ӯро, ки ба сони шоҳи ҳайвон – Шер сари харсанг маъво гирифта, гардан афрохта, гӯшҳои буррида сих дошта, ё видоъ мекард ва ё тойифа ба пирӯзӣ мехонд. Сахт нафрат кард Алои кӯрнамакро. Гӯё ҳама дарду алам ва он чизе, ки гулӯгир медошташ ҳамин устухони андар гулӯ монда буд ва ҳамон чизи бомбасони тарканда, ки ана-ана гӯшту устухонашро пош ба фазо диҳад. Дигар хама хотироту ёддошт аз сараш париданд, вале дам карда буд, ки бояд таркад; мисли тундар садо барорад ё монои тӯп кафида, замину замонро ларзонад ва ё...

Рӯшан дид, ки Алои шахсавор мисли кометаи осмонӣ омода ба парвоз аст, ӯро нишон гирифта ва ҳамин замон оташбор парвоз карда, омада ба харсанги пешгири ӯ бармехурад, замину замонро меларзонад, ҳамаро месӯзонад... Ӯ мили камон бар харсанг пеш лағжонд, пошнааш бар китф монд, ангушт ба куланг гузошту дид кард ва шиллик...

Таркид ҳамон буғзу бомбае, ки андар дилу сари Шубон пайдо гашта, кай таркиданашро намедонист. Ба назараш Ало ба сони шахи Гаҳвора бузург мешуд ва худи ӯ пуфакосо дам карда ба кураи олам баробар мегашт...

Баъди садои камон иринҷи ҷонкоҳу ҷонбаромади Ало омад ва аз сари тахт канда шуда сарозер уфтод. Садои тири хирсафканро шахи Гаҳвора фурӯ бурд. Ва...

... ва аз абрпораҳои сӯхтаи сари ағба, ки ба сони рамаи гӯспандони гӯшбурида метофтанд, хун мечакид...

29.11.2014.

МУНДАРИҶА

Барзгар .......................................................................... 3

Мутолиаи як романи Сорбон. (*Худои Шарифзода).* .......... 118

Зуза .............................................................................. 139

**СОРБОН**

**БАРЗГАР**
**--------------------**
**ЗУЗА**
*(ду роман)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири техникӣ *Афсар Сармад*
Ҳуруфчин *Меҳрони Беҳрӯз*

Ба чопхона 28.10.2017 супорида шуд.
Ба чопаш 14.11.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 18,0.
Теъдод 100 нусха.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17

Дар ҶДММ «Бебок» чоп шудааст